**Абдушарифи Боқизода**

# ҲАЧ

# таърих, моҳият, маносик ва аҳкоми он

**Силсилаи чоруми таълимоти ислом**

**Душанбе – 2013**

**БКК 86+86. 38+87.77**
**Б 90**

*Китоб ба рӯҳи орамидаи модарам – Иронбии Ҷалолӣ эҳдо мегардад.*

Китоб аз ҷониби Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (мактуби № 803 /3-01 аз 26.06.2012, Ташхиси давлатии диншиносии № 33) ба чоп тавсия шудааст.

**Б 90 А. Боқизода.**
**Ҳаҷ: таърих, моҳият, маносик ва аҳкоми он.** – Душанбе, 2013. – 272 с.

Китоб, бо баёни ҷанбаҳои гуногуни фаризаи ҳаҷ, нақши онро дар сохтани шахсияти имонии инсон ба таври равшане бозгӯ менамояд. Фаризаи ҳаҷ шахсияти инсонро дар мактаби арзишҳои худ амалан парвариш дода, ӯро бо анҷоми шаоири хоссе дар ҷодаи худсозӣ қарор медиҳад. Мафҳумҳои воло ва нуҳуфтаҳои маънавии ин чорабинии азими илоҳӣ замири инсони озодаро зери шӯъои асрори худ қарор медиҳад.

Бо дарназардошти ниёзи мубрами ҷомеа ба шинохти дурусти арзишҳои инсонӣ ва мафоҳими олии ин фаризаи илоҳӣ ин китоб пас аз бозбинии дубора ва ворид намудани иловаҳое бори дигар омодаи чоп гардид. Инак, нашри дуввуми он тақдими хонандагон ва ҳаҷгузорони арҷманд мегардад.

**ББК 86. 38**
**© А. Боқизода, 2013**

## БА ҶОИ САРСУХАН

Маросими ҳаҷ яке аз рукнҳои панҷгонаи дини мубини Ислом буда, тавонмандии (иститоати) ҷисмӣ ва молӣ шарти вуҷуб ва дуруст гардидани баргузории ин барномаи ибодӣ ва суннати иброҳимӣ мебошад.

Мутаассифона, дар замони Шӯравӣ мардуми мусалмон бо вуҷуди доштани имкониятҳои моддӣ наметавонистанд хонаи Худоро зиёрат кунанд ва ҳоҷиён дар он давра ангуштшумор буданд.

Шоёни зикр аст, ки сарзаминҳои мусалмоннишини Кафказ ва Осиёи Марказӣ пеш аз истилои қувваҳои болшевикӣ бар он манотиқ, ки бо ҳамлаи пурҳаҷми низомӣ ва бо номи мустаори инқилоби октяб ба вуқуъ пайваст, низ ба таври комил ва ё нимакомил аз Россияи подшоҳӣ табаият мекарданд ва бо вуҷуди сиёсатҳои тавсиаталабона ва барномаҳои аз байн бурдани ҳувияти динӣ ва асолати иҷтимоии миллатҳои мусалмон дар тамаддуни русӣ ва фарҳанги иҷтимоии он сарзамин зоҳиран аз сӯи онҳо дар баробари арзишҳои динӣ ва муқаддасоти миллатҳои мусалмон аз сиёсати завб ва таъсиргузории тадриҷӣ пайгирӣ мешуд, ки бо навъе созиши мақтаъӣ, эҷоди тасҳилот дар анҷоми шаоири динӣ ва таъмини озодиҳои эътиқодӣ ҳамроҳ буд. Ин сиёсати ба зоҳир таҳаммулпазиронаи Россия, ба хусус дар эҷоди тасҳилот барои сафари ҳаҷ ва кори рафту баргашти ҳоҷиёни ин сарзаминҳо, ба хубӣ мушоҳида мешуд.

Соли 1787 ба фармони Екатеринаи Дуюм дар шаҳри Санкт-Петербург Қуръони карим бо хатти Мулло Усмон Иброҳим ва таъликоти ӯ ба табъ расид ва борҳо иъодаи чоп шуд, ки яке аз он чопҳо аз ҳисоби хазинаи давлат барои тавзеъ дар байни мардуми қирғизу қазоқ ихтисос ёфта буд. 15 декабри соли 1800 бар асоси фармони дигаре тамоми қайду монеаҳо аз чопи матбуоти

динӣ-исломӣ дар қаламрави Россияи подшоҳӣ бекор карда шуд ва соли 1802 аввалин матбааи исломӣ дар шаҳри Қазон ифтитоҳ гардид. Соли 1829 император Николайи Аввал лоиҳаи ҷудо кардани ҷойҳои муносиб барои бинои масҷидҳо дар минтақаҳои маскунии мусалмонон ба имзо расонд ва соли 1833 фармоне содир шуд, ки тамоми мусалмонони қаламрави Россияи подшоҳиро ба пойбандии дақиқ ба талабот ва ақоиди диниашон ва муҷозоти шадиди мухолифони он амр мекард.

Дар айни ҳол империяи Россия дар баробари тамоми ҳаракатҳои таҷдиди андешаи динӣ, бедорихоҳии миллӣ ва талошҳо барои фарҳанги асил (тавҳиди ноб) ба шиддат мубориза мебурд ва бар зидди онҳо, ба хусус онҳое, ки ба маркази хилофат – шаҳри Остона (Истамбул) ба гунае рафтуомад доштанд, барчаспҳои бадномкунанда, туҳматҳои сиёсӣ ва таблиғоти (пропагандаи) бадро ба кор мебурд,. Россияи подшоҳӣ бо ин сиёсати зиракона ва дар зоҳир муҳофизакорона дар баробари арзишҳои динӣ ва бо тарҳҳои дарозмуддати завбу масхи фарҳангӣ тавонист ҳам назари мусбати аксарияти мардуми мусалмонро ба худ ҷалб намояд, ҳам қишре аз андешамандони тақлидӣ, муллоҳо, имомон ва муфтиҳои нуфузманди суннатиро ба коргузорони ошкору ниҳон ва ҷонибдорони ҳамсӯи худ табдил диҳад ва ҳам ҳаракатҳои таҷдиди андешаи динӣ ва ҷунбишҳои бедории миллиро аз касби пойгоҳи мардумӣ ва нуфузи муносиби иҷтимоӣ маҳрум созад.

Аз васиқаҳои таърихӣ ва санадҳои ҳифзшуда дар бойгонӣ (архив)-ҳои давлатӣ ва китобхонаҳои осори хаттӣ дар шаҳрҳои Москва, Ленинград, Тошкент, Тифлис ва ғайра собит мешавад, ки миёнгини шумораи ҳоҷиён аз ин сарзаминҳо бо вуҷуди рушди нисбатан сусти афзоиши аҳолӣ дар он манотиқ, имконоиятҳои ками молии қишрҳои поёнии ҷамъият ва душвории роҳ хеле зиёд буда, бар асоси гузориши консули онвақтаи Россия дар Ҷадда – Брондет солона 8-10 ҳазор нафарро ташкил медодааст ва бар асоси гузориши консули он кишвар дар Бағдод шумораи умумии онҳо солона ба 18-25 ҳа-

зор нафар мерасидааст. Брондет шумораи онҳоро дар соли 1901 6 000, дар соли 1902 16 000 ва дар соли 1903 4741 нафар зикр кардааст.

Тафовути ҳарсолаи шумораи онҳо бинобар бемориҳои вогир ва вабоҳое буда, ки дар он солҳо дар сарзамини Ҳиҷоз домангири ҳоҷиён мегашт ва даҳҳо ва садҳо нафарро ба коми марг фурӯ мебурд. Аммо тафовути гузориши намояндагони Россия дар Ҷадда ва Бағдод ба дақиқ набудани омори ҳоҷиён ва ғайрирасмӣ ва бешиноснома будани аксари онҳо бармегардад.

Адои фаризаи ҳаҷ пас аз истилои болшевикӣ барои сокинони ин сарзаминҳо ба мушкил рӯ ба рӯ шуд, вале то комилан баста шудани марзҳои ҷанубии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ба таври ғайрирасмӣ ва бо мухотароти зиёде дар ҳадди хеле кам анҷом дода мешуд. Пас аз баста шудани марзҳо дар ибтидои солҳои сиюм мусалмонон дар инзивои комил қарор гирифтанд, ҷаҳони берун ба рӯи онҳо баста шуд ва то поёни ҷанги ҷаҳонии дуюм дигар касе ба ҳаҷ нарафт. Пас аз он дар сиёсати хориҷии Шӯравӣ каме инъитоф ва дигаргунӣ ба вуҷуд омад ва барои судури ғояҳои сотсиализм ба кишварҳои дигар ва ибрози намои башардӯстонае аз он дар сиёсати худ нисбат ба дин тағйироти шаклие ворид намуданд. Ин буд, ки ба бахше аз масҷидҳои ҷомеъ, калисоҳо ва синагогҳо ба таври контролшудае иҷозати фаъолият дода шуд ва барои тарбияи имомхатибон ва кормандони динӣ мадрасаи Мири Араб дар Бухоро ба кор дароварда шуд.

Соли 1945 барои аввалин бор ҳайате бо раёсати муфтии мусалмонони Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон Эшони Бобохон ба ҳаҷ рафт. Пас аз он ба таври мустамир солона 20-25 нафар одамоне, ки асосан аз байни хатибон ва кормандони дин интихоб мешуданд, бо назорати ҷиддӣ ба ҳаҷ мерафтанд. Шумораи умумии ҳоҷиёне, ки дар зарфи 45 соли гузашта, аз соли 1945 то соли 1990 ба ҳаҷ рафтаанд, 850-900 нафарро ташкил медоданд.

Пас аз рӯи кор омадани Гарбачёв ва тағйири сиёсати Шӯравӣ, ки дар зери шиори «Перестройка ва гласность»

(бозсозӣ ва озодии баён) ба роҳ афтод ва фазои нисбатан бози сиёсӣ ва эътиқодиро ба ҳамроҳ дошт, баргашти дубораи миллатҳои мусалмон ба асолати аздастрафтаашон оғоз шуд ва соли 1990 аз шаҳрҳои Москва, Тошкент, Қазон, Минвод ва Боку ҳудуди 1525 нафар аз тариқи ширкати ҳавопаймоии Айрофлот ба ҳаҷ рафтанд.

Ин дар ҳолест ки шумораи мусалмонони сокини императории Россияи подшоҳӣ ба иловаи мусалмонони сокини Амората Бухоро ва Хева дар солҳои 1898-1900 бар асоси омори зикршуда дар китоби «Ҳаҷ дар сад соли пеш» (Ефим Резфон) шонздаҳ миллион (16 000 000) будааст ва дар солҳои 80 асри гузашта бошад, мусалмонони сокини Федератсияи Россия ба танҳоӣ 16 000 000 нафарро ташкил медоданд.[1]

Инак, ба шарофати истиқлолияти кишварамон ва фароҳам омадани заминаҳои нисбатан мусоидтар ҳамасола ҳазорон нафар мардуми кишварамон ба баргузории фаризаи ҳаҷ, зиёрати хонаи Худо дар Маккаи мукаррама ва равзаи поки Расули акрам (с) дар Мадинаи мунаввара шарафёб мегарданд, ки боиси хушнудии ҳар яки мост.

Бинобар ин, барои шинохти дурусти ҷавҳар ва моҳияти ин рукни бузурги бинои Ислом ва ҳарчи комилтар ба ҷой овардани аъмол ва маносики он китоби ҳозир пешкаши хонандагони азиз мегардад. Дар китоб нахуст моҳият, фалсафа, ҷанбаҳои динӣ-иҷтимоӣ ва давраҳои гуногуни он дар тӯли таърих ва ҳамчунин ҳаҷҷи Паёмбари Худо (с) баён мешаванд. Сипас аъмол ва маносики ҳаҷ бо тартиббандии тозае манзури хонанда мегарданд. Пас аз он дуъоҳо ва зикрҳои муҳимме, ки дар рафти баргузории маносики ҳаҷ гуфта мешаванд ва ба дунболи он тавсияҳои зарурӣ барои шахси ҳаҷгузор, тарзи зиёрати масҷиди набавӣ, сайри таърихие аз таҳаввулоти умронӣ ва дигар осори динӣ ва маконҳои мутабаррикаи мавҷуд дар он зикр карда мешаванд. Дар охир

[1] Ефим Резфон, ал-Ҳаҷ қабла миати сана (Ариҳлату-с-сиррияту лиззобити-р-русӣ Абдулазиз Давлатшин ило Макката-л-мукаррама 1898-1899. – С. 7-30. – Бейрут, 1993.

баъзе истилоҳот, номҳои ҷуғрофӣ ва калимаҳои ноошно шарҳ ва тавзеҳ дода мешаванд. Хонандаи арҷманд барои беҳтар дарк намудани аҳком ва аъмоли ҳаҷ метавонад аввал ба бахши истилоҳот муроҷиат намояд.

Дар китоб се харитаи муҳимро низ дарҷ намудем: Яке дар бораи ҳаҷҷи Паёмбари Худо (с), дуюм дар бораи шаҳри Макка дар айёми Расули акрам (с) ва харитаи сеюм дар бораи миқотгоҳҳо, минтақаи Ҳил(л) ва ҳудуди Ҳарам гузориш медиҳанд.

Чӣ тавре қайд гардид, илова бар баёни аҳком ва маносики ҳаҷ ва умра дар китоб сайри таҳлилие дар ҳаҷҷи Паёмбар акрам (с) низ сурат гирифта, ки хонандаи арҷманд ва хаҷгузорро ба хотираҳои нотакрор ва ҳаракоти зиндаи он ҳаҷҷи таърихӣ бармегардонад ва зеҳнияти ӯро барои пайравии комил ва иқтидо ба Расули акрам (с) омода месозад. Бо тааммул дар аҳволи Паёмбар (с) дар аснои он ҳаҷ ҷанбаҳои эътиқодӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, дуъову истиғфор ва тарзи муносиботи ӯ бо Парвардигораш, бо аҳли байташ ва бо умматаш ба хубӣ зоҳир мешаванд ва барои пайравонаш беҳтарин мояи ибрат дар зиндагӣ мебошанд.

Китобро бо тартиби мавзӯъҳои зикргардида ба чаҳор бахш тақсим намудем.

Дар поён аз бародарони арҷманде, ки дар таҳия, таълиф ва нашри ин китоб саҳм гузоштаанд, самимона ташаккур менамоям.

* * * *

Шоёни зикр аст, ки фиқҳи исломӣ ба ҳақ яке аз ғанитарин сарчашмаҳои қонунгузорӣ дар тамоми ҷаҳон ба шумор рафта, таносуб, тамосук ва ҳамсозии бахшҳои гуногун дар он ба қадре дақиқ поярезӣ шудаанд, ки дар маҷмӯъ як пойгоҳи устувори ҳуқуқӣ ва тарҳи комилеро дар танзими паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсон ва тадбири умури зиндагӣ ба вуҷуд овардааст. Ин тавозун ва ҳамгунӣ дар қонунгузорӣ ва фиқҳи исломӣ муносибатҳо ва чорабиниҳои диниро бағоят созанда ва дар тако-

мули шахсияти инсон муассир гардонидааст, ки мо намунае аз онро дар аҳком ва маносики ҳаҷ мушоҳида менамоем.

Аллома ва машҳуртарин ҳуқуқшиноси муосири араб доктор Абдурраззоқ Санҳурӣ дар муқаддимаи таҳқиқоташ, ки зери унвони «Манобеи ҳақӯқӣ дар фиқҳи исломӣ ва баррасии татбиқӣ бо қонуни ғарбӣ» ба чоп расидааст, дар бораи арзиш ва азамати фиқҳи исломӣ мегӯяд: «Дар ин ҷо қасд надорем аз тафовутҳое, ки дар байни фиқҳи исломӣ ва қонунҳои ғарбӣ дар сохтор, услуб ва шакли онҳо вуҷуд дорад, чашмпӯшӣ кунем, зеро фиқҳи исломӣ дар ин чизҳо комилан аз қонунҳои ғарбӣ фарқ дорад…. Фиқҳи исломӣ қонуне азим аст, сохтори мунҳасир ба фард дорад ва бо услуб ва сохтори худ аз тамоми низомҳои ҳуқуқӣ дар ҷаҳон фарқ мекунад».[2]

Рукнҳо ва аҳкоми дин ба ду бахши асосӣ ва ё ба ду ҳавза тақсим мешаванд: а) усули куллӣ, арзишҳои собит ва аҳкоми тағйирнопазире, ки аз ҷониби худи шаръ пешбинӣ ва муайян гардидаанд, б) масоили иҷтиҳодӣ ва он аҳкоме, ки бо назардошти замон ва макон ва ё бо такя ба урф ва дигар меъёрҳои тағйирёбанда бино ёфтаанд ва бо дигаргун шудани онҳо ҳукми он масоили низ дар таносуб бо раванди дигаргуниҳо тағйир меёбад. Ин ба он маъност, ки дини мубини Ислом дар асли қонунгузории худ ҳам усули куллӣ ва арзишҳои тағйирнопазиреро пешбинӣ намудааст, ки дар ҳама давру замон ба як ҳолат ва ё меъёр (стандарт) боқӣ мемонанд ва ҳам раванди таҷаддудпазирии ҳаёт ва навшавии баъзе мазоҳир ва шаклҳои зиндагиро, ки ҳатман ҳаводис ва масоили тозаеро ба ҳамроҳ дорад, дар назар гирифтааст.

Бо пешбинӣ шудани ҳар ду бахш дар қаламрави фиқҳи исломӣ ҳамзамон ҳам асолати илоҳӣ ва хусусияти ҷовидонагӣ ва ҳам фазои муносиби иҷтиҳодӣ ва раванди таҷаддуд ва навшавӣ дар он таъмин гардидааст.

---

[2] Юсуф Қарзовӣ, Асолат ва навгароӣ дар фиқҳи исломӣ (тарҷимаи форсӣ, Муҳаммадамини Алипур). – С. 39. Ба нақл аз муқаддимаи бахши аввал. – С. 2,3.

Ин амр аз як сӯ, заминаи бознигарии масоили тоза ва ҳампоӣ бо суръати таҳаввули зиндагиро дар ҳама давру замон барои фиқҳи исломӣ ба вуҷуд оварда ва аз сӯи дигар, беҳтарин имконият ва маҷолро дар заминаи коркарди қонун, пешбинии дурнамои зиндагӣ ва ташаккули зарфиятҳои зеҳнӣ дар ихтиёри инсон қарор додааст.

* * * *

Раванди навшавии муносибатҳо дар ҷомеа ва дигаргуншавии мазоҳири зиндагӣ ҳазорон масъалаи тозаро барои мардум ба вуҷуд овард, ки изҳори назари шаръ ва муайян гардидани ҳукми фиқҳии онҳо яке аз муҳимтарин вазифаҳои динии донишмандони фиқҳи исломӣ ба шумор меравад. Масоил ва мушкилоте, ки дар ҷараёни дигаргуншавии тарзи зиндагӣ ба вуҷуд омадаанд, тамоми паҳлӯҳои ҳаётро фаро гирифта, аз бахшҳои гуногуни фиқҳ бознигарии нав, коркарди дақиқ ва баёни ҳукми шаръии худро металабанд.

Ҷаҳон имрӯз бо суръат ба сӯи ҳамгароӣ ва таъсиргузориҳои гуногун дар шеваи зиндагонии ҳамаи қавму миллатҳо дар ҳаракат аст. Ҳатто агар масъала ва дигаргуние дар тарзи зиндагии мардуми Аврупо ба вуҷуд ояд, таъсири худро дар ҳаёти мусалмонон бар ҷой мегузорад. Масъалаи тасфия, коркард ва истеъмоли поёнобаҳои касифи шаҳрҳо,[3] бордоркунии сунъӣ, шинониданi узвҳои бадани инсон дар шахси дигар, ба хусус шинониданi узвҳои таносулӣ, марги ихтиёрӣ,[4] хӯрдани

[3] Поёноба -/ҳо/-и касиф: пасобҳое ҳастанд, ки тавассути шабакаи канализатсия ва оброҳаҳои махсуси шаҳрҳо ва манотиқи маскунӣ ба ҳавзҳо ва чоҳҳои махсусе дар қисмати поёнии шаҳрҳо мерезанд ва дар он ҷойҳо бори дигар тасфия ва дар баъзе шаҳрҳои бузурги дунё дубора ба истифода дода мешаванд. Онро ба форсии имрӯза фозилоб мегӯянд.

[4] Марги ихтиёрӣ ва ё осонмирӣ – он аст, ки дар баъзе кишварҳои аврупоӣ ба беморони гирифтори бемориҳои дармоннопазир ба таври қонунӣ ҳаққи ихтиёри марг дода шудааст. Вақте онҳо ба марги осон розӣ шаванд, ба воситаи доруе ба ҳаёташон поён дода мешавад. Ин амалияро дар истилоҳи тиб эйтаназия ва ба забони англисӣ [Euthanasia] меноманд.

гӯшти моҳиёне, ки дар поёнобаҳо (фозилобҳо) ва ҳавзҳои тасфияи онҳо парвариш меёбанд, анҷом додани қарордодҳо аз тариқи воситаҳои алоқа, марги димоғ (мағзи сар), гирифтани дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, колбадшикофӣ,[5] ҷарроҳӣ барои зебоӣ[6] ва садҳо масъалаи дигар, ки мардуми мусалмон назари шаръро дар бораи онҳо ҷӯё ҳастанд, имрӯз коркарди нави фиқҳиро талаб менамоянд.

Ин ҳолат ҳатто дар қисмати ибодот, ҳарчанд камтар бошад ҳам, ба мушоҳида мерасад, чӣ тавре инро дар мавзӯи бастани эҳром аз Ҷадда, исботи рӯъяти ҳилол аз сӯи расадхона, таварруми молӣ[7] ва тағйири қимати пул ва ғайра мушоҳида менамоем. Муфтӣ Худоназар – соҳиби китоби «Маҳмуду-л-фатово» низ бо дарки масъулияти имонӣ ва эҳсоси ниёз ба чунин иқдоми илмие, дар масъалаи тавофи зани ҳоиз дар китоби «Ҳаҷ» (Ҷ. 2. – С. 235-238) пешниҳодоте намудааст, ки дар ин китоб дар мавзеи худ зикр хоҳанд шуд.

Алҳамду лиллоҳ, ки маҷмаъҳои фиқҳӣ ва шӯроҳои илмие, ки дар ним қарни гузашта дар ҷаҳони Ислом таъсис ёфтаанд, ба баррасӣ ва ибрози назари шаръ дар бораи баъзе масоили мубрами рӯз пардохтаанд, вале аз сӯи донишмандони фиқҳи ҳанафӣ ҳанӯз кори чандоне дар ин замина сурат нагирифтааст.

***Муаллиф***

---

[5] Колбадшикофӣ – ба маънои шикофтан ва пора кардани узвҳои ҷасади мурда барои таҳқиқ ва гузаронидани корҳои озмоишӣ аст, ки онро дар истилоҳи тиб аутопсия [Autopsy] мегӯянд.

[6] Ҷарроҳӣ барои зебоӣ, ки ба он ҷарроҳии пластикӣ ва ё косметикӣ мегӯянд, имрӯз хеле ривоҷ ёфтааст, ба монанди тағйир додани тарҳи рӯй ва дигар мазоҳири бадан.

[7] Таваррум -/ иқтисодӣ: ба маънои афзоиш ва ё бароварди аз ҳад зиёди пул дар як кишвар аст, ки дар баробар ва ё ба андозаи он ашё ва хидматгузориҳои зарурӣ вуҷуд надошта бошанд ва иқтисоди кишвар онро ба гардиш даровarда натавонад ва дар натиҷа боиси беқурбшавии пул (инфляция) ва болоравии қиматҳо гардад.

# БАХШИ АВВАЛ

- **Таърих ва гузаштаи ҳаҷ пеш аз Ислом**
- **Моҳияти фаризаи ҳаҷ**
- **Ҳаҷҷи Расули Худо (с)**

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

وَلِلَّهِ عَلَى ٱلنَّاسِ حِجُّ ٱلْبَيْتِ مَنِ ٱسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا ۚ
وَمَن كَفَرَ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِىٌّ عَنِ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٩٧﴾

**«Ва барои Худо ҳаҷҷи хона (-и Каъба) бар мардум: бар касе аз онҳо, ки (барои расидан) ба он ҷо тавоноӣ (-и молӣ ва ҷисмӣ)-и роҳро дошта бошад, фарз аст ва ҳар касе куфр варзад, пас (бидонад, ки) Худо низ аз ҷаҳониён бениёз аст».** (Сураи Оли Имрон, 97).

# ФАРИЗАИ ҲАҶ ДАР ИСЛОМ

Ҳадаф аз офариниши инсон дар партави оятҳои илоҳӣ ва раҳнамудҳои паёмбарон танҳо ибодат ва бандагии Худованд аст. Ибодате, ки ҳамаи паҳлӯҳои зиндагии инсонро фаро гирад ва дар ниҳоят ӯро ба ҳадди аълои такомули рӯҳӣ ва маънавӣ бирасонад. Инсон фитратан ба ибодат гароиш ва майл дорад. Нохудогоҳ ҳисси диниаш пӯё ва боланда мешавад ва аташи (ташналабии) рӯҳаш зиёд мегардад. Рӯҳи саргардон ва бепаноҳи инсон ба ҳар сӯ кашида мешавад, то қалби ошуфтаашро бо имони ба Худо аз ранҷу нооромиҳои замираш раҳоӣ бахшад.

Бинобар ҳамин ҳисси динии қалби инсон аст, ки бандаи мӯъмин ба ибодат мепардозад, то аз ин тариқ як навъ робитаи фурӯтанона, ошиқона, ситоишгарона ва сипосгузоронаи худро бо Худо, яъне маъбуди ҳақиқӣ барқарор намояд. Аз ин рӯ, ибодат пулеро мемонад, ки бандаро ба маъбудаш мерасонад ва ошиқи саргаштаро бо маъшуқи ҳақиқӣ мепайвандад.

Дар ҷаҳони имрӯз пайравони динҳо ва мактабҳои гуногун бо анҷоми маросимҳо ва расму ойинҳои ибоди (худопарасти)-и хоссе даъвои бандагӣ ва тақарруб (наздикӣ) ҷустан бо офаридгори ҳастиро доранд. Зардуштӣ бо афрӯхтани оташ дар оташкада, буддоӣ бо соидани пешонӣ бар остони муҷассамаи Буддо ва масеҳӣ бо таъзиму такдис (муқаддас шумо╱ридан) ва сар фуруд овардан дар баробари ҳайкалу суратҳои ҳазрати Исо (ъ) ва дар ниҳоят, бараҳмоӣ (кришноӣ), ҳинду, яҳудӣ ва мусалмон ҳар яке бо шеваи хосси худ бо Худованд ба розу ниёз мепардозад ва бо баргузории расму ойин ва маросимҳои динӣ ба даргоҳи Худованд бандагиро ба ҷо меоварад.

Он чи мусаллам аст, ин аст, ки ҳеҷ дин ва ойине аз ибодати Худо холӣ нест. Аммо пешвоёни динҳои таҳрифшуда ва бостонӣ чунин пиндоштаанд, ки дин ҷо-

нибдори ранҷу сахтӣ кашидани мардум буда ва мақсуд аз ибодат низ таҳаммули ранҷҳо ва сахтиҳои ҷисмонӣ барои сафои ботин ва покии ҷавҳари шахсияти инсон аз тааллуқоти нафсонӣ мебошад. Инзивогузинии (дайрнишинии) масеҳиён ва фақргароии буддоиён зодаи ҳамин тарзи тафаккур аст. Онҳо тоқатфарсотарин ва душвортарин равишро беҳтарин услуби ибодат ва тақарруб ба боргоҳи илоҳӣ меҳисобанд. Худованд дар радди ин тарзи тафаккур мефармояд:

...وَجَعَلْنَا فِي قُلُوبِ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ رَأْفَةً وَرَحْمَةً وَرَهْبَانِيَّةً ٱبْتَدَعُوهَا مَا
كَتَبْنَٰهَا عَلَيْهِمْ إِلَّا ٱبْتِغَآءَ رِضْوَٰنِ ٱللَّهِ فَمَا رَعَوْهَا حَقَّ رِعَايَتِهَا ۖ فَـَٔاتَيْنَا
ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مِنْهُمْ أَجْرَهُمْ ۖ وَكَثِيرٌ مِّنْهُمْ فَٰسِقُونَ ﴿٢٧﴾

**«...(Пайравони Исо) раҳбоният ва гӯшанишинии сахтеро падид оварданд, ки Мо онро бар онҳо воҷиб накарда будем, валекин онҳо худашон онро барои ба даст овардани хушнудии Худо падид оварда (ва бар хештан назр ва воҷиб намуда) буданд...».**[8]

Ин оят баёнгари он аст, ки раҳбоният (гӯшанишинӣ ва зоҳидона аз ҷомеа ҷудо гаштан) аз бидъатҳои масеҳиён буда, аз ҷониби Худованд муқаррар ва машрӯъ нагардидааст, балки онҳо аз пеши худ ба он рӯй овардаанд.

Бинобар ин, он чи аз сӯи динҳои мунҳарифи (каҷу бероҳ) имрӯз бо номи дин дар мафкураи мардум ҷойгир карда мешавад, мавриди таъйид ва хушнудии Худованд набуда, балки як силсила маросимҳои пуч ва хурофие мебошанд, ки аз ҷониби кашишон, падарони рӯҳонӣ, попҳо ва донишварони бад сохта ва ба вуҷуд оварда шудаанд. Аз ин рӯ, ҳеҷ гуна таъсири мусбате дар покизагии рӯҳ ва тазкияи нафси инсон надоранд ва маҳз шаклҳои зоҳирӣ ва ҷанбаи худнамоӣ доранд.

---

[8] Сураи Ҳадид, 57: 27.

## Хусусияти ибодат дар Ислом

Дини Ислом ягона дини баргузидаи Худованд аст, ки равиши ҳақиқии маърифат ва ибодати Худовандро ба сурати шаффоф ва саҳеҳ барои бандагони илоҳӣ мешиносонад. Ислом аз роҳҳои ифротгарой (тундравӣ) ва таҳрифу тағйир дур буда, аз сарнавиште, ки дигар динҳо ба он гирифтор шудаанд, комилан маҳфуз мондааст ва бар ҳамон ҷавҳари ҳақиқӣ ва чаҳорчӯби аслии худ ҳамчунон боқист.

إِنَّ ٱلدِّينَ عِندَ ٱللَّهِ ٱلۡإِسۡلَٰمُۗ ...

**Бегумон, дини (ҳақ ва писандида) дар пешгоҳи Худованд Ислом (яъне холисона таслими фармони Аллоҳ шудан) аст.[9]**

وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ۝٨٥

**Ва касе, ки ғайр аз (шариати) Ислом ойини дигаре баргузинад, аз ӯ ҳеҷ гоҳ пазируфта намешавад ва вай дар охират аз зиёндидагон аст.[10]**

...مَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيَجۡعَلَ عَلَيۡكُم مِّنۡ حَرَجٖ وَلَٰكِن يُرِيدُ لِيُطَهِّرَكُمۡ وَلِيُتِمَّ نِعۡمَتَهُۥ عَلَيۡكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ۝٦

**Худованд намехоҳад шуморо ба танг оварад ва ба машаққат андозад, балки (баръакс) мехоҳад шуморо (дар зоҳиру ботин) покиза дорад ва (бо баёни аҳкоми исломӣ) неъмати худро бар шумо комил намояд, шояд, ки шукри (неъматҳо ва лутфҳои) ӯро (бо давом бар тоату ибодат) ба ҷой оваред.[11]**

Дар Ислом барои тақарруб ҷустан ба Худованди меҳрубон барномаи мушаххаси ибодие ба унвони шаоир (маросимҳо)-и барҷаста ва чорабиниҳои махсуси илоҳӣ баргузида шудаанд, ки асоси он ибодатҳо инҳоанд:

---

[9] Сураи Оли Имрон, 3: 19.
[10] Сураи Оли Имрон, 3: 85.
[11] Сураи Моида, 5: 6.

1. Гувоҳӣ додан ба ягонагии Худованд ва ба рисолати ҳазрати Муҳаммад (с);

2. Барпо доштани намоз;

3. Пардохтани закот;

4. Доштани рӯзаи моҳи Рамазон;

5. Ҳаҷ намудани хонаи Худо.

Натиҷаи ҳамаи ин марҳалаҳо наздикӣ ба Парвардигор аст. Дар ҳадиси маъруф ва машҳури қудсӣ ин ҳақиқат ба сурати бисёр зебое баён шудааст.

Худованд мефармояд: «***Ҳеҷ бандае бо ҳеҷ чизе ба Ман наздик нашудааст, ки аз фарзҳо дар назди Ман маҳбубтар бошад. Албатта, бандаам ба василаи нафлҳо ва мустаҳабҳо (фазилатҳо) ба Ман то ҷое наздик мешавад, ки маҳбуб ва дӯстдоштаи Ман мегардад. Ҳамин ки маҳбуби Ман гашт, Ман гӯши ӯ мешавам, ки бо он мешунавад ва чашми ӯ мешавам, ки бо он мебинад ва дасти ӯ мешавам, ки бо он мегирад ва пои ӯ мешавам, ки бо он меравад.***

***Агар Маро бихонад, ӯро иҷобат мекунам ва агар ба Ман паноҳ оварад, ба ӯ паноҳ медиҳам***».[12]

Аз ин рӯ, ибодатҳои исломӣ барномаҳои муайяне мебошанд, ки аз ҷониби Худованд барои тақарруб (наздикӣ) ҷустан ба зоти Ӯ рехта шудаанд.

## Ибодати ҳаҷ

Ҳаҷ дар луғат ба маънои қасд кардан ва оҳанги коре намудан аст ва дар истилоҳи шариати Ислом ҳаҷ иборат аст аз қасд ва ҳаракат кардани мусалмони тавонманд ба сӯи хонаи Худо дар вақти муайян барои анҷом додани амалҳои махсус.[13] То аз ин роҳ бандагии худро дар зоҳиру ботин дар пешгоҳи Худованд изҳор дорад ва бо анҷоми амалҳо ва корҳои анҷомдодаи ҳазрати Иброҳим (ъ) ва ба василаи бузургдошт ва муҳаббати шаоири (ибодатҳои) мавҷуд дар он сарзамин, робита ва мансубияти имо-

12 Саҳеҳи Бухорӣ, 6502.

13 Таҳонавӣ, Мавсӯаи кашшофи истилоҳоти фунун: 1/ 619.

нии худро бо Иброҳим (ъ), ки мазҳари комили бандагӣ ва муҳаббат аст, изҳор намояд.

Маносики ҳаҷ ба таври комил ёдовари хотироти ҳазрати Иброҳими Халил (ъ) аст, ки бо ақидаи росих (пойдор) ва таваккули комил аз ҳамаи асбобу воситаҳо қатъи умед мекунад ва ҳамсару фарзанди хурдсолашро дар биёбони хушк ва беобу гиёҳи Макка барои Худо раҳо месозад. Каъбаро барои ибодати Худованди ягона бино месозад ва дар пешгоҳи Худованд оҷизона дуъо менамояд, ки онро маркази тавҳид (яктопарастӣ) ва таҷаммӯъгоҳи ҷаҳониён бигардонад. Худованд ин дуъои холисонаи ӯро иҷобат менамояд ва хитоб ба Иброҳим (ъ) мефармояд:

وَأَذِّن فِي ٱلنَّاسِ بِٱلۡحَجِّ يَأۡتُوكَ رِجَالٗا وَعَلَىٰ كُلِّ ضَامِرٖ

يَأۡتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٖ ٢٧

**«Мардумро ба ҳаҷ даъват кун, онҳо пиёдаву савора бар маркабҳои лоғари худ аз ҳар роҳи дуре ( ба сӯи хонаи Каъба ва) ба назди ту меоянд».[14]**

Аз ин рӯ, ҳаҷ таҷдиди мисоқ ва паймони дубораест бо ормонҳои иброҳимӣ ва ин аст, ки ҳоҷӣ бо дунёи атрофи худ қатъи робита менамояд ва бо либоси эҳром ва сару сурати соддаву беолоиш лаббайкгӯён озими сарзамини Макка мешавад. Дар ҳақиқат ва аз самими қалб ин шиори тавҳидӣ ва латифаи имониро замзама мекунад, ки:

قُلۡ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحۡيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٦٢

لَا شَرِيكَ لَهُۥۖ وَبِذَٰلِكَ أُمِرۡتُ وَأَنَا۠ أَوَّلُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ ١٦٣

**«Ҳаққо, ки намоз, ибодатҳо ва зиндагиву маргам ҳама барои Худованд, Парвардигори ҷаҳониён аст. Шарик ва ҳамтое надорад. Ман ба ҳамин дастур ёфтаам (амр шудаам) ва ман нахустин мусалмонам».[15]**

---

[14] Сураи Ҳаҷ, 22: 27.
[15] Сураи Анъом, 6: 162, 163.

Ҳаҷ, дар воқеъ, шинохти асос ва пояи мазҳаби бузурги Иброҳим (ъ) аст. Даъват ба ойини поки иброҳимист, ки аз олоиши ҳар гуна ақидаи ширкомез пок буда, амалро ба хулуси ният устувор месозад. Ҳадафи ҳаҷ дилбастагӣ ба маъбуди ҳақиқӣ ва гусастан аз ҳама ва бо як калима ба Худо ишқ варзидан ва аз ғайри Ӯ буридан аст.

## Ҳаҷ дар миёни миллатҳои гуногун

Дар миёни миллатҳо ва қавмҳои гуногуни ҷаҳон ҷойҳои махсус вуҷуд дошта ва доранд, ки дар эътиқоди онҳо муқаддас ва мӯҳтарам буда ва бар асоси эътиқод, дин ва мазҳаби хеш ҷамъомадҳоеро дар он ҷойҳо баргузор менамуданд ва онро ҳаҷ меномиданд. Аз ҷумла қибтиҳои Миср, ба монанди дигар миллатҳои ҷаҳон маъбудҳое доштанд, ки барои ҳар яки онҳо ибодатхонаеро хос гардонида буданд ва барои зиёрат ва ҳаҷ дар вақтҳои муайян ба он ҷо мерафтанд. Аз маъбадҳои машҳури мисриён метавон ба маъбади «Ийзир», «Фатоҳ» ва «Амун» ишора кард.

Айёми ҳаҷ ва зиёрати маъбадҳо дар назди мисриён аз муборактарини рӯзҳои сол ба шумор меомаданд. Онҳо бар асоси расму ойини худ дар он рӯзҳо ба дуъо ва ниёиш мепардохтанд.

Юнониён низ ибодатхонаҳое доштанд, ки барояшон бисёр муқаддас ва мавриди эҳтиром буданд. Маъбади «Даёно», ки дар шаҳри Ифсус воқеъ шуда ва таърихи таъсиси он ба қарнҳо пеш аз мелоди Масеҳ бармегардад, то ду қарни пеш аз мелод ҷои зиёрат ва ҳаҷҷи юнониён будааст. Пас аз он ба зиёрати маъбади «Минорфо» воқеъ дар шаҳри Афина ва маъбади « Юпитер » мерафтанд.

Яҳудиён низ аз аввалҳои асри чордаҳуми пеш аз милод, ибодатхонаеро, ки дар он тобути аҳд ё шаҳодат қарор дошт, ҳар сол се бор ҳаҷ мекарданд ва ба ҳамин сабаб бозори тиҷоратии Уршалим равнақи хоссе ба худ гирифт. Ин ҳолат то замоне, ки Титус, императори Рум,

шаҳри Уршалимро ба оташ кашид ва яҳудиёни сокини он ҷоро овора сохт, ҳамчунон идома дошт. Яҳудиёни имрӯз низ порае аз девори қадимаи маъбади Сулаймонро, ки дар ҷониби ғарбии Масҷидулақсо воқеъ шудааст, зиёрат мекунанд.

Масеҳиён низ ба зиёрати маъбаде, ки онро Ҳилона – модари император Қустантин бар қабре бино кардааст, мераванд.[16]

Аммо ҳаҷ дар Ислом аз шаклҳои мавҷудаи он дар дигар динҳо ҳам дар мӯҳтаво ва ҳам дар шакл тафовути куллӣ дорад. Ҳаҷҷе, ки дар дигар динҳо ба манзури табаррук ҷустан (баракат хостан) аз қабрҳо ва зиёрати мурдагон, маъбадҳо ва осори таърихӣ анҷом мегирад, аз дидгоҳи Ислом мӯҷиби ширки ба Худованд ва дурӣ аз зоти поки Ӯ таъоло мешавад.

## Иброҳим (ъ) бунёдгузори каъба

Гузошта шудани бинои аввалин хонаи тавҳид ва нахустин пойдеври ибодатгоҳи илоҳӣ барои мардум бо дасти бузургтарин мунодии тавҳид ва паёмбари соҳибъазм, ҳазрати Иброҳим (ъ) аз тақозои ҳикмати расо ва хости Худованд буд.

Ин буд, ки ҳазрати Иброҳим (ъ)-ро бо бахше аз хонаводааш, Ҳоҷар – ҳамсар ва Исмоил фарзанди дӯстдоштааш ба он водии мақсуд равона сохт. Иброҳим (ъ) аз Фаластин ба сарзамини беобу гиёҳи Макка омад ва ҳамсару фарзандашро дар канори ҳарами Худо гузошт. Онҳоро беобу тӯша, вале ба умеди Худо раҳо кард. Дар мавриди ин кӯчиши ниме аз хонаводаи Иброҳим (ъ) ба сарзамини Макка, пайдоиши оби Замзам, бинои хонаи Каъба ба дасти Иброҳим (ъ) ва Исмоил (ъ) ва поярезӣ шудани ҳаҷҷи иброҳимӣ, ягона манбаи мӯътамад Қуръон ва ривоятҳои саҳеҳи исломӣ мебошанд.

---

[16] Иқтибос аз китоби Ҳикмат ва фалсафаи шариат, Шайх Алӣ Аҳмади Ҷурҷовӣ. – С. 204, 205.

Дар ин ду манбаъ тибқи равиши қуръонӣ дар бархӯрд бо гузашта ба паҳлӯҳои хос ва мавридҳои муҳимми мавзӯъҳои номбурда ишора шудааст.

Қуръон дар ояти 37-уми сураи Иброҳим аз забони худи Иброҳим (ъ) сукунат додани ниме аз хонаводаашро дар биёбони беобу гиёҳи Макка баён мекунад:

رَّبَّنَآ إِنِّيٓ أَسۡكَنتُ مِن ذُرِّيَّتِي بِوَادٍ غَيۡرِ ذِي زَرۡعٍ عِندَ بَيۡتِكَ ٱلۡمُحَرَّمِ

رَبَّنَا لِيُقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ فَٱجۡعَلۡ أَفۡـِٔدَةٗ مِّنَ ٱلنَّاسِ تَهۡوِيٓ إِلَيۡهِمۡ

وَٱرۡزُقۡهُم مِّنَ ٱلثَّمَرَٰتِ لَعَلَّهُمۡ يَشۡكُرُونَ ٣٧

**«Парвардигоро! Ман яке аз фарзандонамро дар ин сарзамини хушк ва беҳосил дар канори хонае, ки ҳарами Ту аст, сукунат додам.**

**Парвардигоро! То намозро барпо доранд, пас дилҳои тоифае аз мардумони (гирду атроф)-ро ба сӯи онҳо моил гардон ва аз меваҳои (гуногун) онҳоро рӯзӣ бидеҳ, бошад, ки шукри Туро ба ҷой оваранд».**

Аз мазмуни ояти боло бармеояд, ки Иброҳим (ъ) орзу дошт бо кашиш ва дилбастагӣ пайдо намудани авотифи маҷмӯае аз мардумони қабилаҳои дуру наздики он сарзамин ба ин нуқтаи беобу гиёҳ, дар он ҷо маркази маскуние ба вуҷуд ояд ва бо фароҳам гардидани заминаҳои зиндагонии онҳо маркази худопарастӣ ва тавҳид қомат афрозад. Дар оятҳои дигаре, ки дуъоҳои гуногуни ҳазрати Иброҳим (ъ) дар робита ба паҳлӯҳои дигари ҳаёти моддӣ ва маънавии ин сарзамин дар онҳо омадааст, ба мазмуни боло ба хубӣ пай бурда мешавад. Аз ҷумла, дар ояти 35-уми сураи Иброҳим дар дуъои он ҳазрат омадааст:

وَإِذۡ قَالَ إِبۡرَٰهِيمُ رَبِّ ٱجۡعَلۡ هَٰذَا ٱلۡبَلَدَ ءَامِنٗا

وَٱجۡنُبۡنِي وَبَنِيَّ أَن نَّعۡبُدَ ٱلۡأَصۡنَامَ ٣٥

**«Парвардигоро! Ин сарзаминро – сарзамини амн бигардон ва ману фарзандонамро аз парастиши бутҳо ба дур нигаҳ дор…».**

Дар ин ҷо ду рукни муҳимми ҳаёти моддӣ ва маънавии як ҷомеа: амнияту оромӣ ва фазои беолоиши яктопарастӣ ва муҳити эътиқодӣ-иҷтимоии пок ва ба дур аз бутпарастӣ равшан баён гардидааст.

Орзуҳои Иброҳим (ъ) яке пас аз дигаре ҷомаи амал мепӯшанд. Пас аз пайдоиши оби Замзам қабилаҳои гуногуне ба он сарзамин меоянд ва оҳиста-оҳиста дар атрофи ҳарами Худо ва оби Замзам маркази маскуние ба вуҷуд меояд. Исмоил (ъ) низ дар миёни онҳо ба воя мерасад. Ҳамин ки ба синну соли навҷавонӣ мерасад, ҳазрати Иброҳим (ъ) дар яке аз сафарҳои худ, ки барои хабаргирии хонаводааш ба Макка омада буд, маъмурияти бинои Каъбаро меёбад. Худованд бо нишон додани макони хонаи худ ба Иброҳим (ъ) аз ӯ мехоҳад, ки ҳамроҳ бо фарзандаш Исмоил (ъ) ҷои хонаро аз хоку ғуборҳо ва қабатҳои реге, ки болои онро пӯшонидааст, поксозӣ намоянд:

وَإِذْ بَوَّأْنَا لِإِبْرَٰهِيمَ مَكَانَ ٱلْبَيْتِ أَن لَّا تُشْرِكْ بِى شَيْـًٔا وَطَهِّرْ بَيْتِىَ

لِلطَّآئِفِينَ وَٱلْقَآئِمِينَ وَٱلرُّكَّعِ ٱلسُّجُودِ ﴿٢٦﴾

**«Ва ҳангоме, ки макони сохтани хонаро барои Иброҳим муайян кардем ва ба ӯ дастур додем, ки чизеро бо Ман шарик нагардон ва хонаи Маро барои тавофкунандагон, истодагон ва рукӯъу суҷудкунандагон покиза бигардон».**[17]

Дар бахши дуюми ояти 125-уми сураи Бақара низ Худованд мавқее монанд ба ояти болоро зикр мефармояд:

...وَعَهِدْنَآ إِلَىٰٓ إِبْرَٰهِـۧمَ وَإِسْمَٰعِيلَ أَن طَهِّرَا بَيْتِىَ

لِلطَّآئِفِينَ وَٱلْعَٰكِفِينَ وَٱلرُّكَّعِ ٱلسُّجُودِ ﴿١٢٥﴾

**«Ва ба сӯи Иброҳим ва Исмоил паймоне ниҳодем, ки хонаи Маро барои тавофкунандагон, мӯътакифон (дар ибодат нишастагон) ва рукӯъу суҷудкунандагон покиза бисозед».**

---

[17] Сураи Ҳаҷ, 22: 26.

Аз оятҳои 124, 128 ва 129-уми сураи Бақара бармеояд, ки Иброҳим (ъ) пас аз сарбаландона гузаштан аз озмоиши Парвардигор ба мақоме дар пешгоҳи Худованд даст ёфт, ки Худованд ӯро ба сарварӣ ва пешвоии мардум баргузид. Ва ҳазрати Иброҳим (ъ) дар дурнамои таърих барои шахсе аз насли худаш низ чунин ҷойгоҳ ва мақомеро дар пешгоҳи Худованд умед дошт.

وَإِذِ ٱبْتَلَىٰٓ إِبْرَٰهِـۧمَ رَبُّهُۥ بِكَلِمَـٰتٍ فَأَتَمَّهُنَّ ۖ قَالَ إِنِّى جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا ۖ
قَالَ وَمِن ذُرِّيَّتِى ۖ قَالَ لَا يَنَالُ عَهْدِى ٱلظَّـٰلِمِينَ ﴿١٢٤﴾

**«Ва он замонеро ба ёд овар, ки Иброҳимро Парвардигораш бо калимоте мавриди озмоиш қарор дод. Ӯ (Иброҳим) онҳоро ба итмом расонид. Гуфт: Ман, воқеан ҳам, туро пешвои мардум мегардонам. (Иброҳим) гуфт: Аз зурриянам низ. Гуфт: Аҳди ман ба золимон нахоҳад расид».**

رَبَّنَا وَٱجْعَلْنَا مُسْلِمَيْنِ لَكَ وَمِن ذُرِّيَّتِنَآ أُمَّةً مُّسْلِمَةً لَّكَ وَأَرِنَا مَنَاسِكَنَا وَتُبْ عَلَيْنَآ ۖ
إِنَّكَ أَنتَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٢٨﴾ رَبَّنَا وَٱبْعَثْ فِيهِمْ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُوا۟ عَلَيْهِمْ ءَايَـٰتِكَ
وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَـٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَيُزَكِّيهِمْ ۚ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿١٢٩﴾

**«Парвардигоро! Ва ҳардуи мо (Иброҳим ва Исмоил)-ро таслимшудаи барои худ (мусалмон) бигардон ва аз насламон низ уммати таслимгашта ва мусалмоне барои худ ба вуҷуд биовар .**

**Парвардигоро! Ва дар миёни онҳо паёмбаре аз худи онҳо барангез, ки оятҳои Туро бар эшон бихонад ва ба онҳо китобу ҳикмат биомӯзад ва онҳоро тазкия (покиза) намояд. Ростӣ, Туӣ тавонманду ҳаким».**

Пас аз поксозӣ ва тоза намудани макони хона ҳазрати Иброҳим (ъ) ва Исмоил (ъ) ба бардоштани деворҳои он шурӯъ намуданд. Он пири бутшикан ва фарзандаш бо дастони худ деворҳои хонаи тавҳидро мебардоштанд ва бо забон ин дуъоҳои умедбахш ва омӯзандаро замзама медоштанд. Қуръон чӣ зебо аз забони онҳо мефармояд:

وَإِذۡ يَرۡفَعُ إِبۡرَٰهِـۧمُ ٱلۡقَوَاعِدَ مِنَ ٱلۡبَيۡتِ وَإِسۡمَٰعِيلُ رَبَّنَا تَقَبَّلۡ مِنَّآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ١٢٧ رَبَّنَا وَٱجۡعَلۡنَا مُسۡلِمَيۡنِ لَكَ وَمِن ذُرِّيَّتِنَآ أُمَّةٗ مُّسۡلِمَةٗ لَّكَ وَأَرِنَا مَنَاسِكَنَا وَتُبۡ عَلَيۡنَآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ١٢٨

**«Дар он мавқеъ, ки Иброҳим ва Исмоил деворҳои хонаро мебардоштанд, дуъояшон ин буд, ки: Парвардигоро! Аз мо қабул бифармо, ки бешак, Туӣ шунавандаву доно. Парвардигоро! Ва ҳардуи моро бароят мусалмон бигардон ва аз насламон уммати мусалмоне бароят ба вуҷуд биовар. Ва маносик ва навъи ибодатамонро низ ба мо бинамо, ки бешак, Туӣ тавбапазиру меҳрубон!».**[18]

Ҳамин тавр, аввалин хонаи тавҳид ва маркази яктопарастӣ бо соддатарин василаҳои хонасозӣ сохта мешавад. Сангҳои тарошнахӯрда, рӯиҳам чида ва ба андозаи як қомати инсон девор бардошта мешавад ва як чаҳордеворе барои ибодати Худованд ба вуҷуд меояд.

## Ҳаҷ ёдгории Иброҳим (ъ) аст

Чӣ тавре дар боло зикр шуд, Иброҳим (ъ) ва Исмоил (ъ) аз Худованд мехоҳанд, ки роҳу ойини худопарастӣ ва маносики ҳаҷро худи Ӯ ба онҳо нишон диҳад ва барои онҳо муайян созад.

Хонае бо он азамати маънавӣ ва бо ин одигии моддӣ ва зоҳирӣ сохта ва оҳиста-оҳиста ба маркази иҷтимоии мардуми яктопараст ва пайравони Иброҳиму Исмоил (ъ.ъ) табдил меёбад.

Иброҳиму Исмоил (ъ.ъ) ба дастури Парвардигор зина ба зина чигунагии парастиши Худоро дар ин хона ва тариқи анҷоми маносики ҳаҷро барои пайравонашон меомӯзанд.

Худованд маросими ҳаҷро ойин ва ёдгории ҳазрати Иброҳим (ъ) дониста, дар ояти 27-ум ва оятҳои баъдии сураи Ҳаҷ дастури худ ба он ҳазратро дар робита ба анҷоми маросими ҳаҷ баён медорад:

---

[18] Сураи Бақара, 2: 127, 128.

وَأَذِّن فِي ٱلنَّاسِ بِٱلۡحَجِّ يَأۡتُوكَ رِجَالٗا وَعَلَىٰ كُلِّ ضَامِرٖ يَأۡتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٖ ٢٧ لِّيَشۡهَدُواْ مَنَٰفِعَ لَهُمۡ وَيَذۡكُرُواْ ٱسۡمَ ٱللَّهِ فِيٓ أَيَّامٖ مَّعۡلُومَٰتٍ عَلَىٰ مَا رَزَقَهُم مِّنۢ بَهِيمَةِ ٱلۡأَنۡعَٰمِۖ فَكُلُواْ مِنۡهَا وَأَطۡعِمُواْ ٱلۡبَآئِسَ ٱلۡفَقِيرَ ٢٨

**«Ва дар миёни мардум эълон кун, то барои ҳаҷ биёянд. Он гоҳ ба назди ту пиёдаву савора бар ҳар маркаби лоғаре аз роҳҳои дур хоҳанд омад, то шоҳиди фоидаҳо ва манофеи худ гарданд ва дар рӯзҳои башумор ва муайян (и айёми ҳаҷ) Худоро ба он рӯзие, ки барояшон додааст, ёд кунанд...».**

Мардум ба ин нидои Иброҳим лаббайк гуфта, ҳар сол аз атрофи сарзамини Арабистон барои анҷоми маносики ҳаҷ ба он ҷо меомаданд.

## Мавҳумот ва хурофот ба ҷои ҳаҷ

Иброҳим ва Исмоил (ъ.ъ) пас аз бинои хонаи Каъба, ба вуҷуд омадани маркази маскунӣ дар биёбони сӯхта ва беобу гиёҳи Макка, фароҳам гардидани заминаҳои зиндагӣ дар он ҷо, таҳкими пояҳои худопарастӣ, тавҳид ва анҷоми беолоиши маносики ҳаҷ дар ҳаёти пайравони худ аз қабилаҳои дуру наздики он сарзамин ва хулоса, пас аз анҷоми рисолати илоҳии худ ҳар кадом дар мавқеи муайяне дунёро падруд гуфтанд.

Вале аз он ҷо ки то кунун ҳеҷ чизе, ба хусус ҷавҳари тамаддунҳои башарӣ аз он дергоҳи таърих ва матни эътиқодоти динӣ ва боварҳои имонии умматҳои пеш аз Ислом аз газанди рӯзгор маҳфуз ва безарар намондаанд, он ойини ноби яктопарастӣ низ аз газанди рӯзгор безарар ва маҳфуз намонд.

Тӯле накашид, ки он маносик ва ойини худопарастие, ки ба василаи Иброҳим ва Исмоил (ъъ) пояреэӣ шуда буд, бо муште аз хурофоту мавҳумот омехта шуд ва боз муддате нагузашта он хонаи соддаву беперояя, ки барои парастиши Худои беайб сохта шуда буд, ба бутхонаи бузурге табдил ёфт. Ҳамон маросими ҳаҷҷе, ки

ба унвони худопарастии пок анҷом мегирифт, ба олудагиҳое бо номи ҳаҷ мубаддал гардид. Дигар на ҳаҷҷи хонаи Худо, балки ҳаҷҷи бутхонае ба номи Каъба ба вуҷуд омад. Оҳиста-оҳиста бештар аз сесаду шаст бутро дар атрофи он гузоштанд.

## Таҳрифи маносики ҳаҷ

Яке аз бошукӯҳтарин рукни ҳаҷ ин пӯшидани либоси сафеди эҳром буд, то аз ин роҳ бандагони Худо барои башарият баробарии худро дар пешгоҳи Худованд ба намоиш гузоранд ва аз фахрфурӯшиҳои бепоя, бартариҷӯиҳои беҷо ва тафовутҳои табақотӣ, қабилавӣ ва нажодӣ, ки ҳама сохтаи мағзу андешаи султахоҳ ва бартариталаби инсон аст, худро канор гиранд. Дар он ҷо дигар либосу зиндагии фохир, сарвату ҷалол ва ҷабарути худро ба рӯи дигарон накашанд.

Вале пешвоёни ширку бутпарастӣ ва ходимони бутҳо, ки ба хотири таъмини манофеи моддӣ ва лаззатҷӯиҳои бебаркаши худ расму ойини хоссеро барои парастиши бутҳо гузошта буданд, дар назари мардум бараҳнаи модарзод ҳаҷ ва тавоф намуданро аз пӯшидани либоси сафед беҳтар ҷилва доданд. Онҳо мардумро ба гумроҳӣ кашида, эълом доштаанд, ки тамоми он мафҳумҳо ва арзишҳои волои инсоние, ки дар пӯшиши либоси сафеди эҳром ба намоиш дармеоянд, дар ҳолати бараҳнаи модарзод будан беҳтар таҷассум меёбанд.

Мардҳо рӯзона ва занҳо шабона, вале ҳама бараҳна, тавоф мекарданд. Ҳар кас ҳайкалчаҳои хурди бутҳои худро дар даст гирифта, ба даври хона мечархиданд. Яке ё Ҳубал, дигаре ё Лот ва саввумӣ ё Уззо[19] мегуфтанд ва бо тақдими назрҳо ва қурбониҳои хеш ба пешгоҳи бутҳои атрофи хона, ба унвони худоён ва ҳимояткунандагони қабилаҳои хеш, маросими ҳаҷҷи худро хотима медоданд.

---

[19] Ҳубал, Лот ва Уззо номҳои бузургтарин бутҳои даврони ҷоҳилият (пеш аз Ислом) мебошанд.

Бубинед! Хонае, ки дар он бояд садои ё Аллоҳ шунида шавад, номи чи чизҳое дар он ҷо баланд мешуд.

Аз замони ҳазрати Иброҳим ва Исмоил (ъъ) то замони Қурайш дар атрофи хонаи Худо ва дар шаҳри Макка чандин қабилаҳо ҷои худро ба дигаре иваз намуданд. Қабилаи Қурайш охирин қабилае буд, ки сокини он сарзамин гардида ва мавқеияти худро то давраи Ислом нигоҳ дошт. Ин қабила пардадорӣ ва посбонии хонаи Худо, меҳмондорӣ ва обдиҳии ҳоҷиён ва зоирони он ва ҳамчунин хазинадории даромадҳои расму ойини бутҳоро дар даст дошт. Бинобар ин, онҳо мавқеияти пешвоӣ ва диниро дар миёни дигар қабилаҳои он сарзамин касб карданд. Дар замони онҳо зиёда аз сесаду шаст бут дар атрофи Каъба гузошта шуда буд.

Онҳо бо бархӯрдорӣ аз он мавқеияти бартари меҳварӣ ва касби мақоми сарварии динӣ дар миёни тамоми сокинони онрӯзаи нимҷазираи Араб барои худ имтиёзҳои динӣ ва бартариятҳои қабилавиеро ба вуҷуд оварда буданд. Вақте ҳоҷиёни тамоми қабилаҳо дар мавсими ҳаҷ рӯзи нӯҳум аз Мино ба саҳрои Арафот мерафтанд, мардуми Қурайш ҳузури дар Арафотро ҳамроҳи дигар ҳоҷиён аз мақом ва ҷойгоҳи рафеи (баланди) худ поёнтар дониста, дар минтақаи Машъарулҳаром дар ҳудуди Муздалифа меистоданд.

Онҳо мегуфтанд: Мо ҳумс (ворисони ҳақиқии Иброҳим (ъ) ҳастем ва барои мо хориҷ шудан аз ҳудуди Ҳарам ҷоиз нест. Пеш аз ғуруби офтоби рӯзи нӯҳум, вақте мардум аз Арафа ба Муздалифа ва сипас ба Мино бармегаштанд, онҳо пеш аз ҳама ба он ҷо мерасиданд ва ҳамин тавр пеш аз дигарон ба Макка бармегаштанд.

Бинобар ин, вақте Паёмбар (с) рӯзи нӯҳум аз Мино ба тарафи Арафот ҳаракат намуд, қурайшиҳо гумон карданд, ки мисли гузаштаи худашон дар Машъарулҳаром таваққуф менамояд, вале он Ҳазрат (с) тамоми расму одатҳо ва имтиёзталабиҳои бемавриди он рӯзгорро зери по карда, рост ба Арафот омад ва эълон кард:

«قِفُوا فِي مَشاعِرِكُمْ فَإِنَّكُمْ عَلى إِرْثٍ مِنْ إِرثِ أَبِيكُمْ إِبراهِيم»

***«Бар маконҳои муқаддаси худ биистед, чун шумо бар яке аз меросҳои падаратон Иброҳим мебошед».***[20]

Яъне вуқуфи (истодани) дар Арафа ёдгори ҳазрати Иброҳим (ъ) аст. Вай ин ҷойро барои ин мақсад таъйин намудааст.

Худованд низ дар ин маврид тазаккур додааст:

ثُمَّ أَفِيضُواْ مِنۡ حَيۡثُ أَفَاضَ ٱلنَّاسُ...

**«(Дар баргашти аз Арафот) шумо низ аз он ҷое саро-зер шавед, ки мардум аз он ҷо ифоза (бозгашт) менамо-янд... ».[21]**

Идомаи ин мавзӯъро дар «Ислоҳоти ҳаҷ» ва бахш-ҳои дигар бештар бозгӯ хоҳем кард.

## Бинои хонаи Каъба

Каъба нахустин хонаи тавҳид ва бособиқатарин ибо-датгоҳе аст, ки дар рӯи замин вуҷуд дорад. Аз оятҳои Қуръон ва ривоятҳои суннат дар ин маврид бармеояд, ки пеш аз он ҳеҷ маркази дигаре барои ниёиш ва парастиши Парвардигор дар рӯи замин набудааст. Бинобар таъбири сареҳи Қуръон (3: 96) хонаи Каъба аввалин бор ба васи-лаи Иброҳим (ъ) ва фарзандаш Исмоил (ъ) бино шуда ва бинои он бар асоси ривоятҳои суннат чиҳил сол пештар аз бинои Масҷидулақсо дар Байтулмуқаддас будааст.[22]

Бар асоси баъзе ривоятҳо ва осори дигар, ки дар сиҳ-ҳат ва интибоқи маъно ба дараҷаи ривоятҳои боло наме-расанд, бино ва ё ҳадди ақал асосгузории он ба василаи фариштагон ва ё Одам (ъ) бо кӯмаки фариштагон сурат

---

[20] Сунани Абӯдовуд, 1919. Сунани Тирмизӣ, 883.

[21] Сураи Бақара, 2: 199.

[22] Ишора ба ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 3366, 3425 ва дар Са-ҳеҳи Муслим, 1161, 1162 (570)-1 аз Абӯзар (р) ривоят шудааст. Вай мегӯяд, пурсидам: ***«Эй Расули Худо, дар рӯи замин аввал кадом масҷид поягузорӣ шудааст? Фармуд: Масҷидулҳаром. Пурсидам: Пас аз он кадом? Фармуд: Масҷидулақсо. Гуфтам: Байни онҳо чӣ қадар буда? Фармуд: чиҳил сол...»***. Шореҳони ҳадис лафзи масҷидулҳаромро дар ин ҳадис ба маънои хонаи Каъба ва ҳарими он донистаанд.

гирифта ва сипас бар асари тӯфони Нӯҳ (ъ) осеб дид ва ба дасти ҳазрати Иброҳим (ъ) дубора бино гардид.

Ибни Аббос (р) мегӯяд: Нахустин касе, ки асоси хонаи Каъбаро бино ниҳод, дар он намоз гузорид ва ба он тавоф кард, ҳазрати Одам (ъ) буд, то он ки Худованд тӯфонро, ки хашми Худованд ва сабаби бадбахтӣ буд, фиристод. Чун тӯфон тамом шуд…, ҷойгоҳи хонаи Худо бар асари тӯфон осеб дид. Пас аз он Худованди мутаъол Иброҳим (ъ) ва Исмоил (ъ)-ро барангехт ва он ду пояҳо ва нишонаҳои Каъбаро барафроштанд ва муддатҳо пас аз он Қурайшиҳо онро сохтанд.[23]

Ба ҳар сурат аз фармудаи Қуръон дар ояти 37 сураи Иброҳим бармеояд, ки Ҳарами маккӣ пеш аз замони Иброҳим (ъ) низ вуҷуд дошта ва худи он ҳазрат дар дуъояш ҳангоми искони ҳамсар ва фарзандаш – Ҳоҷар ва Исмоил дар он сарзамин, ки хеле қабл аз бинои Каъба буда, мефармояд:

رَّبَّنَآ إِنِّيٓ أَسۡكَنتُ مِن ذُرِّيَّتِي بِوَادٍ غَيۡرِ ذِي زَرۡعٍ عِندَ بَيۡتِكَ ٱلۡمُحَرَّمِ...

**«Парвардигоро! Яке аз фарзандонамро дар ин сарзамини хушк ва беҳосил дар канори хонае, ки ҳарами Ту аст, сукунат додам…».[24]**

Бинобар фармудаи ин оят замоне ҳазрати Иброҳим (ъ) нахустин бор ҳамроҳи ҳамсар ва фарзандаш ба сарзамини Макка омад, асар ва нишонае аз хонаи Каъба дар он ҷо вуҷуд дошта ва дар ривоятҳои суннат омадааст, ки ҷои хонаи Каъба пеш аз бинои Иброҳим (ъ) шакли теппа ва баландиеро доштааст.[25]

---

[23] Азрақӣ, Абӯлвалид Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, Ахбори Макка. – С. 30, тарҷимаи доктор Маҳмуд Маҳдавии Домғонӣ.

Азрақӣ, Абӯлвалид Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, Ахбору Макка (таҳқиқи Алӣ Умар). – Ҷ. 1. – С. 14. – Қоҳира, 2003. Ривояти Ибни Аббос ба сабаби вуҷуди Талҳа ибни Амри Ҳазрамӣ дар санадаш заъиф аст, зеро вай аз назари муҳаддисон матрукулҳадис аст.

[24] Сураи Иброҳим, 14: 37.

[25] Ишора ба ривояте аст, ки дар ин бора аз Ибни Аббос (р) (Саҳеҳи Бухорӣ, 3364) нақл шудааст. Дар он аз ҷумла омадааст: ***«Вақте фаришта (Ҷабраил) оби Замзамро берун овард, ба модари Исмоил***

Аз он ҷо ки таърихи зиндагонии Иброҳим (ъ) ва фарзандаш Исмоил (ъ) ба таври дақиқ маълум нест, дар бораи таърихи пайдоиши шаҳри Макка ва ҳамин тавр бинои иброҳимии хонаи Каъба низ ба таври аниқ чизе гуфта намешавад, вале ба гуфтаи тақрибии аксари муаррихон ҳудуди чаҳор ҳазор (4 000) ва ба гуфтаи Маҳмуд Шокир ҳудуди 5 000 сол аз бинои он мегузарад.[26]

Дар мавриди таъйини замони бинои хонаи Каъба ва ин ки аввалин бор ба дасти кӣ бино шуда, дар байни аҳли илм ду нуқтаи назар вуҷуд дорад, вале ин масъала мавриди иттифоқи назари ҳамаи муфассирон аст, ки хонаи Каъба нахустин ибодатгоҳе мебошад, ки барои ибодат ва парастиши Худованд сохта шудааст.

إِنَّ أَوَّلَ بَيْتٍ وُضِعَ لِلنَّاسِ لَلَّذِى بِبَكَّةَ مُبَارَكًا وَهُدًى لِّلْعَـٰلَمِينَ ﴿٩٦﴾

فِيهِ ءَايَـٰتٌۢ بَيِّنَـٰتٌ مَّقَامُ إِبْرَٰهِيمَ ۖ وَمَن دَخَلَهُۥ كَانَ ءَامِنًا ۗ ...

**«Нахустин хонае, ки (ба мақсади ибодати Худованд) барои мардум бино ёфтааст, ҳамон (хона)-ест, ки дар Макка аст. (Он) пурбаракат ва мояи ҳидояти ҷаҳониён аст. Дар он нишонаҳои равшане вуҷуд дорад. Аз ҷумла, мақоми Иброҳим ва ҳар кас дохили он шавад, дар амн хоҳад буд».[27]**

Хонаи Каъба дар бинои иброҳимӣ дарозрӯя, бесақф ва ба сурати сангдеворе бе ҳеҷ гуна сириштаи гил ва ё

---

***(Ҳоҷар) гуфт: Аз зоеъ шудан биме надошта бошед, зеро ин ҷо*** (ва бо дасташ ба сӯи баландие, ки дар он наздикӣ буд, ишора кард) ***хонаи Худост, ки ин кӯдак ва падараш онро бино мекунанд ва ҷои Хона замини баланде ба мисли теппа буд»***. Дар қисмати дигараш омадааст: ***«Иброҳим (дар яке аз сафарҳояш ба Макка) ба Исмоил гуфт: Худо ба ман амр кардааст, ки дар ин ҷо ва бо дасташ ба теппа ва баландие, ки дар он наздикӣ буд, ишора кард, хонае бино кунам...»***.

[26] Баъзе муаррихон таваллуди Исмоил (ъ)-ро тахминан соли 1910 қ. м. ва ё каме пештар аз он донистаанд, вале Маҳмуд Шокир онро ҳудуди солҳои 3000 қ. м. донистааст (Муҳйиддин Аҳмад Имом, Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ, ба нақл аз Аттаърих-л-исломӣ (Маҳмуд Шокир. – С. 90-95).

[27] Сураи Оли Имрон, 3: 96, 97.

таркиби часпандаи дигар ба иртифои 9 зироъ=ҳудуди 4,-32 см буда, дарозии он аз шарқ 32 ва аз ғарб 31 зироъ ва паҳнояш аз шимол 22 ва аз ҷануб 21 зироъ будааст.[28] Дар шарқу ғарби Хона ду дари ҳамсаҳти замин ва дар дохилаш ҳуфрае ба умқи се зироъ барои нигаҳдории ашёи ҳадяшуда ба Каъба вуҷуд дошт. Дар шимоли он аз берун ҳиёти чӯбине низ барои гӯсфандони Исмоил (ъ) вуҷуд дошт, ки дар таърих ба Ҳиҷри Исмоил маъруф аст ва он имрӯз дар охири ҳалқаи девори Ҳатим шомил аст.

Пас аз сукунати Исмоил (ъ) ва модараш Ҳоҷар дар сарзамини бе обу алафи Макка ва хуруҷи оби Замзам қабоили гуногуне барои касби ифтихори ҳамҷаворӣ бо хонаи Худо дар атрофи он сокин гашта ва пас аз муддатҳо бо сабабҳои мухталифе аз он ҷало шудаанд. Ва дар ниҳоят ҳудуди солҳои 420 м. – 190 сол қабл аз беъсати Расули Худо (с) қабилаи Қурайш пас аз ҷалои бозмондаҳои Хузоъа сокини сарзамини муборак ва ҳарами Макка гардид. Мардум дар ибтидо ба эҳтироми хонаи Каъба фазои атрофи онро боз гузошта дар дарраҳо ва доманаи кӯҳҳо зиндагӣ мекарданд, то он ки Қусай ибни Килоб – яке аз аввалин сарони қабилаи Қурайш қавми худро дар атрофи Хона искон дод ва масоҳати нисбатан хурдеро барои тавоф перомуни он холӣ гузошт ва ҳам ӯ аввалин касест, ки сақфи Каъбаро пӯшонд.

---

[28] Дар бораи масоҳат ва эътибори тӯлу арзи хона Каъба дар шарҳҳои ҳадис ва китобҳои таърихи Макка осор ва ривоятҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки аз гуфтаҳои матн каме фарқ мекунанд. Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ (Ҷ. 4. – С. 487) ба нақл аз Ахбори Маккаи Азрақӣ ривоятеро овардааст, ки дар он баландии Хонаи Каъба пеш аз бинои Қурайш бисту ҳафт зироъ гуфта шудааст ва чун нафақаи поки Қурайш барои итмоми он бар бинои қаблӣ кифоя накард, бар ҳаждаҳ зироъ (ва ба ривояте аз Абдурраззоқ бист зироъ)-и он иктифо карданд ва аз бараш низ чанд зироъе кам карда ба Ҳиҷр даровroutes. Дар бинои Ибни Зубайр (р) нӯҳ ва ё даҳ зироъ дар иртифоъ ва чанд зироъе дар арзаш ба он афзуда шудааст (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 4. – С. 486-493). Агар ривояти Азрақӣ саҳеҳ бошад, пас дар ягон давраи дигаре пас аз замони Ироим (ъ) баландии он ба бисту ҳафт зироъ расонида шудааст. Зеро дар баъзе таърихҳо омадааст, ки хонаи Каъба пеш аз бинои Қурайш ду бори дигар бозсозӣ ва таъмир шудааст.

Хонаи Каъба дар замони ҷоҳилият – пеш аз Ислом бар асари оташсӯзӣ ва пас он селҳо осеб дид ва баъзе деворҳояш фурӯ рехтанд. Қурайш бо тахсиси буҷае аз молҳои ҳалоли хеш, ки дар он маҳри бағӣ (даромадҳое аз роҳи танфурӯшии занон), музди коҳин (аз роҳи фолбинӣ) ва даромади аз рибо набошад, Ҳудудан панҷ сол қабл аз беъсати Паёмбари Ислом (с) – соли 605 м. ба бинои он пардохт. Расули Худо (с), ки дар он замон 35 сол дошт, ҳамроҳи Аббос ва дигар амаконаш дар он ширкат варзид ва пас аз анҷоми кор барои ҳалли ихтилофи шохаҳои Қурайш дар гузоштани Ҳаҷаруласвад дар ҷояш ҳакам таъйин гардид.

Нафақаи пок ва буҷаи ҳалоли Қурайш барои такмили Хона бар асоси бинои иброҳимӣ кифоят накард ва миқдоре аз масоҳати он – ба андозаи шаш зироъ ва ё шаш зироъу як ваҷаб аз девори Каъба берун монд ва барои таъйини ҳудуди Хона перомуни он девори нимдоирае пасттар аз қомат бардоштанд. Онҳо иртифои Хонаро ба 18 зироъ=8,64 см расониданд, дар дохили Хона шаш сутун насб карданд ва танҳо дари шарқиро боқӣ гузошта ва барои монеъ шудан аз духули одамони одӣ остонаи онро аз замин баланд сохтанд.

Дар замони Ислом пас аз фатҳи Макка соли 8 ҳ./-629 м. Расули Худо (с) ба модарамон Оиша (р) гуфт: «Агар наваҳдии қавмат ба куфр намебуд, Хонаро канда бар асоси бинои Иброҳим (р) бино мекардам, дар он аз шарқу ғарб ду дар боз ва онҳоро ба замин ҳамсатҳ мекардам ва шаш зироъ аз Ҳиҷрро ба он ҳамроҳ месохтам»,[29] вале Каъба бар асоси бинои Қурайш ҳамчунон боқӣ монд, то он ки Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) соли 64 ҳ./683 м. ба хилофат расид ва Хонаро аз нав бар асоси бинои иброҳимӣ бо ҳамон васфе, ки Расули Худо (с) гуфта буд, бино кард,[30] аз шарқу ғарби он ду дар боз

---

[29] Ишора бо ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 126, 1583-86, 3368 ва дар Саҳеҳи Муслим, 3227-36 (1333)-398-406 ва дигар китобҳои ҳадис аз роҳҳои гуногун ривоят шудааст.

[30] Ибни Зубайр (р) пас аз кандани Каъба асос ва тарҳи бинои Иброҳим (ъ)-ро дар зери замини он ва қисмате аз Ҳиҷр пайдо намуд,

кард, аз Ҳиҷр ба андозаи шаш зироъ ва ё каме бештар ба он ҳамроҳ намуд ва дар дохил се сутун гузошт, вале ҳуфраи дохилро боқӣ нагузошт, балки дар гӯшае аз саҳни Ҳарам барои нигаҳдории ашёи Каъба ҷои махсусе бино кард. Вай бар иртифои Хона низ нӯҳ ва ё даҳ зироъ афзуд ва баландиашро ба 27 зироъ=12,95 см расонд.[31]

Расули Худо (с) дар тавоф танҳо ду рукни Хона – рукни ямонӣ ва рукни Ҳаҷаруласвадро истилом мекард. Абдуллоҳ ибни Умар (р) мегӯяд: Агар Оиша (р) онро аз Паёмбар (с) шунида бошад, пас барои ҳамин – кӯтоҳ ва нотамом будани Хона аз бинои иброҳимӣ он Ҳазрат (с) рукнҳои тарафи Ҳиҷр – ду рукни шомиро истилом намекард.[32] Гӯянд: Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) пас аз таҷдиди бинои Каъба бар асоси бинои иброҳимӣ пас аз ҳар намозе тавоф ва чаҳор рукни Хонаро истилом мекард[33] ва мардум ҳам то замони бақои он бино онҳоро истилом мекарданд. Ҳатто соле, ки бар асари боронҳои паёпай саҳни Ҳарам то нисфи девори Каъба ба зери об фурӯ рафт ва ба ҳавзе табдил шуд, Абдуллоҳ (р) пас аз адои ҳар намозе дар беруни Ҳарам шинокунон ба гирди Хона тавоф ва чаҳор рукни онро истилом мекард.[34]

---

ки ба мисли куфи шутурон буданд ва онро ба аҳли илму раъй (аҳли адолат) аз мардуми Макка нишон дод, он гоҳ Хонаро бар он бино кард (Саҳеҳи Бухорӣ, 1586; Саҳеҳи Муслим, 3232 (1333)-402).

Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ ба нақл аз Абдурраззоқ, Фокиҳӣ ва дигарон овардааст, ки сахраҳои пойдевори Хона ба мисли гардани шутурон ба ҳам тобида буданд ва дар ривояте аз Ато рагаҳо ва асли онҳо ба камари сахраҳои Марва пайваста буданд, ки вақте бо зоғнӯл ба ҷое аз онҳо зада мешуд, дигар рукнҳои Хона низ меларзиданд (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 4. – С. 493).

[31] Умдатулқорӣ шарҳу Саҳеҳи-л-Бухорӣ. – Ҷ. 9. – С. 313, ба нақл аз Ахбору Макка (таҳқиқи Алӣ Умар).

[32] Саҳеҳи Бухорӣ, 1583, 3368; Саҳеҳи Муслим, 3229 (1333)-399.

[33] Саҳеҳи Бухорӣ, 1608. Дар Саҳеҳи Бухорӣ асли ривоят омадааст, ки Ибни Зубайр (р) пас аз бинои Каъба бар асоси бинои Иброҳим (ъ) чаҳор рукни онро истилом мекард.

[34] Азрақӣ, Абӯлвалид Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, Ахбору Макка (таҳқиқи Алӣ Умар). – Ҷ. 1. – С. 19. – Қоҳира, 2003; Абулбақо Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Зиёи Маккӣ, Таъриху Мakkата-л-мушаррафати ва-л-Масҷидилҳароми ва-л-Мадинати-л-мунавварати вал-

Пас аз шикаст ва ба шаҳодат расидани Абдуллоҳ (р) дар соли 73 ҳ./692 м. Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф бо супориши халифаи умавӣ Абдулмалик ибни Марвон соли 74 ҳ. хонаи Каъбаро вайрон ва дубора бар асоси бинои Қурайш бино кард. Ин навбат таҷдиди комил сурат нагирифт, балки Ҳаҷҷоҷ танҳо девори шимолӣ – байни рукнҳои шомиро канда ҷои Ҳатимро аз Хона берун кард, вале аз иртифои он чизе накост. Пас аз он дигар ҳеҷ тағйире дар хонаи Каъба дароварда нашуд ва он то имрӯз бо ҳамон сохти Ҳаҷҷоҷ бар асоси бинои Қурайш боқӣ мондааст. Вале деворҳои он борҳо дар тӯли таърих бар асари офатҳои табиӣ осеб дида ва ҳар бор бо эҳтимоми зиёди мусалмонон таъмир ва бозсозӣ шудааст, ки бо сайри сарее муҳимтарин мақтаъҳои таърихии онро зикр мекунем:

1. Соли 559 ҳ./1163 м. рукни ямонӣ пас аз суст шудани таҳдоби он дар замони халифаи аббосӣ Мустанҷид таҳким карда шуд.

2. Соли 1019 ҳ./1610 м. султон Аҳмади Усмонӣ барои тақвияти девори шимолӣ, ки дар он тарқише ба вуҷуд омада буд, ба сохтани камари мисине давро-даври Хона амр кард ва онро бо тиллои ноб пӯшонд.

3. Соли 1039 ҳ./1630 м. бар асари боришоти паёпай ва селҳои сахт саҳни Ҳарам ба муддати шаш моҳ зери об монд ва деворҳои Хона кафиданд. Дар ин офат ба ҷуз рукни Ҳаҷаруласвад рукнҳо –деворҳои дигари Каъба ва пеш аз ҳама девори шимолии он, ки соли 74 ҳ./693 м. ба василаи Ҳаҷҷоҷ бино шуда буд, фурӯ рехт. Султон Муроди Усмонӣ ба таъмир ва бозсозии комили он пардохт ва дари бузурге барояш фиристод. Дар натиҷаи ин офати табиӣ Ҳаҷаруласвад чаҳор пора гардид ва ҳам ӯ ба пайванд ва таҳкими он амр кард.

4. Соли 1274 ҳ./1858 м. султон Абдулмаҷиди Усмонӣ мизоб (новадон)-и паҳне, ки аз панҷоҳ ратл (22 кг) тиллои холис сохта шуда буд, ба хонаи Каъба эҳдо кард, ки он то имрӯз дар боми Хона аз тарафи Ҳатим боқист.

---

қабри-ш-шариф. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; Муҳаммад ибни Исҳоқи Фокиҳӣ, Ахбору Макката фӣ қадими-д-даҳри ва ҳадисии. – Бейрут, 1414 ҳ.

5. Соли 1331 ҳ./1912 м. султон Муҳаммади Панҷум Ҳаҷаруласвадро бо тавқи нуқрагин печид.[35]

Аз он ҷо ки муқоиса ва баргардони ҳаҷми зироъ – воҳиди ченаки дарозӣ дар гузашта бо ченаки роиҷи имрӯза – сантиметр ба таври дақиқ мавриди иттифоқи ҳама қарор нагирифтааст, дар баргардони абъоди хонаи Каъба дар байни муаррихон тафовути чанд сантиметрие мушоҳида мешавад.

Дар сурати 48 см эътибор кардани зироъ дарозии хонаи Каъба дар бинои иброҳимӣ аз рукни Ҳаҷаруласвад то рукни ироқӣ 32 зироъ – камтар аз 16 метр, аз рукни ямонӣ то рукни шомӣ 31 зироъ – каме бештар аз 15 метр ва бараш аз рукни Ҳаҷаруласвад то рукни ямонӣ 22 зироъ – камтар аз 11 метр ва аз рукни ироқӣ то рукни шомӣ 21 зироъ – бештар аз 10 метр будааст. Дар бинои Қурайш, ки имрӯз низ бар он аст, бар асоси маҷмӯи аҳодиси воридшуда дар ин боб бештар аз шаш зироъ – ба андозаи се метру чанд сантиметр аз он хориҷ карда шудааст.

Тибқи гузориши Маркази пажӯҳишҳои ҳаҷ дар донишгоҳи Уммулқурои Макка дар ин бора имрӯз хонаи Каъба аз рукни Ҳаҷаруласвад то кунҷи девори ироқӣ – қабл аз саршавии Ҳатим 11,68 см (бо шодурвон 12,85 см), аз рукни ямонӣ то кунҷи девори шомӣ 12,04 см (бо шодурвон 12,28 см) ва бараш аз рукни Ҳаҷаруласвад то рукни ямонӣ 10,18 (бо шодурвон 11,52 см) ва аз кунҷи девори ироқӣ то кунҷи девори шомӣ 9,90 см (бо шодурвон 11,28 см) аст.

Баландии он дар бинои иброҳимӣ 9 зироъ – 4,32 см, дар бинои Қурайш 18 зироъ – 8,64 см ва дар бинои Иб-

---

[35] Убайдуллоҳ Муҳаммадамини Курдӣ, Алкаъбату-л-муаззамату валҳарамони-ш-шарифони иморатан ва таърихан. – Мадинаи мунаввара, 1419; Муҳйиддин Аҳмад Имом, Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; Абдуллоҳ Солим Наҷиб, Таъриху-л-масоҷиди-л-шаҳира. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; Абулбақо Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Зиёи Маккӣ, Таъриху Макката-л-мушаррафати ва-л-Масҷидилҳароми ва-л-Мадинати-л-мунавварати валқабри-ш-шариф. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

ни Зубайр (р) 27 зироъ – 12,95 см будааст. Масоҳати дохили он бе деворҳо аз рукни Ҳаҷаруласвад то кунҷи ироқӣ 9,89 см, аз рукни ямонӣ то кунҷи шомӣ 10,15 см ва бараш аз рукни Ҳаҷаруласвад то рукни ямонӣ 8,24 см ва аз кунҷи ироқӣ то кунҷи шомӣ 8 метр аст.

Кушодагии байни рукни ироқӣ ва девори Ҳатим 2,29 см ва кушодагии байни рукни шомӣ ва девори Ҳатим 2,23 см ва дарози масофаи байни девори шимолии Каъба то девори Ҳатим 8,16 см аст, ки 3,16 см-и он аз Хона ва 5 метраш аз Ҳиҷри Исмоил (ъ) ба шумор меравад.[36]

Аз он ҷо ки тӯлу арз ва баландии хонаи Каъба аз ҳам тафовути чандоне надоранд, он дар назари бинанда мукаъъаб – чаҳоркунча менамояд ва онро ба ҳамин хотир Каъба номидаанд. Аҷибтар он ки самтҳои он тақрибан ба таври комил – бо тафовути андаке дар мувозоти самтҳои ҷуғрофии замин – шарқу ғарб ва шимолу ҷануб ҷойгир шудаанд.

## Масҷидулҳаром ва дигар осори динии мавҷуд дар Ҳарами маккӣ

**1.** Ҳарами Каъба – он ҷое, ки имрӯз бинои Масҷидулҳаром дар он воқеъ шудааст, дар замони Расули Худо (с) саҳни кушода ва фазои бозе буда, ки ба хонаҳои сокинони атроф мунтаҳӣ мегашт ва гирдогирди онро ҳеҷ гуна девор ва ё ҳиёте аз берун ҷудо намекард. Бо густариши сареи ислом ва ҳамроҳ шудани миллатҳои тоза ба уммати ислом шумораи ҳаҷгузорон низ сол ба сол афзоиш меёфт. Соли 17 пас аз ҳиҷрат (638 м.) халифаи дуюм – Умар (р) бо назардошти ин раванди таърихӣ ва афзоиши ҳаҷми гунҷоиши Ҳарам тарҳи аввалин тавсиа дар таърихи ҳарими Каъбаро ба мавриди иҷро гузошт.

[36] Убайдуллоҳ Муҳаммадамини Курдӣ, Алкаъбату-л-муаззама вал-ҳарамони-ш-шарифони иморатан ва таърихан. – С. 104. – Мадинаи мунаввара, 1419 ҳ.; Доктор Шавқӣ Абӯхалил, Атласу-с-сирати-н-набавийя. – С. 259. – Димишқ, 2003.

Он сол бар асари боришоти сахт сели бузурге бо номи Умминашҳал ҳарами Маккаро фаро гирифт ва Мақоми Иброҳим (ъ)-ро ба поёни шаҳри Макка бурда партофт. Умар (р) Мақомро ба ҷои аввалааш баргардонд ва ҳавлиҳои атрофи ҳарамро харидорӣ ва пас аз вайрон намудани иморатҳо онҳоро ба саҳни Масҷид ҳамроҳ кард. Ба гирди он девори пасте бардошт, дарҳое дар он насб кард ва дар болояш барои рӯшноии шабонаи саҳни Ҳарам чароғҳо гузошт.

Вай ҳамчунин дар пеши селроҳа садди бузурге бино кард ва маҷрои онро ба сӯи водии Иброҳим тағйир дод.

**2.** Дар замони халифаи сеюм саҳни Масҷид аз гунҷоиши намозгузорон ва тавофкунандагон, ба хусус дар мавсими ҳаҷ, танг омад ва Усмон (р) соли 27 ҳ./647 м. ба тавсиаи муҷаддади он пардохт. Вай ҳавлиҳои атрофро харидорӣ ва пас аз вайрон кардани биноҳо онҳоро ба саҳни Масҷид ҳамроҳ намуд ва Масҷидро аз нав бо равоқҳои сақфдор бино кард.

**3.** Соли 66 ҳ./686 м. аз сӯи халифа Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) тавсиаи сеюми Масҷид сурат гирифт. Вай соли 64 ҳ./684 м. бинои хонаи Каъбаро низ аз нав сохта буд, ки дар таърих ба бинои Ибни Зубайр (р) маъруф аст.

**4.** Соли 91 ҳ./710 м. халифаи умавӣ Валид ибни Абдулмалик ба тавсиаи чоруми Масҷид иқдом кард ва қисматҳоеро ба он афзуд, равоқҳоро бо чӯби соҷи музайян пӯшонд ва барои аввалин бор дар он сутунҳои рухомӣ (мармарӣ)-ро ба кор бурд.

**5.** Соли 139 ҳ./756 м. халифаи аббосӣ Абуҷаъфари Мансур ба тавсиаи панҷуми он пардохт ва масоҳати васееро ба он афзуд.

**6.** Соли 160 ҳ./777 м. халифа Маҳдии Аббосӣ дар аснои баргузории фаризаи ҳаҷ тангии саҳни Масҷидро аз гунҷоиши намозгузорон ва тавофкунандагон мушоҳида ва ба тавсиаи он аз тарафи шарқ ва шимол амр кард. Соли 164 ҳ./780 м. халифа Маҳдӣ барои адои фаризаи ҳаҷ боз ба Макка рафт ва бо мушоҳида наздикии хонаи Каъба ба ҷануби Масҷид ба тавсиаи он аз ҷануб амр кард, то хонаи Каъба дар миёнаи саҳни Масҷид бошад.

Маҳдӣ соли 167 ҳ./783 м. ба тавсиаи дуюми Масҷид иқдом кард, ки бузургтарин тавсиаи Масҷид то он замон ба шумор мерафт ва масоҳати афзудаи ӯ 12512 $м^2$-ро ташкил медод. Бинои онро пас аз вай писараш Ҳодӣ ба итмом расонд. Ҳазинаи умумии он 4 578 750 динорро ташкил додааст.

**7.** Қисмате аз Доруннадва – бинои анҷумани Қурайш дар тавсиаҳои қаблӣ ба Масҷид ҳамроҳ карда шуда ва соли 284 ҳ./897 м. халифа Муътазиди Аббосӣ ба ҳамроҳ намудани боқимондаи он ба Масҷид амр кард ва ин тавсиа ба боби Зиёда маъруф аст.

**8.** Соли 306 ҳ./919 м. қисмати дигари Доруннадва ба Масҷид ҳамроҳ карда шуд, ки ба боби Иброҳим маъруф аст ва бо ҳамин тавсиаи Масҷид дар гузашта ба охирин ҳадди худ расид. Пас аз он Масҷид ба муддати наздик ба 600 сол ба ҳамон ҳол боқӣ монд ва ҷуз бозсозӣ ва таъмироти ҷузъӣ дар он тавсиаи дигаре сурат нагирифт.

Соли 803 ҳ./1399 м. дар Масҷидулҳаром аз дари Вадоъ то дари Иброҳим оташсӯзие ба вуқуъ омад, ки бар асари он равоқҳои он қисмати Масҷид фурӯ рехтанд ва аз нав бозсозӣ шуданд.

**9.** Соли 976 ҳ./1568 м. баъзе тарқишҳо ва осебҳо дар бинои Масҷид ба вуҷуд омад ва султон Салим халифаи усмонӣ 979-980 ҳ./1571-1572 м. ба тавсиа ва таъмири комили бинои Масҷид амр кард. Султон Салим соли 980 ҳ./1572 м. қабл аз такмили он вафот кард ва писараш султон Мурод бинои онро соли 984 ҳ./1576 м. ба итмом расонд. Он ба бинои салимӣ, муродӣ ва ё усмонӣ маъруф аст ва аз тарафи дохил то имрӯз ҳифз шудааст.

Сақфи Масҷид дар бинои салимӣ бори аввал ба ҷои равоқҳои ҷӯбин бо 152 қубба пӯшонида шуд ва масоҳати саҳни он ба 28003 $м^2$ расид.

**10.** Соли 1373 ҳ./1952 м. малик Суъуд ибни Абдулазиз тарҳи тавсиаи Масҷидулҳаромро рӯи даст гирифт ва марҳалаи аввали онро соли 1375 ҳ./1955 м. ба итмом расонд. Марҳалаҳои баъдии он ба дасти фарзандонаш малик Файсал ва Холид аз соли 1384 ҳ./1963 м. оғоз ва

соли 1398 ҳ./1978 м. ба поён расиданд. Ба тамоми ин марҳалаҳо тавсиаи аввали суъудӣ гуфта мешавад.

**11.** Тавсиаи Ходими Ҳарамайн малик Фаҳд, ки ба тавсиаи дуюми суъудӣ машҳур аст, охирин ва бузургтарин тарҳе буда, ки соли 1409 ҳ./1988 м. оғоз ва пас аз чанд сол бо меъмории нодир ва пешрафтатарин имконоти умронӣ ба итмом расид.

### Оби Замзам

Бар асоси ривоятҳои саҳеҳ оби Замзам бори аввал пас аз сукунати Исмоил (ъ) ва модараш Ҳоҷар дар Ҳарами Макка бо зарбаи по ва ё боли Ҷабраил (ъ) ба вуҷуд омад. Ривоят шуда, ки вақте оби Ҳоҷар тамом шуд ва тифлашро дид, ки аз ташнагӣ мепечад ва ду пояшро ба замин мезанад, дар талаби об ба кӯҳи Сафо, ки наздиктар буд, баромад ва ба ҳар тараф нигоҳ кард ва чун чизе надид, ба сӯи кӯҳи Марва шитофт, вале дар он ҷо низ чизе пайдо накард. Вай ҳамчунон дар байни он ду кӯҳ саъй мекард, то он ки пас аз ҳафт бор[37] садое шунид. Гуфт: Агар дар ту хайре бошад, ба фарёдамон бирас! Дар мавзеи Замзам фаришта (Ҷабраил)-ро дид, ки бо пушти пояш ва ё бо шоҳпараш ба замин зад ва об берун омад, он гоҳ ба Ҳоҷар гуфт: Аз зоеъ шудан биме надошта бошед, зеро ин ҷо (ва бо досташ ба сӯи баландие, ки дар он наздикӣ буд, ишора кард) хонаи Худост, ки ин кӯдак ва падараш онро бино мекунанд ва ҷои Хона замини баланде ба мисли теппа буд!.

Модари Исмоил атрофи обро ҳавз мекард ва намегузошт равон шавад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Худо модари Исмоилро раҳмат кунад, агар онро мегузошт, (имрӯз) чашмаи равоне буд»***.[38] Ибни Ҳаҷар ба нақл аз Ибни Ҳишом, Фокиҳӣ ва дигарон овардааст, ки барои

---

[37] Паёмбар (с) фармуд: ***«Ин аст (сababи) саъйи мардум дар байни Сафо ва Марва»***.

[38] Саҳеҳи Бухорӣ, 3364.

ҳамин – ҳавз кардани оби он ё барои фаровонии обаш ва ё барои ҳазмаи (зарба)-и Ҷабраил (ъ) он Замзам номида шудааст.[39]

Пас аз муддатҳо дар замони қабоили баъдӣ бар асари омилҳои ҷуғрофӣ ва ё бо сабабҳои дигаре ҷои он матмур (зери хок) ва обаш нопайдо гашт, то он ки дар замони бобокалони Расули Худо (с) Абдулмутталиб ба хобаш даромад ва ҷои он ба вай нишон дода шуд ва бори дигар ба василаи ӯ ҳафр шуд ва мавриди истифода қарор гирифт.[40]

Ҳудуди панҷ ҳазор сол аст, ки оби Замзам аз миёни қабатсангҳои вулкании ғафс ва тағйирёфта ҷӯш мезанад.[41] Дар аснои ҳафри тунелҳое, ки тайи чанд соли ахир дар шаҳри Макка роҳандозӣ шуда, тарқишҳо ва рагаҳои обгузари борике дар таркиби сахраҳо ва кӯҳҳои он мушоҳида шуда, ки аз тамоми атроф дар онҳо ба сӯи Ҳарам ва чоҳи Замзам об меояд.

Умқи чоҳи Замзам аз зери санҳи тавофгоҳ 30 м ва умқи чашмаҳои таъминкунандаи он ба об (ҳавзаҳои обиаш) 12,80 см аст, ки атрофи он то ин ҷо сохта шудааст ва аз чашмаҳо то қаъри чоҳ 17, 20 см дигар аст, ки дар қалби сахраҳо ба шакли кандашуда вуҷуд дорад ва умқи сатҳи об аз даҳони чоҳ 4 м аст. Он дар фосилаи 21 м аз рукни Ҳаҷаруласвад воқеъ шуда ва бо се манбаи бузурги обӣ – сарчашмаҳо, ки яке аз самти Каъба – Мақом ва Ҳиҷр ва дуи дигар дар як даҳона аз шимол аз самти мин-

---

[39] Фатҳулборӣ. – Ҷ. 4. – С. 569.

[40] Фокиҳӣ, Ахбору Макката фӣ қадими-д-даҳри ва ҳадисии. – Ҷ. 2. – С. 11-18.

[41] Муҳйиддин Аҳмад Имом, Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ, ба нақл аз китоби Фазлу мои Замзам (Соид Бекдош. – С. 50-53).

Дар «Энсиклопедияи аср» ва ё фарҳанги «Лорус»(С. 494) ҳиҷрати Иброҳим (ъ) ва мӯъминони ҳамроҳашро аз билоди Байнаннаҳрайн (Ироқ) ба диёри Канъон дар сарзамини Шом ҳудуди солҳои 1800 қ. м. донистаанд. Пас бар ин асос бурдани Иброҳим (ъ) ҳамсар ва фарзандаш Ҳоҷар ва Исмоилро ба сарзамини Макка ва ҳамин тавр пайдо шудани оби Замзам дар он ҷо ба солҳои пас аз 1800 қ. м. рост меояд. Вале ҳамаи ин рақамҳо тахминӣ ҳастанд. (Тафсири навини Қуръони карим, навиштаи худи муаллиф. – С. 635-36).

тақаи Аҷёд ва 21 чашмаи хурдтар, ки аз самти кӯҳҳои Абӯқубайс, Сафо ва Марва меоянд, таъмин мешавад.[42]

Болои чоҳи Замзам аз соли 1074 ҳ./1663 м. бо бино ва қуббае пӯшонида шуда буд, ки ба байтушшароб маъруф буда, кормандони сиқоят аз он ҷо ба мардуми ҳаҷгузор об медоданд. Ин бино то қабл аз марҳалаи дуюми тавсиаи аввали суъудӣ вуҷуд дошт ва барои баланд кардани садои муаззин (мукаббирия) ба кор мерафт – аз болои он азон гуфта мешуд.

## Фазоили хонаи Каъба ва Ҳарами Макка

Дар ду ояти 96-97 сураи Оли Имрон барои хонаи Каъба илова бар имтиёзи «нахустин парастишгоҳ будан» боз чаҳор имтиёзи дигар зикр шудааст:

**1 - Муборакан:**

Ба маънои пурбаракат, файзбор ва пурфоида аст. Каъба аз он ҷиҳат муборак аст, ки ҳам аз назари маънавӣ ва ҳам аз назари моддӣ дар яке аз пурбаракаттарин сарзаминҳои ҷаҳон воқеъ шудааст.

Баракоти маънавии ин сарзамин, ҷозибаҳои илоҳӣ ва таҳарруку ҷунбиш ва ваҳдате, ки дар партави он дар маросими ҳаҷ ба вуҷуд меояд, бар касе пӯшида нест. Аз лиҳози моддӣ низ Макка яке аз шаҳрҳои муҳимми тиҷоратии ҷаҳон ба шумор меравад.

**2 - Ҳудан лилоламин:**

Каъба мояи (асоси) ҳидояти ҷаҳониён аст. Мардум аз нуқтаҳои дуру наздики дунё ба ин ибодатгоҳи бузург меоянд ва дар маросими бошукӯҳи ҳаҷ ширкат меварзанд. Ҷозибаи маънавии ин сарзамин ва ин хонаи муқаддас чунон аст, ки ҳамаро беихтиёр таҳти таъсири худ қарор медиҳад.

**3 - Фиҳи оётун байййинотун мақому Иброҳим:**

Дар он нишонаҳои равшане аз худопарастӣ, тавҳид ва маънавият ба чашм мехӯрад, ба монанди Оби Замзам,

---

[42] Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ, ба нақл аз китоби Замзам (муҳандис Яҳё Кушак. – С. 93).

Сафо, Марва, Рукн, Ҳатим ва Ҳаҷаруласвад, ки ҳар кадом таърихи муҷассам ва зиндае аз фидокориҳои хонадони Иброҳим (ъ) мебошад.

**4 - Ва ман дахалаҳу кона оминан:**

Иброҳим (ъ) баъд аз бинои хонаи Каъба амнияти шаҳри Маккаро аз Худованд дархост намуд:

وَإِذۡ قَالَ إِبۡرَٰهِيمُ رَبِّ ٱجۡعَلۡ هَٰذَا ٱلۡبَلَدَ ءَامِنٗا
وَٱجۡنُبۡنِي وَبَنِيَّ أَن نَّعۡبُدَ ٱلۡأَصۡنَامَ ٣٥

**«Ҳангоме, ки Иброҳим (ъ) гуфт: Парвардигоро! Ин шаҳрро эмин бигардон, (яъне амнияти онро худат таъмин намо) ва ману фарзандонамро аз парастиши бутҳо дур бидор».**[43]

Худо дуъои ҳазрати Иброҳим (ъ)-ро иҷобат кард ва онро дар тӯли таърих маркази амн қарор дод, ки ҳамеша сарчашмаи оромиши рӯҳӣ ва амнияти ҷомеаи мардум аст. То ҷое, ки кандан ва буридани гиёҳони он шаҳр барои ҳоҷиён мамнӯъ гаштааст.

## Аҳаммияти ҳаҷ дар Ислом

Ҳаҷ панҷумин рукни асосии Ислом аст, ки дар соли нӯҳуми ҳиҷрӣ бар мусалмонон фарз шуд. Расули акрам (с) Абӯбакри Сиддиқ (р)-ро он сол ба унвони амири ҳаҷ фиристод, то ҳамроҳи мусалмонон маросими ҳаҷро ба ҷо оварад.

Оятҳо ва ҳадисҳои зиёде дар бораи аҳамият, таъкид ва рафтан ба ҳаҷҷи хонаи Каъба ворид шудааст. Худованди бузург мефармояд:

وَأَتِمُّواْ ٱلۡحَجَّ وَٱلۡعُمۡرَةَ لِلَّهِۚ ...

**«Ҳаҷ ва умраро барои Худо баҷо оваред».**[44]

... وَلِلَّهِ عَلَى ٱلنَّاسِ حِجُّ ٱلۡبَيۡتِ مَنِ ٱسۡتَطَاعَ إِلَيۡهِ سَبِيلٗاۚ
وَمَن كَفَرَ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ عَنِ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٩٧

---

[43] Сураи Иброҳим, 14: 35.
[44] Сураи Бақара, 2: 196.

**«Ва ҳаҷҷи ин хона фаризаи илоҳӣ аст бар касоне, ки тавоноии (молӣ ва баданӣ) барои рафтан ба он ҷоро доранд».**[45]

Дар ин оят дастури анҷоми ҳаҷ ба ҳама дода шудааст, ки ишорае ба даъвати дини илоҳӣ ва пайравӣ аз маносики Иброҳими ҳаниф (ъ) дар ҳаҷ аст.

Дар сурати фароҳам омадани шароити зерин барои ҳар мусалмон як бор дар тамоми умр ба ҳаҷ рафтан фарз аст:

**1. Ислом:** Ба ин маъно, ки гузоридани ҳаҷ, умра ва дигар ибодатҳо бар ғайри мусалмонон воҷиб нест, зеро онҳо пеш аз ҳар чизи дигаре мукаллаф (ва фарохондашуда) ба имон ҳастанд ва асоси пазириш ва адами пазириши тамоми ибодатҳо имон аст.

**2. Ақл:** Зеро ҳеҷ гуна таклиф ва амре аз ҷониби Худованд бар бегонагони аз ақл дар ҳар мартаба ва аз ҳар навъе, ки бошанд, тааллуқ намегирад.

**3. Булуғ:** Кӯдакон то замоне, ки ба синни булуғ (балоғати шаръӣ) нарасида бошанд, ҳанӯз ҳеҷ амри шаръӣ ва анҷоми таклифу вазифаҳое ба сӯи онҳо равона нагардидааст.

**4. Иститоат:** Ҳаҷ бар касоне, ки тавоноии молӣ ва ҷисмии заруриро барои баровардани хароҷот, таҳаммули мушкилоти сафар ва анҷоми маросим надошта бошанд, воҷиб нест.[46]

Расули акрам (с) бо услубҳои мухталиф ва дар муносибатҳои гуногун мусалмононро ба адои ин ибодати бузург ташвиқ ва ҳавасманд намудаанд.

Ҳазрати Алӣ (р) ривоят мекунанд, ки Расули акрам (с) фармуданд: ***«Касе, ки битавонад тӯша ва маркабе барои ҳаҷҷи хонаи Худо фароҳам намояд ва бо ин ҳол ба ҳаҷ наравад, роҳе ба ҷуз яҳудӣ ва ё масеҳӣ мурданро дар пеш надорад. Барои он ки Худованд дар Қуръон мефармо-***

---

[45] Сураи Оли Имрон, 3: 97.

[46] Абӯбакри Алҷазоирӣ, Куллиёти Ислом. – С. 325, тарҷимаи Абдулазиз Сулаймӣ.

***яд:* Ҳаҷҷи хонаи Худо бар тамоми онҳое, ки тавоноии (молӣ ва ҷисмӣ) дошта бошанд, фарз аст».[47]**

Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ (рҳ) дар шарҳи ин ҳадис мефармояд: *Тарк кардани рукне аз аркони Ислом ба манзалаи он аст, ки тарккунандаи он аз ойини Ислом хориҷ мегардад.*

*Тарккунандаи ҳаҷ ба яҳудӣ ва насронӣ ташбеҳ дода шудааст ва тарккунандаи намоз ба мушрик, зеро яҳудиён ва насрониён намоз мехонданд, вале ба ҳаҷ намерафтанд. Аммо мушрикони араб ҳаҷ мекарданд ва намоз намехонданд.*[48]

Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули акрам (с) фармуд:

«ياايُّها النَّاس قد فُرِضَ عليكُم الحجّ فحُجّوا»

***«Эй мардум! Ҳаҷ бар шумо фарз шудааст, ҳаҷ намоед».***[49]

Дар ривояте фармуд:

«من حَجَّ لله فلم يَرْفثْ و لمْ يفْسُقْ، رَجعَ كَيَوم وَلَدَتْهُ أُمُّه »

***«Касе барои Худо ҳаҷ намояд ва дар (рафти баргузории) он шаҳватпарастӣ ва фисқ наварзад, аз ҳаҷ ба монанди он рӯзе бармегардад, ки модараш нав ӯро зодааст».***[50]

Саҳобагони гиромии Паёмбари Ислом (с) аз он Ҳазрат (с) дар бораи беҳтарини амалҳо пурсиданд, Расули акрам (с) фармуданд:

***«Беҳтарини корҳо имони ба Худованд ва Паёмбари Ӯст, пас аз он ҷиҳоди дар роҳи Худо ва сипас ҳаҷҷи холис (пок) ва мавриди қабули Худованд аст».***[51] Ҳамчунин он Ҳазрат (с) мефармояд: ***«Подоши ҳаҷҷи холис (пок) ва мавриди қабули Худованд, танҳо биҳишт аст».***[52]

---

[47] Сунани Тирмизӣ, 812.
[48] Деҳлавӣ, Аҳмад ибни Абдурраҳим, Ҳуҷҷатуллоҳи-ал-болиға. 2/57.
[49] Саҳеҳи Муслим, (1337)-412.
[50] Саҳеҳи Бухорӣ, 1521, 1819, 1820. Саҳеҳи Муслим, 3280 (1350)-438.
[51] Саҳеҳи Бухорӣ, 26, 1519. Саҳеҳи Муслим, 244 (83)-135.
[52] Муснади имом Аҳмад, 9623. – Ҷ. 3. – С. 22.

## Ҳаҷҷи мабрур

Ҳаҷ яке аз рукнҳои бузурги Ислом аст, ки бояд бо риояи одоб ва шароити хосси худаш анҷом гирад. Дар он сурат умед аст чунин ҳаҷҷе мавриди қабули Худованд қарор гирад ва таъсироти рӯҳӣ ва ҷозибаҳои маънавии он комилан маълум бошад ва эҳсос шавад. Худованд дар Қуръон мефармояд:

ٱلۡحَجُّ أَشۡهُرٞ مَّعۡلُومَٰتٞۚ فَمَن فَرَضَ فِيهِنَّ ٱلۡحَجَّ فَلَا رَفَثَ وَلَا فُسُوقَ وَلَا جِدَالَ فِي ٱلۡحَجِّۗ وَمَا تَفۡعَلُواْ مِنۡ خَيۡرٖ يَعۡلَمۡهُ ٱللَّهُۗ وَتَزَوَّدُواْ فَإِنَّ خَيۡرَ ٱلزَّادِ ٱلتَّقۡوَىٰۖ وَٱتَّقُونِ يَٰٓأُوْلِي ٱلۡأَلۡبَٰبِ ١٩٧

**«Касе ҳаҷро бар худ фарз намояд (ва барои он ният бандад), (бояд таваҷҷӯҳ дошта бошад), ки дар (ҷараёни баргузории) ҳаҷ омезиши бо занон, гуноҳ ва ҷидол нест ва он чӣ аз корҳои хайр анҷом диҳед, Худо онро медонад ва зоду тӯша бардоред, ки беҳтарин зоду тӯша парҳезгорӣ аст».**[53]

Дар ин оят Худованд ҳоҷиёнро ташвиқ менамояд, то аз анвои хоҳишот, гуноҳон ва суханони носазову беҳуда бипарҳезанд ва бо тамоми тавони хеш ба ибодат ва бандагии Худованд бипардозанд. Зеро муҳити Ҳарам – муҳити ибодат, бозгашт ба сӯи Худо ва тақвост. Дар он ҷо бояд ороиши зоҳирӣ ва лаззатҷӯиҳои моддиро тарк намуда, бо тамоми ҳастӣ мутаваҷҷеҳи Худо бошад. Дар он сурат чунин ҳаҷҷе мақбул ва мабрур хоҳад буд.

Расули акрам (с) ҳамвора **«ҳаҷҷи мабрур»**-ро мавриди таъкид қарор додаанд ва дар бораи он башоратҳо ва подошҳои махсусеро баён фармудаанд. Аз ин рӯ, ба баъзе мавридҳо ва масъалаҳое, ки дар ҳаҷҷи мабрур бояд мавриди таваҷҷӯҳи ҳоҷӣ қарор гиранд, ишора менамоем:

**1.** Хароҷоти ҳаҷ ҳалол бошад.

**2.** Ангеза (боис ва водоранда)-и рафтани ба ҳаҷ ва зиёрати хонаи Каъба ихлос ва ризояти Худованди бузург бошад.

---

[53] Сураи Бақара, 2: 197.

**3.** Шаоири (бахшҳо ва рукнҳои ибодатҳои) Худо мавриди таъзим ва бузургдошт қарор гиранд;

**4.** Одобу эҳтироми маконҳои муқаддас комилан риоя шавад.

**5.** Ҳоҷӣ фурӯтану мутавозеъ бошад ва бо дасту забон ба касе озор нарасонад.

**6.** Ҳаҷ бо ибодат, инобат, дуъо, истиғфор ва шавқу дилбастагии хос анҷом дода шавад.

## Ҳикмат ва фалсафаи аҳкоми ҳаҷ

Нуктаи асосӣ дар ибодат он аст, ки барои иҷрои фармони Худованд, адои ҳаққи бандагӣ ва сипосгузорӣ аз неъматҳои инкорнопазири Худо анҷом бигирад ва лозим нест, ки натиҷаҳо ва баҳраҳои он дар зиндагии моддии инсон ба чашм бихӯранд. Намоёнтарин ҷанбаи бандагии Худованд имони ба ғайб ва пазириши беқайду шарти фармони Ӯст. Ҳарчанд шинохти фалсафаи аҳкоми исломӣ ва дарки ҳикмати арзишҳои илоҳии дин дорои аҳаммият аст, вале на то ҳадде, ки пораe аз мардум дар ҳар маврид аз аҳкоми исломӣ ба фалсафаҷӯӣ мепардозанд.

Мусалламан, тарафдорони чунин тарзи тафаккур гароиши муфрит (аз ҳад зиёд)-е ба ақлонӣ ва фалсафӣ будани аҳком доранд. Ба ҳар ҳол, асли ин тарзи тафаккур аз фалсафагароии ғарбӣ сарчашма гирифтааст, ки дастоварди он чизе ҷуз эҷоди шакку тардид дар ақидаҳо ва боварҳои исломӣ нест. Бинобар ин, дар сурате ки ақли касе аз ҳикмат ва фалсафаи аҳкоми исломӣ қонеъ нашуд, ба ҷои он ки ба хато шумо共идани ваҳйи илоҳӣ бипардозад, бояд ақл, нерӯҳои фикрӣ ва зарфиятҳои ботинии худро ҳанӯз нокофӣ ва нотавонтар аз дарки фалсафаи аҳком ва ҳикмати фармоишоти илоҳӣ бидонад ва бар бовар ва имони қалбии худ эътимод намояд, зеро шеваи мӯъминони ростин чунин аст.

رَبَّنَآ ءَامَنَّا بِمَآ أَنزَلۡتَ وَٱتَّبَعۡنَا ٱلرَّسُولَ فَٱكۡتُبۡنَا مَعَ ٱلشَّٰهِدِينَ ﴿٥٣﴾

**«Парвардигоро ! Ба ваҳйи Ту имон овардем ва аз Паёмбари Ту пайравӣ намудем, пас моро дар зумраи гувоҳон қарор деҳ».[54]**

Бо вуҷуди ин, фалсафаи аҳком ва маносики фаризаи ҳаҷ бисёр густарда ва муҳим аст. Инак, порае аз онро зикр менамоем:

Худованд ба ҳазрати Иброҳим (ъ) хитоб намуда, мефармояд:

وَأَذِّن فِي ٱلنَّاسِ بِٱلۡحَجِّ يَأۡتُوكَ رِجَالٗا وَعَلَىٰ كُلِّ ضَامِرٖ يَأۡتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٖ ﴿٢٧﴾ لِّيَشۡهَدُواْ مَنَٰفِعَ لَهُمۡ وَيَذۡكُرُواْ ٱسۡمَ ٱللَّهِ فِيٓ أَيَّامٖ مَّعۡلُومَٰتٍ عَلَىٰ مَا رَزَقَهُم مِّنۢ بَهِيمَةِ ٱلۡأَنۡعَٰمِ ...

**«Дар миёни мардум ба ҳаҷ фаро хон, то пиёдаву савора бар ҳар маркаби лоғаре аз фосилаҳои дур ба сӯят оянд ва шоҳиди фоидаҳое барои худ бошанд ва Худоро дар рӯзҳои маълуме ба шукронаи неъматҳояш ёд кунанд...».[55]**

Ин раҳнамоии муҳимми Қуръон ба як ҳаракати пурфайз, пурбор ва муборакe ишора менамояд, ки мардум дар тӯлу арзи таърихи инсоният пиёдаву савора аз нуқтаҳои дурдаст ба он ҳамроҳ мешаванд.

Манфиатҳои ошкореро, ки Қуръон онҳоро аз зикри номи Худо пештар овардааст, бармешуморем: Аз ҷумла:

**<u>1 - Ҳаҷ манбаи нерӯи маънавӣ ва отифӣ аст</u>:**

Ҳаҷ эҷодгари як нерӯи маънавии бузург аст, ки ба мусалмон қувват мебахшад, вуҷуди ӯро моломол аз фурӯтаниву тақво дар пешгоҳи Худованд ва тасмими ба итоат ва пушаймонӣ аз нофармонияш месозад. Отифаи муҳаббати ба Худо, Расули Худо (с) ва ёрону пайравони ӯро дар вай сероб мегардонад ва эҳсосоти бародарӣ нисбат ба пайравони Исломро дар ҳар маконе, ки бошанд, дар ӯ зинда менамояд. Инчунин дар синааш шӯълаи ҳамосаи эътиқодӣ ва ҳисси посдорию дилбастагиро нисбат ба муқаддасот ва арзишҳои волои Ислом меафрӯзад.

[54] Сураи Оли Имрон, 3: 53.
[55] Сураи Ҳаҷ, 22: 27, 28.

Сарзамини муқаддас ва хотироти он, шаоиру одоби ҳаҷ ва осору ҷозибаҳои ботинии онҳо, нерӯи ҷамоат ва илҳомоти фикрию амалии он, ҷо-ҷои он паҳнои ваҳй ва лаҳза-лаҳзаи он таърихи нотакрори инсонӣ ва ғайра, ҳама ба равшанӣ таъсироти худро дар жарфои вуҷуди ҳар фарди мусалмон мегузоранд. Дар натиҷа, ӯ пас аз поёни маросими шахсиятсоз ва фаризаи инсонсози ҳаҷ бо қалби соф, шеваи пок, тасмими устувор дар кори хайру некӣ ва иродаи азими пойдорӣ дар муқобили ангезаҳои бадӣ аз сафари пурбори хеш ба ватан бармегардад.

Ҳар андозае ҳаҷҷаш дар назди Худо мақбултар ва писандидатар бошад, ба ҳамон андоза дар зиндагии ояндааш муассир хоҳад буд. Ҳар қадаре аз баҳри маънавиёти ин чорабинии азими илоҳӣ серобтар гардад ва ба ҳар андозае аз ҳикмат ва мафҳумҳои волои аъмол ва маносики ҳаҷ зарфиятҳои рӯҳӣ ва нерӯҳои фикриаш пуртар ва серобтар гарданд, ба ҳамон андоза ғановати инсониаш пурбор ва шахсияти худоияш комилтар мегардад.

**<u>2 - Ҳаҷ машқи таҳаммули сахтиҳои рӯзгор ва номулоимоти зиндагӣ аст.</u>**

Сафари ҳаҷ дарси таҳаммули сахтиҳо, дурӣ аз ватан, ҷудоӣ аз хешовандон ва чашмпӯшӣ аз осоишу фароғати зиндагӣ дар миёни хонавода ва дӯстон аст. Ҳикмати илоҳӣ нахостааст, ки ин сафар ба сӯи сарзаминҳои зебову сарзабз ва хушобу ҳавои Осиё, Аврупо ва ғайра, ки фароғатгоҳҳои мардуми ҷаҳон ба шумор меравand, анҷом гирад. Балки машият ва хости илоҳӣ он буд, ки ҳаҷ дар биёбони беобу гиёҳ ва дар миёни кӯҳҳои сӯхтае, ки на барои фароғати тобистон муносиб аст ва на барои хушгузаронии баҳор, анҷом гирад ва ин худ тарбияте аст барои шахси мусалмон дар таҳаммули душвориҳо ва муқобала бо сахтиҳои зиндагӣ.

**<u>3 - Манофеи бозаргонӣ:</u>**

Ҳаҷ аз назари моддӣ низ фурсати боарзиш ва фазои муносиберо барои мубодилаи манофеи тиҷоратӣ ва дастовардҳои гуногуни иқтисодӣ ва илмӣ дар миёни мусалмонон дар сатҳи васеъ фароҳам меоварад. Бархе аз мусалмонони рӯзгори Паёмбари Ислом (с) аз муомила

ва доду гирифт дар айёми ҳаҷ канора мегирифтанд ва аз ҳар фаъолияти дунявие, ки суду даромадеро насиби онҳо мегардонд, аз тарси суқути подоши илоҳӣ ва нуқсон дар ибодати хеш худдорӣ менамуданд. Аммо Худованди меҳрубон иҷозати ин корро ба онҳо дод, ба шарте ки ният холис ва ҳадафи асосӣ анҷоми ҳамон фаризаи ҳаҷ бошад.

Худованд мефармояд:

لَيۡسَ عَلَيۡكُمۡ جُنَاحٌ أَن تَبۡتَغُواْ فَضۡلٗا مِّن رَّبِّكُمۡۚ ...

**«Гуноҳе бар шумо нест, агар аз фазли Парвардигори худ бархӯрдор шавед (ва дар айёми ҳаҷ ба касбу тиҷорат бипардозед)».[56]**

Имрӯз низ бозорҳои Маккаву Мадина ба ду маркази бузурги тиҷорати ҷаҳонӣ табдил шудаанд, ки аз робитаҳои бозаргонӣ ва тиҷоратии онҳо манофеи фаровоне насиби мусалмонон мегардад.

Илова бар ин, аз зиёратҳои ҳамешагии ҳаҷҷу умра суди калоне оиди саноати ҷаҳонгардӣ ва туризми кишвари Арабистони Саудӣ ва дигар ширкатҳаи саёҳатӣ ва зиёратии кишварҳои исломӣ мешавад.

**<u>4 - Баробарӣ, ваҳдат ва якпорчагӣ:</u>**

Ҳаҷ омӯзиш ва таҷрибаи амалии асосҳои олӣ ва башардӯстонаи мавриди назари Ислом барои шахси мусалмон аст. Ислом ҳаргиз дӯст намедорад, ки усул ва арзишҳои иҷтимоии он дар қолаби шиор ва дар шакли суханони хушк (бепояи воқеъӣ) боқӣ монанд, балки бо барномаҳои ибодӣ ва тарҳи маносики хеш пайванди устуворе дар миёни назару амал барқарор намудааст, то ба унвони як дарк ва эҳсоси хоссе ба андеша ва қалби инсон роҳ ёбад ва роҳи амалӣ ва фикрии ӯро дар зиндагӣ муайян созад.

Дар анҷоми маносики ҳаҷ ин масъала ва ин воқеият комилан равшан мегардад, ки ҳеҷ фард ва гурӯҳе нисбат ба фард ва гурӯҳи дигар имтиёз ва бартарие надорад. Ва аз ҷумлаи ҳадафҳои баланд ва паҳлӯҳои волои

---

[56] Сураи Бақара, 2: 198.

инсонии ин ойини ибодӣ баробарӣ ва канор ниҳодани бартариҷӯӣ бар дигарон аст.

Шӯъои ваҳдат ва якпорчагӣ дар ойини ҳаҷ бисёр вусъат меёбад ва ба ягонагии дар эҳсосот (авотифи инсондӯстона), ягонагии дар шаоир (маносик), ягонагии дар ҳадаф, якпорчагӣ дар амал ва ваҳдату ягонагии дар шиор мубаддал мегардад. На асаре аз ихтилофу ҷудоиҳои ҷуғрофӣ ва нажодӣ вуҷуд дорад ва на таассубе нисбати рангу ҷинс ва табақа. Ҳама мусалмон ҳастанд ва ба Худои ягона имон доранд. Гирди як хона мегарданд, як китоб (Қуръон)-ро мехонанд, аз чк паёмбар – Паёмбари Ислом (с) пайравӣ менамоянд ва амалҳои якхела анҷом медиҳанд. Дигар кадом ваҳдату якпорчагӣ метавонад амиқтар ва густардатар аз ин бошад ?

**<u>5 - Ҳаҷ як анҷумани умумиҷаҳонӣ</u>**

Ҳаҷ ба фарди мусалмон имкон медиҳад, то иштирокчии бузургтарин ва пуршукӯҳтарин гирдиҳамойии солонаи исломӣ бошад. Анҷумане, ки на аз тарафи подшоҳ ё раиси ҳукумат ё парлумоне ва ё ҷамъияте, балки аз сӯи Худои ҷаҳониён ба он фаро хонда шудааст. Дар гирдиҳамойии ҳаҷ як мусалмон бо бародарони худ аз панҷ қитъаи дунё дидору гуфтугӯ мекунад, ки сарзаминҳо, рангҳо ва забонҳояшон гуногун аст ва танҳо пайванди Ислом ва имон онҳоро гирди ҳам ҷамъ овардааст, то ҳама бо як садо шиори ҳаҷ ва ҳузур дар пешгоҳи Парвардигорро сар диҳанд:

«لبَّيْكَ اللّهمَّ لَبَّيك، لبّيك لا شريك لك لَبّيك...،»

Бо вуҷуди баргузории конфронсҳои баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқи башар ва эъломияҳои мубориза бо нажодпарастӣ, ки амалан садои онҳо аз ҳамон варақаҳои имзошуда ва чаҳордевори толори конфронсҳо берун намеояд, ойини олии Ислом аз ҳазору чорсаду чанд соле пеш, таҷаммӯъ ва гирдиҳамойии мусалмонони ҷаҳонро, аз арабу аҷам, сиёҳу сафед, аврупоию осиёӣ ва африқоию амрикоӣ, ки аз нажодҳои гуногун ҳастанд ва бо забонҳои гуногун ҳарф мезананд, соле як бор бо пӯшида-

ни як либос (-и эҳром) ва анҷоми маносик ва ойини муштарак фарз қарор дод.

Анҷумани бузурги ҳаҷ бо вуҷуди дурии сарзаминҳо бузургтарин омили ёдоварии ҳуқуқи бародарони динӣ ва тазаккурбахши бародарии исломӣ ва пайванди эътиқодӣ ба шахси мусалмон аст.

Ин гирдиҳамоӣ шабеҳи кураи оҳангудозие аст, ки бо гармӣ ва ҳарорати имонии худ тамоми ангезаҳои қавмӣ ва иқлимиро об намуда, ҳамаи нишонаҳо ва мушаххасоти бартариҷӯӣ ва нажодпарастиро нопадид месозад ва танҳо ин шиор ва ранги худоӣ боқӣ мемонад, ки:

إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ...

**«Мӯъминон, дар ҳақиқат, бо ҳам бародаранд».[57]**

Илова бар ин, донишмандон, андешамандон ва ислоҳгарон бо ҳам дидор мекунанд ва бо истифода аз ин фурсат барои ошноӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамкорӣ дар роҳи рушду тавсиаи иқтисодии кишварҳои исломӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии динии миллатҳои мусалмон ва таҳаққуқи ормонҳои исломӣ ба фикрронӣ ва гуфтугӯ мепардозанд. Баъзе аз шарқшиносон ва бегонагон низ бартарии ин фаризаи бузурги исломиро эътироф намудаанд ва ба натиҷаҳо ва фоидаҳои моддӣ ва маънавии он ишора кардаанд. Аз ҷумла, хонум Волгери дар китоби «Дифоъ аз Ислом» менависад:

«Вежагӣ, табиат ва осори амиқу асроромези маросими ҳаҷ чунон бузург ва бовусъат аст, ки ақли одамӣ аз дарку баёни он, ҷуз дар ҳадди бисёр андак, нотавон аст. Бо ин ҳол, ҳамон андоза бардошт ва дарке ҳам, ки аз осори номбурда имконпазир мебошад, ба соддагӣ ва осонӣ аз ҳикмати комиле парда бармедорад.

Касе наметавонад мункири он фоидаҳое бошад, ки Ислом аз иҷтимои солонаи мусалмонон дар як макон – маконе, ки аз тамоми нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон ба сӯи он мешитобанд, барои ҷомеаи исломӣ фароҳам мева-

---

[57] Сураи Ҳуҷурот, 49: 10.

рад. Арабу эронӣ, афғону ҳиндӣ, мардуми нимҷазираи Малоя, марокашию судонӣ ва дигарон, ҳамагӣ барои талаби омурзиш аз Худованди раҳмони раҳим ба Каъба рӯй меоваранд ва ҳангоме дар чунин маконе барои чунин ҳадафе вомехӯранд, ҳатман, робитаҳои навине аз муҳаббату бародарӣ эҷод менамоянд.

Дастикам як бор дар зиндагии мусалмон тамоми имтиёзҳо миёни фақиру сарватманд ва гадову зимомдор ба таври комил бекор мешаванд ва ҳадди ақал як бор дар умри худ таъми баробарию якдилиро мечашад. Ин аз он ҷиҳат аст, ки ҳар шахси ҳаҷгузор дар вақти анҷоми ин фаризаи илоҳӣ либоси одие мепӯшад ва нишонаҳои шахсии худро тарк менамояд ва танҳо шиори **«Аллоҳу акбар»-**ро барои худ интихоб мекунад.

Маносике (рукнҳое), ки анҷом доданашон бар ҳоҷиён воҷиб мебошад, аз қабили тавофи хонаи Худо, саъйи миёни Сафо ва Марва ва ғайра, дар вуҷуди онҳо хотироти баёдмондании паёмбарон ва падарони арҷмандеро, ки дар қарнҳои гузашта дар ҳамин сарзаминҳо зиндагӣ мекарданд, бедор месозад. Аъмоли ҳазрати Иброҳим (ъ) ва ҳамсараш Ҳоҷарро аз нав зинда менамояд ва дар замири шахси ҳаҷгузор ангезаву шавқи пайравӣ аз авотифи нек ва таслими он қофилаи бузургонро дар баробари хости Худо нерӯ мебахшад».[58]

## Маккаи мукаррама дар айёми Расули худо (с)

Доктор Ҳусайн Мунис харитаи Маккаи мукаррамаро дар даврони Паёмбар (с) ба таври дақиқ таҳти рақами 38 овардааст, ки маконҳои таърихӣ ва нуқтаҳои муҳимми даврони рисолатро хеле зебо баён месозад. Он харита барои хонанда аз муҳити иҷтимоии Макка, ҷой-

---

[58] Нақл аз китоби «Ибодат дар Ислом». – С. 303 - 312, бо андаке талхис ва тасарруф дар ибораҳо, таълифи доктор Қарзовӣ, тарҷимаи Муҳаммад Саттории Ҳарқонӣ.

гиршавии қабилаҳои сокини он ва маконҳои таърихии дигаре, ки ба ибтидои даъвати он Ҳазрат (с) марбут ҳастанд, гузориши муфиде фароҳам меоварад.

Ҳусайн Мунис дар тавзеҳе, ки дар бораи расми харита додааст, мегӯяд: «Дар рехтани нахустин қолаби ин харита ман ба расми хурде, ки Иброҳим Бошо Рифъат дар китоби «Миръотулҳарамайн»-и худ овардааст, истинод намудаам. Айни ҳамон расмро доктор Муҳаммад Ҳусайн Ҳайкал дар китоби «Нузулгоҳи ваҳй»-и худ ва аз рӯи он Мунтеҷмери Вот дар китоби «Муҳаммад дар Макка»-и худ овардаанд.

Ҳамчунин дар сохтани ин харита ба расми дигаре, ки ба инкишофи таърихии шаҳри Макка марбут мебошад, истинод намудаам. Ин расм тавассути маркази барномарезӣ ва архитектории шаҳрҳо дар соли 1976 м. кашида шуда, шайх Муҳаммад Саъид Форис – директори архитектураи шаҳри Ҷадда онро дар канори расмҳои дигари марбут ба инкишофи ду шаҳри Макка ва Мадина ба нашр расонидааст.

Ҳамчунин онро дар китоби худ доир ба шаклҳои меъморӣ ва фарҳангии шаҳрҳои ҳаҷ соли 1984 м. дарҷ намудааст. Он расм аслан аз рӯи мушоҳида ва бо шинохти муҳандисони меъмор сохта шудааст.

Дар расми харитаи Иброҳим Бошо Рифъат шакли биноҳо ва деворҳое ба чашм мехӯрад, ки таърихи мавҷудият ва сохтани онҳо дақиқан муайян нест. Имкон дорад онҳо бар рӯи харобаҳои биноҳо ва иншооти қаблӣ қомат афрохта бошанд, ки ба асрҳои гузашта бармегарданд. Биноҳое, ки маъмулан барои истеҳкомоти ҳарбӣ ва ё ба танзим даровардани селроҳаҳо сохта мешаванд. Ба ҳар сурат, онҳо хеле каманд.

Аммо ҷои таассуф дар он аст, ки мардуми араб ягон нишонае аз нишонаҳои асри набавиро на дар шаҳри Макка ва на дар Мадина ба ҷуз он ду Ҳарам нигоҳ надоштаанд. Ҳатто аз ҳавлие, ки Паёмбар (с) дар он ба дунё омадааст, ҳеҷ асаре боқӣ намондааст. Достони ҳавлии он Ҳазрат (с)-ро то давраи хароб гардиданаш баъзе муаррихон, аз ҷумла, Азрақӣ зикр намудаанд. Вай (Аз-

ракӣ) мавқеи ҷойгиршавии он хонаро дар канори биноҳои дигаре муайян намуда, ки онҳо низ кайҳо аз миён рафтаанд. Дигар муайян сохтани ҷои дақиқи он душвор аст. Доруннадва (машваратгоҳи сарони Қурайш), дори (хонаи) Арқам дар кӯҳи Сафо (ҷои ҷамъшавии пинҳонии Паёмбар (с) ва ёрони вай дар ибтидои даъват) ва дигар мазоҳири шаҳри Макка дар асри набавӣ низ ба ҳамин сарнавишт дучор гардидаанд.

Ин амр ба омилҳои гуногуне вобаста мебошад. Аз ҳама пештар набудани амнияту истиқрори мудовим дар он сарзамин ва мавриди тохтутозҳо, лашкаркашиҳо, оташборонҳо ва манҷаниқандозиҳо қарор гирифтани он ду шаҳр ва ду ҳарами муқаддас дар тӯли таърихи баъд аз исломии худ мебошад.

Дуввум, номусоидии иқлим ва хушку тоқатфарсо будани боду ҳавои шаҳрҳои Маккаву Мадина, ки зуд ҳар гуна бинои таърихӣ ва нишонаҳои гузаштаро мехӯрад ва аз байн мебарад. Сеюм, ҳамон маводи сохтмоние аст, ки дар он сарзамин ба кор мераванд ва таҳаммули муқовимати осебу газандҳои иқлимӣ ва боду ҳаворо надоранд. Ба ҳар сурат, лозим аст, як силсила амалиётҳои ҳафриётӣ ва ковишҳои археологӣ дар Маккаву Мадина ва атрофи онҳо сурат бигирад, то моро дар шинохти паҳлӯҳои таърихӣ ва иҷтимоию меъмории гузаштаи он шаҳрҳо кӯмак намояд.

# ҲАҶҶИ
# ПАЁМБАРИ ИСЛОМ (с)

Пас аз он, ки бо хости Худованд рӯҳу равони уммати Ислом аз олоиши бутпарастӣ ва расму одатҳои ҷоҳилӣ пок гардид ва дилҳо бо нури имон ва муҳаббати Худову Паёмбараш фурӯзон гашт, аз як тараф, мусалмононро пас аз фироқи тӯлонии хонаи Худо шавқи дидори сарзамини муқаддаси Макка ва зиёрати хонаи Парвардигорашон фаро гирифта буд ва аз тарафи дигар, ҳотифе (суруши ғайбие) аз даруни қалби Расули Худо (с) ӯро нидо медод, ки даврони зиндагиаш дар олами дунё ба поёни худ наздик ва лаҳзаҳои видоъ бо уммат фаро расидааст.

Аз ин ҷиҳат зарурат дошт, ки арзишҳои ахлоқӣ ва усули асосии дини Ислом дар як ҷамъомади бошукӯҳе барои ҷаҳониён эълом гарданд. Он Ҳазрат (с) то ба ҳол ҳаҷ накарда буд. То замони пеш аз фатҳи Макка Қурайш садди роҳи он гардид ва саранҷом, пас аз сулҳи Ҳудайбия ва фатҳи Макка лаҳзаҳои ғалабаи ҳақ бар ботил фаро расид ва барои ҷойнишини Иброҳим (ъ) ва пайравонаш ин фурсат ҳосил гардид, то дубора ин маросими иброҳимиро эҳё намоянд. Бар ҳамин асос дар соли нӯҳуми ҳиҷрӣ ҳаҷ фарз гардид.[59]

Аммо Паёмбари гиромӣ (с) дар он сол натавонист фаризаи ҳаҷро ба ҷой оварад. Зеро арабҳои бутпараст одат доштанд, ки хонаи Каъбаро урён тавоф кунанд ва он Ҳазрат (с) чунин манзараи зиштро наметавонист таҳаммул кунад.

Аз ин рӯ, ҳазрати Абӯбакр (р) ва ҳазрати Алӣ (р)-ро дар соли нӯҳум ба Макка фиристод, то ҳаҷҷи он солро бо мардум анҷом диҳанд ва эълон намоянд, ки пас аз ин сол дигар ҳеҷ мушрике наметавонад ҳаҷ намояд ва ҳеҷ бараҳнае тавоф кунад.

[59] Зодулмаод, 1/180.

Ба ҳар сурат, тадбири илоҳӣ бар ин буда, ки ҳаҷҷи Паёмбар (с) дар охир анҷом гирад. Дар моҳи зулқаъдаи соли даҳуми ҳиҷрӣ эълон гардид, ки он Ҳазрат ба мақсади адои фаризаи ҳаҷ ба Маккаи мукаррама сафар мекунад.[60] Хабари ҳаҷҷи Паёмбар (с) дар байни тамоми қабилаҳои гирду атрофи Мадина паҳн шуд. Тамоми арабҳои он диёр (тобеи Мадина) ба манзури мушарраф шудан ба ифтихори ҳамрикобӣ бо он Ҳазрат (с) омодаи сафар шуданд.

Рӯзи 25-ум ва ё 26-уми моҳи зулқаъда, рӯзи шанбе он Ҳазрат (с) ғусл карда, либос пӯшиданд[61] ва пас аз намози пешин аз Мадина хориҷ шуданд ва ба ҳамаи ҳамсарони поки худ дастур доданд, то бо эшон ҳамроҳ шаванд. Паёмбар (с) ба Зулҳулайфа, ки дар фосилаи шашмилӣ аз Мадина қарор дорад ва миқотгоҳи аҳли Мадина мебошад, ташриф оварда, намози асрро ба сурати намози қаср ду ракъат ба ҷой оварданд. Шабро дар он ҷо гузаронида, рӯзи дигар аз нав ғусл гирифтанд. Ҳазрати Оиша (р) бо дасти худ ба он Ҳазрат (с) атр ва хушбӯӣ зад.[62] Сипас ду ракъат намоз хонда, бар шутури худ

---

[60] Дар Сунани Абӯдовуд 1905, 1906 ва Саҳеҳи Муслим (1218)-147 достони ҳаҷҷи Паёмбар (с), ки ба Ҳаҷҷатулвадоъ машҳур аст, ба таври муфассал баён шудааст. Достон аз ин қарор аст, ки ҳазрати имом Боқир аз ҳазрати Ҷобир (р) вақте нобино гашта буд, достони ҳаҷҷи Паёмбар (с)-ро пурсид. Ҳазрати Ҷобир бо эҳтиром ба муҳаббати хонадони Паёмбар (с) тукмаҳои гуребони имом Боқирро боз кард ва дасти муҳаббатро бар синааш гузошт ва изҳор дошт: Бародарзодаам! Бипурс ончи мепурсӣ?. Сипас ба таври муфассал воқеъаи ҳаҷҷи Паёмбар (с)-ро баён кард.

Таърихи ҳаракати он Ҳазрат аз Мадина низ дар саҳеҳи Бухорӣ ва Саҳеҳи Муслим аз Ибни Аббос (р), Анас (р) ва ҳазрати Оиша (р) ривоят шудааст. Имом Насоӣ дар китоби «Маносик» боби махсусе таҳти унвони «Боб: Вақте ки Паёмбар (с) дар он хориҷ шуд», тартиб додааст.

[61] Мустадраки Ҳоким, 1680. – Ҷ. 2. – С. 93. Сунани Куброи Байҳақӣ, 8727. – Ҷ. 5. – С. 33. Саҳеҳи Бухорӣ, 1709, 1720. Саҳеҳи Муслим, (1211)-125.

[62] Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим ҳадисҳои зиёде дар ин бора аз Оиша (р) ривоят шудааст. Табақоти Ибни Саъд, зикри Ҳаҷҷатулвадоъ. – С. 124.

(Қавсо) савор шуданд ва ба Байдо (номи маконе) омаданд. Он ҷо эҳром баста, бо садои баланд чунин талбия гуфтанд:

لبّيك اللّهمّ لبّيك، لبّيك لا شريك لك لبّيك، انّ الْحمْد

والنّعْمة لك والملك، لا شريك لك.

**«Эй Худойи бузург, мо даъвати Туро пазируфтем ва дар пешгоҳат эътироф менамоем, ки ҳеҷ касро шарики худоии Ту намедонем. Тамоми хубиҳо ва неъматҳо аз Туанд ва дар қаламрави ҳукмат касе бо Ту шарик нест».**

Ҷобир (р), ровии ҳадис мегӯяд: Нигоҳамро боло бурдам ва ба атроф то ҷое, ки нигоҳам мерасид, назар кардам, дидам тамоми он паҳно пур аз ҷамъият буд. Ҳангоме он Ҳазрат (с) лаббайк мегуфт, аз ҳар тараф садои валвалаангези лаббайкгӯён ба гӯш мерасид ва тамоми дашту кӯҳ аз садои лаббайк ба ларза афтода буд.

Таърихнигорон шумораи ҳаҷгузоронро, ки ҳамроҳи он Ҳазрат (с) ширкат меварзиданд, баъзеҳо ҳаштод ҳазор, дигарон ҳудуди сад ҳазор ва қисмате онро зиёда аз сад ҳазор баровард кардаанд.

Ин ҳаҷ амалан қоиммақоми ҳазорон хутбаву (суханронӣ) дарс қарор гирифт. Гӯӣ мактаб ва масҷиди сайёре дар ҳаракат буд, ки нодон дар он омӯзиш медид ва ғофил огоҳ мегашт. Абри раҳматеро мемонд, ки дар ҳоли таваққуф ва ҳаракат бар сари мардум соя афканда буд. Оре, абри раҳмате, ки дар сояи худ ва бороне, ки ба бориши меҳру навозиш ва тарбияту назорати худ тамоми ҳамроҳонро фаро гирифта буд.[63] Ин ҳаҷ як намоиши бисёр олӣ, чашмгир, муассир ва азаматбахш барои низоми Ислом буд.

(Он Ҳазрат (с)) пеш аз ҳаракат дар мавриди эҳроми ҳаҷ, воҷибот ва суннатҳои он суханронӣ карданд.

Ҳазрати Ҷобир (р), ровии ҳадис мегӯяд: Мо фақат нияти ҳаҷ мекардем ва умраро намедонистем, то вақте ки ҳамроҳи Паёмбар (с) ба хонаи Худо рафтем.

---

[63] Надвӣ, Абӯлҳасан Алӣ, Набиййи раҳмат. – С. 385.

## Дар Макка

Вақте ба «Сараф» (سرف) ё «Сарийф» (صريف) (номи ҷое дар наздики Макка) расиданд, таваққуф намуда, ғусл карданд. Рӯзи баъд, ки якшанбе ва чаҳоруми зулҳиҷҷа буд, бомдодон аз қисмати шимолии Макка вориди он шаҳр гардиданд. Ин сафар аз Мадина то Макка нӯҳ рӯз идома ёфт.

Навҷавонон ва кӯдакони банӣ Ҳошим, вақте хабари вуруди он Ҳазрат (с)-ро шуниданд, аз шодию хурсандӣ аз хонаҳо берун омада, қофилаи он Ҳазрат (с)-ро тамошо мекарданд. Он Ҳазрат (с) аз фарти муҳаббат баъзеҳоро дар пушт ва баъзеҳоро дар бағали худ бар шутур савор мекард.[64]

Чоштгоҳон ба масҷид расиданд ва ҳамин ки чашмаш ба хонаи Каъба афтод, фармуд:

«اللّهمّ زدْ بَيتك هذا تشريفًا وتعظيمًا وتكريمًا ومَهابَة»

***«Бор илоҳо! Бар шарофату азамат ва бузургдошту маҳобати хонаи худ биафзой»***.

Дастҳоро баланд карда, такбир мегуфт ва ин дуъоро мехонд:

«اللّهمَّ أَنت السَّلام ومِنْك السَّلام، حيِّنا ربّنا بالسَّلام»

## Тавофи хонаи Каъба

Сипас он Ҳазрат (с) ба сӯи хона рафт ва дар рӯ ба рӯӣ Ҳаҷаруласвад истод ва пас аз истилом ва бӯсидани он аз ҷониби рост ба тавофи хонаи Каъба пардохт. Се давр шитобон ва чаҳор давр оҳиста дар атрофи Каъба тавоф намуда, пас аз он ба ҷониби «Мақоми Иброҳим» рафт ва ин оят:

... وَٱتَّخِذُواْ مِن مَّقَامِ إِبْرَٰهِـۧمَ مُصَلًّىۖ ...

---

[64] Саҳеҳи Бухорӣ, 1798, 5965, 5966. Сунани Насоӣ, Боби истиқболи ҳаҷ, 2894.

**«Аз Мақоми Иброҳим барои худ намозгоҳе бигиред»**-ро хонд.[65] Он гоҳ Мақомро дар миёни худ ва хонаи Худо қарор дода, ду ракъат намоз хонд. Дар он ду ракъат (сураҳои) **«Қул ҳуваллоҳ»** ва **«Қул ё аййуҳал кофирун»**-ро қироат намуд. Пас аз он ба сӯи рукни ямонӣ бозгашт ва онро масҳ намуд ва бо ҳамин ба тарафи Сафо хориҷ шуд. Ҳамин ки ба Сафо наздик шуд, ояти:

إِنَّ ٱلصَّفَا وَٱلۡمَرۡوَةَ مِن شَعَآئِرِ ٱللَّهِۖ فَمَنۡ حَجَّ ٱلۡبَيۡتَ أَوِ ٱعۡتَمَرَ فَلَا جُنَاحَ عَلَيۡهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِمَاۚ وَمَن تَطَوَّعَ خَيۡرٗا فَإِنَّ ٱللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ ﴿١٥٨﴾

**«Бегумон, саъйи байни Сафо ва Марва аз ҷумлаи шаоири дини илоҳист»**-ро тиловат намуда, фармуд: ***«Аз ҳамон чизе, ки Худованд дар оят шурӯъ намудааст, (яъне Сафо), ман ҳам саъйро аз ҳамон шурӯъ менамоям».***[66]

## Саъйи байни Сафо ва Марва

Болои кӯҳи Сафо баромад, он ҷое, ки хонаи Худо дида мешуд ва рӯй ба қибла намуда, Худоро ба ягонагӣ ва бузургӣ ёд кард. Сипас, фармуд:

لااله الاالله وحده لاشريك له، له الملك وله الحمد، وهو على كلّ شيءٍ قدير. لااله الا الله وحده، انجز وعْدَه، ونَصرَ عَبده وهزم الاحزاب وحدَه.

***«Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ғайр аз Худо вуҷуд надорад. Ӯ (дар рубубият, улуҳият ва сифоташ) якто аст ва ҳеҷ шарике надорад. Моликият фақат барои Ӯ ва ҳамд танҳо лоиқи Ӯст ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност. Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ғайр аз Ӯ нест. Ӯ яктост. Ваъдаи худро қатъӣ ва муҳаққақ сохт ва бандаашро ёрӣ дод ва аҳзобро (касонеро, ки дар рӯзи Ҳандақ бо Паёмбар ҷанг карданд) танҳо худ шикаст дод».*** Ин зикрро се бор хонд ва дар миёни онҳо (пас аз ҳар бор) дуъо мекард.

---

[65] Сураи Бақара, 2: 125.
[66] Сураи Бақара, 2: 158.

Пас аз он ба тарафи Марва поин омад ва ҳамин ки ба **«батни водӣ»** (миёнаи Сафо ва Марва) расид, шурӯъ ба давидан намуд. Боз суръати худро мӯътадил намуда, ба сурати маъмулӣ ҳаракат кард, то ба Марва расид. Тамоми корҳо ва дуъоҳоеро, ки дар Сафо анҷом дода буд, дар Марва низ такрор намуд.

Арабҳо қабл аз Ислом дар айёми ҳаҷ умраро ноҷоиз медонистанд. Он Ҳазрат (с) умраро ба ҷо оварданд. Аз тавофи Хона ва саъйи байни Сафо ва Марва фориғ шуданд ва ба касоне, ки чорвои қурбонӣ бо худ надоштанд, дастур дод, то умраи худро тамом кунанд ва бо тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сарҳояшон аз эҳром берун оянд.

Баъзе аз саҳобагон бар асоси урфи ҷоҳилият дар иҷрои ин дастур каме даранг (таъхир) варзиданд. Он Ҳазрат (с) фармуд:

**لو اني اسْتقْبلت منْ أمْري ما اسْتدْبرت، لَمْ أسُق ألْهَدْيَ وجَعلتُها عُمرة. فمن كان منكم ليْس مَعَه هَدْيٌ فليَحِلَّ ولْيَجْعلْها عمْرةً.**

***«Агарояндаи корамро медонистам, чунин намекардам, ҳамроҳи худ ҳадй (қурбонӣ) намеовардам ва он (тавоф ва саъям)-ро умра қарор медодам. Пас ҳар касе аз шумо бо худ ҳадй (қурбонӣ) надошта бошад, аз эҳром хориҷ шавад ва онро умра қарор диҳад»***.[67]

Суроқа ибни Молик ибни Ҷаъшам аз ҷой бархост ва пурсид: Эй Расули Худо! Оё ин ҳукм танҳо барои ҳамин сол аст, ё ҳамешагӣ?

Паёмбар (с) ангуштонашро дар ҳам фурӯ бурд ва ду бор фармуд:

(**دخلت الْعمرة في الْحجّ**)

***«Умра дохили ҳаҷ (яъне бо он ҳамроҳ) гардидааст».***

**«لا، بل لأبدٍ ابَدْ»**

[67] Саҳеҳи Бухорӣ, 1557, 1661. Саҳеҳи Муслим, (1216)-141. Сунани Абӯдовуд, 1789.

***«На (барои имсол), балки то абад».***[68]

Ҳазрати Алӣ (р), ки қаблан ба Яман фиристода шуда буд, дар ҳамон мавқеъ бо корвони ҳоҷиёни Яман вориди Макка гардид. Ӯ низ, ки ҳамроҳи худ чорвои қурбонӣ оварда буд, аз эҳром хориҷ нашуд.

Ҷобир (р), ровии ҳадис мегӯяд: Маҷмӯи шутурҳое, ки Паёмбар (с) аз Мадина овард ва шутурҳое, ки Алӣ барои вай аз Яман овард, сад сар буданд. Ба ҷуз Паёмбар (с) ва касоне, ки ҳамроҳи худ ҳадй (қурбонӣ) доштанд, дигар тамоми мардум мӯи сарашонро кӯтоҳ намуда, аз эҳром хориҷ шуданд.

Ин ҷамъияти азиме, ки он Ҳазрат (с)-ро дар марсими ҳамроҳӣ мекард, қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ ва сатҳҳои мухталифи мардумро дар бар мегирифт. Дар он тамоми муҳоҷирон, ансор ва бузургони саҳоба, ки тарбияи бевоситаи он Ҳазрат (с)-ро дида ва муддатҳо дар сӯҳбати ӯ ба сар бурда буданд ва ҳамчунин одамоне, ки нахустин бор Расули акрам (с)-ро медиданд, ҳузур доштанд.

Аз ин рӯ, онҳо аз ҷанбаи маърифатӣ, шинохти мақсадҳои олии Ислом ва дарки арзишҳои амалии он дар сатҳҳои гуногуне қарор доштанд. Яъне он фазои малакутӣ ҳам бузургтарин ёрон ва саҳобагони он Ҳазрат (с)-ро дар бар мегирифт ва ҳам онҳоеро, ки нав ба арзишҳои Ислом ошно мешуданд.

Ҳанӯз баъзе афроди он ҷамъият ба гунае дар зери таъсири бардоштҳои эътиқодӣ ва мафҳумҳои нодурусти даврони ҷоҳилият қарор доштанд ва ҳанӯз дар зиндагӣ ба тамом аз сарчашмаи арзишҳои дини Худо илҳом намегирифтанд. **Дар ҳоле ки муҳимтарин самтҳои ақидавии Ислом он аст, ки шахси мусалмон ба тамоми ҳастӣ ва ба тамоми маъно вориди дини Худо гардад ва онро ягона сарчашмаи гирифти илҳомоти худ дар зиндагӣ бидонад.**

---

[68] Яъне мардуми араб, чӣ тавре Ҷобир (р) ишора намудааст, умраро ҳамроҳи ҳаҷ намедонистанд ва ин Расули Худо (с) буд, ки онро ба эшон омӯхт. Барои ҳамин, порае аз саҳобагон фикр карданд, ки он танҳо барои ҳамон сол бошад. Паёмбар (с) баён дошт, ки умра барои ҳамеша яке аз маросимҳои илоҳист ва ба ҳаҷ ҳамроҳ гардидааст.

**Дини Худо аслан тарҳи якпорча ва ваҳдати комиле мебошад, ки ҳеҷ гуна таҷзияро намепазирад. Ду шахсиятӣ, дуравиягӣ ва думашрабиро аз ҳеҷ кас қабул надорад. Бинобар ин, Худо имони он одамонеро, ки ниме аз боварҳои эътиқодӣ, тарзи тафаккур ва роҳу равиши худро дар зиндагӣ аз Ислом ва нимеро аз идеологияҳои дигар баргиранд ва ё дар бахше аз онҳо ба арзишҳои исломӣ пойбандӣ нишон диҳанд ва дар қисмате ҳанӯз дар зери таъсири дигар мактабҳои фикрӣ ва идеологӣ қарор дошта бошанд, ҳаргиз намепазирад.**

Вақте он Ҳазрат (с) ба онҳо иҷозат дод, ки аъмоли анҷомдодаи худро то ин марҳала умра бигардонанд ва касоне, ки қурбоние ба ҳамроҳ наовардаанд, худро аз эҳром ҳалол созанд, ҳамин ҳолат дар баъзе мусалмонон ба чашм мерасид. Сухани он Ҳазрат (с) дар ин бора аввал ба сурати иҷозат ва ихтиёрӣ буд, на ба таври дастури қатъӣ, вале онҳо дар ин кор тасоҳул варзиданд ва ҳатто баъзе аз онҳо гуфт: *«Моро мефармояд бо занонамон наздикӣ намоем ва ба Арафот дар ҳоле биоем, ки аз байни пойҳоямон манӣ мечакад»*.[69] Дар ривояте омадааст: ***«Вақте ба онҳо гуфт: Аъмоли худро умра гардонед ва худро аз эҳром ҳалол созед, ин кор барояшон сангин афтод ва (бо навъе таааҷҷуб ва эътироз) гуфтанд: Кадом ҳалол? Он Ҳазрат (с) фармуд: Ҳалоли комил»***.[70]

Расули Худо (с) аз ин рафтори онҳо ба ғазаб омад ва ба назди Оиша (р) рафт. Оиша (р) мефармояд: ***«...Он гоҳ,***

---

[69] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки дар Саҳеҳи Муслим бо рақами (1216)-141 аз Ҷобир (р) зикр гардидааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Паёмбар (с) субҳи рӯзи чоруми зулҳиҷҷа омад ва ба мо амр кард, ки ҳалол гардем ва бо занони худ наздикӣ намоем. - Ато мегӯяд: Онро бар онҳо қатъӣ нагардонд, валокин ҷоиз ва ҳалол донист. – Вақте дар байни мо ва Арафа беш аз панҷ рӯз намонда буд, гуфтем: Моро амр намудааст, ки бо занони худ...»***.

Дар ривояти Ибни Аббос (р) омадааст: ***«Пас аз намози субҳ гуфт: Касе бихоҳад, ки аъмоли анҷомдодаи худро умра бигардонад, онро умра гардонад»***. (Саҳеҳи Муслим, (1240)-199). Дар ривояти дигари Ҷобир (р) омадааст, ки: ***«Паёмбар (с) ба асҳобаш иҷозат дод, ки аъмоли худро то ин марҳала умра бигардонанд...»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1785).

[70] Саҳеҳи Бухорӣ, 1564, 3832. Саҳеҳи Муслим, (1240)-198.

***дар ҳоле ки ба ғазаб омада буд, бар ман ворид шуд. Гуфтам: Кӣ туро ба ғазаб овард, эй Расули Худо (с), Худо ӯро ба оташ барад?! Гуфт: Оё огоҳ нагаштӣ, ман мардумро ба коре амр кардам, онҳо бошанд, дар иҷрои он аз худ беқотеъиятӣ ва дудилагӣ нишон медиҳанд…»***.[71]

Дар ин рафтор ва гуфтори онҳо ҳанӯз таъсири эътиқодоти даврони ҷоҳилият эҳсос мегардид. Зеро мардум то он замон умраро дар моҳҳои ҳаҷ аз бадтарин бадкориҳо медонистанд.[72]

Сипас он Ҳазрат (с) ба назди мардум баромад ва фармуд: ***«Шумо хуб медонед, ки ман дар воқеъ, ботақвотарини шумо дар назди Худо, ростгӯтарин ва некгарини шумо ҳастам. Агар ман ҳам қурбоние бо худ намеовардам, ба монанди шумо ҳалол мегаштам. Агар оянддаи корамро медонистам, ҳаргиз бо худ қурбонӣ намеовардам, (балки аз ҳамин ҷо қурбоние мехаридам). (Акнун) ҳама ҳалол гардед»***.[73]

Ва ҳамин тавр онҳоро ба таври қатъӣ ба ҳалол гаштан аз эҳроми умра амр намуд **ва онҳоро амалан ба ин нуктаи муҳимми эътиқодӣ раҳнамоӣ кард, ки танҳо китоби Худо ва суннати Паёмбари Ӯ бояд сарчашмаи аҳком ва хезишгоҳи илҳомоти онҳо дар зиндагӣ бошад ва валову баро: гузашту ғазаб ва муҳаббату душмании онҳо танҳо барои Худо ва дар роҳи Худо бошад.**

Расули акрам (с) рӯзҳои якшанбе, душанбе, сешанбе ва чоршанбе, яъне аз чорум то ҳафтуми зулҳиҷҷаро дар Макка гузаронид.

## Ба сӯи Мино ва Арафот

Рӯзи панҷшанбе ҳангоми чошт, рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа, ки ба рӯзи тарвия маъруф аст, он Ҳазрат (с) ҳам-

---

[71] Саҳеҳи Муслим, (1211)-130.

[72] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Ибни Аббос (р) дар ин бора ривоят шудааст, он ҷо,ки мефармояд: ***«Мардум (дар даврони ҷоҳилият) умраро дар моҳҳои ҳаҷ аз бадтарин бадкориҳо дар рӯи замин медонистанд…»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1564. Саҳеҳи Муслим, (1240)-198).

[73] Саҳеҳи Бухорӣ, 1557, 1568, 1785, 2506. Саҳеҳи Муслим, (1216)-141.

роҳи тамоми мусалмонон ба Мино рафтанд ва намози пешинро дар он ҷо гузориданд.

Шаби ҷумъаро он ҷо гузаронида, рӯзи дигар, нӯҳуми зулҳиҷҷа ҳангоми тулӯи офтоб ба сӯи Арафот ҳаракат карданд.

Қурайшиҳо одат доштанд, ки ҳар гоҳ аз Макка барои ҳаҷ хориҷ мешуданд, ба ҷои Арафот дар Муздалифа, ки дар ҳудуди Ҳарам буд, фуруд меомаданд. Онҳо мепиндоштанд, ки агар Қурайш дар хориҷи Ҳарам маносики ҳаҷро ба ҷой оварад, он имтиёзеро, ки бар дигарон доранд, аз даст медиҳанд. Вале Ислом, ки ҷорикунандаи адолату баробарӣ аст, ҳаргиз ба чунин имтиёзҷӯиҳо иҷозат намедиҳад. Бар ҳамин асос, Худованд дастур дод:

ثُمَّ أَفِيضُواْ مِنۡ حَيۡثُ أَفَاضَ ٱلنَّاسُ...

**«(Дар бозгашт аз Арафот) аз ҳамон ҷое, ки мардум (ба сӯи Муздалифа ва Мино) ифоза (бозгашт) менамоянд, бозгашт намоед».[74]**

Он Ҳазрат (с) бо оммаи мусалмонон ба Арафот омаданд ва эълом намуданд:

«قِفُوا فِي مَشاعِرِكُمْ فإنَّكمْ عَلى إرْثٍ مِنْ إرث أبيكم إبراهيم»

***«Бар маконҳои муқаддаси худ биистед, чун шумо бар яке аз ёдгориҳо ва мероси падаратон Иброҳим қарор доред».***[75]

Яъне вуқуфи (истодани) дар Арафа яке аз ёдгориҳои маросими ҳаҷҷи Иброҳим (ъ) аст. Вай ин ҷойро барои чунин мақсад таъйин намуда буд.

Хаймаи он Ҳазрат (с), ки пешакӣ дар Намира зада шуда буд, ҳамон ҷо фуруд омад. Пас аз завол (нисфирӯзӣ) бар шутураш Қасво савор гардида, ба миёни майдони Арафот омад. Дар ин ҷойгоҳ аз болои шутур хутбаи муҳимме эрод фармуд, ки дар зимни он усул ва аркони

---

[74] Сураи Бақара, 2: 199.
[75] Сунани Абӯдовуд, 1919. Сунани Тирмизӣ, 883.

Исломро шарҳу тавзеҳ дода, асоси ширку ҷоҳилиятро сарнагун эълом намуд. Ин аввалин рӯзе буд, ки шукӯҳу азамати Ислом ба намоиш гузошта шуд ва тамоми маросиму ойинҳои беҷои даврони ҷоҳилият маҳву нобуд гардиданд. Дар ин маврид он Ҳазрат (с) дар хутбаи худ фармуд:

### Хутбаи Арафот

«الا كُلُّ شيءٍ مِنْ أَمرالجاهليّة تحْتَ قدمَيّ موْضوعٌ»

***«Бидонед, ки тамоми корҳо, маросимҳо ва расму ойини (беҷои даврони) ҷоҳилият дар зери қадамҳои ман қарор гирифтаанд».***[76]

---

[76] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

Ин ҷумла ва ҷумлаҳои арабие, ки баъд аз ин зикр мешаванд, ҳама фарозҳое аз хутбаи он Ҳазрат (с) ҳастанд, ки дар як ҳадис ба таври комил ва якҷоя ҷамъ наомадаанд, балки аз манбаъҳои гуногун гирифта шудаанд.

Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Саҳеҳи Муслим боби «ҳаҷҷи Паёмбар (с)» ва боби «таҳрими хунҳо, обрӯҳо ва молҳо» ва дар Сунани Абӯдовуд боби «сифати ҳаҷҷи Паёмбар (с)», «моҳҳои ҳаром» ва ғайра, ин хутба аз Ибни Аббос, Ибни Умар, Абӯумомаи Боҳилӣ, Ҷобир, Абӯбакра ва чанд саҳобаи дигар нақл гардидааст. Дар ин ривоятҳо баъзе матлабҳо бо ҳам муштараканд, монанди: ***«Инна димоакум ва амволакум ҳаромун ъалайкум каҳурмати...»***, ва баъзе ҷудо аз ҳам мебошанд. Дар китобҳои таърих ва ғазваҳои Паёмбар (с) мавридҳои дигаре низ зикр гардидааст.

Асл ин аст, ки ин як хутбаи дароз ва тӯлоние буда ва ҳар шахс он миқдоре, ки ҳифз намуда буд, ҳамонро ривоят кардааст. Бинобар ин, аз сарчашмаҳои гуногуни он қисматҳое гирд оварда шудааст. Дар ривоятҳо дар мавриди таърихи эроди хутба низ ихтилоф вуҷуд дорад. Дар ривояти Ҷобир (р) ва дар як ривояти Ибни Аббос, таърихи эроди хутба рӯзи нӯҳуми зулҳиҷҷа, яъне рӯзи Арафа ва дар ривояти Абӯбакра ва Ибни Аббос ва ривоятҳои дигар рӯзи ид, даҳуми зулҳиҷҷа баён гардидааст.

Дар баъзе ривоятҳо айёми ташриқ низ зикр шудааст. Ибни Исҳоқ ин хутбаро ба таври мусалсал (пайи ҳам) нақл кардааст. Дар Сунани Ибни Моҷа, Сунани Тирмизӣ ва Муснади имом Аҳмад чанд қисмате аз хутбаи «Ҳаҷҷатулвадоъ» нақл шудааст ва тасреҳ нашудааст, ки дар чи рӯзе эрод шудаанд. Ба ҳар ҳол, аз баррасии ривоятҳои сиҳоҳи ситта, муснадҳо ва гирдоварии онҳо маълум меша-

Дар роҳи расонидани башарият ба қуллаи камоли инсонӣ бузургтарин монеъ, ҳамон фарқиятҳо ва тафовутҳои инсоние буданд, ки қавму қабилаҳои гуногун, дину мазҳабҳои гуногун ва кишварҳои гуногун ба шаклҳои гуногун онҳоро ба вуҷуд оварда буданд.

Подшоҳон сояи Худо шинохта мешуданд. Ҳеҷ касе ҷуръат надошт дар муқобили онҳо чуну чаро намояд ва ҳатто ҳуқуқи табиии худро талаб намояд. Бо роҳбарон ва пешвоёни динӣ дар масоили динӣ ва ҳаётӣ гуфтугӯ имконнопазир буд. Табақаҳои болои ҷомеа худро аз табақаҳои поёнии ҷомеа беҳтар медонистанд. Ғулом ва хоҷааш ду навъ инсон ба шумор мерафтанд. Тамоми ҷомеаи башарии он рӯзгор аз чунин костагии ахлоқӣ, поймол будани табиитарин ҳуқуқҳои инсонӣ ва тақсимоти табақотӣ, нажодӣ ва қабилавӣ дар ранҷ буданд.

Дар чунин рӯзгоре дар рӯзи Арафа дар авҷи ҷалолу шукӯҳи ин маросими илоҳӣ тамоми ин имтиёзот, марзбандиҳои ҷудосозандаи инсон аз инсон ва системаи табақотии забунсозандаи кароматии инсон аз байн рафт ва занҷирҳои нобаробарию беадолатӣ, ки тӯли ҳазорон сол фикру андеша ва ҳаёти одамиро дар асорат, афсурдагӣ ва забунӣ нигоҳ медошт, аз ҳам гусаст ва нобудии онҳо аз забони Паёмбари гиромии Ислом (с) эълон гардид.

Ин на як намоиши сохтагӣ, шиори беасос ва гуфтори забоние буд, ки эълом гардиду халос. Балки як воқеияти гӯёе аз раванди бедорсозӣ ва раҳнамоии мактаби Ислом ва самараҳои ба бор нишастаи ранҷҳои бисту сесолаи Паёмбари Ислом (с) буд, ки дар симои парвар-

---

вад, ки он Ҳазрат (с) дар Ҳаҷҷатулвадоъ дар се навбат хутба эрод фармудаанд. Нӯҳуми зулҳиҷҷа, рӯзи Арафа, ки хутбаи Арафот аст, даҳуми зулҳиҷҷа рӯзи ид дар Мино ва бори сеюм дар айёми ташриқ, ёздаҳум ё дувоздаҳуми зулҳиҷҷа.

Дар ин хутбаҳо аслан баъзе матлабҳо муштарак ҳастанд ва баъзе аз ҳам фарқ доранд. Ин ҳам мумкин аст. Чӣ тавре баъзе аз ровиёни ҳадис тасреҳ намудаанд, ки ҷамъият бисёр зиёд ва бузург буд ва паёме, ки он Ҳазрат (с) мехост ба уммат бирасонад, бисёр муҳим буд. Бинобар ин, баъзе аз қисматҳои хутбаи худро такрор намудаанд. *(Сайид Сулаймони Надвӣ).*

дагони ин мактаби осмонӣ ба сурати он ҷамъомади бошукӯҳ ба намоиш даромад. Он короямии механизми тарбияи исломиро дар сохтани шахсияти инсони комил ва намуна ва поярезии ҷомеаи такомулёфта ва таъсиргузории шахсияти Паёмбари Худо (с)-ро дар ташаккули ҳамаҷонибаи рӯҳи маънавии уммат ба хубӣ муҷассам сохт.

Дар ҷомеаи башарӣ ҳатто то ибтидои асри бист, ки аҳолии кураи Замин ба таври чашмгире афзоиш ёфта буд, як гирдиҳамойии чил-панҷоҳ ҳазорнафара ҷамъомади бисёр бузург ва бошукӯҳе ба шумор мерафт. Бубинед, дар он дергоҳи таърих, қабл аз ҳазору чорсаду чанд сол ҳудуди бештар аз сад ҳазор нафар дар маросими ҳаҷ ширкат меварзанд.

Ин ҳама дар ҳолест, ки аҳолии нимҷазираи Арабистон дар он замон ҳудудан аз ним миллион нафар таҷовуз намекард. Ҳарчанд як омори дақиқе аз шумораи аҳолии он кишвар дар он замон дар даст нест, вале ҳамин қадар маълум аст, ки он сарзамин дар тӯли таърихи худ, бинобар шароити ҷуғрофиёӣ ва иқлимии хосси худ аз камаҳолитарин кишварҳои дунё ба шумор мерафт.

## Эъломияи адолат

Он Ҳазрат (с) барои аввалин бор дар таърихи башарият баробарии тамоми мардумро дар пешгоҳи Худованд ба сурати эъломияи ҳуқуқи башар эълом кард ва танҳо тақво ва бузургии амалиро дар пешгоҳи Худованд меъёри арзиш ва кароматӣ ӯ қарор дод. Бародарии тамоми мусалмононро бо якдигар эълон намуд ва аз онҳо хост, ки дар роҳи таҳқиқи ин ҳадафҳои олӣ: баробарии инсоният ва расидани ҷомеаҳо ва афрод ба кароматӣ инсонӣ кӯшиш намоянд.

**ايّها النّاس! انّ رَبّكُمْ واحِدٌ وإنّ اباكمْ واحِدٌ، الا لافضلَ لِعَربيّ عَلي عَجَمِيّ ولا لِعَجَميّ عَلى عَربيّ ولا لاحْمَرَ علي اسْوَدَ ولا لاَسْودَ على اَحْمَرَ الا بِالتّقْوى.** (مسند احمد). **انَّ كُلَّ مًسلِمٍ اخُو المسلِم وإنّ الْمسلِمينَ إخوة** (مستدرك حاكمْ **93/1** وطبري وابن اسحاق). **أرقاّءُكم أرقاّءُكُمْ أطعِمُوهُمْ مِمّا تَأكُلون واكْسُوهم ممّا تلبَسُون.**(ابن سعد).

***«Эй мардум! Албатта, Парвардигори шумо яке аст ва бешак, падари шумо (низ) яке аст. Ҳеҷ шахси арабнажоде бар аҷамитаборе ва ё аҷамитаборе бар арабнажоде, сурхпӯст бар сиёҳпӯст ва сиёҳпӯст бар сурхпӯсте бартарӣ ва фазилат надорад, магар аз ҷиҳати тақво.[77] Ҳар як мусалмон бародари мусалмони дигар аст ва ҳамаи мусалмонон бо якдигар бародаранд. Ғуломони шумо хидматгузорони шумоянд. Ҳар чи шумо худ мехӯред, ба онҳо низ бихӯронед ва ҳар чи мепӯшед, онҳоро низ аз ҳамон бипӯшонед».***[78]

* * *

Арабҳо ҳанӯз дар марҳалаи ҳаёти қабилавӣ ба сар мебурданд. Роҳу равишҳои ҳаёти қабилавӣ ва расму одатҳои пучу хурофӣ зиндагонии онҳоро дар он биёбонҳои тафсону сӯхта дучори кашмакашҳои қабилавӣ ва хунрезиҳои давомнок намуда буд. Муҳити саҳро ва фазои зиндагонии қабилавӣ, ҳисси интиқомҷӯӣ, сар нафаровардан дар баробари ҳар гуна таҳқиру зиллат ва рӯҳи саҳронишинӣ ва дурӣ аз ҳар гуна фарҳангу тамаддунро дар онҳо ҳамвора зинда нигоҳ медошт.

Агар фарде аз як хонадон ва шахсе аз ягон қабилае кушта мешуд, гирифтани интиқоми хуни вай вазифаи дараҷаи аввали он хонадон ва амри муҳимми он қабила ба шумор мерафт, ба тавре, ки пас аз гузаштани даҳсолаҳо низ дар зеҳну хотираҳо боқӣ мемонд ва дар баробари он вазифа эҳсоси масъулият мекарданд. Аз ин рӯ, дар миёни эшон ҳамеша ҷангу хунрезӣ вуҷуд дошт ва ҳеҷ гоҳ он сарзамин рӯи оромиро намедид.

Дар он рӯз буд, ки расми деринаи арабҳо, вазифаи муқаддаси хонаводагӣ ва масъулияти қабилавӣ аз байн рафт ва бекор эълом гардид. Мунодии нубувват нахуст аз хонадони худ шурӯъ намуда, эълом дошт:

---

[77] Муснади имом Аҳмад, 23536.

[78] Муснади имом Аҳмад, 16409. Иснодаш заъиф аст, вале дар назди Шайхайн аз ҳадиси Абӯзар (р) асл дорад.

ودِماءُ الْجاهليّةِ مَوضُوعة وإنّ اوَّلَ دمٍ أضَع مِن دِماءنا دَمُ إبن ربيعة إبن الحارث، كان مُسْتَرْضَعًا في بني سَعْدِ فقتَلَهُ هُذَيْلٌ.

***«Бидонед, ки тамоми корҳо ва роҳу равиши даврони ҷоҳилиятро зери по ниҳодам ва хунҳои рехташуда дар даврони ҷоҳилият низ бекор гардида, ба замин гузошта шуданд. (Дигар касе ҳаққи талаби хунеро, ки дар даврони ҷоҳилият рехта шудааст, надорад) ва аввалин расми хунхоҳие, ки зери по мегузорам, аз хунҳои худамон мебошад ва он хуни Ибни Рабеа ибни Ҳорис аст, ки тифле ширхора дар миёни қабилаи банӣ Саъд буд (ва ҳамон ҷо ба воя расид) ва қабилаи Ҳузайл ӯро кушт».***[79]

* * *

Арабҳо гирифтори доми муомилоти судхӯрӣ (рибавӣ) буданд, ба тавре, ки камбағалон ва мустамандон ҳамвора ғуломи ҳалқабаргӯши қарздиҳандагони судхӯр ба шумор мерафтанд. Ин дом низ дар он рӯз барчида мешавад ва мунодии ҳақ онро низ аз хонадони худ шурӯъ мекунад ва эълом медорад:

وَربا الْجاهِليّة موْضوعٌ واوّل ربا أضَع مِن ربانا
ربا عبّاس إبن عبدِ المُطّلب فانّه موضوعٌ كُلّه.

***«Рибои ҷоҳилият низ зери пой аст ва аввалин рибое, ки аз худамон зери по мегузорам, рибои Аббос ибни Абдулмутталиб аст, ки тамоми он аз эътибор соқит аст».***[80]

* * *

---

[79] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

Рабеа писари Ҳорис писари Абдулмутталиб, писарамаки он Ҳазрат (с) буд ва тибқи анъанаҳои даврони ҷоҳилият гирифтани интиқоми хуни писараш аз қабилаи Ҳузайл бар зиммаи Қурайш ва хонадони банӣ Ҳошим буд. Рабеа фарзанде дошт бо номи Иёс, ки дар қабилаи банӣ Саъд бузург шуда ва қабилаи Ҳузайл ӯро ба қатл расонида буд. (Сунани Абӯдовуд, 1905, Саҳеҳи Муслим, боби ҳаҷҷи Паёмбар (с) ва Зарқонӣ. 8/ 20).

[80] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

Аббос амаки Паёмбар (с) пеш аз Ислом муомилоти судхӯрона (рибавӣ) анҷом медод ва бисёре аз мардум аз суди (рибои) қарзҳои вай қарздор буданд.

Занон то он замон матоъ ва колое ониста мешуданд, ки ҳатто дар қимор ба унвони бурду бохт мавриди мубодила қарор мегирифтанд. Ин аввалин рӯзе буд, ки ин қишри мазлуми ҷомеа мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт ва дар ҷомеа мақому ҷойгоҳи хоссеро ба даст овард. Дар бораи онҳо он Ҳазрат (с) ба хушрафторӣ, муоширати нек ва риояи ҳуқуқашон тавсия намуда, ба унвони нахустин эъломияи ҳимояи ҳуқуқи занон дар ҷаҳон баён дошт:

فاتّقواالله فِي النّساء. فانّكُم أخذتموهنّ بأمان الله، واسْتَحْللتُم فرُوجهُنَّ بكلِمةِ الله.

***«Пас дар рафтор бо занон аз Худо битарсед, чун шумо онҳоро бо аҳду паймоне аз ҷониби Худо гирифта (онҳо амонатҳои илоҳӣ дар дасти шумо ҳастанд) ва бо ҳукми Ӯ онҳоро барои худ ҳалол сохтаед».***[81]

Сипас, ҳуқуқ ва вазифаҳои зану шавҳарро бар якдигар баён намуда, фармуд:

ان لكُم علي نِساءِكُمْ حَقّاً ولَهُنَّ عَلَيْكُمْ حَقّاً. (طبري،ابن هشام وغيره). ولكم عليْهِنَّ أنْ لايُوطِئْنَ فرُشَكُم احدًا تكرهونه، فإنْ فَعَلْن ذلِك فاضْربُوهُنّ ضربًا غيْرَ مُبرِّح، ولهُنَّ عَلَيْكُمْ رزْقُهُنَّ وكِسْوَتُهُنَّ بالمَعْرُوف.

***«Ҳамон тавре шумо ба гардани занонатон ҳақ доред, онҳо низ бар шумо ҳақ доранд. Ҳаққи шумо бар онҳо ин аст, ки касеро, ки намехоҳед, ба хонаҳоятон роҳ надиҳанд. Агар муртакиби ин кор (хато) шуданд, онҳоро бе озор таъдиб намоед.***

***Ва ҳаққи онҳо бар шумо ин аст, ки васоили зиндагии онҳоро ба хубӣ фароҳам созед».***[82]

* * *

Дар он айём, ки молу ҷони одамӣ ҳеҷ арзиш ва қимате надошт, ҳар кас ба осонӣ метавонист якеро бикушад ва молу дороияшро тороҷ намояд. Ин буд, ки он раҳмати оламиён паёми амнияти ҷон ва эҳтирому арзиши моли инсонро барои тамоми ҷаҳониён эълом намуд:

---

[81] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.
[82] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

إن دماءكم وأموالكم عليكم حرام، كحرمة يومكم هذا، في شهركم هذا، في بلدكم هذا، إلي يوم تلقون ربّكم.

***«Ба ростӣ, хунҳо ва молҳои шумо то ба рӯзи қиёмат бар шумо,[83] ба сони ҳурмате (эҳтиром ва қадосате), ки ин рӯз, дар ин моҳ ва дар ин шаҳр барои шумо дорад, мӯҳтарам мебошанд»***.[84],[85]

Он гоҳ хитоб ба мардум фармуд: ***«Бидонед, ки ман пешгарди шумо бар ҳавз мебошад ва дар миёни умматони дигар бо шумо ифтихор менамоям. Пас рӯи маро (дар он рӯз) сиёҳ насозед»***. Сипас онҳоро аз эҷоди бидъатҳо ва гумроҳиҳо барҳазар дошт ва ба пайравии дини Худо таъкид намуд ва афзуд: ***«Бидонед, ки ман баъзе мардумро наҷот мебахшам ва баъзе мардум аз ман раҳо мехӯранд. Мегӯям: Парвардигоро, ёронам!. Мегӯяд: Ту намедонӣ, ки (ёронат) пас аз ту чи чизҳоеро ба вуҷуд овARDанд»***.[86]

* * *

Динҳои бузурге пеш аз Ислом ба вуҷуд омада буданд, вале асоси онҳо бар зербинои усул ва қонунҳои навишташудае аз ҷониби соҳиби шариат набуд. Пешвоён ва арбобони он динҳо ҳидояти илоҳиро тибқи ҳавову ҳаваси худ тағйир дода буданд. Хотами паёмбарон (с) маҷмӯаи ҳидояти илоҳиро барои баъд аз вафоти худ ба уммат супурд ва таъкид намуд, ки то вақте онҳо ба китоби Худо чанг зада бошанд, ҳаргиз гумроҳ намешаванд:

« وإنّي قدْ تركْت فيكمْ مالنْ تضِلّوا بعْده، إن اعْتَصمْتم به، كتابَ الله »

---

[83] Рехтани хуни мусалмон ва баноҳақ хӯрдани молаш барои бародари мусалмонаш ҳаром мебошад. Бояд ин чизҳо мавриди эҳтиром қарор гиранд ва муқаддас дониста шаванд.

[84] Рӯзи Арафа яке аз муҳимтарин рӯзҳои ҳаҷ ба шумор рафта, вуқуфи (истодани) дар он яке аз се фарзи ҳаҷ мебошад. Моҳи зулҳиҷҷа яке аз чаҳор моҳи ҳаром мебошад ва Макка низ шаҳри ҳаром, яъне дорои ҳурмат ва қадосати шаръӣ мебошад, ки бояд ба хотири ҳурмат ва қадосати он моҳҳо ва он ҷойгоҳи пок мусалмонон ҳар гуна душмании шахсиро дар миёни худ канор бигузоранд.

[85] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

[86] Сунани Ибни Моҷа, 3057.

***«Ман дар миёни шумо чизеро аз худ барҷой гузоштаам, ки агар ба он чанг занед, ҳаргиз гумроҳ намешавед ва он китоби Худо (Қуръон) аст».***[87]

* * *

Пас аз он чанд асл ва қоидаи куллиеро ба шарҳи зер баён намуданд:

**1– إنّ الله عزّوجلّ قدأعطي كلَّ ذِي حَقٍّ حَقَّهُ، فَلا وَصِيَّةَ لِوارثٍ.**

**2– الولدُ لِلفِراش ولِلعاهر ألحَجَرُ وحسابهم على الله.**

**3 – مَن ادّعى إلى غيْر أبيه وانْتمى الى غير مواليه، فعليه لعْنة الله.**

**4 – الا لايَحلّ لإمرأة أنْ تُعْطي مِنْ مال زَوجها شَيْئًا إلاَّ بِإذْنه.**

**5 – الدَّينُ مَقْضيّ والعارية مُؤدّاة والمُنحة مردودة والزّعِيم غارمٌ.**

1. ***Худованд дар китобаш ҳаққи ҳар ворисеро (аз моли тарика) муайян намудааст, ҳоло дигар васияти (иловагие) барои ворисе ҷоиз нест;***

2. ***Кӯдак фарзанди касест, ки дар бистар ва хонаи ӯ таваллуд гардидааст ва зинокор сангсор мегардад ва ҳисоби онҳо бар Худованд аст;***

3. ***Ҳар фарзанде, ки худро ба сӯи ғайри падараш ва ҳар гуломе, ки худро ба сӯи ғайри хоҷааш нисбат диҳад, лаънати Худо бар вай бод;***

4. ***Барои ҳеҷ зане ҳалол ва дуруст нест, ки аз моли шавҳараш бе иҷозати вай ба касе ҷизе бидиҳад;***

5. ***Қарз бояд пардохта шавад, орият ва бахшиш ба соҳибаш бозгардонида шавад ва кафил (сарпараст ва роҳбари коре) зомини он чизест, ки онро бар ӯҳда ва замонати худ гирифтааст.***

## Гувоҳии мардум барои Расули Худо (с)

Он гоҳ ба ҷамъияти ҳаҷгузорон хитоб карда, фармуд:

**«أَنْتم مسئولون عنّي، فما أنتم قائلون؟»**

---

[87] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

***«Шумо рӯзи қиёмат дар мавриди ман пурсида хоҳед шуд. Шумо дар он ҷо чӣ хоҳед гуфт? Ва чӣ гуна гувоҳӣ хоҳед дод?»***.[88]

Тамоми мардум гуфтанд: Мо гувоҳӣ медиҳем, ки паёми ҳақро ба мо расонидед ва ҳаққи насиҳат ва хайрхоҳиро адо кардед. Он Ҳазрат (с) бо ангушташ (ангушти шаҳодат) ба ҷониби осмон ишора кард ва дар ҳоле ки онро ба сӯи мардум такон медод, фармуд:

**«اللَّهُمَّ اشْهد، اللَّهُمَّ اشْهد، اللَّهُمَّ اشْهد»**

***«Худовандо! Шоҳид бош, Худовандо! Шоҳид бош, Худовандо! Шоҳид бош!...»*** ва се бор Худоро бар сухан ва тасдиқи мардум дар бораи худаш шоҳид гирифт.

Дар ҳоле ки он Ҳазрат (с) анҷоми вазифаи илоҳиро идома медод ва амалан он ба поёни худ наздик расида буд, ин оят дар ҳамон Арафот бар вай нозил гардид:[89]

**... ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ**

**نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ**

**«Имрӯз барои шумо динатонро комил кардам ва неъмати худро бар шумо тамом (пурра) намудам ва Исломро (ба унвони дини шумо) бароятон ихтиёр кардам»**.[90]

Ҷои тааҷҷуб дар он буд, ки вақте хоҷаи ду ҷаҳон дар ҷамъияти ҳудуди садҳазорнафара ин фармони илоҳиро эълом мекард, арзиш ва қимати каҷовае (зин), ки бар он нишаста буд, аз чанд дирҳаме беш набуд.[91]

---

[88] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

[89] Саҳеҳи Бухорӣ, 45, 4407, 4606, 7268. Саҳеҳи Муслим, 7441 (3017)-3, 4. Сунани Тирмизӣ, 3043.

[90] Сураи Моида, 5: 3.

[91] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Анас ибни Молик (р) дар ин бора ривоят шудааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Паёмбар (с) бар зини кӯҳна ва порчае хаҷ кард, ки чор дирҳам арзиш дошт, ё надошт ва гуфт: Худоё, ҳаҷҷе бигардон, ки дар он риё ва худнамоие набошад»***. (Сунани Ибни Моҷа, 2890).

## Вуқуфи дар Арафот

Пас аз итмоми хутба ба Билол дастури азон дод ва намози пешин ва асрро дар як вақт ва ду ракъатӣ баргузор намуданд. Он рӯз рӯзи ҷумъа буд.

Баъд аз адои намоз бар шутури худ савор гашта, ба мавқиф[92] ташриф овард ва дар ҳамон болои шутур рӯ ба қибла истода, то дергоҳ ба дуъову тазаррӯъ ва изҳори аҷзу ниёз дар пешгоҳи Парвардигор машғул гардид.

## Ба сӯи Муздалифа

Вақте офтоб фурӯ рафт, аз Арафа ҳаракат намуд. Он Ҳазрат (с) Усома писари Зайдро пушти сари худ бар шутур савор намуда, лаҷоми шутурро ба тарафи худ кашид, то он ҷо ки сари шутур наздик буд ба пеши каҷова[93] бирасад. Бар асари издиҳом ва ба ҳаракат даромадани он ҷамъияти азим дар миёни мусалмонон изтиробе ба вуҷуд омад. Он Ҳазрат (с) мардумро бо дасти рост ва дар Бухорӣ омадааст, ки бо тозиёна ишора мекард, ки оҳиста бошанд, оромиро риоя намоянд ва бо забон фармуд:

«السَّكِينة أيُّها النَّاسُ، السَّكِينة أيُّها النَّاسُ!»

***«Эй мардум! Бо оромӣ ва итминон ҳаракат кунед».***[94]

Дар тӯли роҳ талбия мегуфт ва то расидан ба Муздалифа талбияро идома дод. Дар Муздалифа Билолро дастур дод, ки азон бигӯяд. Билол азон ва иқома гуфт.

---

[92] Мавқиф – ҷои вуқуф ва истодан дар саҳрои Арафот. Дар ин ҷойгоҳ Расули акрам (с) то дергоҳ машғули дуъо буд. Ин ҷойгоҳ маъруфу мушаххас аст. Тамоми саҳрои Арафот мавқиф ба шумор меравад. Паёмбар (с) наздики сахра (санги бузург ва паҳне) , ки дар миёни саҳрои Арафот ва дар поёни Ҷабали Раҳмат воқеъ гардидааст, истода буд.

[93] Каҷова ҳамон зинест, ки маъмулан аз чӯб сохта шуда, болои шутур гузошта мешавад, то роҳати бештареро барои шутурсаворон фароҳам намояд.

[94] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905. Сунани Ибни Моҷа, 3074.

Он Ҳазрат (с) намози шомро пеш аз хобонидани шутурҳо ва гузоштани борҳо бар замин ба ҷой овард.

Ҳамин ки мардум борҳои худро бар замин ниҳоданд, намози хуфтанро баргузор намуданд. Ва баъд аз намози хуфтан то бомдод истироҳат карданд.

Фардои он шаб намози бомдодро дар аввали вақти субҳ хонда, бар шутурашон савор шуданд ва ба Машъарулҳаром омаданд. Паёмбар (с) дар он ҷо рӯй ба Қибла намуда, то равшан шудани ҳаво ба дуъову тазаррӯъ, такбиру таҳлил ва зикр машғул шуд.

Бутпарастони Қурайш қабл аз Ислом аз Муздалифа замоне ҳаракат мекарданд, ки офтоб тулӯъ карда, бар кӯҳҳо ва теппаҳо намоён мешуд. Пас бо садои баланд мегуфтанд: **«Кӯҳи Сабийро! Бо нури офтоб дурахшон бош!».** Он Ҳазрат (с) бар хилофи ин расм пеш аз тулӯи офтоб ҳамроҳи мардум ба тарафи Мино ҳаракат карданд. Ин дафъа Фазл ибни Аббос ҳамроҳи он Ҳазрат (с) бар шутур савор буд ва Паёмбари Ислом (с) дар тӯли роҳ такрор ба такрор талбия мегуфт.

Расули Худо (с) ба писари Аббос, ки писарбачаи хурдсол буд, фармуд, то барои ӯ ҳафт адад сангреза барчинад. Вақте онҳо ба миёнаи Водии Муҳассар расиданд, шутурро ҳаракат дода, тезтар ронданд, зеро дар ҳамин водӣ бар асҳоби Фил азоби Худо нозил гардида буд. То ин ки ба Мино расиданд ва аз он ҷо ҳамчунон савори шутур ба Ҷамраи Ақаба омаданд. Расули Худо (с) пас аз тулӯи офтоб рамйи ҷимор (сангрезаҳои худро бар шайтон партоб) намуда ва бо шурӯи партоби сангҳо талбиягӯиро бас карданд.

* * *

Ислом кундравӣ, бетафовутӣ ва беиродагӣ дар баробари арзишҳо, пойбандиҳо (амрҳо ва наҳйҳо) ва аҳкоми илоҳӣ-инсонии Ислом ва надоштани як мавқеияти эътиқодӣ-имонии дурусту солим ва муносиб бо шарофат ва кароматి инсонии бандаи мӯъмин дар бархӯрд бо пешомадҳои оламро мавриди накӯҳиш қарор додааст. Ислом, ин ойини фитрӣ, ҳамчунин ба тундравӣ дар

маслаку маром, ифротгароии ақидавӣ ва ташаддудталабӣ дар татбиқи амалии ғояҳои он дар арсаи зиндагӣ низ рӯи хуш нишон надодааст.

На об шудану бемоя гаштан ва аз даст додани ҳувияти динии худро дар зери амвоҷи таблиғот ва тӯфони фарҳангзудоии дигарон меписандад ва на аз он таассуби кӯр-кӯронаи динӣ ва тангназарии бунёдбарандози эътиқодӣ истиқбол мекунад. Балки он аз як ақидаи бо самоҳат, биниши фарогири динӣ, низоми мӯътадили ҳаёт, мизоҷ ва андешаи солим ва…, ки бо ҳифзи шарафу кароmати имонии инсон ҳамроҳ бошад, посдорӣ ва ҳимоя менамояд. Ҳамин тавр, ҳифзи хирадмандонаи тамаддун, арзишҳои маънавӣ ва ҳувийяти динӣ, ҳамчунин зиндагии сарбаландона ва шоиста дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳадафҳои нахустин ва роҳи росту мустақили Ислом мебошанд.

Ин буд, ки он Ҳазрат (с) хитоб ба мардум фармуд:

«إيّاكُمْ وَالغلوَّ في الدّين، فإنّما أهلك من كان قبلكم الغلوّ في الدّين» .

***«Аз ифротгароӣ (тундравӣ ва ташаддудгароӣ) дар дин дурӣ ҷӯед, зеро миллатҳои пеш аз шуморо ҳамин ифротгароӣ ва ғулуви дар дин нобуд сохт»***.[95]

Он Ҳазрат (с) барои расонидаи паёмҳои дини Худо равишҳои гуногунеро ба кор мебурд, то таваҷҷӯҳи мардумро ба суханони худ бештар ҷалб намояд. Баъзе одамонро ба хомӯш сохтани мардум амр мекард. Аз ҷумла саҳари рӯзи Ҷамъ (Муздалифа) ба Билол гуфт: ***«Эй Билол, мардумро хомӯш соз. Сипас фармуд:…»***.[96] Дар ҳадиси Ҷарир омадааст, ки Паёмбар (с) дар ҳаҷҷатул видоъ ба вай гуфт: ***«Мардумро хомӯш соз…»***.[97]

Ҳамчунин барои шунидани тамоми мардум баъзе одамонро ба ҳайси баландгӯйҳо ба шунавонидани мардум амр мекард. Аз ҷумла, дар Арафот Рабиа ибни Умай-

---

[95] Сунани Ибни Моҷа, 3029; Муснади имом Аҳмад, 1854, 3238. – Ҷ. 1. – С. 355, 572; Сунани Суғрои Насоӣ. – Ҷ. 5. – С. 268; Мустадраки Ҳоким, 1754. – Ҷ. 2. – С. 121. Мӯъҷамулкабир, 12747. – Ҷ. 12. – С. 121.

[96] Сунани Ибни Моҷа, 3024.

[97] Саҳеҳи Бухорӣ, 121, 4405, 6869, 7080. Саҳеҳи Муслим, 223 (65)-118.

яро дастур дод, то аз қафои вай такрор намояд ва суханонашро ба мардум бирасонад.[98] Марди дигареро низ дар Арафот ба расонидани суханонаш амр намуд.[99] Дар Мино бошад, Алиро амр кард, ки суханони ӯро такрор намояд ва мардумро бишунавонад, дар ҳоле ки қисме аз онҳо нишаста ва қисме истода буданд.[100] Илова бар ин, дар Мино ва Арафот намояндагоне ба назди мардум мефиристод, то паёмҳои ӯро ба онҳо бирасонанд.[101]

Он Ҳазрат (с) илова бар ин, ба мардум хабар дод, ки шояд бори дигар ӯро набинанд ва ин охирин ҳаҷҷи ӯ ва ҳамчунин охирин дидори баъзе онҳо бо вай бошад. Барои ҳамин кӯшиш намоянд, то аҳком ва маносики худро ҳамин ҳоло аз ӯ бигиранд:

« لتأخذوا مناسككم فإنّي لا أدري لعلّي لا أحجّ بَعد حجّتي هذه»

***«Маносик ва аҳкоми ҳаҷро (аз ман) биомӯзед. Ман намедонам, шояд баъд аз ин ҳаҷ муваффақ ба анҷоми ҳаҷҷи дигаре нашавам»***.[102]

## Дар Мино

Он гоҳ дубора ба тарафи Мино баргашт ва барои мардум суханронӣ кард. Зимни он мардумро аз эҳтиром

---

[98] Сирати Набавӣ, Ибни Касир, ҷ. 4, с. 342.

[99] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Абдурраҳмон ибни Яъмур (р) ривоят шудааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Дар Арафот ба назди Паёмбар (с) омадам. Дар ҳамин вақт гурӯҳе аз аҳли Наҷд ба назди он Ҳазрат (с) омаданд ва мардеро фармуданд, ки Расули Худо (с)-ро садо кунад, ки ҳаҷ чӣ гуна аст? Расули Худо (с) мардеро амр кард ва ӯ нидо кард, ки: Ҳаҷ рӯзи Арафа аст...»***. (Сунани Абӯдовуд, 1949. Сунани Тирмизӣ, 889, 890).

[100] Сунани Абӯдовуд, 1956.

[101] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки дар он омадааст: ***«Мо дар мавқифи Арафот истода будем, ки Ибни Мирбаи Ансорӣ омад ва аз макони дуртар гуфт: Ман фиристодаи Расули Худо (с) ба сӯи шумо ҳастам. Вай мегӯяд: Дар мавқеъҳои вуқуфи худ бошед, зеро шумо бар яке аз ёдгориҳои падаратон Иброҳим ҳастед»***. (Сунани Абӯдовуд, 1919. Сунани Тирмизӣ, 883. Сунани Насоӣ, 3014).

[102] Саҳеҳи Муслим, (1297)-310. Сунани Абӯдовуд, 1970.

ва бузургдошти рӯзи Наҳр (рӯзи ид) огоҳ намуд ва дар бораи арзише, ки ин рӯз дар пешгоҳи Худованд дорад, тавзеҳоте дод. Ҳамчунон, дар бораи эҳтиром ва фазилати Макка бар дигар шаҳрҳо таъкид намуда, хитоб ба онҳо фармуд:

«خذوا عنّي مناسككم»

***«Маносик ва аҳкоми ҳаҷро аз ман ёд бигиред».***[103]

Ҳамчунин таъкид намуд, ки мабодо пас аз ӯ роҳи куфрро дубора баргузинанд ва гардани якдигарро бизананд. Ҳамчунин илова ва таъкид намуд, ки ин матолибро ба дигарон низ бирасонанд.

## Замон ба нуқтаи оғози хилқат баргашта буд

Ҳудуди сад ҳазор мусалмон дар ин чорабинии азими илоҳӣ ширкат доштанд. Вақте нигоҳи он Ҳазрат (с) бар амвоҷи пурталотум ва сели хурӯшони он ҷамъияти азим афтод, натиҷаҳои заҳматҳои пайгирона ва самараҳои ба борнишастаи талошҳои бистусесолаи даврони рисолат пеши чашмашон намоён шуд. Он Ҳазрат (с) эҳсос намуд, ки болои сари ин ҷамъияти азим нурҳои пазириш ва эътирофи ба ҳақ медурахшад. Дар девони қазо бар корномаи фаризаҳои таблиғи паёмбарони гузашта мӯҳри хатми рисолат гузошта шуд ва ҷаҳон пас аз ҳазорон сол аз офариниши худ, муждаи такмили дини фитратро аз забони тамоми мавҷудоти олам ба гӯши худ мешунид. Коинот шоҳиди шариате нав, назме ҷадид ва асри тоза гардид.

Дар авҷи ин таҳаввулот ногаҳон аз забони хотами паёмбарони илоҳӣ, наҷотбахши олами башарият, ҳазрати Муҳаммад (с) ин ҷумла ҷорӣ шуд:

«إنّ الزّمان قداسْتدار كَهيئته يوم خلقَ الله السَّموات والارض»

***«Имрӯз замона бар нуқтаи оғози хилқати худ расид».***[104]

---

[103] Сунани Куброи Байҳақӣ, 9608. – Ҷ. 7. – С. 275.

## Фарозҳое аз хутбаи Мино

Бар асоси роҳу расми ҳаҷҷи иброҳимӣ дар мавсими ҳаҷ ҷангу хунрезӣ ҷоиз набуд,[105] вале ангезаҳои ҷангҷӯёна ва хуношомии арабҳои мушрик бо найранги ҷангӣ гоҳе моҳҳои ҳаромро, ки мавсими ҳаҷ буданд, аз ҷои худ пеш мебурданд ва гоҳе ба ақиб мекашиданд. Дар натиҷа моҳе, ки ҳаҷ дар он баргузор мегардид, ҷои худро гум мекард. Имрӯз фурсати бисёр муносибе пеш омада буд, то дар ин ҷамъияти азим моҳҳои ҳаром аз нав таъйин ва дар ҷойҳои худ дубора барқарор шаванд. Ба ин муносибат он Ҳазрат (с) фармуд:

**أَلسَّنة اثنا عشرَ شهرًا، منها أربعة حُرُم، ثلاثة متوالياتٌ: ذوالقعدة وذوالحجة ومحرم ورجب شهر مُضَرَ أَلّذي بَينَ جمادي وشعبان.**

***«Як сол иборат аз дувоздаҳ моҳ аст, ки чаҳор моҳи он мақом ва ҷойгоҳи хоссе доранд ва моҳҳои ҳаром ба шумор меравaнд. Се моҳи он паёпай: зулқаъда, зулҳиҷҷа ва муҳаррам ва чаҳорум моҳи раҷаби Музар мебошад, ки дар байни ҷимодуссонӣ ва шаъбон воқеъ аст».***[106]

* * *

---

[104] Саҳеҳи Бухорӣ, 4406. Саҳеҳи Муслим, (1679)-29. Сунани Абӯдовуд, 1947. Ҳадисро аз Абӯбакра (р) ривоят намудаанд.

[105] Эҳтиром ба моҳҳои ҳаром аз замонҳои бисёр қадим дар миёни арабҳо вуҷуд дошт ва тамоми тоифаҳои араб, чи яҳудиву масеҳӣ ва чи пайравони динҳои дигар, ҳама ба ин моҳҳо эҳтиром мегузоштанд ва ҷангу ҷидолро дар онҳо ҳаром медонистанд. Баёни ин матлаб дар ашъори ҷоҳилияти араб бисёр ба чашм мехӯрад.

Дар таърихҳо ва сарчашмаҳои румиён низ ин ақидаи арабҳо зикр гардидааст. Дар соли 541 мелодӣ румиён қасди амалиёти ҷангиеро дар Шому Фаластин доштанд ва зимнан аз ҳамлаи арабҳо бимнок буданд. Сипаҳсолори Рум, ки аз урфу одати арабҳо огоҳ буд, изҳор дошт: Дар ин айём хатари ҳамлае аз тарафи арабҳо вуҷуд надорад, зеро ду моҳи ҳаҷ дар пешанд ва арабҳо дар он ду моҳ ибодат мекунанд ва дар он моҳҳо ҳеҷ гуна силоҳе бо худ ҳамл намекунанд. (Натоиҷул афҳом, Маҳмуд Бошо Фалакӣ, с. 35)

[106] Саҳеҳи Бухорӣ, 4406. Саҳеҳи Муслим, (1679)-29. Сунани Абӯдовуд, 1947.

Меҳвари адлу инсоф ва ё ҷавру ситам дар ҷаҳон дар атрофи се чиз: ҷон, мол ва обрӯ мечархад. Расули акрам (с) дар хутбаи рӯзи Арафот дар ин бора тавзеҳоте дода буданд, вале бо дарназардошти зудудани ҷангҳои дерина аз дили арабҳо ба таъкиди муҷаддад ниёз дошт. Дар ин хутба он Ҳазрат (с) тарзи хоссеро барои ин эълон ихтиёр намуд. Хитоб ба ҷамъият фармуд: ***«Оё медонед, имрӯз чӣ рӯз аст?»*** Мардум арз карданд: Худо ва Расулаш беҳтар медонанд. Он Ҳазрат (с) муддате мукс ва сукут кард. Мардум фикр карданд, шояд номи наве барои он рӯз дар назар гирифтааст.

Он гоҳ фармуд: ***«Оё имрӯз рӯзи иди қурбон нест?».*** Гуфтанд: Оре. Боз фармуд: ***«Оё медонед ин кадом моҳ аст?».*** Мардум боз ҳамон ҷавоби болоро доданд. Он Ҳазрат (с) муддате сукут кард ва фармуд: ***«Оё ин моҳи зулҳиҷҷа нест?»***. Онҳо гуфтанд: Бешак, ҳамон моҳ аст. Боз пурсид: ***«Оё медонед ин кадом шаҳр аст?»***. Онҳо боз ҷавоби гузаштаро доданд ва он Ҳазрат (с) боз муддате сукут кард ва фармуд: ***«Оё ин шаҳр шаҳри ҳаром – Макка – нест?»***. Гуфтанд: Оре, ҳамон аст.

Вақте дар қалбу вуҷуди шунавандагон ин матлаб пурра ҷойгир шуд, ки он рӯз ва он моҳ ва он шаҳр қобили эҳтиром ва дорои ҷойгоҳи хоссе ҳастанд ва дар он рӯз, дар он моҳ ва дар он шаҳр ҷангу хунрезӣ ҳаром аст, он Ҳазрат (с) эълон намуд:

فإن دماءكم وأموالكم وأعراضكم حرام، كحرمة يومكم هذا،

في شهركم هذا، في بلدكم هذا.

***«Пас ҳамчунин хунҳо, молҳо ва обрӯи шумо бар якдигар ҳаром аст, ба монанди ҳурмате, ки ин рӯз, дар ин моҳ ва дар ин шаҳр дорад».*** (Бояд ба ҷон, мол ва обрӯву ҳайсияти якдигар эҳтиром гузошта шавад).[107]

* * *

[107] Саҳеҳи Бухорӣ, 67, 105, 1741, 1742, 4406, ва… Саҳеҳи Муслим, (1679)-29, 30, 31. Ҳадисро аз Абӯбакра (р) ва Ибни Умар (р) ривоят кардаанд.

Зулму беадолатӣ ба ҷое расида буд, ки агар фарде аз як хонадон ҷинояте содир мекард, тамоми аъзои он хонавода ҷинояткор диниста мешуданд. Ва аксаран, ҷинояткори асосӣ мегурехт ва ё пинҳон мегашт ва дар ивази вай фарди дигаре аз он хонавода дар бозхости он ҷиноят ҷазо мегирифт. Фарзанд ба ҷурми падар ва падар ба ҷурми фарзанд гирифтор мешуд. Ин қонун ва урфи золимона аз муддатҳо ривоҷ дошт.

Ҳарчанд Қуръони маҷид бо эъломи (ولا تزر وازرة وزر أخرى)[108] қонуни адолатро ҷойгузини он ҳама зулму беадолатӣ намуда, решаи ситамро аз беху бун барканда бошад ҳам, вале дар замоне, ки охирин паёмбар назми сиёсии навинеро бунёдгузорӣ мекард, таваҷҷӯҳ ба ин асл лозим буд. Барои ҳамин фармуд:

ألا لا يجْني جانٍ إلاَّ علي نفسِه، ألا لا يجْني جانٍ علي ولدِه ولا مولودٌ علي والده.

***«Бидонед, ки ҳар ҷинояткоре масъули ҷинояти худаш мебошад. Огоҳ бошед, ки падар дар ивази ҷурми фарзанд ва фарзанд дар ивази ҷурми падараш масъул нест»***.[109]

* * *

Яке аз сабабҳои бузурги беназмию ноамнӣ дар сарзамини Арабистон ин буд, ки ҳар кас худро мустақил ва ҳокиму сардори худ медонист ва итоату фармонбарӣ аз дигаронро барои худ нангу ор меҳисобид. Дар ин маврид низ фармуд:

إن أُمِّرَ عليكم عبْدٌ مُجَدَّع أسود يقودكم بكتاب اللهِ، فاسْمعوا له وأطيعُوا.

***«Агар ғуломе бо бинии бурида ва аз сиёҳпӯстон бар шумо амир ва ҳоким гардад ва шуморо бар асоси китоби Худо (ва қонуни Қуръон) раҳбарӣ кунад, ба ӯ гӯш фаро диҳед ва аз вай фармон баред»***.[110]

---

[108] Сураи Анъом, 6: 164. Сураи Исро, 17: 15. Сураи Фотир, 35: 18. Сураи Зумар, 39: 7. Сураи Наҷм, 53: 38. Ояти мазкур дар тамоми ин сураҳо омадааст.

[109] Сунани Тирмизӣ, 2159, 3087. Сунани Ибни Моҷа, 3055.

[110] Саҳеҳи Муслим, (1838)-37.

* * *

Тамоми сарзамини Арабистон бо нури тобноки Ислом мунаввар гардида ва хонаи Каъба барои ҳамеша маркази тавҳид, нуқтаи ниёз ва қиблагоҳи миллати иброҳимӣ гашта буд. Қудратҳои шайтонӣ, ғулҳои куфру ширк ва нерӯҳои аҳриманӣ ҳама нобуд гардиданд. Он Ҳазрат (с) бо намоиши қудрати Ислом баён дошт:

**ألا إن الشَّيْطان قدْ أيسَ أن يُعْبَد في بلدِكُم هذا أبَدًا ولكن ستكون له طاعة فيما تُحقّرون مِنْ أعمالكم فسَيَرْضي به.**

***«Эй мардум! Шайтон барои ҳамеша аз ин ки дар сарзамини шумо мавриди парастиш қарор гирад, маъюс ва ноумед гаштааст.***

***Албатта, дар корҳои хурд ва маъмулӣ аз вай итоат мекунед ва вай аз ин кори шумо хушҳол мешавад»***.[111]

Дар ривояти дигар омадааст, ки қудрату нуфузи шайтон ва нерӯҳои куфру ширк ба сурати умумӣ ва дар сатҳи кишвар боқӣ намондааст ва шайтон аз ин ки мардуми намозгузор ӯро итоат ва парастиш намоянд, маъюс гаштааст, вале ҳанӯз баъзе одамон омодаи ангезаҳо ва иғвоҳои шайтон мебошанд. Вай талош менамояд, ки дар байни онҳо фитнаҳо барпо кунад.[112]

Дар поён умматро ба сӯи аввалин ва муҳимтарин фаризаи исломӣ мутаваҷҷеҳ сохта, фармуданд:

**أُعْبُدوا رَبّكم، فصلّوا خمسَكم، وصُومُوا شهرَكم، وأطِيعوا إذا آمركم، تدخلوا جَنّة رَبكُم.**

***«Парвардигоратонро бипарастед, намозҳои панҷгонаатонро бигузоред, рӯзаи моҳи рамазонатонро бигиред ва аз дастуроти ман итоат намоед, (ба подоши ин аъмол) вориди биҳишти Парвардигоратон мегардед»***.[113]

---

[111] Сунани Тирмизӣ, 2159. Сунани Ибни Моҷа, 3055.

[112] Саҳеҳи Муслим, (2812)-65. Сунани Тирмизӣ, 1937.

[113] Сунани Тирмизӣ, 616. Муснади имом Аҳмад 1/215, Мустадраки Ҳоким, 1476. – Ҷ. 2. – С. 7.

Сипас, хитоб ба ҷамъият фармуд:

«أَلا هلْ بَلَّغْتُ؟»

***«Оё ман паёми илоҳиро ба шумо расонидам?»*** Ҳама изҳор доштанд: Оре. Он Ҳазрат (с) фармуд:

«اللَّهُمَّ اشهد»

***«Худоё! Ту худ бар ин гувоҳ бош»***.

Боз афзуданд:

«فليُبَلّغ الشّاهدُ الغائِب»

***«Касоне, ки дар ин ҷо ҳозир ҳастанд, он чиро, ки шунидаанд, ба касоне, ки ҳозир нестанд, бирасонанд!»***.[114]

## Қурбонӣ

Он гоҳ ба забҳгоҳ рафт ва фармуд: Барои қурбонӣ ҷои махсусе аз Мино ихтисос дода нашудааст, балки дар тамоми ҳудуди (Ҳарам аз) Мино ва Макка қурбонӣ дуруст аст. Пас аз он бо дасти худаш шасту се (63) шутурро қурбонӣ кард. Сипас, Али (р)-ро ба забҳи шутурҳои боқимонда вазифадор намуда, ӯро дар қурбониҳо бо худ шарик гардонид. Паёмбар (с) ҳамроҳи худ аз Мадина шаст шутур ва ё шасту се шутур барои қурбонӣ оварда буд. Алӣ (р) низ аз Яман чиҳил шутур ва ё камтар аз он бо худ оварда буд, ки дар маҷмӯъ бо шутурони қаблӣ сад шутурро ташкил медоданд.

Пас аз забҳи қурбониҳо Паёмбар (с) фармуд, то аз ҳар кадоме аз он сад шутур порчаи гӯште гирифта, дар деге биандозанд ва якҷоя бипазанд. Баъд аз пухтан он Ҳазрат (с) аз оби он шӯрбо дар зарфе бардошта хӯрд.

---

[114] Саҳеҳи Бухорӣ, боби хутба дар айёми Мино, 1739, 7078, 4403, 4406. Саҳеҳи Муслим, (1679)-29, 31.

Маълум мешавад, ки ин хутба бисёр дароз будааст. Дар Саҳеҳи Муслим ривоят шудааст, ки он Ҳазрат (с) матолиби зиёде гуфтанд. Дар Саҳеҳи Бухорӣ дар боби ҳаҷҷатулвадоъ (4402) зикр шудааст, ки он Ҳазрат (с) аз Даҷҷол низ ёдовар шуданд, вале маълум нест, ки он дар хутбаи кадом рӯз будааст.

## Тарошидани мӯи
## сари он Ҳазрат (с)

Пас аз қурбонӣ Маъмар ибни Абдуллоҳро хост ва ӯ мӯи сари муборакашонро тарошид. Он Ҳазрат (с) аз фарти муҳаббат қабзае аз мӯйҳои худро ба Абӯталҳаи Ансорӣ ва ҳамсараш Умми Сулайм дод ва миқдоре ба касоне, ки дар он ҷо нишаста буданд, иноят фармуд. Мӯйҳои боқимондаашро Абӯталҳа дар миёни мусалмонон тақсим кард.[115]

## Тавофи ифоза

Пас аз он Паёмбар (с) аз Мино ба сӯи Макка ҳаракат кард ва тавофи ифозаро анҷом дод. Намози пешинро дар Макка хонд ва ба назди фарзандони Абдулмутталиб, ки аз чоҳи Замзам об мекашиданд, рафт. Вазифаи об додани ҳоҷиён аз чоҳи Замзам ба ӯҳдаи хонадони Абдулмутталиб буд. Он Ҳазрат (с) фармуд: ***«Эй фарзандони Абдулмутталиб! Об бикашед. Агар бими он набудам, ки мардум дар кашидани об ба шумо фишор меоваранд (ба гумони ин ки боло кашидани оби Замзам бахше аз маносики ҳаҷ аст), ман ҳам бо шумо об мекашидам».*** Пас сатиле аз оби Замзам барояш оварданд ва аз он нӯшид.[116] Бо ҳамин, аз Макка ба Мино бозгашт.

## Айёми ташриқ дар Мино

Бақияи айёми ташриқ, яъне то дувоздаҳуми зулҳиҷҷа дар Мино боқӣ монд. Ҳар рӯз баъд аз заволи офтоб ба минтақаи Ҷамарот омада, рамй (партоби сангреза)

---

[115] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки аз Анас ибни Молик (р) дар ин бора ривоят шудааст: ***«...Он Ҳазрат (с) пас аз забҳи қурбонӣ ба сартарош бо ишора ба ҷониби рости сараш гуфт: Бигир ва онро ба Абӯталҳа дод. Пас аз он тарафи чапашро гирифт ва ба Абӯталҳа гуфт: Онро дар байни мардум тақсим кун».*** (Саҳеҳи Муслим, (1305)-326. Сунани Тирмизӣ, 912).

[116] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

мекард. Дар Сунани Абӯдовуд (боби хутба дар Мино) ҳадисе зикр гардидааст. Аз он ҳадис маълум мешавад, ки он Ҳазрат (с) дар рӯзи дувоздаҳуми зулҳиҷҷа низ дар Мино хутбае эрод намуд, ки матолиби он ба таври мухтасар ҳамон матолиби хутбаи қаблӣ аст.

Рӯзи сешанбе, сездаҳуми зулҳиҷҷа баъд аз заволи офтоб ва партоби сангҳои сегона аз он ҷо ба водии Муҳассаб ташриф овард[117] ва шабро дар он ҷо гузаронд. Рӯзи дигар ба Макка баргашт ва охирин тавофи хонаи Каъбаро ба ҷой овард.

* * *

Дар ҷараёни баргузории маносики ҳаҷ Расули Худо (с) бузургтарин нубуғи идорӣ ва тадбири корҳои ҷамъиятиро аз худ ба намоиш гузошт ва тартиботи бемонандеро дар танзим ва ҷо ба ҷоии он ҷамъияти азим ба роҳ монд. Муҳоҷирон ва ансорро дар ҳалқаи аввали атрофи худ ва мардуми дигарро дар гирди онҳо ҷойгир мекард.

Ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар Мино барои мардум хутбае эрод намуд ва онҳоро дар ҷойҳои (муносиби) худ фуруд овард. Ба тарафи рости қибла ишора кард ва фармуд: Муҳоҷирон дар ин ҷо фуруд оянд ва ба тарафи чапи қибла ишора кард ва гуфт: Ансор дар ин ҷо фуруд оянд ва мардум дар атрофи онҳо фуруд оянд»***.[118]

Дар ривояти дигар омадааст: ***«Он гоҳ ба муҳоҷирон дастур дод, ки дар тарафи пеши масҷид фуруд оянд ва ба ансор амр кард, ки дар пушти масҷид фуруд оянд ва бақияи мардум дар атрофи онҳо ҷойгир шаванд»***.[119]

## Бозгашт ба Мадина

Пас аз он корвонҳои ҳоҷиён ба сӯи шаҳрҳо ва сарзаминҳои худ ба роҳ афтоданд ва он Ҳазрат (с) ҳамроҳи муҳоҷирону ансор ба сӯи Мадина ба роҳ баромад.

---

117 Номи дигари водии Муҳассаб Абтаҳ ва Хифи бани Кинона аст.
118 Сунани Абӯдовуд, 1951.
119 Сунани Абӯдовуд, 1957. Сунани Насоӣ, 2996.

Вақте ба Зулҳулайфа расид, шабро дар он ҷо ба сар бурд. Субҳ ҳангоми тулӯи офтоб қофилаи набавӣ ворида Мадинаи мунаввара гардид. Чун чашми он Ҳазрат (с) ба Мадина афтод, фармуд:

اللهُ أكبرُ، لا إله إلاّ اللهُ وحْدهُ لا شَرِيك له، له المُلكُ وله الحَمدُ وهو على كُلِّ شيءٍ قديرٌ. آئبُون تائِبُون، عابِدُون ساجِدُون، لِربِّنا حامِدُون، صَدَق اللهُ وَعْدهُ، نَصَر عَبْدهُ وهَزَم الأحزاب وَحْدهُ.

***«Худованд бузургу бартар аст, ҷуз Ӯ дигар маъбуде нест, шарик ва ҳамтое надорад. Мулк, салтанат ва ҳамду сано Ӯрост ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност. Тавбакунон, итоаткунон, саҷдакунон ва Парвардигори худро ситоишкунон бармегардем. Худо ба ваъдаи худ вафо кард, бандаи худро нусрат дод ва тамоми аҳзоб ва гурӯҳҳоро ба танҳоӣ шикаст дод»***.[120]

## Маҷмӯаи омӯзаҳо ва бардоштҳо

Аз баррасии ҳамаҷонибаи рӯйдоди таърихии ҳаҷҷи Паёмбар (с) ба хубӣ бармеояд, ки он Ҳазрат (с) тамоми ҷанбаҳои онро мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода, рисолати илоҳиро ба беҳтарин сурат анҷом додааст. Аъмол ва ҳаракоти он Ҳазрат (с) дар ин чорабинии азими илоҳӣ аз чор ҷанба бештар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд:

1. Робитаи бардавоми он Ҳазрат (с) бо Худо.
2. Роҳнамоиҳо, тавҷеҳот ва тарзи муносибати он Ҳазрат (с) бо умматаш.
3. Меҳрубонӣ ва иноёти хоссаи он Ҳазрат (с) бо аҳли хонавода ва хешовандонаш,
4. Таваҷҷӯҳ ва инояти он Ҳазрат (с) ба худаш.

* * *

[120] Абдуллоҳ ибни Умар (р) мегӯяд: ***«Вақте Расули Худо аз сафаре бармегашт, се бор Аллоҳу акбар мегӯфт ва ҳамин дуъоро мехонд»***. (Саҳеҳи Муслим, (1344)-428).

**1. Робитаи бардавоми он Ҳазрат (с) бо Худо**

Дар бахши аввал бояд гуфт, ки тамоми аъмол ва ҳастии ӯ барои Худо буд ва ин воқеият дар аснои фаризаи ҳаҷ аз сӯи он ҷамъияти азим ба хубӣ мушоҳида мешуд. Аз ҳамон лаҳзае, ки дар масҷиди Зулҳулайфа эҳром баст, то партоби сангҳои рӯзи ид талбияро ҳеҷ гоҳ қатъ накард. Гоҳо ба ин сурат: «Лаббайка, илоҳа-л-ҳаққи, лаббайк…» низ талбия мегуфт. Зикру дуъо ва тазаррӯъ дар тамоми ин муддат машғулияти ҳамешагии ӯ буд.

Одитарин мустаҳабботро, ба монанди ғусли пеш аз эҳром, хушбӯӣ ва ду ракъат намози эҳром, ғусли рӯзи Арафот ва ғайра риоя мекард. Ҳатто пас аз хориҷ гаштан аз эҳром дар рӯзи ид боз хушбӯӣ истеъмол намуд ва барои тавофи ифоза ба Макка омад. Оиша (р) мефармояд: ***«Расули Худо (с)-ро бо дастони худ вақте эҳром баст ва пеш аз тавоф вақте аз эҳром хориҷ шуд, хушбӯӣ задам»***.[121]

Барои эҳтироми муқаддасот ва шаоири дини Худо сад шутур қурбонӣ намуд. Чанд бор хилофи роҳу рафтор, тарзи тафаккур ва равиши зиндагии даврони ҷоҳилият ва ширку куфр будани арзишҳои исломӣ ва ҳақиқати дини Худоро барои мардум эълон намуд ва дар хутбаи рӯзи Арафот фармуд: ***«…Роҳу равиши мо хилофи роҳу равиши онҳост»***.[122]

Дар ҳар ҷое, ки аҳли ширк ва мухолифони Ислом душмание нисбат ба он Ҳазрат (с) ва арзишҳои дини Худо нишон дода буданд, меистод ва ба мардум он кори онҳоро ёдовар мешуд. Дар Мино пас аз рӯзи ид эълон кард, ки: ***«Мо фардо дар Хайфи банӣ Кинона (Муҳассаб), он ҷое, ки мушрикон бар куфр паймон баста буданд, фуруд меоем»***. *(Ин ҳодиса дар замони даъвати Паёмбар (с) дар Макка рӯй дода буд). Мушрикони Қурайш ва Кинона бар зидди банӣ Ҳошим ва Абдулмутталиб пай-*

---

[121] Саҳеҳи Бухорӣ, 1539, 1754, 5922. Саҳеҳи Муслим, 2816, 2817, 2818, 2819, 2820 (1189)-31, 32, 33, 34, 35.

[122] Сунани Куброи Байҳақӣ, 9605. – Ҷ. 7. – С. 274. Мустадраки Ҳоким, 3151. – Ҷ. 2. – С. 671.

*мон бастанд, ки бо онҳо муносибатҳои хешутаборӣ ва хариду фурӯшро қатъ менамоянд, то он ки Паёмбар (с)-ро ба онҳо таслим намоянд.*[123]

* * *

**2. Роҳнамоиҳо, тавҷеҳот ва тарзи муносибати он Ҳазрат (с) бо умматаш**

Дар бораи умматаш ҳеҷ хайреро фурӯгузор накард, балки онҳоро бо камоли иноят ва меҳрубонӣ ба сӯи арзишҳои дини Худо ҳидоят ва раҳбарӣ кард. Мо камоли иноят ва меҳрубонии он Ҳазрат (с)-ро нисбат ба умматаш дар зимни тамоми тавсияҳо ва муносибатҳои эшон мушоҳида менамоем. Аз ҷумла, вақте ба Зулҳулайфа – миқотгоҳи Мадина – омад, қариб як шабонарӯз дар интизори мардум дар он ҷо монд.

Вақте аз Арафот ба сӯи Муздалифа ҳаракат кард, мардум бар шутурони худ фарёд мекашиданд ва садои тозиёнаҳо баланд гардид. Он Ҳазрат (с) вақте инро шунид, фармуд: ***«Эй мардум, оромиро риоя намоед. Некӯӣ аз тозонидани шутурҳо иборат нест»***.[124]

Баъзе саҳобагон бар калимоти талбия меафзуданд ва баъзеҳо ба ҷои он такбир мегуфтанд, вале он Ҳазрат (с) касеро чизе намегуфт. Анас (р) пурсида шуд, ки ҳамроҳи Паёмбар (с) чӣ гуна талбия мегуфтед? Фармуд: ***«Талбиягӯянда талбия мегуфт ва такбиргӯянда такбир мегуфт ва ба касе чизе гуфта намешуд»***.[125]

Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) дар ҳаҷҷатул вадоъ барои посух додан ба саволҳои мардум дар Мино истод. Марде омад ва пурсид: Эй Расули Худо (с), нофаҳмида сарамро пеш аз қурбонӣ***

---

[123] Саҳеҳи Бухорӣ, 1590. Саҳеҳи Муслим, 3161, 3162, 3163 (1314)-343, 344, 345.

[124] Саҳеҳи Бухорӣ, 1671.

[125] Саҳеҳи Бухорӣ, 970, 1659. Саҳеҳи Муслим, 3085, 3086 (1285)-274, 275. Ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) ҳамин тавр талбия мегуфт, вале мардум калимаи «залмориҷ» ва монанди онро бар он меафзуданд. Паёмбар (с) онро мешунид, вале онҳоро чизе намегуфт»***. (Сунани Абӯдовуд, 1813).

***тарошидам. (Он ҳазрат (с) фармуд: Забҳ кун, ҳеҷ боке надорад. Боз марди дигаре омад ва пурсид: Эй Расули Худо (с), нофаҳмида пеш аз рамӣ қурбонӣ кардам. Фармуд: Рамӣ кун, ҳеҷ боке надорад. Расули Худо (с) аз ҳеҷ чизе, ки тақдим ва ё таъхир шуда буд, пурсида нашуд, магар гуфт: Бикун, ҳеҷ боке надорад»***.[126]

Вақте баъзе мардум сухани беадабонае нисбат ба амри Паёмбар (с) дар борал ҳалол гаштан аз эҳроми умра гуфтанд, он Ҳазрат (с) бо камоли бурдборӣ, бузургӣ ва гузашт онҳоро раҳнамоӣ кард ва напурсид, ки гӯяндаи ин сухан кист?

Бо наврасон ва ҷавонон низ бо меҳру алоқаи хоссе бархӯрд ва сӯҳбат мекард. Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, ки: ***«Мо наврасони банӣ Абдулмутталиб бар харҳоямон дар Муздалифа ба назди Расули Худо (с) омадем. (Моро ҳамроҳи) заъифони аҳлаш пеш аз субҳ фиристод. Он Ҳазрат (с) бар ронҳоямон (бо навозиш) мезад ва мегуфт: Эй фарзандон, то офтоб набарояд, рамйи ҷимор нанамоед»***.[127]

Ҳаҷҷи он Ҳазрат (с) ҳамон гуна, ки гуфтем, абри раҳмате буд, ки баракот ва иноёти бепоёни Худовандро бар сари уммат фурӯ мерехт ва мактабе буд, ки тамоми арзишҳои имонӣ ва камолоти инсониро дар зарфи чанд рӯз ба мардум меомӯхт ва умуман, он ҳаҷҷи таърихӣ тарзи тафаккури иҷтимоӣ ва андешаи инсониятро дар қолаби нав рехт. Расули акрам (с) абъоди густардаи ин воқеиятро ба тамом дарк карда буд ва ҳамаи мусалмононро ба ширкат дар он даъват намуд.

Эътинои фоиқ ва таваҷҷӯҳи он Ҳазрат (с) аз ҳама бештар ба ҳузури фаъоли қишри занон дар он маъракаи тавҳид равона гардида буд, то баракоти маънавӣ, омӯзаҳои имонӣ ва бардоштҳои иҷтимоии худро дар ин мадрасаи имон ба баландтарин сатҳ бирасонанд. Аз ин рӯ, тамоми ҳамсарони покашро ба сафари ҳаҷ амр кард.

---

[126] Саҳеҳи Бухорӣ, 83, 124, 1736, 1737. Саҳеҳи Муслим, 3143-3151 (1306)-327, 328, 329, 330-334.
[127] Сунани Ибни Моҷа, 3025.

Вақте бар Зубоа духтари Зубайр ибни Абдулмутталиб – духтари амакаш – ворид шуд, вай бемор буд. Гуфт: ***«Шояд иродаи ҳаҷ карда бошӣ? Гуфт: Ба Худо, ки бемор ҳастам. Фармуд: Эҳром бибанд ва шарт бигузор, ки: Худоё, ҳалолгоҳам ҳамон ҷое, ки маро (аз идомаи сафар) боздоштӣ»***.[128] Ҳатто пас аз ҳаҷ ба зани ансорие гуфт: ***«Туро аз ҳаҷ ҳамроҳи мо чӣ боздошт?»***.[129]

Ин дарси бузурге барои мусалмонон мебошад. Онҳо бояд кӯшиш кунанд, то занон, модарон ва духтарони худро дар ҳаҷҷи хонаи Худо бо худ ҳамроҳ намоянд ва онҳоро низ аз баракоти ин фаризаи илоҳӣ баҳраманд гардонанд.

Ҳамчунин Расули Худо (с) решаҳои ин фаризаи азимро дар аъмоқи таърихи башарият ва пайванди онро бо паёмоварони пешин баён намуд ва умматашро ба ҳайси ворисси ёдгории он паёмоварон ва қофиладори арзишҳои тамоми динҳо ба ҳалқаи он баргузидагони Худо пайваст дод. Вақте аз доманаи водиҳо ва гарданаи кӯҳҳои Арафот, Муздалифа ва Мино мегузашт, Худованд пардаи ғайб ва навори замонро аз пеши басираташ бардошт ва он Ҳазрат (с) паёмоварони пешини илоҳиро, дар ҳоле ки фаризаи ҳаҷро ба ҷо меоварданд, мушоҳида кард.

Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки: «***Расули Худо (с) вақте аз водии Азрақ мегузашт, гуфт: Ин кадом водӣ аст? Гуфтанд: Ин водии Азрақ аст. Гуфт: Ман Мӯсо (ъ)-ро дида истодаам, ки аз гарданаи ин кӯҳ дар ҳоли фуруд омадан аст (ва) ба сӯи Худо бо (садои баланди) талбия хурӯш додад. Вақте ба гарданаи кӯҳи Ҳаршо омад, пурсид: Ин кадом гардана аст? Гуфтанд: Ин гарданаи кӯҳи Ҳаршо мебошад. Фармуд: Ман Юнус ибни Матто (ъ)-ро дида истодам, ки аз гарданаи ин кӯҳ савори уштури сурхи сергӯште поин мешавад, дар ҳоле***

---

[128] Саҳеҳи Бухорӣ, 5089. Саҳеҳи Муслим, 2894-2899 (1207)-104, 105-108.

[129] Саҳеҳи Бухорӣ, 1782, 1863. Саҳеҳи Муслим, 3028, 3029 (1256)-221, 222. Сунани Насоӣ, 2109

***ки болопӯши пашмине бар тан дорад, нӯхтаи уштураш аз лиф мебошад ва ӯ талбия мегӯяд».***[130]

Он Ҳазрат (с) ҳам барои худ ва ҳам барои мардум дар ҳар амале осонтарин ваҷҳи онро ихтиёр мекард ва ба эҳтиёҷот ва зарուратҳои мардум таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир мекард. Вақте амакаш Аббос (р) аз вай иҷозат хост, ки барои обдиҳии ҳоҷиён шабро дар Мино нагузаронад, балки пас аз анҷоми маносики худ ба Макка ояд, ба вай иҷозат дод.[131]

Ба одамони заъиф, пир, бемор ва нотавони аҳли худ ва дигар қишрҳои мардум иҷозат дод, ки пеш аз дамидани субҳ, яъне дар нимаи дуюми шаб, вақте тамоми мардум дар Муздалифа истодаанд ва роҳҳо ором ва аз издиҳом холӣ мебошанд, аз он ҷо хориҷ шаванд.[132] Ба чӯпонҳо ва шутурбонҳо иҷозат дод, ки сангҳои ду рӯзи баъди идро ҷамъ намуда, дар як рӯз партоянд.[133]

Он Ҳазрат (с) дар роҳи озодии андешаи инсон ва ҳифзи кароматি башарӣ илова бар тавсияҳо, эъломияҳо ва роҳнамоиҳои арзишманде, ки дар ҷо-ҷои ин маросими бошукӯҳ барои инсоният мекард, мардумро амалан дар масири камолот ҳаракат медод. Ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) дар аснои тавофи хона шахсеро дид, ки нафаре ӯро бо ресмоне (ба монанди нӯхта) мекашад. Он ресмонро бо дасташ канд ва фармуд: Ӯро аз дасташ бигир».***[134]

Расули Худо (с) дар посухи саволҳои мардум камоли адаб, меҳрубонӣ ва ҳикматро риоя мекард ва мекӯ-

---

[130] Саҳеҳи Муслим, 419 (166)-268. Сунани Ибни Моҷа, 2891.

[131] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки дар он омадааст: ***«Аббос аз Паёмбар (с) иҷозат хост, то шабҳои Миноро барои об додани ҳоҷиён дар Макка бигузаронад. Он Ҳазрат (с) ба вай иҷозат дод»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1745. Саҳеҳи Муслим, 3164 (1315)-346. Сунани Абӯдовуд, 1959.

[132] Муснади имом Аҳмад, 2507, 3513.

[133] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки дар он омадааст: ***«Расули Худо (с) ба шутурбонҳо иҷозат дод, ки сангҳои рӯзи идро партоб намоянд ва сангҳои ду рӯзи баъд аз идро ҷамъ намуда, дар яке аз ду рӯзи ояда партоб намоянд»***. (Сунани Тирмизӣ, 955. Сунани Насоӣ, 3069).

[134] Саҳеҳи Бухорӣ, 1620, 1621, 6702, 6703.

шид, то онҳоро қонеъ гардонад. Ривоят шудааст, ки: ***«Дар аснои ҳаҷ, вақте молҳои садақотро ба мардум тақсим мекард, ду марде ба наздаш омаданд ва аз он мол талаб карданд. Он Ҳазрат (с) нигоҳашро дар онҳо поёну боло кард ва онҳоро (тандуруст ва) нерӯманд дид. Фармуд: Агар хоста бошед, шуморо аз он медиҳам, вале (бидонед, ки) дар он барои шахси сарватманд ва нерӯманди соҳибкасб баҳрае нест»***.[135]

Зани Ҷуҳание аз Паёмбар (с) пурсид: ***«Модарам ҳаҷро бар худ назр карда буд, вале ҳаҷ нокарда вафот кард. Оё аз ҷониби ӯ ҳаҷ кунам? Он Ҳазрат (с) фармуд: Оре, аз ҷониби вай ҳаҷ кун. Бибин, агар модарат аз касе қарздор бошад, оё қарзи ӯро адо мекунӣ? Пас қарзи Худоро низ адо кунед ва Худо ба вафо сазовортар аст»***.[136]

Ҳамчунин ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) дар Равҳо ба қофилае бархӯрд ва пурсид: Шумо ки ҳастед? Гуфтанд: Мусалмонон. Онҳо пурсиданд: Ту кистӣ? Гуфт: Расули Худо. Дарҳол зане кӯдакеро (сари дастонаш) бардошт ва пурсид: Оё барои ин ҳаҷҷе ҳаст? Фармуд: Оре, ва барои ту аҷре ҳам ҳаст»***.[137]

Расули Худо (с) бо вуҷуди он азамат ва ҷойгоҳи рафее, ки дар пешгоҳи Худо ва дар қалби яко-яки мусалмонон дошт, дар ҳеҷ чиз дар байни худ ва дигар мусалмонон имтиёз ва тафовут намегузошт. Ривоят шудааст, ки: ***«Он Ҳазрат (с) ба ҷои обнӯшӣ омад ва об хост, Аббос ба Фазл гуфт: Ба назди модарат бирав ва барои Расули Худо (с) нӯшидание аз он ҷо биовар. Он Ҳазрат (с) боз фармуд: Ба ман об деҳ! Аббос гуфт: Эй Расули Худо (с), кӯдакон дар ин об дастонашонро мезананд, (бароят аз хона оби тоза меоваранд). Боз фармуд: Ба ман об деҳ ва аз ҳамон об нӯшид ва пас аз он ба назди Замзам омад»***.[138] Дар ривояти дигар омадааст: ***«Вақте гуфтанд: Бароят аз хо-***

---

[135] Сунани Абӯдовуд, 1633.
[136] Саҳеҳи Бухорӣ, 1852, 6699.
[137] Саҳеҳи Муслим, 3240-3242 (1336)-409-411.
[138] Саҳеҳи Бухорӣ, 1635.

***на об меоваранд, фармуд: Ниёзе ба он надорам, аз он обе, ки мардум менӯшанд, ба ман диҳед».***[139]

* * *

**3. Меҳрубонӣ ва иноёти хоссаи он Ҳазрат (с) ба аҳли хонавода ва хешовандонаш**

Он Ҳазрат (с) аҳли байт ва хешовандони худро низ мавриди иноёти хоссе қарор медод ва ба онҳо бо камоли меҳру шафқат муносибат мекард. Аз ҷумла, вақте ба Макка расиданд, Оиша (р) ҳайз дид ва натавонист умраашро анҷом диҳад. Оиша (р) худаш ривоят мекунад, ки: ***«Он Ҳазрат (с) вақте бар ман ворид шуд ва дид, ки мегирям, пурсид чӣ мегирйӣ? Магар ҳайз дидаӣ? Гуфтам: Оре. (Вай бо дилдорӣ ва меҳрубонӣ) фармуд: Ин корест, ки Худо онро бар духтарони одам навиштааст».***[140]

Пас аз анҷоми фаризаи ҳаҷ Расули Худо (с) ба вай гуфт: ***«Тавофат барои ҳаҷ ва умра ҳардуяш кифоя мекунад»,***[141] вале вай худдорӣ кард ва гуфт: ***«Эй Расули Худо (с), оё дигар дугонаҳоям – ва дар ривоятҳои дигар – ёронат ҳама бо ду ибодат баргарданд ва ман бо як ибодат!? Он гоҳ Расули Худо (с) Абдурраҳмон писари Абӯбакрро амр кард, то хоҳарашро ба Танъим барад ва аз он ҷо барои умра эҳром бандад».***[142]

Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки: ***«Дар Муздалифа фуруд омадем. Савда – яке аз ҳамсарони Паёмбар (с), ки зани сустҳаракате буд, аз Паёмбар (с) иҷозат хост, то пеш аз издиҳоми мардум аз он ҷо хориҷ шавад. Паёмбар (с) ба вай иҷозат дод ва вай пеш аз издиҳом аз он ҷо хориҷ шуд. Мо то субҳ боқӣ мондем ва ҳамроҳи Паёмбар (с) хориҷ шудем…».***[143]

---

[139] Муснади имом Аҳмад, 1814.

[140] Саҳеҳи Бухорӣ, 294, 305, 316. Саҳеҳи Муслим, 2910-2912 (1211)-119, 120, 121. Сунани Насоӣ, 289.

[141] Саҳеҳи Муслим, 2925, 2926 (1211)-132, 133.

[142] Саҳеҳи Бухорӣ, 1561. Саҳеҳи Муслим, 2919 (1211)-126, 128, 2929-2931 (1212)-135, 136, 137.

[143] Саҳеҳи Бухорӣ, 1680, 1681. Саҳеҳи Муслим, 3106, 3109 (1290)-293-296.

Аз Уммиҳабиба (р) – ҳамсари дигари Паёмбар (с) – низ ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) ӯро аз Муздалифа шабона пеш аз дамидани субҳ фиристодааст.[144]

Ба ҳамсараш Уммисалама (р) иҷозат дод, ки тавофи фарзиро савори шутур ва аз пушти мардум, вақте онҳо дар намози бомдод истодаанд, ба ҷой оварад. Уммисалама (р) дар ин бора ривоят мекунад, ки: ***«Ба Расули Худо (с) шикоят кардам, ки эҳсоси беморӣ (ва бемадорӣ) мекунам. Фармуд: Аз пушти мардум савори шутур тавоф кун. Ман дар ҳоле тавоф кардам, ки Расули Худо (с) (ҳамроҳи мардум) дар паҳлӯи хона (намози бомдодро) мехонд ва дар он сураи «Ваттури ва китобин мастур»-ро тиловат мекард»***.[145]

Инҳо намунаҳое аз муҳаббат, ҳамсайрӣ ва инояти фоиқи он Ҳазрат (с) ба ҳамсарон, аҳли байт ва дигар хешовандонаш буданд. Намунаҳои дигаре аз он дар раванди зикри рӯйдодҳои он ҳаҷҷи таърихӣ ва ҳамчунин дар рафти баёни аҳком ва маносики ҳаҷ зикр мегарданд.

* * *

**4. Иноят ва таваҷҷӯҳи он Ҳазрат (с) ба шахси худаш**

Паёмбар (с) дар байни тамоми ҷанбаҳои ибодӣ, робитаи бо Худо, анҷоми масъулияти сангини рисолат дар пеши уммат, ғамхорӣ нисбат ба аҳли хонавода ва иноят ба шахси худаш тавозун ва эътидоли бемонандеро барқарор карда буд. Ҳеҷ гоҳ масъулиятҳои як ҷанбаро ба ҳисоби костан аз арзиш ва беэҳтимомӣ ба аҳамияти ҷанбаи дигар анҷом намедод.

Аз он ҷо ки ҳаҷ ибодати ҷисмонии сангине аст, он Ҳазрат (с) барои ба осонӣ ва бомуваффақият анҷом додани он барномаи мӯътадилеро ба роҳ монд. Ин барнома ҳам барои худи он Ҳазрат (с) ва ҳам барои умматаш дар дурнамои таърих осонтарин тарзи баргузории маросими ҳаҷро муайян намудааст.

---

[144] Саҳеҳи Муслим, 3112 (1292)-298.

[145] Саҳеҳи Бухорӣ, 464, 1619, 1626. Саҳеҳи Муслим, 3067 (1276)-258. Дар ривояти рақами 1626 омадааст, ки: ***«Уммисалама тавоф кард ва намозро нагузошт, магар пас аз хориҷ шудан»***.

Аз ҷумла, барои бастани эҳром дар минтақаи Ҳил ҳалқаи миқотгоҳҳоро муайян намуд, то мардуми озими ҳаҷ аз он ҷойҳо эҳром банданд. Зеро агар мардум аз сарзаминҳои дур эҳром мебастанд, ин масофаи тӯлонӣ барои онҳо ранҷу заҳматҳои тоқатфарсоеро ба вуҷуд меовард ва барои расидан ба ҳарам бояд муддатҳо дар ҳолати эҳром ба сар мебурданд.

Вақте мардум аъмоли умраро анҷом доданд, он Ҳазрат (с) ба онҳо иҷозат дод, ки аз ҳолати эҳром хориҷ шаванд ва чанд муддате то фаро расидани рӯзи тарвия аз баҳраҳои ҳаёти одии хеш баҳра гиранд.

Рӯзи ҳаштум, ки як рӯз пеш аз Арафа аст, ба Мино омад, то шабро ҳарчи наздиктар ба Арафот бигузаронад ва рӯзи Арафа бо нашот ва рӯҳи болида ба дуъову тазаррӯъ ва ибодати Худо бипардозад.

Бо вуҷуди он ки рӯзаи рӯзи Арафа савоби зиёде дорад, вале он Ҳазрат (с) барои тақвият ва ҳифзи нерӯи ҷисмонии худ дар он рӯз рӯза нагирифт.[146] Зеро дар он лаҳзаҳои нотакрори рӯзи Арафа ба кор гирифтани болотарин тавони инсонӣ дар дуъову тазаррӯъ ва ибодати Худо аз рӯза афзал аст.

Паёмбар (с) вақте аз Мино ба Арафот омад, дар хаймае, ки қаблан барои ӯ омода карда буданд, то вақти завол истироҳат кард.[147] Пас аз завол вақте ба Арафот омад, намози пешин ва асрро бо як азон ва ду иқомат дар як вақт ҷамъ намуд ва намозҳои суннати пеш ва баъд аз пешинро тарк кард.

---

[146] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки Уммулфазл духтари Ҳорис дар он мефармояд: ***«Мардум дар рӯза доштан ва ё надоштани Паёмбар (с) дар рӯзи Арафа ихтилоф карданд. Баъзе ӯро рӯзадор ва баъзе рӯзахур мегуфтанд. Ман барои ӯ қадаҳи шире фиристодам. Он Ҳазрат (с), дар ҳоле ки бар шутураш савор буд, ширро нӯшид»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1658, 1661, 1988. Саҳеҳи Муслим, 2627-2631 (1123)-110, 111, 112).

[147] Ин ҳолат дар ҳадиси Ҷобир (р) дар Саҳеҳи Муслим бо рақами 2941 (1218)-147, Сунани Абӯдовуд, 1905 ва Сунани Ибни Моҷа, 3074 зикр гардидааст

Ҳамчунин вақте пас аз ғуруби офтоб ба Муздалифа омад, намозҳои шом ва хуфтанро дар вақти намози хуфтан ҷамъи таъхир намуд ва намозҳои суннатро нахонд. Илова бар ин, он шаб то субҳ хоб кард ва намози шаб (таҳаҷҷуд)-ро ҳам дар он ҷо барпо надошт.

Тамоми нақлу интиқолоти худро дар байни машоир (маконҳои анҷом додани фаризаи ҳаҷ) савори шутур анҷом медод. Ҳатто рамйи Ҷамраи Ақаба, тавофи фарзӣ ва саъйи байни Сафо ва Марварo дар рӯзи ид савори шутур анҷом дод.[148] Уммиҳусайн мегӯяд: ***«Дар ҳаҷҷатулвадоъ ҳамроҳи Расули Худо (с) ҳаҷ кардам. Ӯро ҳангоме Ҷамраи Ақабаро рамй кард ва баргашт, дидам, бар шутураш савор буд ва Билолу Усома ҳамроҳи ӯ буданд. Яке аз нӯхтаи шутураш гирифта буд ва дигаре ӯро бо либосаш соя мекард…»***.[149]

Чӣ тавре дар ин ҳадис мебинем, он Ҳазрат (с) ҳатто ҳангоме, ки савори шутур буд, аз соя низ истифода мекард.

Аз маҷмӯи аҳодисе, ки рӯйдоди ҳаҷҷи таърихии он Ҳазрат (с)-ро барои мо тавсиф менамоянд, бармеояд, ки Паёмбар (с) дар миёни талаботи рӯҳ ва хостаҳои ҷисм тавозуни бемонандеро барқарор карда буд ва ҳама чизро дар ҷои худ мегузошт. Ҳаргиз он фазои маънавии ҳаҷ ӯро ба нодида гирифтани ниёзҳои ҷисм такон намедод, ҳамонгуна, ки робита ва пайванди бардавоми ӯ бо Худо ӯро аз расидагӣ ба ҳоли уммат ҷудо намекард ва он масъулияти сангине, ки дар расонидани рисолати илоҳӣ барои башарият дошт, ӯро аз пардохтан ба аҳволи аҳли байт ва хешовандонаш машғул намесохт.

### Марҳалаҳои ҳаҷҷи он Ҳазрат (с) бар асоси нишондодҳои Ҳусайн Мунис

Доктор Ҳусайн Мунис, соҳиби «Атласи таърихи Ислом» рӯйдодҳо ва чорабиниҳои ҳаррӯзаи маросими ҳаҷ-

[148] Ишора ба ҳадисҳое мебошад, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 1607 ва Саҳеҳи Муслим, 3063-3066 (1273)-254-257, 3125, 3126 (1298)-311, 312, зикр гардидаанд.

[149] Саҳеҳи Муслим, 3125, 3126 (1298)-311, 312. Сунани Абӯдовуд, 1834.

чи соли даҳумро ба сурати зебое замонбандӣ (синхронизатсия) намудааст ва моро низ ҳайф омад, ки онро дар поёни ҳаҷҷи Паёмбар (с) пешкаши хонандаи тоҷик нанамоем. Вай дар харитаи рақами панҷоҳ (50) сурати равшане барои хонандагон аз хатти сайри Расули Худо (с) дар Ҳаҷҷатулвадоъ додааст ва дар тавзеҳе, ки дар бораи қисматҳои алоҳида ва бахшҳои гуногуни маросими ҳаҷҷи он Ҳазрат (с) додааст, онро бар асоси амалҳои ҳаррӯза ва маносики анҷомёфта ба чордаҳ марҳала (порча) тақсимбандӣ намудааст.

Аз ҷумла, вай мегӯяд: «Тамоми таърихнигорони сираи набавӣ баргузории ҳаҷҷи Паёмбар (с)-ро дар моҳи зулҳиҷҷаи соли даҳуми ҳиҷрӣ яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои таърихи Ислом ва бузургтарин тобиши ҳаёти он Ҳазрат (с) ба шумор меоваранд. Илова бар ин, ки он ягона ҳаҷҷе буд, ки он Ҳазрат (с) дар ҳаёти худ анҷом доданд, он (чорабинӣ) тамоми маносики (бахшҳои алоҳидаи) ҳаҷро, ҳамон тавре, ки Паёмбар (с) муқаррар намуд, муайян сохт ва мусалмонон дар тамоми он маносике, ки анҷом дод, аз ӯ (с) пайравӣ намуданд ва он ҳаҷ бо ҳамаи тафсилоташ бахше аз ибодатҳои Ислом гардид. Гузашта аз он, таърихнигорон ахбор ва тафсилоти он ҳаҷро дар миёни ғазоҳо ва муборизаҳои он Ҳазрат (с) ривоят намуда, онро яке аз ғазваҳо ба шумор меоваранд.

Бо дарназардошти аҳамияти сарнавиштсозе, ки он ҳаҷ дар тамоми таърихи Ислом дошт, ба хулосае омадем, ки барои он ҳаҷ, маносики он ва тамоми он чӣ Паёмбар (с) дар аснои он анҷом додаанд, харитае бикашем, то аз фазои он ҳаҷҷи таърихӣ сурати равшане тақдим намояд.

Аз роҳи ҳаҷ шурӯъ намуда, қадамҳои он ҳазратро дар маросими ҳаҷ якояк баён намудем.

Дар харита роҳеро, ки он Ҳазрат (с) ва мӯъминони ҳамроҳи ӯ дар баргузории маросими ҳаҷ паймудаанд, баён карда, анҷоми тамоми нишонаҳо ва маносикро дар он равшан намудем ва хатти ҳаракати Паёмбар (с)-ро аз аввали ворид шуданаш ба Макка бо рақамҳо ишора кардем.

Инак, баёни он чӣ дар харита дарҷ гардидааст:

1. Расули Худо (с) ва мусалмонони ҳамроҳаш аз Мадинаи мунаввара ба роҳ афтода, дар таърихи чоруми зулҳиҷҷа ба Сарийф (номи маконе) дар даромадгоҳи Макка расиданд.

2. Он Ҳазрат (с) хаймаи худро дар Ҳуҷун зад. Ҳуҷун макони васеест дар даромадгоҳи Макка аз самти шимоли хонаи Каъба.

Пас аз каме истироҳат он Ҳазрат (с) ба тавофи хонаи Худо пардохт. Бо истилом ва бӯсидани Ҳаҷаруласвад ба тавоф шурӯъ намуда, пас аз анҷоми ҳафт даври тавоф ба пушти Мақоми Иброҳим (ъ) гузашт ва дар он ҷо ду ракъат намоз гузорид. Дар ракъати аввал сураи **«Қул ё айюҳа-л-кофирун»** ва дар ракъати дуюм сураи **«Қул ҳуваллоҳу аҳад »**-ро қироат намуд.

3. Пас аз он ба саъйи миёни Сафо ва Марва пардохт, дар ҳоле ки такбир мегуфт ва ин дуъоро мехонд: ***«Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ғайр аз Аллоҳ нест. Ӯ (дар рубубият, улуҳият ва сифоташ) яктост ва ҳеҷ шарике надорад. Моликият фақат барои Ӯ ва танҳо Ӯ лоиқи ҳамд аст ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност. Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ғайр аз Ӯ нест. Ӯ якто аст. Ваъдаи худро қатъӣ ва амалӣ сохт ва бандаашро ёрӣ дод ва аҳзоб (касоне, ки дар рӯзи Хандақ бо Паёмбар (с) ҷанг карданд)-ро ба танҳоӣ шикаст дод».***

Он Ҳазрат (с) қарор дод, ки ҳаҷ ва умраро якҷоя анҷом диҳад, зеро ҳамроҳи худ ҳадй (қурбонӣ) оварда буд.

4. Рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа, ки ба рӯзи тарвия машҳур аст, он Ҳазрат (с) ба сӯи Арафот ҳаракат намуд. Дар роҳи Арафот шабро дар Мино ба сар бурд ва намозҳои пешин, аср, шом ва хуфтани рӯзи нӯҳумро дар он ҷо гузорид.

5. Пас аз тулӯи офтоби рӯзи нӯҳуми зулҳиҷҷа сайри худро дар Арафот ба поён расонид.

6. Пас аз расидан ба дашти Арафот дар хаймаи худ, ки пешакӣ дар Намира зада шуда буд, каме истироҳат намуд.

7. Пас аз заволи рӯзи Арафа ба Арафот омад ва дар доманаи кӯҳи Раҳмат, ки ба ҷониби саҳрои Арафот сар кашидааст, вуқуф намуд. Дар аснои вуқуфаш хутбаи якуми ҳаҷро, ки ба хутбаи Арафот машҳур аст, эрод намуд. Сипас, намози пешин ва асрро дар аввали вақти пешин бо як азон ва ду иқома ба ҷой овард.

8. Пас аз ғуруби офтоб ҳамроҳи мардум ба сӯи Муздалифа, ки Машъари бузург ё Машъари ҳаром дар он ҷост, ҳаракат намуд. Дар мавқифи Муздалифа намози шом ва хуфтанро бо таъхир ва бо як азону як иқома баргузор намуд ва шабро ҳамон ҷо ба сар бурд.

9. Рӯзи даҳум (рӯзи ид) пеш аз тулӯи офтоб ба Мино баргашт ва хаймаашро барои рӯзҳои ташриқ ҳамон ҷо зад.

10. Пас аз рамйи ҷамраи Ақаба ба забҳгоҳ рафт ва қурбониҳои худро забҳ намуд. Мусулмонон низ ҳар он чӣ он Ҳазрат (с) анҷом медод, аз ӯ пайравӣ менамуданд. Сипас, ба Макка омад ва тавофи ифоза (фарзи)-ро ба ҷой овард. Аз оби Замзам нӯшид ва намози пешинро дар Макка гузорид.

11. Он гоҳ ба Мино баргашт ва се рӯзи пас аз ид, ки айёми ташриқ ба шумор меравand, ба партоби сангҳо дар ҷамарот машғул гардид

12. Дар Мино мӯи сарашро тарошид ва бо ҳамин аз эҳром берун омад.

13. Рӯзи сездаҳуми зулҳиҷҷа, ки рӯзи чоруми ид аст, пас аз партоби сангҳо ба водии Муҳассаб омад ва намозҳои пешин, аср, шом ва хуфтани ҳамон рӯзро дар он ҷо ба ҷой овард ва шаб ба истироҳат пардохт. Саҳар барвақт пеш аз тулӯи субҳ ба Ҳарам омад ва намози бомдодро дар Ҳарам гузорид. Он гоҳ ба барвақтӣ тавофи видоъро анҷом дод.

14. Рӯзи чордаҳуми зулҳиҷҷа, пас аз тавофи видоъ, бонги раҳил зад ва бо ҳамин ба сӯи Мадина ба роҳ баромад.

Дар харита ҳамчунин мавзеъҳое, ки Паёмбар (с) дар аснои ҳаҷ дар он ҷойҳо хутба ва суханронӣ намудаанд, ба шакли секунҷаҳои сурх нишонагузорӣ шудаанд. Му-

ҳимтарини он хутбаҳо ҳамон гуна, ки гуфта шуд, хутбаи Арафот дар рӯзи Арафа, хутбаи Мино дар рӯзи ид ва хутбаи яке аз рӯзҳои ташриқ дар Мино мебошад. Дигар суханони он Ҳазрат (с) ба сурати хутба эрод нагардидаанд, балки тавҷеҳот, роҳнамоиҳо ва посухҳои он Ҳазрат (с) мебошанд, ки дар ҷойҳои хос, пурсишҳои шахсӣ ва ба муносибатҳои гуногуне баён гардидаанд.

Бештари рӯйдодҳои Ҳаҷҷатулвадоъ аз Саҳеҳи Бухорӣ, Саҳеҳи Муслим, Сунани Абӯдовуд ва Сунани Насоӣ гирифта шудаанд.

Албатта, ҳаҷҷи Паёмбар (с)-ро каме ба тафсил баён намудем, то хонандаи арҷманд бо рӯи даст доштани намунаи ҳаҷҷи он Ҳазрат (с) битавонад аз нуқтаҳои зерин ба таври дилхоҳ истифода намояд:

1. Бо рӯи даст доштани намунаи ҳаҷҷи он Ҳазрат (с) дар баргузории маросими ҳаҷҷи худ ба таври шоёне истифода намояд.

2. Бо руҷӯъ ба нусхаи ҳаҷҷи Паёмбар (с), аҳкому аркон ва одобу суннатҳои ҳаҷро, ки дар бахши дуюми китоб зикр мешаванд, хуб ба зеҳн месупорад.

3. Бо омӯхтани намунаи ҳаҷҷи Паёмбар (с) ба фалсафа ва арзишҳои инсондӯстонаи маросими ҳаҷ андак ҳам бошад, ошно мегардад.

Дар маросими ҳаҷҷи соли даҳум, ки бо ҳузури шахси Паёмбар (с) баргузор гардид, ғайр аз он чӣ зикр шуд, боз ҳаводис ва рӯйдодҳои хурду бузурги дигаре низ ба вуқӯъ пайвастанд ва ғайр аз хутбаҳо ва суханрониҳои Арафот, Мино ва айёми ташриқ боз он Ҳазрат (с) дар мавқеъҳои хос, пурсишҳои шахсӣ ва ба муносибатҳои гуногун тавсияҳои лозим, роҳнамоиҳои зарурӣ ва суханоне муносиб ба муқтазои он мавқеъҳо баён доштаанд, ки он маҷмӯаи нафис ва ганҷинаи гаронмоя дар канори оятҳои Қуръон манбаи истинбот ва дарёфти аҳком ва масоили ҳаҷ гардиданд. Донишмандони динӣ ва коршиносони фиқҳи исломӣ бар асоси ҳамин маҷмӯаи нафис масоил ва аҳкоми ҳаҷро истинбот ва коркард намудаанд.

Бо дарназардошт ва баррасии вазъи асафбори он рӯзи ҷаҳон, табъизи нажодӣ, тақсимоти табақавӣ, ноадолатиҳои иҷтимоӣ, хунрезиҳои давомнок, поймолкунии ҳуқуқи инсон, ба яғмо бурдани молу дорой ва зану фарзандони ғоратшудагон, беарзишии ҷону мол ва обрӯи инсон, рибохорӣ, вазъи тоқатфарсои қишри занон ва даҳҳову садҳо норасоиҳо ва бадбахтиҳои дигар аз як тараф ва аз тарафи дигар, ғуборолуд гардидани мағзу эътиқоди одамон бо маҷмӯае аз хурофоту боварҳои ботил ва пур гардидани андешаву қалби онҳо бо муште пучиҳо ва мавҳумот, Паёмбар (с) дар хутбаҳо ва суханрониҳои худ дар Арафот ва Мино барои наҷоти башарият аз ин ҳама ранҷу бадбахтиҳое, ки домангири вай гардида буд ва ҷиҳати расонидани вай ба қуллаи такомули инсонӣ дар ҳимоя ва таъмини ҳамаҷонибаи ҳуқуқҳои ӯ эъломияҳо ва баёноти муҳимме иброз дошт.

Бояд гуфт, дар он рӯзгор дар ҳеҷ гӯшаи дунё на дар миқёси ҷаҳонӣ, на дар сатҳи иқлимӣ ва на дар муставои кишварӣ маҷмаъ ва ё марказе вуҷуд надошт, ки дар мавриди чунин чизҳое дар он сатҳи олӣ биандешад. Эъломияҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои инсоние, ки аз ҷониби он Ҳазрат (с) содир шуданд, барои бештар аз ҳазор сол аз фикру андешаи инсони мутамаддин (ба истилоҳи имрӯза) сабқат дошт, балки барои ҳамеша бесобиқа ва беназир хоҳанд монд.

Имрӯз дар ҷаҳон пас аз гузашти бештар аз ҳазору чорсад сол аз даврони рисолати он Ҳазрат (с) даҳҳо ва садҳо маҷомеи байналмилалӣ, иқлимӣ ва ҳамчунин марказҳо ва ҷамъиятҳои мубориза барои ҳимояи ҳуқуқи башар дар сатҳҳои гуногуни он арзи вуҷуд намудаанд, вале ҳанӯз ҳам ҳатто аз ҷанбаи назариявӣ ба пояи эъломияҳои Паёмбар (с) ва арзишҳои ҳуқуқӣ-инсонии мактаби Ислом нарасидаанд.

Ин дар ҳолест, ки он Ҳазрат (с) дар ҳаёти амалӣ маҷмӯае аз инсонҳоро ба он сатҳи олии тарбиявӣ ва инсони ормонӣ-ҳуқуқӣ расонида, дар Мадина, Макка, Тоиф, атрофи онҳо ва шаҳрҳои дигар, ҷомеаи намунавӣ ва шахсиятҳое, ки пас аз ӯ рисолати илоҳиро ба дӯш гиранд ва ба сайри такомулии худ идома диҳанд, ба вуҷуд оварда буд.

Бинобар ин, пас аз зикри ҳар порае аз авзои иҷтимоӣ-инсонии онрӯза, қисмате аз хутба ва суханронии он Ҳазрат (с), ки бевосита ба ҳамон вазъ тааллуқ дорад, зикр гардидааст.

# ИСЛОҲОТИ ҲАҶ

Расули Худо (с) дар рафти ҳаҷҷи таърихии худ ин чорабинии илоҳӣ ва маросими иброҳимиро комилан аз хурофот ва мавҳумоте, ки дар даврони ҷоҳилият ба он роҳ ёфта буданд, пок намуд ва онро пас аз ислоҳоти куллӣ ба ибодати софи худоӣ ва барномаи тавҳидӣ табдил дод.

а) Ҳарчанд кофирон ва бутпарастон ном ва расми ҳаҷро боқӣ гузошта бошанд ҳам, вале дар асл сурат, равиш ва мӯҳтавои онро комилан тағйир дода буданд ва онро бо он қадар хурофот ва мавҳумот омехта буданд, ки ба ҷои савоб азоб ба шумор мерафт.

Бояд гуфт, ҳадаф ва ангезаи муҳимми ҳаҷ ва тамоми ибодатҳо ёди Худо ва ҷалби таваҷҷӯҳ ба сӯи Ӯст. Лекин арабҳои мушрик дар айёми ҳаҷ ба ҷои зикри Худо ифтихорот ва шоҳкориҳои падарон ва ниёгони худро баён мекарданд ва бо зикри корнамоиҳои онҳо бар якдигар ифтихор менамуданд. Ояти зер ба ҳамин чиз ишора мекунад:

فَإِذَا قَضَيْتُم مَّنَاسِكَكُمْ فَاذْكُرُوا اللَّهَ كَذِكْرِكُمْ آبَاءَكُمْ

أَوْ أَشَدَّ ذِكْرًا ...

**«Пас вақте маносики ҳаҷҷатонро ба поён расонидед, Худоро ёд кунед, ҳамон гуна, ки падарони худро ёд мекардед ё ҳатто болотар (ва ҷиддитар) аз он».**[150]

б) Арабҳои Мадина дар даврони ҷоҳилият ба атрофи бути Манот тавоф мекарданд ва пас аз тавофи хонаи Каъба миёни Сафо ва Марва саъй намекарданд, балки саъйи байни онҳоро гуноҳ ҳам меҳисобиданд. Ин дар ҳолест, ки яке аз мақсадҳои муҳимми ҳаҷ айнан ба ҷо овардани ёдгориҳо ва маносики иброҳимист, ки саъйи миёни Сафо ва Марва яке аз ёдгориҳои асри Иброҳим (ъ) аст. Дар ин бора ояти зерин нозил шуд:

---

[150] Асбоби нузул, Воҳидӣ. Сураи Бақара, 2: 200.

إِنَّ ٱلصَّفَا وَٱلۡمَرۡوَةَ مِن شَعَآئِرِ ٱللَّهِۖ فَمَنۡ حَجَّ ٱلۡبَيۡتَ أَوِ ٱعۡتَمَرَ فَلَا جُنَاحَ عَلَيۡهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِمَاۚ وَمَن تَطَوَّعَ خَيۡرٗا فَإِنَّ ٱللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ ﴿١٥٨﴾

**«Албатта, Сафо ва Марва аз ҷумлаи шаоири дини илоҳӣ ҳастанд. Пас ҳар касе ба ҳаҷҷи хонаи Худо ва ё умра омад, ҳеҷ гуноҳе бар вай набошад, ки дар миёни онҳо саъй намояд ».**[151]

в) Дар миёни мардуми араб, ба хусус мардуми Яман, ин расм ривоҷ ёфта буд, ки аксари онҳое ки тавоноии тӯшаи сафарро надоштанд, бе ягон муқаддима ва омодагии қаблӣ ба сӯи хонаи Каъба ба роҳ меафтоданд ва мегуфтанд: Мо бар Худо таваккал кардем. Онҳо дар байни роҳ бо фақру нодорӣ рӯ ба рӯ гашта, даст ба гадоӣ мезаданд. Худованд дар радди ин пиндори нодуруст фармуд:

وَتَزَوَّدُواْ فَإِنَّ خَيۡرَ ٱلزَّادِ ٱلتَّقۡوَىٰ...

**«Тӯша бардоред, (ки ҳатто сафари охират ҳам тӯша мехоҳад) ва тақво беҳтарин тӯша (барои он сафар) аст».**[152]

г) Дар ҳоли эҳром гирифтан ва ё тарошидани мӯйҳои сар мамнӯъ аст, вале мушрикони ҷоҳил бисёр ифрот мекарданд, то ҷое, ки мӯйҳои баъзе олуда гашта, дар он шапуш пайдо мегашт ва хатари аз даст додани биноӣ низ вуҷуд дошт.

Ислом ҳамеша ин аслро дар маркази таваҷҷӯҳи худ қарор додааст, ки ибодатҳо ва аҳкоми он боиси ҳеҷ гуна таклиф ва таҳмили корҳои тоқатфарсо набошанд. Худованд бо дарназардошти зарфиятҳои рӯҳӣ ва тавоноиҳои маънавӣ ва ҷисмии инсон ӯро ба сӯи осонтарин роҳҳо ҳидоят менамояд, он ҷо ки мефармояд:

---

[151] Сураи Бақара, 2: 158.

[152] Сураи Бақара, 2: 197. Саҳеҳи Бухорӣ, китоби ҳаҷ, боби тӯша бардоред, 1523.

...فَمَن كَانَ مِنكُم مَّرِيضًا أَوْ بِهِۦٓ أَذًى مِّن رَّأْسِهِۦ

فَفِدْيَةٌ مِّن صِيَامٍ أَوْ صَدَقَةٍ أَوْ نُسُكٍ ...

**«Агар касе аз шумо бемор аст ё дар сараш нороҳатие дорад (ва ночор аст сарашро зудтар аз вақт битарошад), (хуб худро табобат намояд ва ё сарашро битарошад, вале дар ивази он) каффорате (товоне) бидиҳад: ё рӯза бигирад ё чанд мискину бенаворо таом бидиҳад ва ё қурбоние намояд».**[153]

д) Дар миёни бутпарастони араб расми ҷоҳилии дигаре ривоҷ ёфта буд, ки хуни ҳайвони қурбониро бар дару девори хонаи Каъба мемолиданд ва онро савоб мепиндоштанд. Онҳо ақида доштанд, ки агар гӯштҳои қурбонӣ назри бутҳо (худоёни хурд ба эътиқоди онҳо) гардида бошанд, пас хунҳои онҳо ба назди худои бузург (худои Каъба) мерасанд. Худованд дар радди ин пиндори ғалат фармуд: [154]

لَن يَنَالَ ٱللَّهَ لُحُومُهَا وَلَا دِمَآؤُهَا وَلَٰكِن يَنَالُهُ ٱلتَّقْوَىٰ مِنكُمْ ...

**«Ҳаргиз гӯштҳо ва хунҳои қурбонии шумо ба Худо намерасанд (ва ба назди Ӯ бардошта намешаванд), вале ин тақвои шумост, ки ба Ӯ мерасад».[155]**

Дар ин оят на танҳо ин одат манъ гардид, балки эълон шудааст, ки ҳадаф ва мақсуд худи қурбонӣ нест, балки он чӣ муҳим ва мавриди қабул ва писанди Худованд аст, тақво ва парҳезгорист. Тавсияҳои чашмгири оятҳои Қуръони карим ба тақво барои он аст, ки аслан тарбият ва худсозии исломӣ дар тақво хулоса мешавад. Ҳар касе ба ҳамон андоза худсохта ва ба нафъи худ ва ҷомеа аст, ки тақво дошта бошад.

Ҳадафи нахустини Ислом аз роҳгузари системаи тарбиятӣ ва тамринҳои созандаи худ ба вуҷуд овардани як нерӯи контролкунандаи худкор (берун аз ирода) дар бо-

---

[153] Сураи Бақара, 2: 196.
[154] Тафсири Байзовӣ.
[155] Сураи Ҳаҷ, 22: 37.

тини инсон аст. Тамоми ибодатҳо, аҳком ва «бикуну накунҳое», ки дар низоми тарбиявӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ-ибодии Ислом вуҷуд доранд, барои ба вуҷуд овардан ва сохтани як ҳолати виҷдонӣ ва равоние дар инсон аст, ки ӯро дар баробари ҳар чизе аз дохил идора (контрол) намояд.

Риояи амрҳо ва наҳйҳои як мактаб ва як низом бар асоси эҳсоси тааҳҳуд ва дарки масъулиятшиносӣ дар пешгоҳи он мактаб тақво мебошад. Ба истилоҳи равоншиносӣ, тақво як навъ нафсонияте дар замири нохудогоҳ ва виҷдони инсон аст, ки дар бархӯрд бо масоил ӯро ба он самте, ки мактаби парварда ва низоми эътиқодиаш мехоҳад, ҳидоят мекунад.

Тақво ба вуҷуд омадани як ҳассосияти виҷдонии огоҳона ва сохта шудани системаи ҳидояткунандаи даруние мебошад, ки дар паҳнои низоми арзишҳои имонӣ шакл мегирад ва вақте ба ӯ мегӯяд: Аз ин тараф бирав ва аз он тараф нарав, вай ба осонӣ амал менамояд.

Ба ин ҳолати ба ҳидоят расиданро тақво мегӯем. Ин тақво дар натиҷаи сохтан, тарбият кардан ва тамрин додан ба вуҷуд меояд ва ҳаҷ яке аз ҳамин фурсатҳои тарбиятӣ ва тамринҳост.

Қуръони карим дар оятҳои қаблӣ пас аз зикри бинои Каъба ва эъломи ҳаҷ дар миёни мардум аз сӯи Иброҳим (ъ) ва баёни бахше аз маносики ҳаҷ, забҳу қурбонӣ ва тавофи хонаи Худо хулосаи ин раванди таърихӣ ва мафҳуми барномаи ҳаҷро ин тавр баён менамояд: **«Ин буд (он раванди таърихӣ ва барномаи ҳаҷ) ва касе муқаддасоти Худоро бузург дорад, он воқеан ҳам, дар назди Парвардигораш барои ӯ беҳтар аст»**.[156]

Сипас дар ояти дигар мефармояд: **«Ин аст (хулосаи он) ва касе барномаҳои илоҳӣ (ва аз ҷумла, маносики ҳаҷ)-ро бузург дорад, (бузургдошти) он нишонаи тақвои дилҳост»**.[157]

---

[156] Сураи Ҳаҷ, 22: 30.
[157] Сураи Ҳаҷ, 22: 32.

Аъмоли зоҳир нишонаи воқеияти ботин мебошанд. Он диле, ки бо муҳаббати Худо ва тақвои Ӯ парвариш ёфтааст, соҳиби он дар зиндагӣ ҳатман роҳи покизагӣ, бузургӣ ва наҷобатро дар пеш мегирад ва он зиндагоние, ки дар он ба муқаддасоти илоҳӣ эҳтиром гузошта мешавад, ҳатман манбаи амну осоиш аст.

Бинобар ин, мусалмонони садри Ислом ба бузургдошти барномаҳои илоҳӣ ва маносики ҳаҷ беҳтарин ва қиматтарин чорворо барои қурбонӣ бармегузиданд ва он нишонаи камоли инсонӣ ва ниҳояти тақвои онҳо буд. Ислом аз онҳо шахсиятҳои вораста ва одамони ботақво ва бо тамоми маъно сохта буд.

Ривоят шудааст, ки Умар (р) беҳтарин шутурро барои қурбонӣ баргузид. Дар ҳамин вақт он шутурро сесад динор нарх карданд. Ҳазрати Умар ба хидмати Паёмбар (с) рафт ва арз кард, ки: Ман шутуреро барои қурбонӣ муайян намудам, вале онро сесад динор нарх кардаанд. Пас оё онро бифурӯшам ва ба пули он шутури дигаре барои қурбонӣ бихарам? Расули Худо (с) фармуд: ***«Не, балки ҳамонро қурбонӣ кун»***.[158]

е) Яке аз расмҳои дигаре, ки дар он давра ривоҷ дошт, ин буд, ки қурайшиҳо бар хилофи асосҳои ҳаҷҷи иброҳимӣ рафтан ба Арафотро дар мавсими ҳаҷ, ки яке аз муҳимтарин аркони ҳаҷ аст, бар худ лозим намедонистанд ва мегуфтанд: Мо ҳарамнишинон ҳастем ва аз ҳудуди Ҳарам берун намеравем, зеро ин иҳонат ба хонадони мо мебошад. Онҳо то Муздалифа мерафтанд ва дар он ҷо меистоданд. Дигар арабҳо рӯзи Арафа ба Арафот мерафтанд ва аз он ҷо ба Муздалифа ва Мино меомаданд. Чун яке аз асосҳои аслии Ислом баробарии дар ибодат аст, Худованд ин ҳукмро нозил кард:[159]

---

[158] Сунани Абӯдовуд, 1756. Саҳеҳи Ибни Хузайма, 2911. – Ҷ. 4. – С. 292. Муснади имом Аҳмад, 6289. – Ҷ. 2. – С. 315.

[159] Саҳеҳи Бухорӣ, 1665, 4520.

فَإِذَآ أَفَضۡتُم مِّنۡ عَرَفَٰتٖ فَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ عِندَ ٱلۡمَشۡعَرِ ٱلۡحَرَامِۖ وَٱذۡكُرُوهُ كَمَا هَدَىٰكُمۡ وَإِن كُنتُم مِّن قَبۡلِهِۦ لَمِنَ ٱلضَّآلِّينَ ۝١٩٨ ثُمَّ أَفِيضُواْ مِنۡ حَيۡثُ أَفَاضَ ٱلنَّاسُ وَٱسۡتَغۡفِرُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ۝١٩٩

**«Пас вақте аз Арафот сарозер шудед, дар канори Машъарулҳаром аз Худо ёд кунед ( ва ба зикри Худо бипардозед) ва ба ёди Худо бошед, ҳамон тавре, ки Худо шуморо ҳидоят кард, бо вуҷуди он ки пеш аз ин аз гумроҳон будед. (Ба илова, шумо низ) аз ҳамон ҷое, ки ҳамаи мардум сарозер мешаванд, (ба сӯи Мино) сарозер шавед ва аз Худо талаби мағфират намоед, ки Худо омурзандаи меҳрубон аст».**[160]

ж) Дар даврони пеш аз Ислом дар миёни арабҳои бутпараст як навъ ҳаҷҷе вуҷуд дошт, ки ба он «ҳаҷҷи мусмита», яъне хомӯшона ва бо безабонӣ мегуфтанд. Яъне касе, ки ба ҳаҷ мерафт, аз оғоз то анҷоми ҳаҷ бояд бо забон чизе намегуфт. Ислом аз ин таҳаммули машаққатҳо ва бар худ бор кардани сахтиҳо манъ кард.

Дар Саҳеҳи Бухорӣ зикр гардидааст, ки: ***«Боре ҳазрати Абӯбакр (р) яке аз занони Аҳмасро***[161] ***бо номи Зайнаб дид, ки бо касе сухан намегуфт. Пурсид чаро вай сухан намегӯяд? Гуфтанд: Вай нияти «ҳаҷҷи мусмита» кардааст. Ҳазрати Абӯбакр ба вай гуфт: Сухан бигӯ, ин кор ҷоиз нест. Ин амал аз расмҳои даврони ҷоҳилият аст. Он зан сухан гуфт ва пурсид: Ту кистӣ…».***[162]

Бузургтарин масъалаи хилофи иффату ҳаё, чуноне ишора шуд, ин буд, ки ғайр аз қурайшиҳо, дигар ҳамаи арабҳо, марду зан, хонаи Каъбаро урён тавоф мекарданд, Занон низ бараҳна тавоф мекарданд ва ин суруд-ро мехонданд:

---

160 Сураи Бақара, 2: 198, 199.

161 Аҳмас – қурайшиҳо худро Аҳмас мегуфтанд.

162 Саҳеҳи Бухорӣ, 3834. Сунани Доримӣ, 216. – Ҷ. 1. – С. 76. Сунани Куброи Байҳақӣ, 20676. – Ҷ. 15. – С. 7.

«اليَومَ يبْدُو بَعضُه أوكُلُّه، وما بَدا مِنه فلا أُحِلّه»

*«Имрӯз қисмате аз он ва ё тамоми он намоён мешавад ва он чӣ зоҳир шавад, онро ҳалол намекунам».*

Ин буд, ки Худованд ояти 28-уми сураи Тавбаро дар ин мавзӯъ нозил кард.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّمَا ٱلۡمُشۡرِكُونَ نَجَسٞ فَلَا يَقۡرَبُواْ ٱلۡمَسۡجِدَ ٱلۡحَرَامَ بَعۡدَ عَامِهِمۡ هَٰذَاۚ وَإِنۡ خِفۡتُمۡ عَيۡلَةٗ فَسَوۡفَ يُغۡنِيكُمُ ٱللَّهُ مِن فَضۡلِهِۦٓ إِن شَآءَۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ٢٨

**«Эй касоне, ки имон овардаед! (Бидонед), ки мушрикон, бетардид, наҷас мебошанд. Пас баъди ин солашон дигар ба Масҷидулҳаром наздик нагарданд…».**

Соли нӯҳуми ҳиҷрӣ Паёмбар (с) Абӯбакри Сиддиқ (р) ва ба дунболи ӯ Алӣ (р)-ро фиристод, то дар мавсими ҳаҷ эълон намоянд, ки дар оянда касе ҳаққи бараҳна ҳаҷ карданро надорад.[163]

Албатта, арабҳои бутпараст бо ривоҷ додани маҷмӯае аз хурофоту мавҳумот ва пиндорҳои пучи худ ва гузоштани расму сурати хоссе барои парастиш, эҳтиром ва тақдими назру ниёз ба бутҳо, ҳаҷҷи иброҳимиро аз мӯҳтавои аслии худ берун сохта, онро ба инҳироф (бероҳа) кашида буданд.

Мавридҳои зикргардида намунаҳое аз роҳу равиши бутпарастӣ ва мавҳумотгароии онҳо буд, ки барои ошноии хонандагон ба раванди таърихии ҳаҷ, фазои фикрӣ-эътиқодии мардуми араб то давраи Ислом ва таъсири шахсият ва коргузориҳои Паёмбар (с) дар ислоҳ ва дубора ба маҷрои аслӣ ва саргаҳи поку беолоиши худ баргардонидани маросими ҳаҷ тақдими онҳо мегардад.

---

[163] Саҳеҳи Бухорӣ, 369, 1622. Саҳеҳи Муслим, 3275 (1347)-435. Дар тамоми китобҳои ҳадис, бобе бо номи: «Ҳеҷ бараҳнае тавофи хонаи Худо накунад», тартиб дода шудааст.

# БАХШИ ДУЮМ

- **Рукнҳо, маносик ва аҳкоми фаризаи ҳаҷ**
- **Навъҳои ҳаҷ**
- **Аҳкоми умра**
- **Ва дигар масоили муосир дар ҳаҷ**

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

وَأَتِمُّواْ ٱلۡحَجَّ وَٱلۡعُمۡرَةَ لِلَّهِۚ ...

**«Ҳаҷ ва умраро барои Худо**
**ба итмом расонед!»**

(Сураи Бақара, 196).

Анҷом додани ҳаҷ як бор дар тӯли умр бар бандаи мӯъмин фарз аст ва як бор ба ҷо овардани умра, ки ба ҳаҷҷи хурд шинохта мешавад, суннати муаккада мебошад. Аз назари баъзе донишмандон ва пешвоёни Ислом умра воҷиб аст. Суннати муаккада низ наздик ба мартабаи воҷиб мебошад.

## ЭҲРОМ

Ҳаҷ дорои се рукн (фарз) ва умра дорои ду рукн мебошад. Рукнҳои ҳаҷ иборатанд аз: Эҳром, вуқуф (истодан) дар Арафот, тавофи ифоза (фарзӣ). Рукнҳои умра иборатанд аз: Эҳром ва тавоф.

Рукни аввали ҳаҷ ва умра эҳром мебошад. Эҳром барои ҳарду ибодат – ҳаҷ ва умра як хел аст. Шахси ҳаҷгузор ҳамин ки ба яке аз миқотҳо расид, бо нияти анҷом додани ҳаҷ ва ё умра вузӯ ва ғусл менамояд ва ду порча либоси нодӯхтаи эҳромро мепӯшад. Он гоҳ ду ракъат намоз мегузорад ва бо ҳамин муҳрим мегардад. Яъне бо ҳамин расму тартибот ва аъмоли бастани эҳром комилан ба ҷо меоянд.

Ҳангоми бастани эҳром бо дилаш анҷоми ҳаҷ ва ё умраро ният мекунад ва бар хилофи дигар ибодатҳо дар ин ҷо суннат аст, ки нияташро ба таври ошкор ва бо садои баланд изҳор намояд. Изҳори он чӣ тавре бо гуфтани талбия сурат мегирад, бо ифодаи ният ва ё бо дуъои тайсир ва қабули он аз сӯи Худованд низ ба ҷой меояд. Ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) барои умра ва ҳаҷ якҷоя эҳром баста, мегуфт:

**لبَّيك عمرةً وحجًّا، لبَّيك عمرةً وحجًّا**

***«Лаббайк бо умра ва ҳаҷ, лаббайк бо умра ва ҳаҷ»***.[164]

Дар ҳолати бастани эҳром ва ё пештар аз он хуб аст як силсила омодагиҳоеро ба тартиби зер ба ҷо оварад:

- Нохунҳояшро бигирад, мӯйҳои зери ноф ва зери бағалашро тоза намояд ва мӯйлабҳояшро низ кӯтоҳ кунад. Зеро пас аз бастани эҳром то замони ҳалол ва аз эҳром берун гаштан анҷоми ин амалҳо мамнӯъ мебошанд. Дар вақти бастани эҳром, агар бихоҳад, бар худ хушбӯӣ ва атр занад, зеро ин кор низ то поёни эҳром ҷоиз нест.

---

[164] Саҳеҳи Муслим, 3018, 3019 (1251)-214, 215.

- Либосҳои эҳром беҳтар аст, ки сафед бошанд ва ё моил ба сафедӣ. Қисме аз амалҳои боло суннат ва қисме мустаҳаб мебошанд. Ғусл кардан, хушбӯӣ задан ва омодагиҳои пеш аз эҳромро анҷом додан мустаҳаб аст.

- Ҳамин ки тартиботи бастани эҳромро ба ҷо овард, фавран нияти худро муайян созад. Агар нияти умра ва ё ҳаҷҷи таматтӯъ дошта бошад, дар ҳар ду сурат барои умра ният намояд ва бигӯяд:

**اللَّهُمَّ إنّي أُرِيدُ العُمرةَ، فيَسِّرْها لي وتَقبَّلْها مِنّي**

**«Аллоҳумма, иннӣ уриду-л-умрата, фаяссирҳо лӣ ва тақаббалҳо миннӣ».**

***«Худоё! ман ният ва иродаи умра дорам, пас онро бароям осон бигардон ва онро аз ман бипазир!».***

Вале агар нияти ҳаҷҷи ифрод дошта бошад ва ё пас аз анҷоми умра дар ҳаҷҷи таматтӯъ барои ҳаҷ эҳром бандад, нияти ҳаҷ намояд ва бигӯяд:

**اللَّهُمَّ إِنِّي أُرِيدُ الحجَّ، فيَسِّرْهُ لي وتَقبَّلْه مِنِّي**

**«Аллоҳумма, иннӣ уриду-л-ҳаҷҷа, фаяссирҳу лӣ ва тақаббалҳу миннӣ».**

**«Худоё, ман ният ва қасди ҳаҷ кардам, пас онро бароям осон бигардон ва аз ман бипазир!».**

Агар нияти ҳаҷҷи қирон намояд, барои ҳаҷ ва умра ҳарду ният намуда бигӯяд:

**اللَّهُمَّ إِنِّي أُرِيدُ الحجَّ والعُمرةَ، فيَسِّرْهُما لي وتَقبَّلْهُما مِنِّي**

**«Аллоҳумма, иннӣ уриду-л-ҳаҷҷа ва-л-умрата, фаяссирҳумо лӣ ва тақаббалҳумо миннӣ»**

Маънои инҳо низ ба монанди ҷумлаи аввал мебошад, танҳо ба ҷои умра ҳаҷ ва ё ҳаҷ ва умра мегӯяд. Ин калимаҳоро дуъои тайсир мегӯянд.

- Вақте ният кард, дарҳол ба гуфтани талбия шурӯъ намояд. Воҷиб аст, ки нияти эҳром ба яке аз зикрҳо, аз қабили дуъои тайсир ва ғайра пайваст шавад, вале суннат он аст, ки бо талбия пайваст бошад. Талбия дар ин ҷо изҳори ният ва вуруд ба боргоҳи ибодат аст. Ба дил

гузаронидани талбия кофӣ нест. Бояд онро ба забон талаффуз намояд ба андозае, ки ҳадди ақал худаш онро бишнавад, вале баланд гуфтани он беҳтар аст. Талбия чунин аст:

لَبَّيك اللَّهُمَّ لبَّيك، لبَّيك لا شَرِيكَ لَكَ لبَّيك،

إِنَّ الحَمدَ والنِّعْمةَ لَكَ والمُلكَ، لا شَرِيكَ لَكَ

**«Лаббайка-л-лоҳумма лаббайк, лаббайка ло шарика лака лаббайк. Инна-л-ҳамда ва-н-ниъмата лака ва-л-мулк, ло шарика лак».**

- Ҳамон тавре, ки эҳром аз миқот баста мешавад, агар роҳҳо каме тағйир хӯрда, аз паҳлӯи миқот ва ё дуртар аз он гузаранд, аз рӯ ба рӯи он низ эҳром бастан ҷоиз аст. Агар пеш аз миқот эҳром бандад, низ дуруст, балки афзал аст. Муҳим он аст, ки аз миқот бе эҳром нагузашта бошад.

Имрӯз қофилаҳои ҳаҷгузорон бештар аз роҳи ҳавоӣ ба Ҷадда фуруд меоянд. Ҷадда дар самте воқеъ гардидааст, ки на ба миқоте наздик мебошад ва на дар баробари миқоте қарор дорад. Агар бе эҳром вориди Ҷадда шавад, бояд ба яке аз наздиктарин миқотҳо баргардад ва эҳром бандад. Вале агар аз ҳамон Ҷадда эҳром баста, ба Макка равад, барои шикастани яке аз муқаррароти эҳром бар вай хуне (забҳе) воҷиб мегардад.[165] Яъне ба-

[165] Дар китоби «Фиқҳи исломӣ» ва «Эзоҳ» омадааст, ки агар охирин нуқтаи сафари ҳаҷгузорони аз роҳҳои ҳавоӣ, баҳрӣ ва ё заминӣ ба ҷое хотима ёбад, ки дар он ҷо на миқоте бошад ва на дар баробари миқоти дигаре қарор дошта бошад, аз ҳамон ҷое, ки расидаанд, агар ба масофаи ду марҳала роҳ аз Макка дур бошад, эҳром банданд.

Зеро наздиктарин миқотҳо дар фосилаи ду марҳала роҳ аз Макка дур воқеъ гардидаанд. Ба монанди шаҳри Ҷадда, ки имрӯзҳо аксари мардуме, ки бо ҳавопаймо ва ё киштӣ меоянд, дар фурудгоҳ ва бандари он ҷо фуруд меоянд. Ҷадда дар ҷиҳате воқеъ гардидааст, ки на ба миқоте наздик мебошад ва на дар баробари миқоте қарор дорад.

Рафтани мусофирон ба миқоти Яламлам ва ё Ҷӯҳфа барояшон мушкил мебошад. Дар айни ҳол гӯшаҳои дуртари Ҷадда ду марҳала роҳро то Макка ташкил медиҳанд. Пас аз ҳамон ҷо барояшон эҳром бастан ҷоиз мебошад. «Фиқҳи исломӣ» ду марҳала роҳро 89 км гуфтааст. Шоёни зикр аст, ки ин нуқтаи назари баъзе фақеҳони

рои ислоҳ ва ҷуброни ин хилофкорӣ забҳи чорвое бар гарданаш воҷиб гардида ва бо ҳамин эҳромаш низ дуруст мешавад. Барои ҳамин, беҳтар аст пеш аз миқот эҳром бандад. Лозим ба ёдоварист, ки аз миқот бастани эҳром воҷиб мебошад.

Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ – тобеи Робитаи олами исломӣ – дар нишасти сеюми худ, ки субҳи рӯзи панҷшанбе дар таърихи 10/04/1402 ҳ. мувофиқ ба 4/02/-1982 м. баргузор гардид, ба баррасии мавзӯи ҳукми эҳром аз Ҷадда ва он мушкиле, ки имрӯз бисёре аз зоирони хонаи Худо дар натиҷаи надонистани миқотгоҳҳо ба он рӯ ба рӯ мегарданд, пардохта, пас аз омӯзиши нусуси шаръие, ки дар ин бора ворид шудаанд, қарори зайлро ба тасвиб расонд:

Миқотгоҳҳое, ки Расули Худо (с) муайян намуда ва, эҳромро аз онҳо бар аҳли он манотиқ ва ҳамчунин бар касоне, ки бо нияти ҳаҷ ва ё умра аз онҳо убур мекунанд, воҷиб гардонидааст, иборатанд аз: а) Зулҳулайфа барои аҳли Мадина ва касоне, ки аз он убур намоянд ва ҳоло онро Абёри Алӣ меноманд, б) Ҷӯҳфа барои аҳли Шом, аҳли Миср ва аҳли Мағриб ва касоне, ки аз он убур намоянд ва ҳоло аз Робиғ эҳром баста мешавад, в) Қарнулманозил барои мардуми Наҷд ва касоне, ки аз он убур намоянд ва ҳоло водии Муҳаррам ва ё водии Сейл номида мешавад, г) Зотуирқ барои аҳли Ироқ, Хуросон ва касоне, ки аз он убур намоянд ва ҳоло Зариба номида мешавад, д) Яламлам барои аҳли Ямман ва касоне, ки аз он убур намоянд.

Ва дар ин бора қарор қабул мекунад: Бар зоирони хонаи Худо воҷиб аст, ки вақте аз канор ва ё наздики яке аз ин панҷ миқотгоҳ гузаштанд, эҳром банданд. Агар кор бар онҳо муштабаҳ гардад ва касеро пайдо накунанд, ки онҳоро ба он иршод намояд, пас аз боби эҳтиёт бар онҳо воҷиб аст, ки муддате пештар аз он ба андозае, ки ба ғолиби гумонашон ҳанӯз дар хориҷи миқотгоҳҳо

---

шофеъӣ дар бораи дуруст будани эҳром аз Ҷадда аст. (Эзоҳ. – С. 121. Фиқҳи исломӣ, 3/2129 –2130).

қарор доранд, эҳром банданд. Зеро эҳром бастан пеш аз миқот (дар назди баъзе мазҳабҳо ба таври мутлақ ва дар назди баъзеҳо) бо кароҳият ҷоиз аст ва вақте аз боби таҳарро, эҳтиёт ва аз бими бе эҳром гузаштани миқот сурат гирад, кароҳият аз он бартараф мегардад.[166]

Маҷлиси ҳайати кибори уламо низ дар давра (сессия)-и чаҳордаҳуми худ, ки дар таърихи 10-21 моҳи шавволи соли 1399 ҳ. дар шаҳри Тоиф баргузор гардид, пас аз баррасии мактуби раиси маҳкамаҳои шаръӣ ва умури динии давлати Қатар – Абдуллоҳ бин Зайд Оли Маҳмуд – дар бораи ҷавози миқот қарор додани Ҷадда барои мусофироне, ки бо ҳавопаймо ва ё бо киштӣ ба он ҷо меоянд, айнан ҷавоби Маҷмаи фиқҳи исломиро додааст.[167]

---

[166] Дар идомаи қарори Маҷмаъ омадааст: Аҳли илм аз тамоми мазҳабҳои чаҳоргона ин гуфтаи моро зикр намуда ва барои он ба ҳадисҳои саҳеҳе, ки дар бораи таъйини миқотгоҳҳо аз Расули Худо (с) собит шудаанд, ҳамчунин ба асаре, ки дар ин бора аз Умар (р) собит шудааст, истинод намудаанд. Аҳли Ироқ ба ӯ гуфтанд: Қарн аз тариқи мо бероҳтар воқеъ шудааст. Ба онҳо фармуд: Нигоҳ кунед ва аз баробари он аз роҳатон эҳром бандед.

Бинобар ин, набояд ҳаҷгузорон ва умракунандагоне, ки аз роҳҳои ҳавоӣ, баҳрӣ ва ғайри он меоянд, бастани эҳромро то замони расидан ба Ҷадда ба таъхир андозанд. Зеро Ҷадда аз он миқотгоҳҳое, ки Расули Худо (с) муайян намудааст, ба шумор намеравад, ҳатто агар либоси эҳром надошта бошанд ҳам, набояд эҳромро то Ҷадда ба таъхир адозанд, балки ҳарчи барояшон муяссар бошад, бипӯшанд ва агар он ҳам муяссар нашуд, пас бо ҳамон либосҳои муқарраиашон эҳром банданд ва вақте ба Ҷадда расиданд, онҳоро дарҳол ба либоси эҳром иваз намоянд, вале сарашонро барҳна гузоранд. Он гоҳ барои пӯшидани либосҳои дӯхташуда ба миқдори таоми шаш мискин – барои ҳар кадоме ним соъ – каффорат бидиҳанд ё се рӯз рӯза бидоранд ва ё гӯсфанде забҳ намоянд.

Узви маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ ҷаноби Мустафо Аҳмад Зарқо ба ин қарор эътироз намуд, ҳамчунин ҷаноби Абӯбакр Маҳмуди Ҷумӣ – узви маҷлиси Маҷмаъ – танҳо дар бораи мардуми ҷазира ва шаҳри Сувокин, ки ба Ҷадда меоянд, ба қарор мухолифат кард. Ва бо ҳамин қарор ба имзо расид. (Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори №2, давраи 5. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила, бо каме ихтисор ва тасарруф дар иборaҳо).

[167] Маҷаллату-л-буҳуси-л-исломия. – Ҷ. 32. – С. 328. Қарорҳои ҳайати кибори уламо, қарори №33, таърихи 21/10/1399 ҳ. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

- Агар пас аз ният ва анҷоми тартиботи эҳром ба сабаби дастрас набудан либоси эҳромро напӯшид ва бо либосҳои муқарраpӣ вориди Ҷадда гардид, дар он ҷо бояд фавран либоси эҳром бипӯшад ва чун ба муддати ним шабонарӯз дар он боқӣ намонда бошад, чизе ҷуз пардохти садақае ба андозаи муште гандум бар вай воҷиб намегардад. Ин вазъ бештар барои онҳое пеш меояд, ки аз роҳи ҳавоӣ вориди Ҷадда мегарданд ва бо худ либоси эҳром надоранд, то дар ҳавопаймо пеш аз расидан ба яке аз миқотҳо ва ё дар болои он эҳром банданд.[168]

- Бе эҳром гузаштан аз миқот вақте ба сӯи Ҳарам бошад, хунро воҷиб мегардонад, вале дар аснои сафар ба сӯи Ҷадда шахси умрагузор ва ё ҳаҷгузор ҳарчанд аз паҳлӯ ва ё болои миқоте гузашта бошад ҳам, чун ба сӯи хориҷи Ҳарам аст, чизе бар вай воҷиб намегардад.

- Вақте ба сафари ҳаҷ баромад, хуб аст се бор **Аллоҳу акбар** бигӯяд, пас аз он ин оятро бихонад: **«Субҳона-л-лазӣ саххара лано ҳозо ва мо кунно лаҳу муқринин ва инно ило раббино ламунқалибун»**[169] ва дар охир дуъо кунад: ***«Аллоҳумма, инно насъалука фӣ сафарино ҳозо албирра ваттақво ва минал ъамали мо тарзо. Аллоҳумма, ҳаввин ъалайно сафарано ҳозо ватви ъанно буъдаҳу. Аллоҳумма, анта-с-соҳибу фиссафари вал халифату фил аҳли. Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мин ваъсои-с-сафари ва каобатил манзар ва суил мунқалаби фил моли вал аҳл»***. Дар бозгашт низ онҳоро мегӯяд ва ин ибораро меафзояд: ***«Ойибуна, тоибуна, ъобидуна, лираббино ҳомидуна»***.[170]

---

[168] Пӯшидани либоси эҳром бахше аз коргузориҳо ва тартиботи бастани эҳром аст ва вақте пас аз бастани ният онро ба муддати камтар аз ҳадди вуҷуби хун тарк намояд, чизе ҷуз пардохти садақа бар вай воҷиб намегардад. Барои огоҳии бештар ба фикраи «пӯшидани либоси дӯхташуда» дар мавзӯи «Ҷиноятҳои эҳром» муроҷиат намоед!

[169] Ояти 12-ум ва 13-уми сураи Зухруф мебошад. **«Пок аст он Худое, ки ин василаи саворӣ (ва нақлия)-ро барои мо мусаххар гардонд ва мо ҳаргиз тавони (тасхири) онро надоштем. Ва мо бе ҳеҷ шакке, ба сӯи Парвардигорамон бармегардем»**.

[170] Саҳеҳи Муслим, 3262 (1342)-425. Сунани Абӯдовуд, 2599. Сунани Тирмизӣ, 3447. Ибни Умар (р) – ровии ҳадис – мегӯяд: «Расули Худо

## Мамнӯоти эҳром

Вақте ҳаҷгузор бо бастани эҳром вориди боргоҳи ибдат мешавад, риояи низом ва тартиботи барномаи умра ва ҳаҷ барояш зарур аст. Корҳое, ки дар зимни ин барнома бояд риоя шаванд, бар ду қисманд: а) аъмол ва маносики умра ва ҳаҷ, ки бояд бо муқаррароти хосси худ анҷом дода шаванд; б) мамнӯоте, ки дар рафти баргузории умра ва ҳаҷ бояд аз онҳо парҳез ва худдорӣ шавад.

Аъмол ва маносики умра ва ҳаҷ дар бахшҳои баъдӣ дар ҷойҳои худ баён мешаванд.

Аммо, чӣ тавре порае аз одобу суннатҳои эҳромро дар боло баён кардем, қисмате аз мамнӯоти онро низ бозгӯ менамоем. Дар рафти баргузории умра ва ҳаҷ, яъне то поёни давраи эҳром корҳои зерин барои ҳаҷгузор қатъан мамнӯъ мебошанд:

1. лаҳву беҳуда гуфтан,
2. фисқу бадкорагӣ кардан,
3. ҷангу ҷидол (ситеза) намудан,
4. куштани сайди Ҳарам, яъне ҳайвоноти пуштагие, ки дар ҳудуди Ҳарам зиндагӣ мекунанд,
5. ба сӯи сайд ишора кардан, яъне ба куштани он дастур додан,
6. касеро ба сӯи сайд роҳнамоӣ кардан,
7. пероҳан (курта), изор ва болопӯш пӯшидан ва ё ҳар чизи дигаре, ки мувофиқи аъзои бадани одам сохта, дӯхта ва ё бофта шудааст,
8. дастак ва ё масҳӣ пӯшидан,
9. сару рӯи худро пӯшидан, яъне салла, кулоҳ, тоқӣ ва ғайра бар сар мондан,
10. хушбӯӣ истеъмол намудан,
11. мӯйҳои сар, риш ва дигар аъзои баданро тарошидан ва ё чидан,
12. нохун гирифтан.

---

(с) ҳангоми сафар вақте бар шутураш савор мешуд, се бор такбир мегуфт ва ин дуъоро мехонд ва вақти бозгашт низ онҳоро мегуфт.

Ҳамон гуна, ки мебинем, қисми аввали мамнӯоти эҳром, яъне то шумораи се ба ахлоқ ва рафтори муҳрим вобастаанд. Бахши дуюми онҳо, ки то шумораи шашро дар бар мегирад, ба риояи ҳурмати Ҳарам марбут мебошанд ва қисмати сеюми онҳо ба худи муҳрим тааллуқ доранд.

Ин мамнӯот дар умра ва ҳаҷ як ҳукмро доранд ва барои марду зан яксон мебошанд. Танҳо дар як ҷо занҳо аз мардон тафовут доранд. Занон дар эҳром низ, ҳамчун пеш аз эҳром, либоси дӯхташуда мепӯшанд ва сари худро низ мепӯшонанд. Вале рӯяшонро кушода медоранд.

Мамнӯоти эҳром ба тартиби зикршуда дастабандӣ шудаанд, то дар сурати сар задани норасоӣ ва хилофе аз тарафи муҳрим қисми ҷиноӣ ва сатҳи ҷиноят муайян сохта шавад ва ҳамчунин андозаи пардохти ҷуброн ва тариқаи бартараф сохтани он норасоӣ ба осонӣ дониста шавад.

Ҳамчунин имкон дорад, ки норасоиҳои дигаре аз тарафи ҳаҷгузор дар рафти баргузории аъмол ва маносики умра ва ҳаҷ содир шаванд. Онҳо низ дастабандӣ ва табақабандӣ шудаанд. Идомаи мавзӯъ дар бахши ҷиноятҳо, яъне вайрон намудани низом ва аъмоли ҳаҷ зикр мегардад.

## Тавофи қудум

Тавофи қудум барои ҳаҷгузороне, ки ба нияти ҳаҷҷи ифрод ва ё қирон эҳром бастаанд ва дар моҳҳои ҳаҷ ба Макка омадаанд, суннат мебошад. Вале барои шахсони умракунанда, ҳаҷҷи таматтӯъкунанда, аҳли Макка, сокинони миқотгоҳҳо ва сокинони минтақаи Ҳил(л) суннат нест. Ҳамчунин барои касе, ки пеш аз моҳҳои ҳаҷ ба Макка омадааст, суннат намебошад.

Шахси эҳромбаста барои ҳаҷҷи ифрод ва қирон вақте дохили Макка мегардад, бояд бо таҳорат ба Масҷидулҳаром равад ва ҳамин ки чашмаш ба хонаи Каъба афтод, такбиру таҳлил гӯяд. Он гоҳ дар саҳни масҷид

дар рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад дар болои хатте, ки рукни Ҳаҷаруласвадро муайян месозад, қарор гирад. [171]

То имкон дорад, ба Ҳаҷаруласвад наздик шавад. Агар битавонад ва издиҳом набошад, сарашро дохили бурҷи Ҳаҷаруласвад намуда, онро бибӯсад. Дар сурате ки барояш чунин имконияте фароҳам набошад, бо дасти росташ ва ё ҳар чизе дар даст дорад, ба сӯи он ишора намояд ва ҳамон дасташро бибӯсад.[172] Вале кӯшиш намояд, ки дар наздик шудан ба бурҷи Ҳаҷаруласвад ва бӯсидани он ба касе озору азият нарасонад.[173] Ба ҳар ҳол, ҳангоми истиломи Ҳаҷаруласвад ва ё бардоштани даст ба сӯи он **«Бисмиллоҳи валлоҳу акбар»** бигӯяд.[174]

Сипас, ба тарафи дари хона ба тавоф пардозад. Дар рафти тавоф хонаи Каъба дар тарафи дасти чапи ӯ қарор мегирад. Чун ба даври хона гашт ва ба нуқтаи оғознамудааш, яъне рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад расид, як даври тавоф ба поён мерасад. Ба ҳамин тартиб, ҳафт даври тавофро анҷом медиҳад. Ин аввалин тавофи шахси муфрид мебошад ва онро тавофи қудум меноманд. Тавофро аз рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад ва бӯсидани он оғоз намуда,

---

[171] Дар ҳадиси Ҷобир (р) омадааст: ***«Вақте Паёмбар (с) ба Макка омад, аз Ҳаҷаруласвад шурӯъ кард ва онро истилом намуд. Он гоҳ ба тарафи рост ҳаракат кард ва се бор бо рамал ва чор бор бо ҳаракати одӣ тавоф кард»***. (Саҳеҳи Муслим, (1218)-147). Истилом ба маънои ламс намудани Ҳаҷаруласвад бо даст ва бӯсидани даст мебошад. Истиқболи Ҳаҷаруласвад ва истиломи он дар ибтидои тавоф суннати муаккада мебошад, вале дар ибтидои ҳар даври тавоф пас аз он мустаҳаб аст.

[172] Ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар ҳаҷҷатулвадоъ савори шутур тавоф кард ва Ҳаҷаруласвадро бо асое, ки дар даст дошт, истилом мекард»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1607. Саҳеҳи Муслим, (1272)-253).

[173] Умар ибни Хаттоб (р) мегӯяд, ки Паёмбар (с) ба вай гуфт: ***«Эй Умар, ту марди бақуввате ҳастӣ, дар (истиломи) санг музоҳимат эҷод накун, то боиси озори одамони заъиф нагардӣ. Агар он ҷоро хилват ёфтӣ, онро истилом кун ва дар ғайри он рӯ ба сӯи он биовар ва такбиру таҳлил бигӯ»***. (Муснади имом Аҳмад, 190. – Ҷ. 1. – С. 28. Сунани Куброи Байҳақӣ, 9043. – Ҷ. 5. – С. 80).

[174] Аз Ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки ҳангоми истиломи Ҳаҷаруласвад: **Бисмиллоҳи валлоҳу акбар** мегуфт. (Эълоуссунан, 2631. – Ҷ. 5. – С. 74).

бо ҳамон амал дар охири даври ҳафтум ба поён мерасонад. Дар аснои тавоф ҳар боре, ки аз рукни ямонӣ бигзарад,онро истилом намояд, яъне дасти худро ба он бирасонад, вале онро набӯсад.

Шахси қорин аввал умраи худро ба ҷой меоварад ва рӯзи ҳаштум ҳангоми шурӯи аъмоли ҳаҷ пеш аз рафтан ба Мино тафови қудумро ба ҷо меоварад.

Агар шахси муфрид ва ё қорин пас аз тавофи қудум дар миёни Сафо ва Марва саъй ҳам намояд, пас бояд дар тавофи қудум ду суннати дигари тавофро, ки рамал ва изтибоъ мебошанд, низ ба ҷой оварад. Зеро ин ду суннат дар тавофе ба ҷо оварда мешаванд, ки пас аз он саъй ҳам воҷиб бошад, ба монанди тавофи умра. Пас аз тавофи қудум саъй вуҷуд надорад, вале агар шахси муфрид ва ё қорин пас аз он саъйро ба ҷо оварад, ба ҷои саъйи ҳаҷ пас аз тавофи фарзӣ ҷоиз мегардад.[175]

Пас аз тавоф гузоридани ду ракъат намози тавоф воҷиб мебошад. Он ду ракъатро беҳтар аст дар пушти Мақоми Иброҳим бихонад. Агар дар пушти Мақоми Иброҳим гузоридани он барояш муяссар нагардад, пас дар ҳар ҷои масҷид хондани он ҷоиз аст.

Агар анҷоми тавофи ӯ ба замони фурӯ рафтан, баромадан ва ё истивои офтоб дар нимарӯз рост ояд, ду ракъат намози тавофро ба таъхир андохта онҳоро пас аз ғуруб, тулӯъ ва гардиши офтоб пас аз завол бихонад. Зеро ҳар гуна намоз ва саҷдае дар ин вақтҳо наҳй шудааст. Аз Абдурраҳмон ибни Абдулқорӣ ривоят шуда, ки

---

[175] Рамал – он аст, ки шахси тавофкунанда суръати ҳаракати худро дар се даври аввали тавоф метезонад ва қуввату тавонмандии худро ба намоиш мегузорад.

Изтибоъ – он аст, ки гӯшаи рости эҳромашро аз зери бағалаш гузаронида, ба болои шонаи (китфи) чапаш меандозад ва шонаи росташро бараҳна мегузорад.

Рамал танҳо дар се даври аввали тавоф суннат ва машрӯъ мебошад, вале изтибоъ дар тамоми ҳафт даври тавоф суннат аст. Рамал дар сурати имкон ва нарасидани осебу озор ба касе ба ҷо оварда мешавад. Дар ғайри он ҳолати издиҳоми мардум бояд риоя шавад. Дар ҷое, ки холитар аст, тезтар ҳаракат намояд ва дар ҷое, ки издиҳом аст, оромии ҳаракати мардумро риоя намояд.

Умар (р) пас аз субҳ тавоф кард ва намоз (-и пас аз тавофро) нагузорид, чун ба (маконе дар канори шаҳри Макка бо номи) Зитуво расид ва офтоб баромад, он ду ракъатро ба ҷой овард.[176]

## Умра

Умра ба монанди ҳаҷ барномаи мустақили ибодатиест, ки онро дар тамоми сол метавон ба ҷо овард. Умра дар моҳи Рамазон аз дигар вақтҳои сол пурфайзтар ва серфазилаттар аст. Дар умр як бор анҷом додани умра суннати муаккада мебошад. Умра, ҳамон тавре, ки гуфтем, ибодати мустақил аст, вале онро метавон дар моҳҳои ҳаҷ ҳамроҳи ҳаҷ низ ба ҷо оварd. Умра ҳамроҳи ҳаҷ ба ду навъ пайваст ва ба ҷо оварда мешавад. Як навъи онро ҳаҷҷи таматтӯъ ва навъи дигарашро ҳаҷҷи қирон мегӯянд. Баёни онҳо дар бахшҳои баъдӣ меояд. Ба ҳар ҳол, умра дорои ду рукн (фарз) ва ду воҷиб мебошад:

Эҳром ва тавоф рукнҳои он мебошанд ва саъйи миёни Сафо ва Марва ва тарошидани мӯи сар ва ё кӯтоҳ кардани он воҷиботи умра ҳастанд.

- Касе, ки аз беруни миқотгоҳҳо меояд, барои умра низ аз ҳамон миқотгоҳҳои ҳаҷ эҳром мебандад. Сокинони минтақаи Ҳил(л) аз ҳамон минтақаи Ҳил(л) эҳром мебанданд ва сокинони Ҳарам барои эҳроми умра ба минтақаи Ҳил(л) баромада аз он ҷо эҳром мебанданд. Умракунанда пас аз бастани эҳром дарҳол ба гуфтани талбия шурӯъ менамояд ва ҳамин ки ба аввалин даври тавоф шурӯъ намуд, талбияро бас мекунад.

- Умра ҳарчанд ибодати мустақил ҳам бошад, вале барои он тавофи қудум ва тавофи видоъ вуҷуд надорад. Балки тавофе, ки дар умраи ҳаҷҷи таматтӯъ ба ҷо оварда мешавад, тавофи қудумро соқит месозад. Пас аз бас-

[176] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Саломат маъруф ба Абӯҷаъфари Таҳовӣ, Шарҳи маони-л-осор, 3784. – Ҷ. 2. – С. 258. – Бейрут: Доpу-л-кутуби-л-илмия, 2006. Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) низ осори саҳеҳе ба ҳамин маъно ривоят шудааст.

тани эҳроми умра ҳар навъ тавофе ба ҷой оварад, ҳамон тавофи умра адо меёбад. Мамнӯоти эҳроми умра низ ҳамон мамнӯоти эҳроми ҳаҷ мебошанд. Тавофи умра низ аз дигар тавофҳо, ба монанди тавофи қудум, тавофи фарзӣ ва ғайра, ҳеҷ фарқе надорад.

## Саъйи байни Сафо ва Марва

Яке аз воҷиботи ҳам умра ва ҳам ҳаҷ саъйи байни Сафо ва Марва мебошад. Ҳаҷгузор саъйи худро аз Сафо шурӯъ намуда, дар Марва ба поён мерасонад. Дар миёнаи саъйгоҳ дар ду тарафи роҳрави он ду мили сабз, яъне ду чароғи сабз дар деворҳои масҷид гузошта шудааст. Ин ду мили сабз дар ибтидо ва интиҳои ҷойҳое гузошта шудаанд, ки дар он ҷо каме тезтар ва бо суръат ҳаракат кардан лозим аст. Саъйкунанда дар миёнаи ин милҳои (нишонаҳо) сабз, агар боиси озори касе нагардад, суръати ҳаракати худро метезонад. Он суръати тезро ҳарвала (давидани миёна) мегӯянд.

Аз Сафо то Марва як навбат ва аз Марва то Сафо ду навбат рафту баргашти саъйро ташкил медиҳад. Бинобар ин, охирин даври саъйро дар Марва ба поён мерасонад. Саъй ба монанди тавоф аз ҳафт бор рафту баргашт иборат мебошад.

Занҳо дар тамоми саъйи худ, яъне дар миёнаи милҳо (нишонаҳо)-и сабз низ ба сурати одӣ ҳаракат мекунанд. Дуъоҳо ва зикрҳое, ки пеш аз тавоф ва саъй ва ё дар аснои онҳо гуфта мешаванд, дар бахши дуъоҳо зикр хоҳанд шуд.

## Тарошидани мӯи сар

Тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сар охирин воҷиби барномаи умра мебошад. Умракунанда ҳамин ки охирин даври саъйи худро дар Марва ба поён расонид, сари худро метарошад ва аз эҳром ҳалол мегардад. Дар барномаи умра тарошидани сар охирин қисмати онро ташкил медиҳад, вақте онро ба ҷо оварد, умрааш ба по-

ён мерасад. Тарошидан аз кӯтоҳ кардан беҳтар аст, вале ҳар кадоми онҳо ҷоиз аст.[177]

Сари худро дар ҳар кучое аз Ҳарам битарошад, дуруст аст. Дар пушти Марва берун аз девори масҷид сартарошхонаҳо ҷой гирифтаанд. Баъзеҳо бо худ қайчӣ доранд ва аз ин ҷо-он ҷои сар қабзаҳои мӯяшонро мебуранд, ки он низ вақте аз чаҳор як ҳиссаи сарро ташкил диҳад, ҷоиз аст.[178] Суннат он аст, ки тамоми сар тарошада ва ё мӯяш кӯтоҳ карда шавад ва бо тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани рубъи он низ воҷиб адо меёбад, вале дар камтар аз рубъ (чаҳоряк) ҷоиз намегардад.

Бо ҳамин умраи муфрада (бе ҳаҷ) ва умраи ҳаҷҷи таматтӯъ ба поён мерасад ва шахси муҳрим ҳалол гашта, аз эҳромаш хориҷ мешавад. Дигар чанд рӯзе, ки барои ҳаҷ ва хориҷ шудан ба сӯи Мино боқӣ монда бошад, ба сурати одӣ ва дар ҳаёти муқаррарӣ ба сар мебарад. Вале ҳаҷгузори қорин умрааш ба поён расида бошад ҳам, дар ҳолати эҳром боқӣ мемонад.

---

[177] Аз Абӯҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Худоё, барои муҳаллиқон (ҳоҷиёне, ки сарҳояшонро тарошидаанд) магфират намо. Гуфтанд: Ва барои кӯтоҳкунандагон! Фармуд: Худоё, барои сартарошидагон магфират намо. Боз гуфтанд: Ва барои кӯтоҳкунандагон! Боз фармуд: Худоё, барои сартарошидагон магфират намо. Гуфтанд: Ва барои кӯтоҳкунандагон! Он Ҳазрат (с) дар навбати чорум: Ва барои кӯтоҳкунандагон гуфт»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1728. Саҳеҳи Муслим, (1302)-320).

Дар ривояти Ибни Умар (р) омадааст, ки: ***«Расули Худо (с) сарашро тарошид. Баъзе саҳобагон сарҳояшонро тарошиданд ва баъзе мӯяшонро кӯтоҳ карданд»***. (Саҳеҳи Муслим, (1301)-316). Ин ҷо буд, ки Расули Худо (с) дуъои машҳурашро фармуд. Вале дар ривояти Ибни Умар (р) ба ҷои ***«магфират намо» «раҳмат кун»*** омадааст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1727. Саҳеҳи Муслим, (1301)-317, 318).

[178] Дар назди бузургони шофеъӣ бо тарошидан ва ё гирифтани чанд тори мӯй аз ҳар ҷои сар, ки бошад, воҷиби ҳалқ ба ҷой меояд. (Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ, Китоби ал-Умм. – С. 398. – Байту-л-афкори-д-давлийя).

## Навъҳои ҳаҷ

Акнун тафовутҳое, ки дар миёни ҳаҷҷи ифрод, таматтӯъ ва қирон вуҷуд доранд, то андозае равшан гардиданд. Дар ин ҷо боз ишораи кӯтоҳе ба онҳо менамоем:

**1. Ҳаҷҷи ифрод:** он аст, ки шахси ҳаҷгузор аз миқотгоҳ танҳо барои ҳаҷ эҳром мебандад ва аз анҷом додани умра сарфи назар менамояд. Ин навъи ҳаҷ аслан барои аҳли Ҳарам – Макка ва атрофи он машрӯъ мебошад. Онҳо аз назари машоихи мазҳаби ҳанафӣ умра наменамоянд – умра бар онҳо воҷиб нест, балки рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа танҳо барои ҳаҷ эҳром мебанданд.

Ҳаҷгузороне, ки аз хориҷи Ҳарам ва беруни миқотгоҳҳо меоянд, барои онҳо ҳаҷҷи таматтӯъ ва қирон афзал аст, вале вақте фурсати камтаре барои ҳаҷ боқӣ монда бошад ва яқин намоянд, ки чун ба Макка мерасанд, дигар вақти кофие барои анҷом додани умра, ҳалол гаштан аз он ва дубора эҳром бастан барои ҳаҷ надоранд ва ё ҳатто фурсати ворид шудан ба Макка низ намондааст, онҳо бояд рост ба Арафот бираванд, дар ин суратҳо барои ҳаҷҷи ифрод эҳром мебанданд.

Агар имкониятҳои молиашон аз қудрати харидани ҳадй (чорвои қурбонӣ) поёнтар бошад ва саломатии ҷисмониашон низ рӯза доштан дар айёми ҳаҷро барояшон номумкин гардонад, дар ин ҳолат низ метавонанд ҳаҷҷи ифрод намоянд, зеро дар ҳаҷҷи ифрод на забҳе вуҷуд дорад ва на ивази он, ки се рӯз рӯза гирифтан аст. Дар ғайри ин ҳолатҳо ҳаҷҷи таматтӯъ ва қирон аз ҳаҷҷи ифрод беҳтар аст. Зеро имкон дорад чунин фурсате барои инсон бори дигар фароҳам нагардад. Пас беҳтар он аст, ки ҳар ду ибодати илоҳӣ – умра ва ҳаҷро дар як мавсим ва дар зимни як барномаи ибодӣ анҷом диҳад ва савоби ҳардуро ба даст оварад.

**2. Ҳаҷҷи таматтӯъ:** он аст, ки шахси ҳаҷгузор анҷом додани умра ва ҳаҷ – ҳардуро дар зимни барномаи сафари худ ҷой медиҳад. Вале аз миқотгоҳ танҳо барои умра эҳром мебандад. Вақте ба Макка расид, умраашро ба ҷо оварда, ҳалол мегардад ва то рӯзи ҳаштум дар Мак-

ка ба сар мебарад. Рӯзи ҳаштум барои ҳаҷ аз Макка эҳром мебандад ва тамоми аъмол ва маносики ҳаҷро ба монанди ҳаҷҷи ифрод ба ҷо меоварад.

Аз ҳар ҷои Ҳарам метавонад эҳром бандад, ҳатто вақте ба Мино мерасад, аз он ҷо ҳам метавонад эҳром бандад, вале аз Макка эҳром бастан беҳтар аст, зеро беэҳром ба Мино рафтан хилофи суннат мебошад. Агар пеш аз рӯзи ҳаштум ҳам эҳром бандад, ҷоиз, балки беҳтар аст.

**3. Ҳаҷҷи қирон:** он аст, ки шахси ҳаҷгузор дар зимни як барнома барои ҳарду ибодат: умра ва ҳаҷ якҷоя эҳром мебандад. Пас аз анҷоми умра дар эҳроми худ боқӣ мемонад ва рӯзи ҳаштум, пас аз тавофи қудум, бо ҳамон эҳром ба Мино меравад ва тамоми маносик ва аъмоли ҳаҷро ба монанди ҳаҷҷи ифрод ва таматтӯъ анҷом медиҳад. Қорин тавофи қудумро пас аз умра ва ё дар оғози аъмоли ҳаҷ, яъне рӯзе, ки ба Мино меравад, ба ҷо меоварад. Агар пас аз тавофи қудум боз дар миёни Сафо ва Марва саъй намояд, ба ҷои саъйи ҳаҷ ҷоиз аст. Ин саъй дар ҳаҷҷи ифрод низ ҳамин ҳукмро дорад.

Ҳамчунин агар пас аз эҳроми ҳаҷ ва қабл аз хуруҷ ба Мино дар рӯзи ҳаштум тавофи нафлӣ ва ба табаи он дар байни Сафо ва Марва саъйе ҳам намояд, метавонад онро ба ҷои саъйи воҷиб – саъйи пас аз тавофи фарзӣ (ифоза) эътибор кунад.

Лозим ба ёдварист, ки муфрид пас аз тавофи қудум ва мутаматтеъу қорин пас аз умра, бо истифода аз фурсатҳои нотакрори ҳузур дар ҳарами илоҳӣ, дар тамоми намозҳои панҷгона фаъолона дар Масҷид ширкат намуда, ба қадри имкон тавофи нафлӣ менамояд. Тавоф худ ба таври мустақил ибодат аст. Ҳатто барои шахси офоқӣ (аз дур омада) аз намози нафл ва тиловати Қуръон савоби бештар дорад. Вале саъй ба таври мустақил ибодат ба шумор намеравад. Бинобар ин, он танҳо – бе тавоф анҷом дода намешавад.

## Шартҳои фарз гардидани ҳаҷ

Ҳаҷ бар бандаи мусалмон вақте фарз мегардад, ки шартҳои зерин фароҳам бошанд:

а) болиғ, б) оқил ва в) озод бошад;

Пас ҳаҷ бар кӯдак, шахси девона, ғулом ҳанӯз фарз нагардидааст.

## Шартҳои воҷиб гардидани анҷоми ҳаҷ

عن إبن عمر قال:جاء رجل إلي النبي (ص) فقال يا رسول الله:

ما يوجب الحج؟ قال:الزاد والراحلة.

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки шахсе ба назди Паёмбари акрам (с) омад ва пурсид: Чӣ чизе ҳаҷро воҷиб мегардонад? Он Ҳазрат (с) фармуд: ***«Доштани заминаҳои сафар (тӯша) ва василаи саворӣ»***.[179]

Дар Қуръони маҷид шарти фарзияти баргузории ҳаҷ ﴿مَن استطاع إليه سبيلاً﴾ доштани тавоноии роҳ зикр шуда аст, ба ин маъно, ки анҷоми маросими ҳаҷ бар касоне фарз аст, ки тавоноии сафар то Маккаи мукаррамаро дошта бошанд. Ин оят шарти ҳаҷро ба таври муҷмал баён карда ва ғолибан саволкунанда тавзеҳи онро мехост ва пурсид, ки меъёри ин иститоат чист? Он Ҳазрат (с) фармуданд: Яке ин ки маркаб ва саворие, ки ӯро то Маккаи мукаррама бирасонад, барояш муяссар бошад ва дигар он ки ба қадре сармоя дошта бошад, ки дар даврони сафар ӯро кифоят намояд.

Фақеҳони кором ва коршиносони фиқҳи исломӣ нафақа ва хароҷоти касонеро, ки таҳти кафолати ӯ ҳастанд, низ дар зимни ин иститоати молӣ қарор додаанд.

Вақте фарзияти ҳаҷ бар банда собит шуд, шартҳои зерин низ бояд таҳаққуқ ёбанд, то ҳаҷро ба ҷо оварда тавонад:

---

[179] Сунани Тирмизӣ, 813, 2998. Сунани Ибни Моҷа, 2896.

а) саломатии ҷисмонӣ,

б) вуҷуд надоштани ҳеҷ монее аз анҷоми ҳаҷ,

в) амнияти роҳ,

г) доштани тавоноӣ ва иститоати молӣ,

д) вуҷуд доштани маҳрам барои зан,

ж) дар идда набудани зан.

Пас анҷом додани ҳаҷ аз бемори замингир (музмин)-е, ки аз роҳ рафтан боз мондааст, аз шахси фалаҷгашта, аз нобино ва аз пирамарди фонӣ (аз мадор рафта) соқит мешавад. Ҳамчунин адои ҳаҷ аз шахси маҳбус, аз шахсе, ки сари роҳашро душмане гирифтааст ва ё амнияти роҳ бо сабабе аз байн рафтааст, аз шахсе, ки иститоати молӣ надорад ва аз зане, ки маҳрам надорад[180] ва ё дар муддати идда ба сар мебарад, соқит мебошад. Яъне ба ҷо овардани ҳаҷ барои онҳо дар тамоми ҳолатҳои боло воҷиб нест. Онҳо дар ҳукми маъзур, муҳсар (боздошташуда) ва беиститоат дохил мешаванд.

Вале ҳайз ва нифос монеи шаръӣ ба шумор намераванд. Зан дар ҳолати ҳайз ва ё нифос метавонад барои анҷом додани ҳаҷ ва ё умра эҳром бандад ва тамоми аъмол ва маносики онро, ба ҷуз дохил шудан ба масҷид ва анҷом додани тавофи фарзӣ, ба ҷой оварад. Вай дар маросими ҳаҷ вуқуфи дар Арафа, вуқуфи дар Муздалифа, рамйи ҷимор, забҳ ва дигар маносики ҳаҷро ба мисли дигар ҳоҷиён анҷом медиҳад, вале даромадан ба Масҷидулҳаром ва анҷоми тавофи фарзиро то поёни давраи ҳайз ва нифоси худ ба таъхир меандозад.

Ҷобир (р) мегӯяд: ***«Вақте дар Зулҳулайфа будем, зани Абӯбакр, Асмо духтари Умайс Муҳаммад ибни Абӯ-***

---

[180] Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Зан ҳаҷ намекунад, магар вақте ҳамроҳаш маҳраме бошад. Марде гуфт: Эй Паёмбари Худо (с), ман дар ғазое номнавис шудаам ва ҳамсарам ба ҳаҷ баромадааст. Фармуд: Баргард ва ҳамроҳи вай ҳаҷ кун»***. (Эълоуссунан онро аз Муснади Баззор ва Сунани Доракутнӣ ривоят кардааст. – Ҷ. 5. – С. 12). Ин ҳадис дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим бо лафзи: ***«Зан сафар намекунад, магар ҳамроҳи маҳрам…»***, ривоят шудааст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1862, 3006, 3061, 5233. Саҳеҳи Муслим, 3259 (1341)-424).

***бакрро таваллуд кард. Вай ба назди Расули Худо (с) одам фиристод, ки чӣ кор кунад. (Он Ҳазрат с) фармуд: Ғусл намояд ва миёни ронҳои худро бо порчае сахт бибандад ва (ҳамроҳи мардум) эҳром бандад».***[181]

## Тариқаи анҷом додани ҳаҷ

Дар ин ҷо тариқаи анҷом додани ҳаҷро ба таври умумӣ баён менамоем ва дар ҳар ҷое, ки барои ҳаҷҷи таматтӯъ ва қирон аъмоли иловагие мавҷуд бошад, ки дар ҳаҷҷи ифрод нест, онҳоро зикр менамоем. Зеро дар умум ҳар се навъи ҳаҷ аз якдигар чандон тафовут надоранд.

- Рӯзи ҳаштум ба Мино меравад ва то тулӯи офтоби рӯзи Арафа дар он ҷо ба сар мебарад. Аз намози пешини рӯзи ҳаштум то намози бомдоди рӯзи Арафа панҷ вақт намозро дар Мино мехонад. Сокинони Макка намозашонро комил ва дигарон қаср мегузоранд. Ҳамин ки офтоби рӯзи Арафа тулӯъ кард, ба сӯи Арафот ҳаракат менамояд. Дар Арафот то ғуруби офтоб боқӣ мемонад. Пас аз заволи офтоб намози пешин ва асрро бо як азон ва ду иқомат дар аввали вақти намози пешин ба ҷо меоварад. Инро «ҷамъи тақдим» мегӯянд.

- Пас аз намоз дар саҳрои Арафот то фурӯ рафтани офтоб ба дуъову тазаррӯъ мепардозад. Арафот ҳамааш мавқиф аст. Ғусл намудан дар он рӯз, агар имконияти он фароҳам бошад, мустаҳаб аст. Агар намози асрашро бо ҷамоат дар аввали вақти пешин нахонда бошад, онро дар вақти худаш мехонад.

Имрӯзҳо дар зимни барномаҳои ободсозии минтақаи Мино ва Арафот тамоми саҳрои Арафот хаймапӯш ва дарахтзор гардидааст. Тамоми имкониятҳои рафоҳӣ барои ҳоҷиён фароҳам оварда шудааст. Бинобар ин, агар ҳаҷгузор дар хаймааш ҳам ба дуъову ниёиш машғул шавад, ҷоиз аст. Ҳамин истодани дар Арафот яке аз фарзҳо ва рукнҳои ҳаҷ мебошад. Паёмбар (с) мефармояд:

---

[181] Саҳеҳи Муслим, 2941 (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

**«الحجّ عرفة»**

***«Ҳаҷ ҳамин Арафа аст».***[182] Касе чанд лаҳзае аз рӯзи Арафаро дар саҳрои Арафот дарёбад, ҳаҷро дарёфтааст.

- Пас аз ғуруби офтоб ба Муздалифа меояд. Вақте ба Муздалифа расид, намози шом ва хуфтанро дар аввали вақти хуфтан бо ҷамоат мегузорад. Ин ду намоз бо як азон ва як иқомат гузорида мешаванд ва онро «ҷамъи таъхир» мегӯянд. Агар ин намозҳоро танҳо ҳам гузорад, бояд онҳоро бо ҳам ҷамъи таъхир намояд. Агар намози шомро дар Арафот ва ё дар роҳ хонда бошад, вақте ба Муздалифа расид, онро аз сар бихонад.

- Дар Муздалифа то дамидани субҳи рӯзи ид истироҳат менамояд. Пас аз дамидани субҳ намози бомдодро ҳамчунон торико-торик ба ҷой меоварад ва то пеш аз баромадани офтоб ба зикру дуъо мепардозад. Муздалифа низ ба ҷуз водии Муҳассар ҳама ҷои он мавқиф мебошад. Вуқуфи дар Муздалифа пас аз дамидани субҳ то пеш аз баромадани офтоб воҷиб аст.

- Пеш аз баромадани офтоби рӯзи ид ба сӯи Мино ҳаракат менамояд. Вақте ба минтақаи Ҷамарот расид, сангрезаҳои рӯзи идро дар «Ҷамраи Ақаба» партоб намуда, ба Мино бармегардад. Ҳамин ки аввалин сангрезаи худро партофт, талбияро бас менамояд. Бо партоби ҳар сангреза мегӯяд:

**بسم الله، الله أكبر، رضىً لِلرّحْمن ورَغمًا للشّيطان**

***«Бисмиллоҳи, Аллоҳу акбар, ризан ли-р-раҳмон ва рағман ли-ш-шайтон».***

- Пас аз партоби сангҳо ҳаҷгузори муфрид, ки забҳе бар ӯ нест, бо тарошидани мӯи сари худ ва ё кӯтоҳ намудани он аз эҳром нимаҳалол мегардад. Онро таҳаллул ва ё ҳалол гаштани аввал мегӯянд. Яъне барои ӯ ғайр аз тавофи фарзӣ дигар чизе аз аъмоли ҳаҷ боқӣ намондааст.

---

[182] Саҳеҳ: (Саҳеҳи Сунани Ибни Моҷа, 2441). Сунани Абӯдовуд, 1949. Сунани Тирмизӣ, 889, 890. Сунани Насоӣ, 3016, 3044. Сунани Ибни Моҷа, 3015.

Ҳаҷгузори муфрид агар бо майли худ забҳе (қурбоние) намояд, барояш савоб дорад, вале бар вай воҷиб нест.

- Пас аз хориҷ шудани аввал аз эҳром ҳама чиз ба ҷуз наздикӣ бо ҳамсараш барои ӯ ҳалол мегардад. Либосҳои одиашро мепӯшад, хушбӯӣ мезанад, нохунҳо ва мӯйҳои зиёдатии баданашро мегирад.

- Аммо ҳаҷгузори мутаматтеъ ва қорин пас аз партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба забҳ менамояд ва пас аз он мӯи сари худро тарошида ва ё кӯтоҳ намуда, бо ҳамин ӯ низ нимаҳалол ва ё ҳалоли аввал мегардад. Забҳ ва тарошидани сар дар ҳар ҷои Ҳарам ҷоиз аст. Вале ҳамон Мино барояш наздиктар ва беҳтар аст.

## Тавофи фарзӣ

- Охирин рукни маросими ҳаҷ тавофи фарзӣ мебошад. Шахси ҳаҷгузор пас аз анҷом додани аъмоли рӯзи ид, ки дар боло зикр гардид, нимаҳалол гашта, танҳо тавофи зиёрат барояш боқӣ мемонад. Муддати тавофи зиёрат се рӯз аст. Аз баромадани офтоби рӯзи ид шурӯъ гардида, то фурӯ рафтани офтоби рӯзи дувоздаҳум идома меёбад. Ҳаҷгузор метавонад дар зарфи ин се рӯз ба Макка омада, тавофи фарзиро ба ҷой оварад. Аммо, агар дар рӯзи ид онро анҷом диҳад, беҳтар аст.

- Пас аз тарошидани мӯи сар ба Макка меояд ва тавофи фарзиро, ҳамон тавре, ки дар тавофи қудум зикр гардид, анҷом медиҳад ва бо ҳамин пурра ҳалол мегардад. Агар пас аз тавофи қудум саъй накарда бошад, саъйи ҳаҷро пас аз тавофи фарзӣ ба ҷо меоварад. Дар ин ҳолат дар тавофи худ рамал ҳам менамояд.[183]

- Вале агар пас аз тавофи қудум саъйро ба ҷо оварда бошад, дар ин сурат саъйи ҳаҷ, ки воҷиб мебошад, анҷом ёфтааст. Агар бори дигар пас аз тавофи фарзӣ саъй намояд, ҷоиз аст, вале воҷиб аз ӯ соқит гардидааст. Дар ин сурат дар тавофаш ҳам рамал наменамояд, зеро онро дар тавофи қудум ба ҷо оварда буд. Аммо дар ҳар

[183] Руҷӯъ кунед ба тавофи қудум.

сурат, ҷое барои изтибоъ намондааст, зеро муҳрим дар тавофи фарзӣ либоси дӯхта бар тан дорад.

- Аммо ҳаҷгузори мутаматтеъ, ки саъйи ҳаҷҷашро ҳанӯз анҷом надодааст, пас аз тавофи фарзӣ онро бояд анҷом диҳад.

- Агар рӯзи ид ба Макка омад ва тавофи зиёратро ба ҷо овард, боз ҳамон рӯз ба Мино бармегардад ва ду шаби дигар дар он ҷо боқӣ мемонад. Рӯзи ид, чи тавре зикр шуд, танҳо дар Ҷамраи Ақабаи кубро (калон), ки Ҷамраи Ақаба номида мешавад, сангпартоӣ мекунад. Барои он аз Муздалифа ҳафт сангчаи хурд бармедорад. Вале барои сангпартоӣ дар рӯзҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум аз ҳар ҷои Мино сангча барчинад, ҷоиз аст.

## Амалҳое, ки дар рӯзи ид анҷом дода мешаванд

**1. Сангпартоӣ дар Ҷамраи Ақаба:**

**а)** Ҳафт адад сангрезаи миёна, ба ҳаҷми донаи хурмо.

**б)** Сангчаро ба пушти ангушти калон мегузорад ва бо раҳо кардани он аз ангушти дуюм онро партоб менамояд. Агар онҳоро ба таври одӣ ҳам партояд, ҷоиз аст.

**в)** Кӯшиш намояд, ки дар издиҳоми мардум ба сару сурати касе барнахӯранд. Агар ду-се сангча зиёдтар гирифта бошад, беҳтар аст, зеро имкон дорад санге пеш аз партофтан аз дасташ биафтад ва адади сангҳояш кам гардад.

**г)** Бо партоби аввалин сангреза талбияро бас менамояд.

**д)** Вақте сангрезаи ҳафтумро партофт, дар назди Ҷамраи Ақаба дигар намеистад.

**ж)** Вақти партоби сангҳои рӯзи ид аз баромадани офтоб то дамидани субҳи рӯзи ёздаҳум мебошад, вале беҳтар аст, ки то пеш аз ғуруби офтоби ҳамон рӯз партофта шаванд.[184]

---

[184] Барои занон, пирамардон, беморон ва шахсони заъифу бемадор ҷоиз аст, ки пеш аз дамидани субҳ, яъне нимаи дуюми шаб аз Муздалифа хориҷ гардида ва пас аз дамидани субҳ, ки Ҷамарот

**з)** Сангчаҳоро якто-якто мепартояд.

**2. Забҳ:**

**а**) Барои ҳаҷгузори мутаматтеъ ва қорин воҷиб аст, ки ба шукронаи даст ёфтан ба чунин неъмати бузург ва лаҳзаҳои нотакрор ва ба хотири муваффақ гардидан дар анҷоми ду ибодати ҷудогона дар зимни як барнома, қурбоние намояд.

**б)** Агар имконияти молиаш аз хариди қурбоние поёнтар бошад, дар ивази он метавонад се рӯз пеш аз рӯзи ид ва ҳафт рӯз пас аз анҷоми ҳаҷ ва ё пас аз бозгашт ба ватанаш рӯза бидорад.

**в)** Агар порае аз гӯшти қурбонии худро пухта бихӯрад, беҳтар аст. Он ҳам дар сурате ки имконоти пухту паз фароҳам бошад.

**3. Тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сар:**

Яке аз воҷиботи дигари рӯзи ид тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сар мебошад. Пас аз анҷоми ин се амал бо тартиби зикршуда ҳаҷгузор нимаҳалол мегардад.

Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) ба Мино (ва минтақаи Ҷамарот) омад ва сангҳои рӯзи идро ба Ҷамраи Ақаба партоб кард. Сипас ба манзили худ дар Мино баргашт ва қурбонӣ намуд. Он гоҳ ба сартарош бо ишора ба ҷониби рост ва чапи сараш фармуд: Бигир! ва қабзаҳои мӯяшро ба мардум медод»***.[185]

---

холӣ мебошад, сангҳои рӯзи идро дар Ҷамраи Ақаба партоб намоянд. Вале беҳтар он аст, ки баъд аз баромадани офтоб рамйи ҷимор намоянд. Зеро аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) заъифони аҳлашро торико-торик фиристод ва ба онҳо амр кард, ки то офтоб набарояд, рамй нанамоянд»***. (Сунани Абӯдовуд, 1941. Сунани Тирмизӣ, 893. Сунани Насоӣ, 3065. Сунани Ибни Моҷа, 3025). Ин назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ мебошад.

Бар асоси баъзе ривоятҳои дигар ҳатто пеш аз дамидани субҳ низ рамйи ҷимор намудани онҳо ҷоиз аст. Аз Оиша (р) дар ин бора омадааст: ***«Паёмбар (с) Уммисаламаро шаби ид равон кард ва вай пеш аз дамидани субҳ рамй намуд…»***. (Сунани Абӯдовуд, 1942).

[185] Саҳеҳи Муслим, (1305)-323. Сунани Абӯдовуд, 1981, 1982. Сунани Тирмизӣ, 912. Дар ривояти Тирмизӣ омадааст, ки: ***«Мӯйҳои***

**4. Тавофи фарзӣ:**

**а**) Пас аз ҳафт даври тавофи фарзӣ, агар саъйи ҳаҷҷаш боқӣ монда бошад, онро анҷом медиҳад.

**б)** Агар пас аз тавофи қудум саъй накарда бошад, дар тавофи фарзӣ рамалро ба ҷо меоварад.

**в)** Дар ин тавоф дигар изтибоъ намекунад, зеро либоси эҳромашро кашидааст.

**г)** Пас аз тавофи фарзӣ комилан ҳалол мегардад.

## Ду рӯзи дигар дар Мино

- Рӯзи ёздаҳум ва дувоздаҳум вақти партоби сангҳо баъд аз завол шурӯъ мешавад ва то дамидани субҳи рӯзи баъдӣ идома мeёбад. Дар ин рӯзҳо партоби сангҳоро аз Ҷамраи суғро (хурд), ки ба масҷиди Хиф наздиктар аст, шурӯъ менамояд. Баъд аз он ба сӯи Ҷамраи миёна (вусто) ва дар охир ба сӯи Ҷамраи калон (кубро) сангҳояшро партоб менамояд.

- Ба сӯи ҳар ҷамрае ҳафт сангреза мепартояд ва бо партоби ҳар сангрезае такбиру таҳлил мегӯяд. Пас аз партоби сангҳо ба сӯи Ҷамраи аввал ба ҷониби рости он баргашта, дуъо мекунад. Дар Ҷамраи дуюм низ чунин мекунад, вале дар назди Ҷамраи калон пас аз партоби сангҳо барои дуъо намеистад, балки дар ҳоли ҳаракат дуъо менамояд.

- Рӯзи дувоздаҳум агар то пеш аз нишастани офтоб сангзаниро ба поён расонида, ба Макка баргардад, ҷоиз аст. Вале агар бихоҳад, ки шабро дар Мино гузаронад ва рӯзи сездаҳум низ сангпартоӣ намояд, ҳеҷ боке надорад ва ҳар ду ҷоиз аст. Худованд мефармояд:

وَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ فِيٓ أَيَّامٖ مَّعۡدُودَٰتٖۚ فَمَن تَعَجَّلَ فِي يَوۡمَيۡنِ فَلَآ إِثۡمَ عَلَيۡهِ وَمَن تَأَخَّرَ فَلَآ إِثۡمَ عَلَيۡهِۖ لِمَنِ ٱتَّقَىٰۗ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّكُمۡ إِلَيۡهِ تُحۡشَرُونَ ٢٠٣

---

***тарафи рости сарашро ба Абӯталҳа дод ва мӯйҳои тарафи чапашро ба вай дод ва гуфт: Онҳоро дар байни мардум тақсим кун».***

**«Худоро дар рӯзҳои башумор ёд намоед, пас ҳар касе, ки шитоб дошт (ва пас аз партоби сангҳо) дар ду рӯз аз Мино рафт, бар ӯ гуноҳе набошад ва касе ҳам, ки (то ба рӯзи сеюм) дер монд, бар ӯ низ гуноҳе набошад. Ин ҳукм (ихтиёр) барои касест, ки тақвои Худоро дошта бошад».**[186]

- Вале агар то баъд аз ғуруби офтоби рӯзи дувоздаҳум дар Мино боқӣ монд, дар он сурат хориҷ шудани ӯ аз Мино макрӯҳ аст. Яъне рафтан ҷоиз аст, вале бо кароҳият. Аммо, агар то дамидани субҳи рӯзи сездаҳум дар Мино боқӣ монд, дар он сурат задани сангҳои рӯзи сездаҳум бар вай воҷиб мегардад. Вақти партоби сангҳои рӯзи сездаҳум аз завол то ғуруби офтоб мебошад.

## Тавофи видоъ

Пас аз поёни амали сангзанӣ дар ду рӯз аз айёми ташриқ ва ё дар се рӯзи он ба Макка бармегардад ва ба ҷуз тавофи видоъ дигар аз аъмоли ҳаҷ чизе бар ӯ намондааст. Тавофи видоъро дар охирин лаҳзаҳои хориҷ шудан аз Макка анҷом медиҳад. Агар дар Макка барояш коре пеш омада бошад ва ё қофилаи ҳамсафаронаш бинобар коргузориҳои маъмурӣ аз Макка дертар хориҷ шаванд, тавофро то охирин лаҳзаҳои хуруҷи аз Макка ба таъхир меандозад.

Тавофи видоъ барои офоқиён (аз дур омадаҳо) воҷиб аст. Дар он дигар рамал ва изтибоъ вуҷуд надорад. Бо ҳасрату ашк ба хонаи Худо хайрухуш менамояд. Барои зиндагии босаодат ва хушбахтии худ, хонавода ва ҳамдиёронаш дар сояи таълимоти арзишманди Ислом дуъо менамояд ва насиби дидори дубораи он сарзамини муқаддас ва хонаи тавҳидро аз Худо мехоҳад.

Пас аз тавоф аз оби Замзам менӯшад[187] ва дар рӯ ба рӯи дари хона истода, даст ба дуъо мебардорад.[188] Пас

---

[186] Сураи Бақара, 2: 203.

[187] Аз Ҷобир (р) ва Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Об Замзам барои ҳар чизе нӯшида шавад, фоида мебахшад»***. (Сунани Ибни Моҷа, 3062. Муснади имом Аҳмад. – Ҷ. 3.

аз он ду ракъат намоз гузорида, аз Ҳарам хориҷ меша-вад. Лозим ба ёдоварист, ки пас аз тавофи қудум ва видоъ саъйе вуҷуд надорад.

## Масъалаҳои гуногун

- Шахсе, ки барои умра ва ҳаҷ, яъне барои ҳаҷҷи қирон эҳром бандад, вале аз сабаби танг омадани вақт ба Макка дохил нашуда, рост ба Арафот равад, вуқуфи дар Арафотро ба ҷо меоварад ва умраашро тарк менамояд. Ҳаҷҷаш ба ҳаҷҷи ифрод табдил ёфта, забҳи қурбонӣ аз вай соқит мегардад. Вале барои тарки умрааш як хун (забҳ) ва қазои умра бар вай воҷиб мегардад. Қазои умраашро пас аз айёми ташриқ метавонад ба ҷой оварад.

- Шахсе барои ҳаҷҷи ифрод эҳром бандад ва аз сабаби тангии вақт ба Макка дохил нашуда, рост ба Арафот равад, вуқуфро дар он ҷо ба ҷо меоварад ва тавофи қудум аз вай соқит мегардад.[189] Бо тарки тавофи қудум чизе бар вай воҷиб намегардад.

- Шахсе дертар ба Арафот расад ва аз заволи офтоби рӯзи Арафа то дамидани субҳи рӯзи ид чанд лаҳзаеро дар он ҷо дарёбад, ҳаҷро дарёфтааст.

- Занони ҳаҷгузор тамоми аъмол ва маносики ҳаҷро ба монанди мардон анҷом медиҳанд ва танҳо дар мавридҳои зерин аз мардон фарқ доранд:

---

– С. 356. Мустадраки Ҳоким, 1782. – Ҷ. 2. – С. 132). Бинобар ин, Ибни Аббос (р) вақте оби Замзам менӯшид, дуъо мекард: *«Парвардигоро, аз Ту илми нофеъ, ризқи кушода ва шифои аз ҳар дардро масъалат дорам»*. (Мустадраки Ҳоким, 1782. – Ҷ. 2. – С. 132).

Дар ҳадиси дигаре аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Нишонае, ки моро аз мунофиқон ҷудо месозад, ин аст, ки онҳо оби Замзамро бо шикамсерӣ наменӯшанд»***. (Сунани Ибни Моҷа, 3061. Бусайрӣ исноди онро дар «Мисбоҳ» саҳеҳ гуфтааст).

[188] Ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) рӯй ва синаи худро ба Мултазам мечаспонд»***. (Сунани Куброи Байҳақӣ, 9546. – Ҷ. 5. – С. 164). Мултазам байни рукни Ҳаҷаруласвад ва дари Каъба мебошад ва он яке аз маконҳои иҷобати дуъо аст.

[189] Ин ҳолат дар ҳадиси Урва ибни Музарриси Тоӣ бо сароҳат зикр шудааст. Руҷӯъ кунед ба поварақии 210 дар бахши «Нора-соӣ ва ҷиноят дар рукнҳои ҳаҷ».

а) сари худро бараҳна намесозанд,

б) рӯяшонро бо чодар ва ниқоб намепӯшонанд,

в) талбияро бо овози баланд намегӯянд,

г) либоси дӯхта мепӯшанд,

д) дар тавоф рамал намекунанд,

ж) дар саъй дар миёни нишонаҳои (милҳои) сабз намедаванд,

з) дар поёни аъмоли барномаи умра ва ҳаҷ сари худро наметарошанд, балки мӯяшонро кӯтоҳ менамоянд,

л) агар зан дар ҳолати ҳайз ва ё нифос барои ҳаҷҷи ифрод эҳром баста бошад ва ё пас аз бастани эҳром ҳайз бинад ва то рӯзи тарвия (рӯзи ҳаштум) пок нагардад, тавофи қудумро тарк намуда, ба Мино меравад. Ба ғайр аз тавофи зиёрат (фарзӣ) дигар тамоми аъмол ва маносики ҳаҷро анҷом медиҳад. Аммо тавофи зиёратро пас аз пок шудан анҷом медиҳад.

м) вале агар пас аз тавофи зиёрат (фарзӣ) ҳайз ва ё нифос бинад ва вақти бозгашташ низ фаро расида бошад, дар он сурат тавофи видоъро тарк менамояд ва бар гарданаш чизе ҳам воҷиб намегардад.[190]

## Тавофи зани ҳоиз

Чӣ тавре зикр гардид, заноне, ки дар ҳолати ҳайз ва ё нифос қарор доранд, тамоми аъмол ва маносики ҳаҷ-

---

[190] Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки: ***«Мардум амр шудаанд, ки тавофи видоъ охирин аҳди онҳо бо Хона бошад, вале аз зани ҳайздида тахфиф ба амал омадааст»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 329, 1755, 1756. Саҳеҳи Муслим, 1328)-380. Дар ҳадиси Ибни Умар (р) омадааст: ***«...Магар занони ҳайздида, ки Расули Худо (с) (тарки тавофи видоъро) барои онҳо иҷозат додааст»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 330, 1761. Сунани Тирмизӣ, 944). Дар ривояти Оиша (р) омадааст, ки: ***«Сафийя духтари Ҳуяй, ҳамсари Паёмбар (с) ҳайз дид. Инро ба Расули Худо (с) гуфтам, фармуд: Оё моро аз ҳаракат боз медошта бошад? Гуфтанд: Тавофи фарзиро ба ҷой овардааст!. Гуфт: Набошад, не»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1757). Дар баъзе ривоятҳои Оиша (р) омадааст: ***«Агар тавофи рӯзи идро анҷом дода бошӣ, пас (ҳамроҳамон) ҳаракат кун»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1762). Манзур хориҷ шудан аз Макка ва бозгашт ба Мадина мебошад.

ро ба мисли дигарон анҷом медиҳанд ва танҳо амале, ки онро наметавонанд дар он ҳолат анҷом диҳанд, даромадан ба Масҷид ва тавофи фарзӣ аст.

Дар ҷараёни ҳаҷҷи Расули Худо (с) дидем, ки Оиша (р) – ҳамсари он Ҳазрат (с) – ҳангоми ворид шудан ба Макка пеш аз анҷоми умра ҳайз дид ва натавонист умраашро, ки аз тавоф ва саъй иборат аст, ба ҷой оварад. Расули Худо (с) ба вай гуфт: ***«Ҳар чиро ҳаҷгузор анҷом медиҳад, ба ҷой овар, ба ҷуз тавофи Хона, ки то пок нашавӣ, онро анҷом надеҳ»***.[191] Пас аз анҷоми фаризаи ҳаҷ Расули Худо (с) вақте шунид, ки Сафийя (р) – ҳамсари дигари он Ҳазрат (с) – ҳайз дидааст, фармуд: ***«Оё моро аз ҳаракат бозмедошта бошад?»*** Гуфтанд: Тавофи фарзиро ба ҷой овардааст. Фармуд: ***«Набошад, не»***.[192] Дар ривояте омадааст: ***«Агар тавофи рӯзи идро анҷом дода бошӣ, пас (ҳамроҳамон) ҳаракат кун»***.[193]

Аз маҷмӯи ҳадисҳое, ки дар ин бора ривоят шудаанд, бармеояд, ки назари бузургони мазҳаби ҳанафӣ дар ин масъала мустанад ва хеле қавӣ аст ва зан то аз ҳайз ва ё нифос пок нагрдад, тавофи фарзиро ба ҷой оварда наметавонад. Агар зан пеш аз рӯзи ид ҳайз бинад ва давраи ҳайзаш то поёни рӯзҳои ид идома ёбад, тавофро пас аз гузаштани замонаш ҳам ба ҷой меоварад ва барои таъхири фарз хуне бар вай лозим намегардад.[194]

Вале дар сурате зарурати бозгашт пеш омада ва он барояш ногузир бошад, агар имконоти молиаш хуб бошад, пас тавофро бо ҳамон ҳол – ҳайз ва ё нифос – анҷом медиҳад ва барои ҷуброни норасоии ба вуҷудомада як шутур ва ё як гов забҳ менамояд ва бо ҳамин фарз аз вай соқит мегардад.

Аммо дар сурате иститоати забҳи шутур ва ё говро надошта бошад ва дар айни замон имкони боқӣ мондан

---

[191] Саҳеҳи Бухорӣ, 305, 1650.

[192] Саҳеҳи Бухорӣ, 1757.

[193] Саҳеҳи Бухорӣ, 1762.

[194] Ҳусайн ибни Муҳаммадсаъид ибни Абдулғанӣ, Ҳошияи иршоду-с-сорӣ ило маносики Мулло Алиқорӣ. – С. 495,496.

дар он ҷо то давраи пок гаштан низ барояш муяссар нabошад, дар ин вақт аз назри фиқҳӣ ба мушкил рӯ ба рӯ мешавад. Бинобар ин, барои ҳалли ин қазия Муфти Худоназар дар китоби арзишманди худ «Маҳмуду-л-фатово» бо истинод ба «Фатовои исломӣ»-и Дору-л-ифтои Миср чаҳор ваҷҳи дигарро пешниҳод намудааст:

**а)** Шахсеро аз ҷониби худ ба ҳайси намоянда бифиристад, то пас аз анҷоми тавофи фарзии худ барои вай тавоф намояд. Пас ҳамон гуна ки намояндагӣ дар партоби сангҳо ҷоиз аст, дар ин маврид ҳам ҷоиз мебошад. Агарчи дар мазҳаби ҳанафӣ ниёбат дар тавофи фарзӣ ҷоиз нест, вале дар ин замон мушкилоти зиёде пеш омадааст, ки ҷуз ин роҳи ҳалле надорад,

**б)** ё доруи боздоранда ва пешгирикунанда аз ҳайз истифода намояд ва ғусл намуда тавофашро ба ҷой оварад,

**в)** ё дар вақтҳое, ки хуни ҳайз дар ин миёна гаҳ-гоҳе қатъ мегардад, дар он вақт тавоф намояд. Ин қавл ба мазҳаби имом Молик (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) ва як қавле аз имом Шофеъӣ (рҳ) мувофиқат мекунад.

**г)** ва ё ғусл намуда, мавзеи хунро бо порчае муҳкам бибандад ва тавофи фарзиро ба ҷой оварад. Бар асоси мазҳаби имом Аҳмад (рҳ) ва имом Шофеъӣ (рҳ) дар ин сурат низ бар вай чизе воҷиб намегардад.[195]

Тазаккур: Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки бисёре аз занон ба ин масъала рӯ ба рӯ мешаванд, дар ҳоле ки имкони мондан то давраи пок гаштан аз ҳайзро надоранд ва боқӣ мондан дар эҳром то соли оянда аз як сӯ, барои онҳо мӯҷиби чандин ҷиноят ва шикастани мамнӯоти эҳром мегардад ва аз сӯи дигар, омадан ба Макка дар соли оянда ва ба ҷой овардани тавоф имрӯз барои як шахси одӣ тасаввурнопазир аст ва ҳамзамон тибқи гуфтаи Муфтӣ Муҳаммадтақии Усмонӣ дар ҷилди сеюми «Дарси ҷомеи Тирмизӣ» (с. 173, 174) дар китобҳои мазҳаби ҳанафӣ роҳи ҳалле барои он ёфт намешавад. Пас агар дар вақти зарурат ба ақвол ва назароти фиқҳие, ки дар

---

[195] Хулосаи он чи, ки дар Фатовои исломии Дору-л-ифтои Миср дар ин бора омадааст. – Ҷ. 8. – С. 2926, 2927.

ин ҷо зикр шудаанд, амал шавад, шаръан ҳеҷ ишколе надорад.[196]

## Ҳукми аъмол ва маносики ҳаҷ

Ҳамон гуна, ки зикр гардид, аъмол ва маносики ҳаҷ ба чанд қисмат ҷудо мешаванд. Қисме аз онҳо рукнҳо ва фароизи ҳаҷ мебошанд. Қисми дигаре воҷиботи ҳаҷ буда, боқимонда ҳамааш суннатҳо ва мустаҳабботи ҳаҷро ташкил медиҳанд. Мо дар ин ҷо ҳамаи онҳоро ба тартиби номбурда ёдовар мешавем, то шахси ҳаҷгузор аҳамият ва ҷойгоҳи ҳукмии ҳар амал ва ҷузъе аз аҷзои ҳаҷро бидонад ва ҳар бахше аз онро бо дар назар гирифтани аҳамияти ҳукмии он риоя ва ба ҷо оварад.

Гоҳе мешавад, ки шахсе бинобар надонистани ҷойгоҳи ҳукмии ҳар амале аз аъмол ва маносики ҳаҷ фарзҳо, воҷибот ва суннатҳои онро ба таври шоиста риоя ва ба ҷо намеоварад. Гоҳе амалҳои мустаҳабро ҳамчун фарз, воҷиб ва ё суннат мепиндорад ва бо чанг задан ва эътинои зиёд ба кори мустаҳаббе фарзҳо, воҷибот ва суннатҳоро халалдор ва ноқис месозад. Мустаҳаббот низ дорои савоб ва фазилат мебошанд, ки бо анҷом додани он ҳусни амал меафзояд, вале набояд ба сурате ба он таваҷҷӯҳ дод, ки дигар аъмол ва рукнҳои ҳаҷ нотамом бимонанд, балки бояд дар ҷиҳати такмили онҳо анҷом бигиранд.

Аз сӯи дигар, бо донистани ҷойгоҳи ҳукмии ҳар амал ва ҷузъе аз маносики ҳаҷ дар сурати ба вуқӯъ омадани хилофкорӣ ва норасоие дар онҳо ҳаҷми пардохти ҷуброн ва тариқаи ислоҳи он низ ба осонӣ дониста мешавад. Зеро дар сурати вайрон гардидани муқаррарот ва низоми баргузории барномаи ҳаҷ дар ҳар амале ба андозаи ҷойгоҳи ҳукмии он ҷарима ва пардохти ҷуброн муайян гардидааст. Бо тарки суннатҳо ва мустаҳабботи ҳаҷ ҳеҷ пардохте воҷиб намегардад.

---

[196] Маҳмуду-л-фатово. – Ҷ. 2. – С. 235-238. Бо каме ихтисор ва тасарруф дар иборaҳо.

## Фарзҳои (рукнҳои) ҳаҷ

1. Эҳром.

2. Вуқуфи дар Арафот. Вақти он аз заволи рӯзи Арафа то дамидани субҳи рӯзи ид мебошад.

3. Тавофи зиёрат (фарзӣ). Вақти он аз баромадани офтоби рӯзи ид то нишастани офтоби рӯзи сеюми ид мебошад.

## Воҷиботи ҳаҷ

1. Вуқуфи дар Муздалифа. Вақти он пас аз дамидани субҳи рӯзи ид то пеш аз баромадани офтоб мебошад.

2. Давом додани вуқуф дар Арафот то нишастани офтоб.

3. Рамйи ҷимор (сангзанӣ) дар рӯзҳои ид

4. Забҳ намудани қурбонӣ барои ҳаҷгузори мутаматтеъ ва қорин.

5. Тарошидани мӯи сар ва ё кӯтоҳ кардани он.

6. Риояи тартиб дар миёни сангзанӣ ва сартарошӣ барои муфрид ва дар миёни сангзанӣ, забҳ ва сартарошӣ барои мутаматтеъ ва қорин.

7. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар дар ҳудуди Ҳарам.

8. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар дар рӯзҳои ид (даҳум, ёздаҳум ва дувоздаҳум).

9. Ба ҷо овардани тавофи зиёрат дар се рӯзи ид.

10. Саъй дар миёни Сафо ва Марва.

11. Тавофи видоъ, ки онро «тавофи Садр» низ мегӯянд, барои офоқӣ (аз хориҷи миқот омада).

12. Аз миқот эҳром бастан.

13. Дар ҳолати анҷом додани тавофи зиёрат ва саъй аз ҳадаси хурд (бетаҳоратӣ) ва бузург (ҷанобат) пок будан.

14. Пас аз ҳар тавофе ду ракъат намоз гузоридан.

## Суннатҳои ҳаҷ

1. Тавофи қудум барои ҳаҷгузороне, ки аз хориҷи миқотгоҳҳо ба нияти ҳаҷҷи ифрод ва ё қирон ба Макка меоянд.

2. Рамал ва изтибоъ дар тавофе, ки пас аз он дар миёни Сафо ва Марва саъй менамояд.

3. Дар рӯзи ҳаштум ба Мино рафтан ва шаби ояндаро дар он ҷо гузаронидан.

4. Пас аз баланд шудани офтоби рӯзи Арафа ба сӯи Арафот ҳаракат намудан.

5. Шаби идро дар Муздалифа гузаронидан.

6. Шабҳои се рӯзи ид, яъне ду шаби дигарро дар Мино ба сар бурдан.

7. Талбия гуфтан.

8. Ғусли рӯзи Арафа дар Арафот.

9. Дар миёни нишонаҳои (милҳои) сабз дар асnои саъй суръати худро тезонидан (давидан).

10. Ҳаҷаруласвадро истилом намудан ва бӯсидан.

Лозим ба ёдоварист, ки қисме аз суннатҳои зикршуда суннатҳои муаккада ва қисми дигараш суннатҳои одӣ мебошанд, ки ба мустаҳаб наздиктаранд.

## Тақсимбандии ҷиноятҳо

Чун имкон дорад дар рафти баргузории аъмол ва маносики ойини ҳаҷ аз шахси ҳаҷгузор қасдан ва ё саҳван баъзе норасоиҳо ва хилофкориҳои амалие дар муқарраротi барномаи ҳаҷ содир шавад, фақеҳони киром онҳоро ба гурӯҳҳо ва қисматҳои алоҳида ҷудо карда, сатҳи ҷиноии онҳоро муайян намудаанд. Бар ҳамин асос, ҷиноятҳои амалие, ки эҳтимоли сар задани онҳо аз ҳаҷгузор аз интизор берун нест, бар ду қисмат тақсим мешаванд:

1. Ҷиноятҳои дар эҳром, яъне содир намудани мамнӯоти эҳром.

2. Ҷиноятҳое, ки дар рафти баргузории аъмол ва афъоли ҳаҷ ва умра содир мешаванд.

Ҷиноятҳое, ки дар эҳром дар қисми мамнӯоти эҳром зикр гардиданд ва чӣ тавре гуфта шуд, онҳо ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

а) Ҷиноятҳое, ки ба рафтор ва ахлоқи ҳаҷгузор вобастагӣ доранд ва онҳо се чизро ташкил медиҳанд.

б) Ҷиноятҳое, ки ба ҳифзи ҳурмати Ҳарам марбут мебошанд ва онҳо низ чанд ҳолатро дар бар мегиранд.

в) Ҷиноятҳое, ки ба худи ҳаҷгузор тааллуқ доранд.

Дар сурате ки аз шахси ҳаҷгузор яке аз мамнӯоти гурӯҳи аввал сар занад, аз назари шариат ҳеҷ гуна пардохт ва ҷазои молие барои он пешбинӣ нашудааст. Онҳо бештар ба сатҳи фарҳанги динӣ-иҷтимоӣ, мафкураи болои исломӣ-инсонӣ ва ҷанбаи ахлоқӣ-равонии шахси ҳаҷгузор марбутанд. Ҷавҳари фалсафа ва моҳияти ҳаҷ дар риояи асосҳои (принсипҳои) муоширатӣ ва таҳкими ҷанбаи башардӯстонаи (гумании) шахсияти инсон хулоса мегардад. Худованд мефармояд:

ٱلۡحَجُّ أَشۡهُرٞ مَّعۡلُومَٰتٞۚ فَمَن فَرَضَ فِيهِنَّ ٱلۡحَجَّ فَلَا رَفَثَ وَلَا فُسُوقَ وَلَا جِدَالَ فِي ٱلۡحَجِّۗ وَمَا تَفۡعَلُواْ مِنۡ خَيۡرٖ يَعۡلَمۡهُ ٱللَّهُۗ وَتَزَوَّدُواْ فَإِنَّ خَيۡرَ ٱلزَّادِ ٱلتَّقۡوَىٰۖ وَٱتَّقُونِ يَٰٓأُوْلِي ٱلۡأَلۡبَٰبِ ١٩٧

**«Пас ҳар касе дар ин моҳҳо (анҷоми фаризаи) ҳаҷро бар худ фарз гардонд, (бояд) дар аснои ҳаҷ аз беҳудагӯӣ, бадрафторӣ ва ҷангу ҷидол худдорӣ кунад».**[197]

**а)** лаҳву беҳудагӯӣ,

**б)** фисқу бадрафторӣ,

**в)** ҷангу ҷидол (ситеза**).**

Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳар касе барои ризои Худои азза ва ҷалла ҳаҷ намояд ва (дар аснои эҳромаш) беҳудагӯӣ ва бадрафторӣ нанамояд, вақте аз ҳаҷ бармегардад, ба монанди он рӯзе меояд, ки модараш ӯро нав зоидааст».***[198] Маб-

---

[197] Сураи Бақара, 2: 197.

[198] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1521, 1819, 1820. Саҳеҳи Муслим, 3280 (1350)-438. Сунани Ибни Моҷа, 2889.

рур ва мавриди қабули Худованд гардидани ҳаҷ ба ин ҷанбаи маънавии он низ сахт иртибот дорад.

Ғайбат намудан, суханчинӣ, дурӯғгӯӣ ва дигар хислатҳои пасти инсонӣ низ ҳамин ҳукмро доранд. Ҳаҷҷи одамоне, ки гирифтори чунин разоиле мебошанд, танҳо дар зоҳир адо меёбад, вале дар ҳақиқат ҳеҷ савоб ва натиҷаи неке насиби онҳо намегардад. Гуноҳи ин аъмоли онҳоро ҳеҷ пардохти молие наметавонад ҷуброн намояд. Онҳо бояд дар пешгоҳи Худованд барои омурзиш ва ислоҳи он норасоиҳои хеш истиғфор, пушаймонӣ ва тавба намоянд.

Гурӯҳи дуюм, ки ба мамнӯоти Ҳарам вобастагӣ доранд, инҳо мебошанд:

1. Куштани сайди Ҳарам.

2. Ишора кардан ба сӯи он, яъне ба куштани он супориш додан.

3. Касеро ба сӯи он раҳнамоӣ кардан.

4. Буридан ва кандани дарахтон ва гиёҳони Ҳарам.

Бояд гуфт, ки куштани пашша, кайк, шапуш, муш, зоғ, заған (калхот), саги девона, гург ва даррандае, ки ба одам ҳамлавар гардад, боке надорад. Ҳамчунин барои оташи дегдон ва пухтупаз дар ҳолати зарурат аз гиёҳон ва шохҳои хушкидаи дарахтони Ҳарам истифода намудан низ боке надорад. Дар ғайри мавридҳои зикршуда ҷазо ва пардохтҳои молии гуногуне пешбинӣ шудааст. Ҳатто агар малахи Ҳарамро бикушад, бояд миқдоре ба бенавоён садақа намояд. Вале бинобар он ки имрӯзҳо ҳоҷиён камтар ба мамнӯоти Ҳарам сарукор ва бархӯрди ношоиста доранд ва ҳам ба хотири ихтисори мавзӯъ, аз зикри онҳо сарфи назар менамоем.

Гурӯҳи сеюми ҷиноятҳои дар эҳром, ки ба худи ҳаҷгузор тааллуқ доранд, аз ҳафт чиз иборат мебошанд:

1. Пӯшидани либоси дӯхташуда.

2. Пӯшонидани сар барои мардон.

3. Пӯшонидани рӯй барои занон.

4. Истеъмоли хушбӯӣ дар ҷисм, либоси эҳром ва ҷои хоб .

5. Тарошидан ва ё чидани мӯи бадан.

6. Гирифтани нохунҳо.

7. Ҳамбистарӣ бо зан ва ангезаҳои он, ба монанди бӯсу канор ва даст расонидани бо шаҳват.

**1. Пӯшидани либоси дӯхташуда[199]**

- Муҳриме либоси дӯхташудаеро пӯшад, бар вай ҷазо ва пардохти молӣ воҷиб мегардад. Дар ин ҷо фарқ надорад, ки онро қасдан ё аз рӯи фаромӯшӣ ва нофаҳмида, маҷбуран ё ба ихтиёри худ, бо узре ва ё бе ҳеҷ узре пӯшида бошад.

- Дар пӯшидани либоси дӯхташуда муддати пӯшидани он мавриди назар ва эътибор қарор мегирад. Агар онро ба муддати як рӯз ва ё як шаб, яъне дувоздаҳ соат бипӯшад, бар вай хун воҷиб мегардад, яъне бар вай воҷиб аст, ки дар Ҳарам як гӯсфанд забҳ намояд.[200] Вале агар камтар аз муддати як шаб ва ё як рӯз ва бештар аз соате либосро бипӯшад, бар вай садақае, ба андозаи садақаи фитр, воҷиб мегардад. Агар камтар аз соате онро пӯшад, бояд як мушт гандум садақа намояд.

- Агар либоси дӯхташударо чандин шабу рӯз бипӯшад ва ё чанд либосро якҷоя дар як рӯз бипӯшад, барои ҳамааш як хун кифоят мекунад.

- Агар либоси дӯхташудаеро на ба сурати маъмулӣ бипӯшад, балки худро ба он бипечад ва ё худро ба чодаре, ки гӯшаҳо ва ё мобайнаш дӯхта шудааст, бипечад, дар ин суратҳо чизе бар вай воҷиб намегардад. Зеро дар сурати аввал пӯшидан ба маънои ҳақиқиаш сурат нагирифтааст ва дар сурати дуюм чодар аслан барои пӯшидан дӯхта нашудааст.

- Пӯшидани масҳӣ, ҷӯроб ва навъҳои дигари пойафзорҳо, ба шарте пайванди пошнаи пойро бипӯшонанд, ҳамин ҳукмро дорад. Агар ба андозаи як рӯз ва ё як

---

[199] Манзур аз либоси дӯхташуда либосест, ки аслан барои пӯшидан дӯхта, бофта ва ё сохта мешавад, ба монанди курта, изор, масҳӣ, кулоҳ ва дигар навъҳои либос.

[200] **Хун:** Дар ҳар ҷое аз ҷиноятҳои эҳром, ки калимаи хун ба кор бурда мешавад, як гӯсфанди яксола дар назар дошта шудааст.

шаб пӯшида шаванд, хун воҷиб мегардад ва дар камтар аз он садақа воҷиб мешавад.[201]

**2. Пӯшидани сару рӯй**

- Агар муҳриме тамоми сари худро ва ё тамоми рӯяшро ва ё аз чаҳор як ҳиссаи онҳоро бо чизе бипӯшонад ва ё зани муҳримае рӯяшро ва ё аз чаҳор як ҳиссаи онро бипӯшонад ва онро то муддати як шаб ва ё як рӯз пӯшида нигоҳ дорад, бар онҳо хун воҷиб мегардад. Вале агар камтар аз муддати як шаб ё як рӯз ва ё камтар аз миқдори чаҳоряки онро бипӯшонад, дар ин ҳолатҳо бар онҳо садақа воҷиб мегардад. Манзур аз пӯшидани сару рӯй пӯшидани онҳо бо чизҳое мебошад, ки дар урф сару рӯйро бо онҳо мепӯшонанд, ба монанди кулоҳ, дастор, чодар, дастмол, рӯсарӣ ва ғайри инҳо.

- Пӯшонидани гӯшҳо, пушти гардан, зери манаҳ ва дигар мавзеъҳое, ки аз сар ба шумор намераванд, боке надорад.

**3. Хушбӯии либос ва бадан**

- Шахси муҳрим агар як узви комили баданашро ё бештар аз онро хушбӯӣ бизанад, бар вай хун воҷиб мегардад ва дар камтар аз як узв садақа воҷиб мегардад. Узвҳои бадан, ба монанди сар, рӯй, соқи пой, рон, дасту бозу ва ғайра мебошанд. Ин дар сурате аст, ки хушбӯӣ кам бошад, вале агар хушбӯӣ зиёд бошад, дар камтар аз як узв ҳам хун воҷиб мешавад.[202]

- Агар узвҳои хурди баданашро, ба монанди гӯш, бинӣ, чашм ва ангушт хушбӯӣ занад, ҳукми онҳо низ дар воҷиб гардидани хун ва ё садақа монанди истеъмоли хушбӯии кам дар узви бузург аст. Агар тамоми баданашро дар як вақт хушбӯӣ занад, як ҷазо бар вай воҷиб

---

[201] Дар ҳар ҷое аз ҷиноятҳои эҳром, ки калимаи «садақа» истифода шавад, манзур ним соъ гандум, ё як соъ ҷав, хурмо ва кишмиш ва ё қимати яке аз онҳо мебошад. Як соъ ба се килову шашсад грамм баробар мебошад. Ним соъ аз ду кило камтар аст.

[202] Барои донистани кам ва ё зиёд будани ҳаҷми хушбӯӣ дар истифода аз сӯи фақеҳон андоза ва меъёри мушаххасе муайян нашудааст ва шояд он ба навъи хушбӯӣ ва урфи атторон бастагӣ дошта бошад.

мегардад ва як хун барои ҳамааш кифоя мебошад. Агар зане дар асной эҳром ба дасташ ҳино бандад, бар вай низ хун воҷиб мегардад.

- Дар воҷиб гардидани ҷуброн ва каффорати хушбӯии бадан давом ёфтани муддати замон шарт нест. Агар пас аз истеъмоли хушбӯӣ дарҳол онро бишӯяд ҳам, ба тартиби мазкур хун ва ё садақа бар вай воҷиб мегардад.

- Бар хилофи пӯшидани либоси дӯхташуда ва хушбӯӣ задан бар либос. Дар он муддати пӯшидани либос ва задани хушбӯӣ эътибор дорад. Агар муҳриме либоси эҳромашро хушбӯӣ занад ва ҷои он зиёдтар аз як ваҷаб дар як ваҷаб бошад ва ба муддати як рӯз ва ё як шаби комил онро пӯшида боқӣ монад, бар вай хун воҷиб мегардад. Агар ҷои он зиёд набуда, балки як ваҷаб дар як ваҷаб бошад ва ба муддати як рӯз ва ё як шаб онро бипӯшад, бар вай садақа лозим мешавад ва агар аз он ҳам камтар бошад, як мушт гандум ва ё чизи дигаре садақа менамояд. Ин, албатта, дар суратест, ки миқдори хушбӯӣ кам бошад. Агар хушбӯӣ зиёд бошад, дар камтар аз як ваҷаби либос ҳам хун воҷиб мегардад.

- Истеъмоли равғане, ки дар таркибаш хушбӯӣ дошта бошад, низ ҳамин ҳукмро дорад.

**4. Гирифтани нохунҳо**

- Агар муҳрим панҷ нохунашро дар як вақт бигирад, яъне нохунҳои як узвашро, ба монанди як даст ва ё як пояшро комилан бигирад ва ё панҷ нохунро аз чанд узваш, масалан, ду нохун аз як даст, ду нохун аз дасти дигараш ва як нохун аз пояш бигирад, бар вай хун воҷиб мегардад. Агар нохунҳои ҳарду даст ва ҳарду пояшро низ дар як вақт бигирад, барои ҳамааш як хун воҷиб мегардад ва дар вақтҳои гуногун ҷазо ба андозаи ҷиноят собит мешавад. Вале агар камтар аз панҷ нохунро дар як вақт бигирад, барои ҳар нохун бар вай садақа воҷиб мегардад.

**5. Тарошидан ва чидани мӯй**

- Шахси муҳрим агар мӯи сар ва риш ва ё аз чаҳор як ҳиссаи онро битарошад ва ё мӯи зери бағал ва зери

нофашро битарошад ва ё бичинад, бар вай хун воҷиб мегардад. Дар камтар аз ин миқдор садақа воҷиб мешавад. Кӯтоҳ кардан, чидан, кандан ва ба воситаи доруҳои зоилкунанда дур намудани мӯй низ ҳукми тарошидани онро доранд.

- Агар ҷои ҳиҷомат (хунгирӣ)-ро аз пушти сараш тарошад, аз назари Абӯҳанифа (рҳ) хун ва аз назари имомайн (Абӯюсуф ва Муҳаммад) садақа воҷиб мешавад. Зан низ дар ин мавридҳо мисли мард аст.

**Маъзур:**

- Шахси муҳрим агар бинобар узрҳое либоси дӯхташуда бипӯшад ё хушбӯӣ ва равған истеъмол намояд ё сару рӯи худро бипӯшонад ё мӯяшро битарошад ва ё нохунҳояшро бигирад, масалан, ба сабаби таб ва ё аз шиддати сардӣ ва гармии ҳаво либоси дӯхташуда бипӯшад ё аз сабаби сардард сару рӯяшро бипӯшонад ва ё вайро шапуш занад ва барои халосӣ аз он сарашро битарошад, дар тамоми ин ҳолатҳо барои ҳифзи саломатиаш мамнӯоти эҳром барояш ҷоиз мегарданд, вале дар ивази ин иҷозат ба андозаи ҳаҷми истифодааш хун ва ё садақае бар вай воҷиб мешавад.[203] Дар ҷое, ки хун воҷиб мешавад, дар анҷом додани яке аз се навъи ҷазо ихтиёр дорад. Метавонад:

а) гӯсфанде забҳ намояд ё б) се соъ гандум ва ё шаш соъ ҷав, хурмо ва ё кишмиш садақа намояд. Аз гандум ба ҳар мискин нимсоъӣ ва аз дигар анвоъ яксоъӣ садақа медиҳад ва ё в) се рӯз рӯза гирад. Дар ҷое, ки садақа воҷиб мешавад, метавонад ним соъ гандум садақа намояд ва ё як рӯз рӯза гирад.

**6. Омезиш бо зан ва ангезаҳои он**

Инҳо ба се даста ҷудо мешаванд:

а) Шахси муҳрим агар пеш аз вуқуфи дар Арафот бо занаш ҳамхобагӣ намояд, ҳаҷҷаш фосид ва як хун бар гарданаш воҷиб мегардад. Пас аъмол ва маносики боқимондаи ҳаҷро ба монанди дигарон бояд ба ҷо оварад, вале дар соли оянда қазои ҳаҷҷашро низ ба ҷо меоварад.

---

[203] Хуне, ки бар маъзур воҷиб мегардад, онро забҳи фидя мегӯянд.

б) Агар баъд аз вуқуфи дар Арафот ва пеш аз тарошидани сараш ва тавофи зиёрат бо занаш ҳамбистар шавад, ҳаҷҷаш фосид намешавад, вале бар гарданаш забҳи як шутур ва ё як гов воҷиб мегардад.

в) Агар баъд аз тарошидани сар ва пеш аз тавофи зиёрат (фарзӣ) ва ё баъд аз тавофи зиёрат ва пеш аз тарошидани сараш ҳамбистар шавад, дар ин сурат бар вай як хун воҷиб мегардад.

- Агар бо занаш ҳамбистар нашавад, вале ангезаҳо ва муқаддамоти онро, аз қабили бӯсу канор ва ламси бошаҳват ва ё мубоширати фоҳиш[204] ва омезиши зиёдро анҷом диҳад, бар гарданаш хун воҷиб мегардад, хоҳ инзол гардад ё нагардад.

- Агар шахси муҳрим пеш аз тавофи умра ва ё пеш аз чаҳор даври он бо ҳамсараш наздикӣ намояд, умраш фосид гашта, як хун бар гарданаш воҷиб мегардад. Аъмоли боқимондаи онро ба поён мерасонад ва пас аз рӯзҳои ҳаҷ, яъне пас аз айёми ташриқ қазои умраи фосиднамудаашро низ ба ҷо меоварад. Агар пас аз чор даври тавоф он кор аз вай содир шавад, умрааш фосид намешавад, вале як хун бар гарданаш воҷиб мегардад.

Дар тамоми ҷиноятҳои ёдшуда, ки ҷиноятҳои дар эҳром мебошанд, сатҳи ҷазо ва пардохтҳои ҷубронкунандаи онҳо барои умракунанда, ҳаҷгузори муфрид ва мутаматтеъ як ҳукм доранд. Аммо бар ҳаҷгузори қорин дар ҳар ҷинояте аз мамнӯоти эҳром ду ҷазо воҷиб мегардад. Зеро вай ду ибодати мустақилро дар як эҳром ва дар зимни як барномаи ибодатӣ ҷой додааст. Пас дар ҳар ҷое, ки дар он як садақа воҷиб мегардид, ду садақа, дар ҷое, ки як гӯсфанд воҷиб мегардид, ду гӯсфанд ва дар ҷое, ки як шутур ва ё як гов воҷиб мегашт, як шутур ва як гӯсфанд ва ё як гов ва як гӯсфанд воҷиб мегардад. Ин ҳолат ба ҷинояте тааллуқ дорад, ки ҳаҷгузори қорин дар мамнӯоти эҳром содир намояд, аммо дар ҷи-

[204] Мубоширати фоҳиш – омезиши бисёр наздики зану шавҳар бо якдигар, вақте бараҳна бо ҳам наздик шаванд ва узвҳои таносулиашон бо ҳам бирасад, вале алоқаи ҷинсӣ сурат нагирад.

ноятҳое, ки дар аъмол ва маносики ҳаҷ содир мешаванд, бар қорин низ ҳамон як ҷазо тааллуқ мегирад.

Ҳамчуноне, ки дидем, ҷиноятҳо табақабандӣ ва ба қисмҳо ҷудо гардидаанд. Сатҳи ҷиноӣ, ҷазо ва миқдори пардохтҳои ҷубронкунандаи онҳо низ мувофиқ ба дараҷа ва қисми ҷиноят пешбинӣ ва муқаррар гардидаанд. Ба таври хулоса онҳо навъҳои зеринро дар бар мегиранд:

**а)** Ҷиноятҳо ва хилофварзиҳое, ки ба ҷуз тавбаву истиғфор ва пушаймонӣ дар пешгоҳи Худованд дигар ҳеҷ чизе наметавонад онҳоро ҷуброн ва ислоҳ намояд.

**б)** Ҷиноятe, ки бо ҳеҷ чизе ҷубронпазир намебошад, ҳаҷро фосид мегардонад ва бояд қазо дошта шавад, бо вуҷуди он ки бар содиркунандааш хун воҷиб мегардад. Он дар ин бахши ҷиноятҳо танҳо як маврид дорад: Омезиш (ҳамхобагӣ) бо зан пеш аз вуқуфи дар Арафот.

**в)** Ҷиноятe, ки дар сатҳи болои ҷиноӣ қарор дорад ва бо содир намудани он забҳи як шутур ва ё як гов воҷиб мегардад: Ин низ як маврид дорад; Омезиш (ҳамхобагӣ) бо зан баъд аз вуқуфи дар Арафот.

**г)** Ҷиноятҳо ва хилофварзиҳое, ки дар миқдори муайяни он хун воҷиб мегардад. Он миқдор охирин сатҳи онҳо ба шумор меравад.

**д)** Айни ҳамон ҷиноятҳо, вале бо дар сатҳи миёна анҷом додани он садақае ба андозаи садақаи фитр воҷиб мегардад.

**ж)** Айни ҳамон ҷиноятҳо, вале дар поёнтарин сатҳи он. Дар ин сурат ҳар чи бихоҳад ва ё як мушт гандум садақа менамояд.

**з)** Ҷиноятҳое, ки ҳаҷми онҳо тавассути ду одами одил ва аҳли таҷриба муайян гардида, қиматгузорӣ мешаванд. Ин ба Ҳарам марбут аст, ки аз зикри намунаҳо ва мавридҳои он сарфи назар намудем.

## Истифодаи соябон (чатр)

Шахси муҳрим метавонад аз соябон истифода намояд, дар дохили хайма ва сояи он истироҳат кунад. Аз

сояи дарахтон, биноҳо, мошину автобус ва дигар ашёи соядор низ дар ҳолати зарурат метавонад баҳра гирад. Инро ба пӯшидани сару рӯй, ки аз мамнӯот ва ҷиноятҳои эҳром мебошад, набояд иштибоҳ кард.

Дар ривояти Ҷобир (р) омадааст, ки: ***«Вақте Расули Худо (с) ба Арафот омад, хаймаи ӯ қаблан дар Намира зада шуда буд...»***.[205] Яъне он Ҳазрат (с) барои дамгирӣ аз сояи хайма истифода мекард. Ҳамчунин аз Абдуллоҳ ибни Омир ривоят шудааст, ки: *«Ҳамроҳи Умар (р) хориҷ шудам. Вай, дар ҳоле ки эҳром баста буд, пӯстеро дар зери дарахт мепартофт ва аз сояи он истифода мекард»*.[206]

Ҳамчунин бастани ҳамён ва камарбанде барои ҳифзи пулҳо ва нафақаи худ барои муҳрим, боке надорад, балки баъзан зарур ҳам мебошад. Оиша (р) дар бораи бастани ҳамён пурсида шуд, фармуд: ***«Дар ҳифзи нафақа (ва пулҳоят) ба ҳар тавре метавонӣ, пухтакорӣ кун»***.[207]

Гиреҳ кардани гӯшаҳои либоси эҳром ва ё бо тукма ва сӯзанаке муҳкам кардани он агар барои ҳифзи сатри аврат ва ҳимояи он аз афтодан бошад, боке надорад.

## Рафзи эҳром

Рафзи эҳром ба маънои тарки идомаи анҷоми манносики ҳаҷ ва ё умра – қатъ кардани он пеш аз ҳалол гаштан аст. Бар хилофи дигар ибодатҳо рафзи эҳром ва нияти тарки идомаи ҳаҷ ва ё умра бо иттифоқи ҷумҳури уламо бекор буда, шахси муҳрим то худро аз эҳром ҳалол насозад, аз он хориҷ намешавад. Магар вақте дар асnои эҳроми ҳаҷ барои ҳаҷҷи дигар ва ё барои умра ё

---

[205] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905.

[206] Мусаннафи Ибни Абӯшайба, 14254. – Ҷ. 3. – С. 285 ва 34485. – Ҷ. 7. – С. 98.

[207] Сунани Куброи Байҳақӣ, 8968. – Ҷ. 5. – С. 69. Мусаннафи Ибни Абӯшайба, 15448. – Ҷ. 3. – С. 410. Ба ҳамин маъно Ибни Ҳазм аз Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) бастани ҳамёнро барои муҳрим рухсат додааст. (Маҳаллӣ. – Ҷ. 2. – С. 256). Аз Иброҳими Нахаъӣ ва Саъид ибни Мусайяб низ ин ҳадис ривоят шудааст. (Китоби Ал-осори Абӯюсуф, (468-469). – С. 96)

дар аснои эҳроми умра барои умраи дигар рӯи ҳам эҳром бандад, дар ин мавридҳо яке аз он эҳромҳоро ба он тафсиле, ки дар китобҳои фиқҳ омадааст, рафз – тарк менамояд.[208]

### Ҷиноятҳо дар аъмол ва маносики ҳаҷ

Ҳоло ба бахши ҷиноятҳо дар аъмол ва маносики ҳаҷ мегузарем. Ҳаҷ дар байни тамоми ибодатҳо ягона ибодати молию баданӣ мебошад. Ибодатҳо дар Ислом иборатанд, аз: а) сирф ҷисмонӣ, ба монанди намозу рӯза; б) сирф молӣ, ба монанди закот ва садақаи фитр ва в) молию ҷисмонӣ, монанди ҳаҷ.

Ҳаҷ ҳарду ҷанбаи ибодатҳои дигарро дар худ ҷамъ намудааст. Бинобар ин, вақте аз шахси ҳаҷгузор норасоӣ ва камбудие дар бахши аъмол ва маносики ҳаҷ сар занад, то имкон дорад, онро бо ҳамон ҷанбаи баданиаш иъода ва ислоҳ менамояд. Дар сурати номумкин будани он, аз паҳлӯи молӣ онро ҷуброн ва ислоҳ мекунад. Ин раванди ислоҳи молиро ҳам дар бахши мамнӯоти эҳром ва ҳам дар бахши аъмол ва маносики ҳаҷ метавон ба кор бурд. Дар ин миёна мавридҳои махсусе низ ҳаст, ки ҳаҷро фосид мегардонанд ва ба ҷуз қазо доштан дигар бо чизе ҷуброн ва ислоҳ намегардад.

Ҷиноятҳо ва норасоиҳое, ки дар аъмоли ҳаҷ содир мешаванд, ба чанд навъ ба вуқӯъ меоянд: Ё бо тарки амале аз аъмоли ҳаҷ ё бо вайрон кардани он ё бо нотамом анҷом додани он ё бо ба таъхир андохтани он ё бо вайрон намудани тартиб дар миёни онҳо ва ё бо бетаҳорат анҷом додани баъзе аз онҳо сурат мегирад.

### Норасоӣ ва ҷиноят дар рукнҳои ҳаҷ

**1.** Дар сурати иҷро нашудани рукне (фарзе) аз рукнҳои ҳаҷ ҳар рукне ҳукми хоссе дорад.

---

[208] Радду-л-муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 713-715. Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. –Ҷ. 2. Зайли моддаи: эҳром.

**а)** Дар сурати тарк гардидани эҳром, ки рукни[209] аввали умра ва ҳаҷ мебошад, ҳаҷ ва умра аслан баргузор намегарданд, зеро бе эҳром ва ният тасаввур намудани онҳо номумкин аст.

**б)** Дар сурати тарк гардидани вуқуфи дар Арафот ва дарёб нагаштани лаҳзаҳои андаке ҳам аз заволи рӯзи Арафа то дамидани субҳи рӯзи ид дар Арафот, ҳаҷ комилан фавт мегардад.[210] Пас бояд аъмолеро ба ҳаҷми умра анҷом диҳад, яъне тавоф ва саъй намояд ва сарашро тарошида, бо ҳамин ҳалол гардад. Вале ин аъмоли анҷомдодааш дар назди Абӯҳанифа (рҳ) умра ҳам ба ҳисоб намеоянд, зеро умра дар рӯзҳои ид ва ташриқ дуруст нест. Дар соли оянда қазои ҳаҷҷашро ба ҷо оварад ва чизе бар вай воҷиб намегардад. Вале дар назди Абӯюсуф (рҳ) умрааш дуруст ва ба ҷои умраи Ислом (умраи воҷиб) қабул мегардад.

**в)** Агар тавофи зиёратро комилан тарк намояд ва ё аз се давр бештари онро тарк намояд, дар ин сурат аз эҳроми худ ҳалол намегардад. Яъне то вақте тавофро ба ҷо наоварад, ҳамчунон муҳрим боқӣ мемонад.

**2.** Ба таъхир ахдохтани ин рукнҳо аз ҷойҳо ва вақтҳои муайяни худ норасоӣ ва нақс дар он рукнҳо ба шумор меравад. Баъзе аз воҷиботи ҳаҷ ҷузъи мукаммил ва пуррасозандаи фарзҳои он мебошанд ва қисме аз онҳо амали мустақил ва ҷузъи комиле аз аъмоли ҳаҷ ба шумор меравconfigure. Бо тарки воҷибе, ки такмилдиҳандаи фарз

---

[209] Рукни эҳром яке аз шартҳои дуруст гардидани умра ва ҳаҷ мебошад.

[210] Аз Урва ибни Музарриси Тоӣ ривоят шудааст, ки: ***«Дар Муздалифа ба назди Паёмбар (с) омадам. Пурсидам: Эй Расули Худо (с), аз ду кӯҳи Тай омадам. Чаҳорпои савориамро бемадор ва худро хаста намудам. Қасам ба Худо, ҳеҷ кӯҳе набуд, магар бар он вуқуф намудам. Оё бароям ҳаҷҷе ҳосил шудааст? Расули Худо (с) фармуд: Касе ҳамроҳи мо ин намоз (и субҳ)-ро (дар Муздалифа) дарк намуда бошад ва пеш аз ин шаб ё рӯз ба Арафот рафта бошад, дар воқеъ, ҳаҷҷаш пурра гардида ва маносики худро анҷом додааст»***. (Сунани Абӯдовуд, 1950. Сунани Тирмизӣ, 891. Сунани Насоӣ, 3039, 3040, 3041. Сунани Ибни Моҷа, 3016). Бинобар ин, касе вуқуфи Арафотро лаҳзае аз шаб ва ё рӯз дарк накарда бошад, ҳаҷҷаш фавт шудааст.

аст, рукн ноқис ва нокомил мегардад ва бо тарки воҷиби мустақил амале аз аъмоли ҳаҷ ба ҷо намеояд.

**а)** Агар эҳромро аз миқот ба таъхир андозад, воҷиберо тарк намудааст. Агар боз ба миқот баргардад ва аз он ҷо эҳром бандад, он норасоӣ ислоҳ мешавад. Вале агар аз минтақаи Ҳил (л) ва ё Ҳарам эҳром бандад, бар вай хун воҷиб мешавад.

**б)** Агар вуқуфи дар Арафотро то замоне ба таъхир андозад, ки чанд лаҳзаеро ҳам то тамом шудани вақти он дарнаёбад, ҳаҷҷаш фавт мегардад. Вале таъхири он то охирҳои шаб ва пеш аз дамидани субҳи рӯзи ид чизеро воҷиб намегардонад.

**в)** Агар тавофи фарзиро то баъд аз ғуруби офтоби рӯзи сеюми ид (рӯзи дувоздаҳум) ба таъхир андозад, бар вай хун воҷиб мегардад ва то тавофашро ба ҷо наоварад, аз эҳром ҳалол намегардад. Зеро вақти тавофи фарзӣ то ғуруби офтоби рӯзи сеюми ид мебошад. Вале дар назди Имомайн тавофи фарзӣ ба вақте маҳдуд намебошад. Онро агар пас аз рӯзи сеюми ид ҳам ба ҷо оварад, чизе бар вай воҷиб намегардад, вале ба ҷо овардани он дар се рӯзи ид афзал аст.[211]

**г)** Агар тавофи фарзиро бетаҳорат ба ҷо оварад, бар гарданаш хун воҷиб мегардад.

**д)** Агар онро дар ҳолати ҷанобат ба ҷо оварад, бар вай забҳи як шутур ва ё як гов воҷиб мегардад. Зане, ки дар ҳолати ҳайз ва ё нифос онро ба ҷо оварад, низ ҳамин ҳукмро дорад. Аммо агар аз сар бо таҳорат ва покӣ онро ба ҷо оварад, ҷазо аз гарданаш соқит мешавад.

**ж)** Агар тавофи қудум, тавофи садр (видоъ) ва тавофҳои нафлиашро бе вузӯ анҷом диҳад, барои ҳар даври тавофаш ним соъ гандум садақа менамояд.

**з)** Агар тавофи қудум ва тавофи садрро мард дар ҳоли ҷанобат ва зан дар ҳолати ҳайз ва ё нифос анҷом диҳанд, бар онҳо хун воҷиб мегардад.

---

[211] Бадоеуссаноеъ. – Ҷ. 2. – С. 314, 315.

## Норасоӣ ва ҷиноят дар воҷиботи ҳаҷ

Ҷазои пешбинишуда дар тарки ҳар воҷибе аз воҷиботи ҳаҷ ба тартиби зерин аст:

1. Вуқуфи Муздалифаро пас аз дамидани субҳ тарк намудан…,

2. Партоби сангҳоро дар тамоми рӯзҳо ё партоби сангҳои Ҷамраи Ақабаро дар рӯзи ид ва ё бештари сангҳоро дар яке аз рӯзҳои сангпартоӣ тарк намудан…,

3. Пеш аз нишастани офтоб Арафотро тарк намудан ва аз ҳудуди он хориҷ шудан…,

4. Саъйи байни Сафо ва Марваро тарк намудан…,

5. Тавофи видоъ ва ё чаҳор даври онро тарк намудан…,

Дар тамоми ин панҷ ҳолат хун воҷиб мегардад. Вале агар баргардад ва чизе аз он амалҳоро дар вақтҳои муайянашон дарёбад, ҷазояш соқит мешавад. Шоёни зикр аст, ки агар чизе аз ин воҷиботро бо узр тарк намояд, масалан, вуқуфи дар Муздалифаро ба сабаби бемориӣ, заъф ва ё издиҳоми шадид ва ё тавофи видоъро ба сабаби ҳайз, нифос ва ё бемории дигаре тарк намояд, бар вай хуне воҷиб намегардад.[212]

Дар сурати тарк намудани яке аз ҷамраҳои сегона дар як рӯзи сангпартоӣ ва ё се давр аз тавофи видоъ садақа воҷиб мешавад.

Дар мавридҳои зерин:

**а)** Агар бе узр тавоф ва ё саъйро савор бар тахти равон анҷом диҳад…,

**б)** Агар дар ҳолати тавоф аз чаҳор як ҳиссаи авраташ бараҳна гардад…,

**в)** Агар тавофро на аз рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад, балки аз дигар ҷо шурӯъ намояд…,

**г)** Агар дар тавоф аз мобайни Ҳатим гузарад…,

…ва тавофашро пас аз ислоҳи норасоиҳои номбурда аз сар анҷом надиҳад, бар вай хун воҷиб мегардад. Вале агар аз сар тавоф намояд, чизе бар вай воҷиб намешавад.

---

[212] Ҳидояи шариф. – Ҷ. 2. – С. 204, 205. Ҳусайн ибни Муҳаммадсаъид ибни Абдулғанӣ, Ҳошияи иршоду-с-орӣ ило маносики Мулло Алиқорӣ, - С. 508.

## Вайрон намудани тартиб

- Тартиб дар миёни он аъмоли ҳаҷ, ки дар рӯзи ид анҷом дода мешаванд, воҷиб аст. Ҳаҷгузори муфрид бояд дар миёни партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба ва тарошидани сараш тартибро риоя намояд. Ҳаҷгузори қорин ва мутаматтеъ бояд дар миёни: **а)** партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба, **б)** забҳ ва **в)** ҳалқ (тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сараш) тартибро риоя намояд. Ин тартибро ба ҳар шакле вайрон кунад, бар вай хун воҷиб мешавад. Назари имом Абуҳанифа (рҳ) ва қавли муфто биҳ дар мазҳаб ҳамин аст.

Назди имомайн риояи тартиб дар байни ин воҷиботи рӯзи ид суннат мебошад ва бо тарки он хуне воҷиб намегардад.[213] Амал кардан ба қавли имомайн низ ҷоиз аст ва дар замони мо дар масъалаи риояи тартиб дар байни забҳ ва ҳалқ (тарошидани сар) муносибтар ба назар мерасад, зеро шумораи ҳоҷиён ҳар сол дар афзоиш аст ва заби саривақтии қурбониҳо пеш аз ҳалқ хеле мушкил шудааст.

Бо дархости банки исломии рушд (танмия) уламои фиқҳи исломӣ пас аз солҳои 80-ум дар шаҳри Ҷадда нишасте доир намуда, мушкилоти нигаҳдории гӯшти қурбониҳои забҳшуда ва ҳамин тавр масъалаи забҳи саривақтии қурбониҳои мардуми ҳаҷгузорро мавриди барра-

---

[213] Зеро дар ҳадисе аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) дар аснои ҳаҷҷатулвадоъ дар Мино барои посух ба саволҳои мардум истод. Марде омад ва пурсид: Нофаҳмида пеш аз забҳ сарамро тарошидам?. Фармуд: Забҳ кун, ҳеҷ боке надорад. Марди дигаре омад ва гуфт: Нофаҳмида пеш аз рамйи ҷимор қурбонӣ кардам? Фармуд: Рамй кун, ҳеҷ боке надорад. Паёмбар (с) аз ҳеҷ чизе, ки тақдим ва ё таъхир шуда буд, пурсида нашуд, магар ба ҳамааш гуфт: Бикун, ҳеҷ боке надорад»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 83, 124, 1736, 1737. Саҳеҳи Муслим, 3143, (1306)-327, 328, 329).

Вале чӣ тавре дидем, он Ҳазрат (с) дар суннати амалиаш тартибро дар байни онҳо риоя кардааст. Пас риояи тартиб дар байни аъмоли рӯзи ид дар назди Имомайн бар ҳамин асос суннат мебошад, на воҷиб.

сӣ қарор доданд. Аҳамияти масъалаи забҳи саривақтии қурбониҳо дар он буд, ки риояи тартиб дар байни амалҳои воҷиб – рамй, забҳ ва ҳалқ дар рӯзи ид дар мазҳаби ҳанафӣ воҷиб аст ва бо вайрон шудани он бар шахси ҳаҷгузори қорин ва мутаматтеъ хуни дигаре бор мешавад. Пас аз ҳалли он ҳоҷиёни ҳанафимазҳаб бо хотири ҷамъ ва итминони динӣ ба тарошидани сари худ иқдом менамоянд. Уламо пас аз шунидани назари коршиносони соҳа ба хулосае омаданд, ки ширкати машғули ин кор имкони аз ин сареътари забҳи қурбониҳо ва ба иттилои ҳар гурӯҳи ҳоҷиёни ҳанафӣ расонидани вақти онро надорад ва дар ин маврид беҳтар аст ба қавли имомайн амал намоянд, ки дар он сурат дигар ҳеҷ гуна ҳараҷи шаръие барояшон пеш намеояд.[214]

- Аммо дар миёни сартарошӣ ва тавофи фарзӣ ҳеҷ гуна тартибе вуҷуд надорад. Агар пеш аз тавофи фарзӣ сарашро тарошад, нимаҳалол ва ё ҳалоли аввал мегардад, вале агар онро пас аз тавофи фарзӣ анҷом диҳад, комилан ҳалол мегардад ва дигар ду таҳаллул вуҷуд надорад.

## Таъхири баъзе аз воҷибот

Ба таъхир андохтани баъзе аз воҷибот ба тарк гардидани онҳо меанҷомад ва ба тарки воҷиб хун лозим мегардад. Бо ба таъхир андохтани баъзе аз онҳо ҳам хун воҷиб мегардад ва ҳам худи онҳо соқит намешаванд. Яъне пас аз гузаштани вақташон низ бояд ба ҷо оварда шаванд.

**а)** Агар ҳаҷгузори қорин ва ё мутаматтеъ забҳи қурбонии худро аз се рӯзи ид ба таъхир андозад, боз як хуни дигар бар вай воҷиб мегардад.

**б)** Агар тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сарашро аз се рӯзи ид ба таъхир андозад ё онро дар хориҷи Ҳарам анҷом диҳад, бар вай низ хун воҷиб мегардад. Дар сурати таъхир то мӯи сарашро натарошад ва ё кӯтоҳ нанамояд, аз эҳром ҳалол намегардад.

---

[214] Муфтӣ Абдуллоҳ, Масоили занон. – Ҷ. 1. – С. 482.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ҳаҷ ҳар амал вақти муайяни худро дорад. Пеш аз вақт анҷом додани ҳар амале аз аъмоли ҳаҷ он амалро аз эътибор соқит месозад. Бояд онро аз сар дар вақти худаш ба ҷо оварад. Агар онро дар вақти худаш ба ҷой наовард ва он фавт гардид, ҳаҷҷаш ба андозаи ҷойгоҳи ҳукмии он амал фавт, халалдор ва ё ноқис мегардад.

Масалан, агар партоби сангҳоро дар рӯзҳои 11 ва 12-ум пеш аз завол ба ҷой оварад, он сангзании ӯ эътиборе надорад. Бояд баъд аз завол аз сар рамйи ҷимор намояд. Дар ривояти машҳур аз Абӯҳанифа (рҳ) рамйи ҷимор (сангпартоӣ) дар рӯзҳои дуюм ва сеюми ид, яъне дувоздаҳум ва сездаҳум пеш аз завол ҷоиз нест, зеро вақти он баъди завол аст. Дар ҳадисе, ки онро Ҷобир (р) ривоят мекунад, низ омадааст: ***«Паёмбар (с) рӯзи наҳр рамйи ҷимор ва қурбонӣ кард ва дар бақияи рӯзҳо баъди завол рамӣ намуд»***.[215]

Дар ривояте аз Абӯҳанифа (рҳ) омадааст, ки агар дар рӯзҳои дуюм ва сеюм пеш аз завол рамӣ намояд, ҷоиз мебошад, вале афзал баъди завол аст. Зеро ҳангоме пеш аз завол дар рӯзи наҳр (ид) вақти рамӣ аст, дар ду рӯзи дигар низ метавонад вақти рамӣ бошад.[216]

Агар пас аз заволи рӯзи 11-ум то дамидани субҳи рӯзи 12-ум рамйи ҷимор накард ва ё агар пеш аз завол партофта бошад, онро аз сар ба ҷой наовард, бар гарданаш хун воҷиб мегардад. Ҳамон гуна, ки бо тарки партоби аксари сангрезаҳои як рӯз низ хун воҷиб мегардид. Дар рӯзи 12-ум низ бояд ҳамин аслро риоя намояд. Рамйи ҷимори ҳар рӯз бахши ҷудогона мебошад, ки дар рӯзи баъдӣ онро тадорук дида намешавад.[217]

---

[215] Саҳеҳи Бухорӣ, боби рамйи ҷимор, муқаддимаи ҳадиси 1746. Саҳеҳи Муслим, боби вақти истиҳбоби рамӣ, 3128 (1299)-314.

[216] Бадоеуссаноеъ. – Ҷ. 2. – С. 324.

[217] Ин назари Абӯҳанифа (рҳ) мебошад. Дар назди имомайн – Абӯюсуф ва Муҳаммад (рҳ) бошад, пас аз заволи рӯзи 12-ум онро ба сурати қазо ба ҷо меоварад ва сангҳои рӯзи 12-умро низ партоб менамояд. Агар рӯзи 12-ум низ рамйи ҷимор накард, рӯзи 13-ум барои

## Ҷиноятҳо дар умра

Дар умра ҳукми тамоми ҷиноятҳое, ки ба мамнӯоти эҳром тааллуқ доранд, мисли ҳукми ҷиноятҳое мебошад, ки дар эҳроми ҳаҷ содир мешаванд. Аммо ҷиноятҳое, ки дар аъмоли умра содир мешаванд, аҳком ва навъҳои ҷазои хосси худро доранд. Агар шахси умракунанда яке аз корҳои зеринро анҷом диҳад:

**1.** Эҳромро аз миқотгоҳ ба таъхир андозад…,

**2.** Бе вузӯ ё дар ҳоли ҷанобат ва ё зан дар ҳолати ҳайзу нифос ба тавофи умра пардозад…,

**3.** Пеш аз саъй сарашро битарошад ва ё мӯяшро кӯтоҳ намояд…,

**4.** Сарашро дар хориҷи Ҳарам битарошад…,

…дар ҳар яке аз ин мавридҳо бар гарданаш хун воҷиб мегардад.

Дар мавриди дуюм ҷанобат, бевузӯгӣ ва ҳайзу нифос як ҳукм доранд ва каму зиёдии амал низ эътиборе надорад. Агар як даври тавофро ҳам дар ҳолатҳои номбурда ба ҷо оварад, ҳамон ҷазо, яъне хун воҷиб мешавад.

## Бе эҳром гузаштани миқот

- Шахси мусалмоне, ки ба синну сол ва шароити таклифи шаръӣ расидааст, вақте аз хориҷи миқот омада, мехоҳад ба Макка ва ё Ҳарам дохил шавад, агар аз миқот бе эҳром гузарад, баъд аз он дигар аз минтақаи Ҳил

---

ҳарду рӯзи гузашта рамйи ҷимор менамояд. Агар рӯзи 13-ум низ рамйи ҷимор накард, барои тарки тамоми сангпартоӣ дар зарфи се рӯз бар вай хуне воҷиб мегардад. Ҳамон гуна, ки бо тарки партоби сангҳои як рӯз ва ё аксари сангҳои як рӯз низ хун воҷиб мегардид. Дар назди онҳо (имомайн) партоби сангҳо дар рӯзи ид ва дигар рӯзҳои ташриқ якҷоя як амали (бахши) ҳаҷро ташкил медиҳад.

Агар сангҳои рӯзи наҳрро низ партоб накарда бошад, дар назди имомайн метавонад онҳоро дар рӯзҳои баъдӣ ба таври қазо ба ҷо оварад ва ҳеҷ гуна хуне бар вай воҷиб намегардад. Рӯзи 13-ум бинобар назари Абӯҳанифа (рҳ) баъд аз тулӯи офтоб метавонад рамйи ҷимор намояд ва пеш аз завол ба Макка баргардад.

ва ё Ҳарам эҳром бандад ё не, гунаҳгор ва бар вай хун воҷиб мегардад. Агар ба хотири тиҷорат ва ё саёҳат ҳам омада бошад, вақте ба миқот расид, бастани эҳроми умра ва ё ҳаҷ бар вай воҷиб мешавад.

Вале агар пеш аз бастани эҳром ва ҳатто пас аз бастани эҳром ва қабл аз оғоз намудани аъмол ва маносики умра ва ё ҳаҷ[218] ба ҳамон миқот ва ё ба наздиктарин миқот баргардад ва аз сар эҳром бандад, гуноҳ ва хун аз гарданаш соқит мешаванд. Аммо агар аз минтақаи Ҳил(л) ва ё Ҳарам эҳром баст ва ба аъмоли умра ва ё ҳаҷ шурӯъ намуд, дигар аз Худо омурзиш бихоҳад ва дар Ҳарам гӯсфандеро забҳ намояд.

- Шахсе аз роҳи баҳрӣ, ҳавоӣ ва ё хушкӣ ба Ҷадда мусофират намояд ва нияти ворид шудан ба Ҳарам ва умраву ҳаҷро надошта бошад, ҳарчанд аз миқоте ҳам убур намояд, гунохе надорад ва хуне бар вай воҷиб намегардад.

Он шахс пас аз он метавонад бе эҳром ба Макка ва ё Ҳарам дохил шавад. Агар иродаи умра ва ҳаҷ намояд, аз ҳамон Ҷадда ва ё минтақаи Ҳил(л) эҳром мебандад ва чизе ҳам бар вай воҷиб намегардад.[219]

Яъне бе эҳром ворид шудан ба минтақаи Ҳил – на Ҳарам, дар сурате ки шахси воридшаванда нияти анҷом додани умра ва ё ҳаҷ ва дохил шудан ба ҳудуди Ҳарамро надошта бошад, ҳеҷ гуна мамнуияти шаръие надорад. Вақте барои кори худ ба он ҷо расид ва пас аз он иродаи умра ва ё ҳаҷ намуд, дигар ҳамчун сокинони Ҳил аз ҳамон ҷо эҳром мебандад.[220]

Зеро чунин шахсе ҳукми сокинони Ҳилро мегирад ва рафтуомади бошандагони Ҳил ба дохили Ҳарам ва Макка дар тамоми вақтҳои сол бе он, ки ҳаҷ ва ё умрае анҷом диҳанд, ҷоиз мебошад. Агар нияти ҳаҷ ва ё умра намоянд, миқоти онҳо ҳамон Ҳил аст.

---

[218] Дар сурати боқӣ будани фурсати ҳаҷ.

[219] Шарҳи Қудурӣ. – С. 178.

[220] Рашидаҳмади Гангуҳӣ, Зубдату-л-маносик. – С. 93. Минбаъд: Зубдату-л-маносик.

Дар ин мавридиҳ – барои шахсе, ки қасди ворид шудан ба минтақаи Ҳилро дорад, гузаштани миқот бе эҳром ҷоиз мебошад, зеро ба сӯи хориҷи Ҳарам аз миқот гузаштааст, на ба сӯи Ҳарам. Гузаштани миқот бе эҳром, вақте нодуруст мебошад, ки ба сӯи Ҳарам ва Макка дохил шавад.

– Дар китоби «Фиқҳи исломӣ» ва «Эзоҳ дар бораи маносики ҳаҷ ва умра» омадааст: «Касе бо иродаи умра ва ё ҳаҷ аз ҷое гузар намояд, ки на ба миқоте наздикӣ дорад ва на дар баробари миқоте қарор гирифтааст, аз фосилаи ду марҳала роҳ аз Макка эҳром бандад. Ба монанди шахсе, ки аз роҳи баҳр ба Ҷадда ояд, ҳамон шаҳр миқотгоҳи ӯ мебошад, зеро Ҷадда на дар баробарии Яламлам воқеъ гардидааст ва на дар баробарии Робиғ ва на дар байни он ва Макка миқоти дигаре вуҷуд дорад. Дар айни ҳол фосилаи миёни он ва Макка ду марҳала роҳ мебошад. Фосилаи наздиктарин миқотҳо ба Макка ҳамин ду марҳала роҳ аст.[221] Дар «Фиқҳи исломӣ ва адиллатуҳу» ду марҳала роҳро ба 89 км баробар донистааст.[222] Ба андешаи мураттибони Мавсӯаи фиқҳии Кувайтӣ бастани эҳром аз Ҷадда ҳамчунин барои он дуруст аст, ки он дар баробари миқоти лаби баҳрии Ҷӯҳфа – Робиғ воқеъ шудааст ва миқотҳо ба паҳнои баҳр имтидод ёфтаанд.[223]

---

[221] Вале чӣ тавре дидем, Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар қарори №2-и худ, ки дар нишасти сеюми давраи панҷум ба тасвиб расонидааст, бо ин амр мухолифат намуда, бастани эҳром аз Ҷаддаро ҷоиз надонистааст. Барои маълумоти бештар дар ин бора ба мавзӯи «Эҳром» ва поварақиҳои 165 ва 166 муроҷиат шавад.

[222] Эзоҳ. – С. 121. Фиқҳи исломӣ, 3/2130.

[223] Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 2. – С. 147. Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ (Ҷ. 4. – С. 402-405) мавзӯъро дар боби «Зотуирқ барои аҳли Ироқ» мавриди баррасӣ қарор дода, сухани Нававиро дар ин бора дар «Шарҳи Муҳаззаб» зикр намудааст. Аз маҷмӯи гуфтаҳои фавқ бармеояд, ки бастани эҳром аз Ҷадда ба қавли бузургони мазҳаби шофеъӣ ҷоиз аст. Ба гуфтаи Нававӣ миқоти Зотуирқ барои аҳли Ироқ бо иҷтиҳоди Умар (р) муайян гардидааст, зеро он дар баробари миқоти Қарнулманозил воқеъ шудааст. Пас корбурди ин мавқеи иҷтиҳодӣ дар ҷойҳои дигар ҳам имкон дорад.

– Суннатҳо ва мустаҳаббот дар такмил ва зебоии рукнҳо ва воҷибот нақши муҳимме мебозанд ва дар инсиҷом ва муташаккилии қисматҳои гуногуни ибодат пайванд ва иртиботи устуворе ба вуҷуд меоваранд. Бо тарк ва ё нотамом анҷом додани онҳо нақсе дар камол ва костагие дар ҳусни ибодат ба вуҷуд меояд. Бо ин вуҷуд, чӣ тавре дидем, бо тарки онҳо дар ҷараёни баргузории маросими ҳаҷ ҳеҷ гуна ҷазое тааллуқ намегирад.

– Барои шахси офоқӣ – касе, ки берун аз қаламрави миқотҳои маконӣ зиндагӣ мекунад, пеш аз миқот – ҳанӯз ба миқот норасида ва ҳатто аз шаҳру сарзамини худ бастани эҳром ҷоиз аст ва агар аз мухолифати мамнӯоти эҳром эмин бошад, афзал аст. Вале аз назари баъзе мазҳабҳои дигари аҳли суннат пеш аз миқот эҳром бастан макрӯҳ аст, ба ҷуз миқоти Ҷӯҳфа, ки дар назди ҳама пеш аз он – аз Роғиб эҳром баста мешавад. Дар ҳадисе бо ривояти Уммисалама (р) омадааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Касе барои ҳаҷ ва ё умра аз Байтулмуқаддас эҳром бандад, гуноҳони гузашта ва ояндаи вай магфират шаванд»***.[224] Аз Алӣ (р) пурсида шуд, ки итмоми ҳаҷ ва умра дар ояти 196 сураи Бақара ба чӣ маъност? Фармуд: *«Ин ки аз ҷои зиндагонии аҳлат эҳром бандӣ!»*.[225]

## Э ҳ с о р

Эҳсор аз решаи ҳаср (**الحصر**) гирифта шуда, дар луғат ба маънои манъ кардан ва боздоштан аст ва дар истилоҳи шаръ ба маънои боздошта шудани ҳаҷгузор ва ё умракунанда аз адои рукне аз рукнҳои ҳаҷ ва умра мебошад. Эҳсор бо яке аз монеаҳои зерин ба амал меояд:

---

[224] Сунани Абӯдовуд, 1741; Сунани Ибни Моҷа, 3002. Абӯдовуд пас аз ривояти ҳадис меафзояд: Худо Вакеъро раҳмат кунад, ӯ аз Байтулмуқаддас эҳром баст, вале дигар коршиносони соҳа онро заъиф гуфтаанд.

[225] Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 2. – С. 148-149, ба нақл аз Мустадраки Ҳоким. 2/276.

1. Душмане ӯро аз идомаи сафари ҳаҷ ва расидан ба маконҳои баргузории маносики ҳаҷ ва ё пас расидан ба Макка аз анҷоми маносики ҳаҷ боздорад;

2. Амнияти роҳ ба сабаби пешомаде аз байн равад;

3. Беморие ногаҳон ӯро аз анҷоми маносики ҳаҷ ва ё умра боздорад;

4. Пас аз бастани эҳром аҷал фаро расад ва шахси муҳрим фавт намояд;

5. Молу нафақаашро аз даст бидиҳад ва аз идомаи анҷоми барномаи ҳаҷ ва ё умра нотавон гардад.

Дар тамоми ин суратҳо шахси муҳрим муҳсар гардида, яъне аз анҷоми маносики фаризаи ҳаҷ ва ё умра боздошта шуда, аз сӯи шариат барои чигунагии идомаи кори вай аҳкоми хоссе пешбинӣ шудааст, ки дар поён бо тафсил зикр мегарданд:

- Шахсе пас аз бастани эҳром ба дасти душмане ва ё ба сабаби беморие аз рафтан ба ҳаҷ боз дошта шавад, бояд худро ҳалол намуда, аз эҳромаш хориҷ гардад. Тариқаи худро ҳалол намудан он аст, ки агар ба ҳудуди Ҳарам ва ё Макка расида бошад, гӯсфандеро забҳ намуда ва пас аз он бо тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сараш аз эҳром хориҷ мегардад. Вале агар ба Ҳарам нарасида бошад, гӯсфанде ва ё қимати онро ҳамроҳи шахсе ба Ҳарам мефиристад ва вақтеро муайян мекунад, то намояндааш (он шахс) онро дар Ҳарам дар ҳамон рӯзи муайяншуда забҳ намояд. Намояндааш дар рӯзи муайянгардида гӯсфанди шахси боздошташударо ва ё гӯсфандеро, ки бо пули фиристодаи ӯ харидааст, забҳ намояд ва он шахс дар ҳамон рӯз дар ҳар куҷо, ки бошад, ҳалол мегардад. Хоҳ хабари забҳи ӯ барояш бирасад ё не.

- Шахси қорин агар баъди ба Ҳарам расидан боздошта шавад, ду гӯсфанд забҳ менамояд. Агар ба он ҷо нарасида бошад, ду гӯсфанд ва ё пули ду гӯсфандро мефиристад.

- Шахсе барои умра эҳром бандад ва бо яке аз сабабҳои зикршуда аз анҷоми он боздошта шавад, ба ҳамон тариқа худро аз эҳром ҳалол месозад.

- Хуни чорвои эҳсор бояд дар Ҳарам рехта шавад, дар ғайри Ҳарам ҷоиз нест.

- Шахсе, ки барои ҳаҷ эҳром баста ва аз анҷоми он боздошта шудааст, бар гарданаш як ҳаҷ ва умра аст ва шахсе, ки танҳо барои умра эҳром баста буд, бар гарданаш ҳамон як умра аст. Вале бар гардани ҳаҷгузори қорин дар оянда як ҳаҷ ва ду умра ва ё як ҳаҷҷи қирон ва як умра воҷиб мешавад.

- Шахси боздошташуда пас аз фиристодани гӯсфанд ва ё қимати он, ногоҳ мумониат ва бозмондагиаш бартараф гардад, ӯро яке аз се ҳолат дар пеш аст:

**а)** ё имкони дарёфти гӯсфанд ва ҳаҷ ҳардуро дорад, ки дар ин сурат худро бояд аз эҳром хориҷ насозад, балки воҷиб аст худро ба ҳаҷ расонад;

**б)** ё имкони дарёфти гӯсфандро дорад, вале дигар наметавонад ҳаҷро дарёбад, дар ин сурат худро ҳалол намояд ё ба андозае дер шуда бошад, ки дигар ҳардуро наметавонад дарёбад, дар ин ҳолат низ чунин кунад;

**в)** ё имкони дарёфти ҳаҷро дорад, на гӯсфандро, дар ин сурат ҳалол гардад ҳам ҷоиз мебошад, вале беҳтар он аст, ки ҳаҷ намояд.

- Агар муҳрим пас аз расидани ба Макка ва пеш аз вуқуфи дар Арафот боз дошта шавад ҳам, ҳукми муҳсарро дорад. Вале агар пас аз вуқуф ва пеш аз тавофи фарзӣ боздошта шавад, ҳаҷҷаш тамом гардидааст ва муҳсар ба шумор намеравад.[226] Агар иллати боздошташ беморӣ бошад ва худ натавонад тавоф намояд, ӯро бар тахти равон шинонда, тавоф медиҳанд. Агар сababи дигаре бошад, пас аз бартараф гардидани он тавофашро ба ҷо меоварад. Зеро тавофи фарзӣ ҳеҷ гоҳ фавт намешавад. Танҳо ин ки бо ба таъхир афтоданаш хуне воҷиб мегардад.

- Агар пас аз бастани эҳром фавт намояд, ҳама чиз аз вай соқит мешавад ва агар пас аз вуқуфи дар Арафот

[226] Агар аз ду рукни (фарзи) ҳаҷ – вуқуфи дар Арафа ва тавофи фарзӣ боздошта шавад, муҳсар ба шумор меравад, вале аз як руknаш муҳсар ба шумор намеояд. Агар танҳо аз вуқуфи дар Арафа боздошта шавад, ҳаҷҷаш фавт мегардад ва агар аз тавофи фарзӣ боздошта шавад, тавофаш ба таъхир меафтад.

фавт намояд, ҳаҷҷаш шаръан дуруст ва анҷомёфта ба шумор меравад. Зеро Расули Худо (с) фармудааст: ***«Ҳаҷ Арафа аст»***.[227]

Аз назари Абӯҳанифа (рҳ) ва имом Муҳаммад (рҳ) шахси боздошташуда бо забҳи гӯсфанде ҳалол мегардад ва дигар тарошидани сараш шарт нест, вале аз назари Абӯюсуф (рҳ) пас аз забҳ сарашро низ бояд битарошад. Аксари фақеҳони киром ва машоихи мазҳаб қавли Абӯюсуф (рҳ)-ро тарҷеҳ додаанд. Ҳадисҳои воридгашта дар ин бора низ назари Абӯюсуф (рҳ)-ро бештар таъйид менамоянд.[228]

## Ҳ а д й

Ҳадй ба он навъ қурбоние гуфта мешавад, ки дар маросими ҳаҷ дар Ҳарам забҳ мешавад.

Ин забҳ:

**а)** ё ба хотири хориҷ шудани шахси муҳсар (боздошташуда) аз эҳромаш сурат мегирад;

**б)** ё ба хотири ҷамъ намудани ду ибодати мустақил дар зимни як барнома ва як эҳром ва ба шукронаи Худо дар фароҳам намудани чунин имконият ва фурсате аз ҷониби ҳаҷгузори мутаматтеъ ва қорин ба ҷо оварда мешавад;

**в)** ё ба хотири ҷуброн ва каффорати ҷинояте ба ҷо оварда мешавад, ки шахси ҳаҷгузор дар мамнӯоти эҳром ва ё дар аъмоли ҳаҷ содир намудааст.

- Дар дуруст гардидани забҳи қурбонии ҳаҷҷи қирон ва таматтӯъ ду чиз шарт аст: Яке он ки дар Ҳарам забҳ шавад ва дигар он ки дар яке аз се рӯзи ид забҳ шавад. Агар дар рӯзи якуми ид забҳ шавад, бояд пас аз партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба забҳ гардад. Барои забҳи хуни эҳсор ва хуни ҷиноятҳо танҳо Ҳарам шарт аст,

---

[227] Сунани Ибни Моҷа, 3015.

[228] Аз ҷумла дар ҳадисе, ки Ибни Умар (р) дар он дар бораи сулҳи Ҳудайбия ривоят мекунад, омадааст: ***«...Пас (он Ҳазрат (с) қурбониашро наҳр (забҳ) кард ва сарашро тарошид...»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 2701, 4252).

на рӯзҳои ид. Балки пеш аз ид ва ё дар айёми ид ҳам метавонад онро забҳ намояд.

- Шахси ҳаҷгузор метавонад аз гӯшти қурбонии худ, агар барои ҳаҷҷи қирон, таматтӯъ ва ё нафлӣ бошад, истифода намояд, балки хӯрдани ӯ аз он мустаҳаб аст. Вале аз гӯшти қурбонии эҳсор ва ҷиноятҳо хӯрдани соҳибаш ҷоиз нест.

- Ҷил, банд ва ҳатто пӯсти қурбониро бояд садақа намояд, ҳамон тавре, ки гӯшташро бар мискинҳо садақа менамояд. Пули қассобро низ бояд аз худаш бипардозад. Қитъаи гӯшт ва ё пӯсти чорвои қурбониро ба унвони ҳақ ба қассоб додан дуруст нест.

- Танҳо аз се навъ ҳайвон қурбонӣ карда мешавад: 1. шутур; 2. гов; 3. гӯсфанд ва буз. Синну сол ва саломатии онҳо аз ҳар гуна айбу нуқсон дар боби қурбонӣ (узҳия) баён гардидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳаҷгузор бояд забҳи ин навъ қурбониро, яъне хуни шукронаи ҳаҷро ба қурбонии узҳия иштибоҳ нанамояд. Қурбонии иди Қурбон (узҳия) аз ҳаҷгузороне, ки аз беруни миқотҳо меоянд ва дар айёми ҳаҷ мусофир мебошанд, соқит аст. Вале агар ҳамин ҳаҷгузорон 15 рӯз қабл аз айёми ҳаҷ, яъне 15 рӯз пеш аз рӯзи Арафа ба он ҷо омада ва дар минтақаи Ҳил ва ё ҳудуди Ҳарам иқомат намуда бошанд, қурбонии узҳия низ дар сурати доштани шароити он, бар онҳо воҷиб мебошад.

## Ҳаҷҷи ниёбатӣ
## (ба намояндагӣ аз ҷониби шахси дигар)

- Шояд саволе ҳам ба миён ояд, ки оё шахсе метавонад аз ҷониби дигар кас ибодатеро анҷом диҳад? Дар ҷавоб бояд гуфт, ки ибодатҳо дар шариати Ислом се навъ мебошанд: 1. Ибодати сирф ҷисмонӣ, ба монанди намозу рӯза; 2. Ибодати сирф молӣ, ба монанди закот ва садақаи фитр ва 3. Ибодати молию ҷисмонӣ, ба монанди ҳаҷ.

1. Дар ибодатҳои ҷисмонӣ касе наметавонад аз ҷониби шахси дигаре фарзи ӯро ба ҷо оварад. Масалан,

ҷоиз нест, ки касе аз ҷониби шахси дигар рӯзаи фарзӣ ва ё намозҳояшро ба ҷо оварад.

2. Дар ибодатҳои молӣ фарзи якеро шахси дигаре метавонад аз ҷониби ӯ анҷом диҳад. Масалан, закот бар шахсе фарз шавад, вай метавонад барои худ намояндае бигирад ва он намояндааш закоти молашро пардохт намояд. Ҳатто шахс аз моли худ метавонад закоти моли дигар касро ба дастури вай адо намояд.

3. Дар навъи сеюми ибодатҳо, ки ҳарду ҷанбаи молӣ ва ҷисмонии дигар ибодатҳоро дар бар мегирад, агар шахс худаш аз лиҳози ҷисмонӣ тавоноии анҷом додани онро дошта бошад, пас бояд худаш онро анҷом диҳад. Дар ин ҳолат каси дигаре наметавонад онро аз ҷониби ӯ анҷом диҳад. Вале агар худаш аз анҷом додани он оҷиз ва нотавон бошад, шахси дигар метавонад онро ба ҷои ӯ анҷом диҳад. Яъне агар пас аз таҳаққуқи шароити вуҷуби ҳаҷ шароити анҷом додани он барояш муяссар набошанд. Ҳаҷ аз ҳамин навъи ибодатҳо аст.

- Албатта, он чи гуфтем, дар мавриди ибодатҳои фарз ва воҷиб аст. Аммо дар ибодатҳои нафлӣ ҳар кас метавонад савоби ибодати худро аз ин се навъи ибодат ба дигаре бибахшад. Хоҳ он кас дар қайди ҳаёт бошад, хоҳ аз ҷаҳон гузашта. Ҳатто метавонад савоби як ибодатро ба чанд нафар бибахшад. Ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат ин аст, ки савоби ҳар ибодат ба касе, ки бахшида шавад, ба он кас мерасад. Аз назари баъзе пешвоёни киром савоби ибодатҳои баданиро наметавон ба касе бахшид, (ҳамон гуна, ки дар Ҳидояи шариф омадааст), вале аксар бар онанд, ки бахшида метавонад.

Анҷом додани ҳаҷҷи фарзӣ аз ҷониби шахси дигаре дар китобҳои фиқҳ ба тафсил омадааст. Фақеҳони киром вуҷуди бист шартро дар он муҳим ва зарурӣ донистаанд, ки мо онҳоро ба таври хулоса зикр менамоем:

### Чаҳор шарти он ба шахси амркунанда (ҳаҷфармо) марбут аст:

1. Фарз гардидани ҳаҷ бар вай ва нотавон буданаш аз анҷоми он;

2. Доимӣ будани аҷзу нотавонии ӯ;

3. Пеш аз иқдом ба ҳаҷҷи ниёбатӣ оҷиз ва нотавон шудани ӯ;

4. Амр намудани касе ва ё васият кардан барои анҷом додани ҳаҷҷи бадал (ниёбатӣ);

**Чаҳор шарти дигари он ба шахси амршуда (ҳаҷкунанда) тааллуқ дорад:**

1. Мусалмон будани ӯ;
2. Оқил будани ӯ;
3. Дар сурати ноболиғ буданаш, бояд боақл ва наздик ба булуғ бошад;
4. Дар ивази ҳаҷ музд нагирифтан.

**Шартҳои боқимонда ба аъмоли ҳаҷ вобастаанд:**

1. Дар ҷараёни анҷом додани ҳаҷҷи бадал аксаран аз моли ҳаҷфармо сарф намудан. Агар каме аз моли худ сарф намояд, боке надорад.
2. Аксари масофаи роҳро бо нақлиёт паймудан. Дар сурати пиёда ҳаҷ кардан, ҳаҷ аз ҷониби ҳаҷфармо адо намеёбад.
3. Сафари ҳаҷро аз ватани ҳаҷфармо шурӯъ кардан.
4. Фосид накардани ҳаҷ.
5. Дар вақти бастани эҳром танҳо аз ҷониби ҳаҷфармо ният кардан.
6. Фавт накардани ҳаҷ.
7. Мухолифат накардан ба гуфтаҳо ва талаботи ҳаҷфармо.

Панҷ шарти дигар тафсили шарти ҳафтум мебошанд, ки зикри онҳоро зарур намешуморем.

Инҳо шартҳое мебошанд, ки ба ҳаҷҷи ниёбатии фарзӣ тааллуқ доранд.

Агар шахсе ҳаҷ ва умраи нафлиеро аз моли худ барои касе ба ҷо оварад, ҳеҷ гуна шарте вуҷуд надорад. Аммо агар ҳамин ҳаҷ ва умраи нафлиро бо моли ҳаҷфармо ба ҷо оварад, дар он сурат ба се шарти аввал вобастагӣ пайдо мекунад ва он се шарт ба шахси ҳаҷфармо тааллуқ доштанд.

- Ҳаҷҷи фарзие, ки бар асоси шартҳои боло баргузор мегардад, он ҳаҷ ва умра аз ҷониби ҳаҷфармо ба ҷо меоянд ва дар номи вай сабт мегарданд. Ба шахси анҷомдиҳандаи он бошад, савоби таовун ва ҳамкорӣ мерасад. Вай пас аз анҷоми ҳаҷҷи ниёбатӣ аз ҷониби ҳаҷфармо метавонад умраи нафлӣ, тавофи нафлӣ ва саъй барои худ анҷом диҳад. Умра ва ҳаҷҷи нафлӣ низ вақте ба пули ҳаҷфармо ба ҷо оварда шаванд, ибодати шахси ҳаҷфармо мебошанд ва ба анҷомдиҳандаи он савоби ҳамкорӣ ва амалаш мерасад.

- Албатта, ҳаҷ ва умраи нафлиеро, ки бо моли худаш ба ҷо оварда, савобашро ба касе бахшидааст, аз худи анҷомдиҳанда мебошанд ва ба он шахс савобаш мерасад.

- Ҳаҷҷи ниёбатиро беҳтар аст ҳамон одаме ба ҷо оварад, ки ҳаҷҷи фарзии худро қаблан анҷом додааст.

- Агар шахсе пас аз фавти падару модар ва ё дигар наздиконаш барои онҳо ҳаҷ намояд, Худованд савобашро ба онҳо мерасонад.

- Агар ворис ба ҷои мутаваффои (даргузаштаи) худ ҳаҷ намояд ва ё шахси дигареро барои ҳаҷ аз тарафи вай бифиристад, ҳарчанд мутаваффо пеш аз вафоташ ба он васият накарда бошад ҳам, умед аст, иншоаллоҳ, пазируфта шавад.

Чи тавре ҳаҷ ва умраро аз ҷониби шахси дигар метавон ба ҷо овард, ҳамчунин дар ҷараёни баргузории ҳаҷ баъзе бахшҳои онро метавон аз ҷониби дигар кас анҷом дод. Масалан, дар ҳолати аҷзу нотавонӣ ҳаҷгузор метавонад шахсеро ба ҷои худ ба партоби сангҳо бифиристад. Он шахс сангҳои ҳаҷгузори оҷизро бояд пас аз партоби сангҳои худ бизанад. Ҳамчунон метавонад шахсеро барои забҳи қурбониаш намоянда кунад. Дар забҳи қурбонӣ аз ҷониби дигар кас аҷзу нотавонии шахси амркунанда шарт нест, балки риояи тартиб дар миёни партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба дар рӯзи ид ва забҳи қурбонӣ шарт аст.

### Ҳаҷ карданиноболиғ

Ҳаҷ кардани кӯдакони ноболиғ аз дидгоҳи шариат ҷоиз аст, ҳарчанд ҳаҷҷи фарзии онҳо адо намеёбад, зеро ҳаҷҷи фарзӣ бар ноболиғ ҳанӯз воҷиб нагаштааст, то адо ёбад. Ҳаҷҷи кӯдакон бештар ҷанбаи таълимӣ дорад. Ин ҳаҷ барои онҳо хуб аст. Дар ҳар ҷое аз бастани эҳром ва ба ҷо овардани аъмоли ҳаҷ, агар ба чизе сарфаҳм нарафт ва ё амалеро натавонист анҷом диҳад, сарпарасташ онро аз ҷониби ӯ ба ҷо меоварад. Агар норасоӣ ва ҷинояте аз ӯ сар занад, бар асоси мазҳаби Имоми Аъзам (рҳ) бар вай ҷазое тааллуқ намегирад, яъне чизе бар вай воҷиб намегардад, зеро ин ҳаҷ барои вай ҳаҷҷи таълимӣ мебошад.

Ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар Равҳо (номи маконе) ба корвоне вохӯрд ва пурсид: Ин мардум кистанд? Гуфтанд: Мусалмонон. Онҳо пурсиданд: Ту кистӣ? Гуфт: Ман расули Худо. Зане (дарҳол) кӯдакеро бардошт ва пурсид: Оё барои ин ҳаҷҷе ҳаст? Он Ҳазрат (с) фармуд: Оре, ва барои ту аҷри он аст»***.[229]

Дар бораи ҳаҷ кардани кӯдакони ноболиғ ҳамроҳи Паёмбар (с) ривоятҳои зиёде ворид шудааст. Аз Ҷобир (р) ривоят шудааст, ки: ***«Ҳамроҳи Расули Худо (с) ҳаҷ кардем, дар ҳоле ки занон ва кӯдакон низ ҳамроҳи мо буданд. Мо худ аз ҷониби кӯдакон талбия гуфтем ва рамйи ҷимор кардем»***.[230]

Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Кадом кӯдаке (пеш аз балоғат) ҳаҷ намояд ва пас аз он ба синну соли гуноҳ (яъне балоғат) расад, бар вай воҷиб аст, ки бори дигар ҳаҷ намояд...»***.[231]

---

[229] Саҳеҳи Муслим, (1336)-409. Сунани Абӯдовуд, 1736.

[230] Сунани Ибни Моҷа, 3038. Муснади имом Аҳмад, 14410. – Ҷ. 3. – С. 314. Сунани Куброи Байҳақӣ, 9495. – Ҷ. 5. – С. 156.

[231] Сунани Куброи Байҳақӣ, 8396. – Ҷ. 4. – С. 325. Ҳоким ва Ибни Хузайма онро бо ин лафз ривоят кардаанд: ***«Вақте кӯдак ҳаҷ намояд, он то синну соли баақлиаш барояш ҳаҷ мебошад ва вақте баақл шуд, бар вай ҳаҷҷи дигаре воҷиб аст...»***. (Мустадраки Ҳоким, 1812. – Ҷ. 2. – С. 144. Саҳеҳи Ибни Хузайма, 3050. – Ҷ. 4. – С. 349).

## Истифодаи собун дар аснои эҳром

Шахси муҳрим агар дар ҳолати ғусл ва шустушӯи баданаш аз собун ва ишқор истифода намояд, чизе бар вай воҷиб намегардад.

Умуман, шустани сару рӯй ва ғусл намудан дар аснои эҳром ҳеҷ боке надорад. Ривоят шудааст, ки: *«Умар (р) ба Яъло ибни Умайя гуфт: Бар сарам об бирез. Яъло гуфт: Амири мӯъминон (ба ин масоил) огоҳтар аст. (Умар) фармуд: Ба Худо савганд, ки об жулидагии мӯи сарро бештар мегардонад. Он гоҳ Бисмиллоҳ гуфт ва бар сараш об рехт».*[232]

Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим ривоят шудааст, ки: ***«...Абӯайюби Ансорӣ дар бораи ғусли Расули Худо (с) дар вақти эҳром пурсида шуд. Вай сарашро хам намуд ва ба шахсе, ки бар сараш об мерехт, гуфт бирез. Вай бар сараш об рехт ва Абӯайюб дастонашро ба пеш ва ақиби сараш бурд ва тамоми онро шакид. Он гоҳ гуфт: Расули Худо (с)-ро дидам, ки чунин мекард».***[233]

Шоёни зикр аст, ки собун набояд хушбӯ ва муаттар бошад, зеро бо истифодаи собунҳое, ки дар таркибашон хушбӯи ҳамроҳ шудааст, ба монанди истифодаи худи хушбӯӣ бар шахс хун воҷиб мегардад.

## Ҳаҷ кардан аз моли ҳаром

Агар шахсе аз моли ғасбшуда ва ё аз роҳҳои ҳаром ба даст омада ҳаҷ намояд, фарзияти ҳаҷ аз горданаш соқит мегардад, вале аз он ҳаҷ барояш савобе ҳосил намешавад. Бинобар ин, бояд дар касби нафақаи ҳалол ҷаҳд намояд. Намоз низ, агар дар замини ғасбшуда ва ё бе иҷозати соҳиби замин гузошта шавад, дар зоҳир фарзи он соқит мегардад, вале ҳеҷ гуна савоб ва натиҷаи неке барои соҳибаш надорад.

---

[232] Муваттаи имом Молик, 704. – Ҷ. 1. – С. 323. Сунани Куброи Байҳақӣ, 8915. – Ҷ. 5. – С. 63.

[233] Саҳеҳи Бухорӣ, 1840. Саҳеҳи Муслим, 2881, 2882 (1205)-91, 92.

## Ворид шудани шахси фақир ба макка

- Шахсе, ки ҳанӯз шароити анҷом додани ҳаҷ, яъне тавоноии молӣ барояш фароҳам наомадааст, агар дар моҳҳои ҳаҷ вориди Макка гардад ва битавонад бе ҳеҷ гуна сахтӣ (машаққат) ва мумониате аз тарафи давлати мизбон, то фаро расидани рӯзҳои ҳаҷ дар Макка боқӣ бимонад, ҳаҷро ба ҷо меоварад. Ҳаҷҷи фарзиаш бо он ба ҷо меояд.

- Дар сурате ки ворид шудани вай ба Макка дар моҳҳои ҳаҷ набошад, ё тавоноии боқӣ мондан дар Маккаро то замони фаро расидани мавсими ҳаҷ надошта бошад ва ё аз тарафи давлат барои истодан мумониате ба вуҷуд ояд, бар ӯ анҷом додани танҳо яке аз ду маносики (ҳаҷ ва умра) воҷиб мебошад. Бо анҷом додани умра зиммааш соқит мешавад ва то замоне, ки тавоноии молӣ пайдо накунад, ҳаҷ бар вай фарз нест. Зеро то соли оянда дар Макка боқӣ мондани вай хеле мушкил мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки агар шахсе аз беруни миқотгоҳҳо ба Макка ва ҳудуди Ҳарам ворид шавад ва айёми ҳаҷ низ фаро расида бошад, анҷом додани ҳаҷ бар вай воҷиб мебошад. Аммо агар муддатҳо пеш аз айёми ҳаҷ ба он ҷо ворид шавад ва имконияти мондан то айёми ҳаҷро надошта бошад, чӣ тавре гуфта шуд ва ё пеш аз моҳҳои ҳаҷ ба он ҷо ояд, дар ин суратҳо танҳо анҷом додани як умра бар вай воҷиб мебошад. Дар сурати бе эҳром гузаштани миқот як хун бар вай воҷиб мегардад ва дар сурати ба ҷой наовардани умра ва ё ҳаҷ қазои як умра ва ё як ҳаҷ бар гарданаш воҷиб мебошад. Фақир ва поёнтар аз ҳадди иститоат будани имкониятҳои вай аз чунин ҳолат ӯро истисно намесозад.

## Ҳаҷҷи занони бемаҳрам

Ҳамроҳии шавҳар ва ё маҳрам бо зан дар мазҳаби ҳанафӣ шарти вуҷуби адо ва дар назди ҷумҳур шарти фарзияти ҳаҷ ба шумор меравад. Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Зан ҳаҷ намекунад, магар вақте ҳамроҳаш маҳраме бошад.***

***Марде гуфт: Эй Паёмбари Худо (с), ман дар ғазое номнавис шудаам ва ҳамсарам ба ҳаҷ баромадааст. Фармуд: Баргард ва ҳамроҳи вай ҳаҷ кун!»***.[234]

Бинобар ин, аз назари машоихи ҳанафӣ ва ҳанбалӣ барои занон ҷоиз нест, ки бе шавҳар ва ё маҳрами хеш, агар миёни эшон ва Макка фосилаи қаср ва ё бештар аз он вуҷуд дошта бошад, ҳаҷро ба ҷо оваранд. Вале дар мазҳаби моликӣ ва шофеъӣ доманаи онро васеътар гирифта вуҷуди ҳамроҳони сиқа – ҷамоае аз занон ва дар назди моликиён мардони солеҳро низ барои дуруст гардидани адои фаризаи ҳаҷ аз сӯи занон кофӣ донистаанд. Аз ин назар сафари ҳаҷ ба таври гурӯҳӣ ва дар ҷамоаи занони мутмаин, гарчанде афзал набошад, вале ҷоиз аст.

Бо ин вуҷуд агар зан бе ҳамроҳии шавҳар ва ё маҳрам ҳаҷ намояд, аз назари бузургони ҳанафӣ барои тарки фармоиши амниятии Ислом ва риоя накардани меъёрҳои ахлоқии он гунаҳгор мешавад, вале бо ҳамин фаризаи ҳаҷ аз зиммааш соқит мегардад.

Анҷоми ҳаҷҷи нафлӣ бошад, бо иттифоқи тамоми аиммаи дин бе шавҳар ва ё маҳрам, яъне ҳамроҳи ҷамоае аз занон ҷоиз нест.

## Норасоӣ ва ҷиноят дар аъмол ва манориси ҳаҷ танҳо бо забҳ (хун) ҷуброн мешавад

Фақеҳони киром дар ин мавзӯъ ду назар доранд. Баъзеҳо мегӯянд, ки бар вай хун (забҳ) лозим аст. Агар аз забҳи чорвое ба сабаби фақру нодорӣ ва ё камии нафақа оҷиз монад, хун бар гарданаш ҳамчунон боқӣ мемонад ва дар ватанаш вақте қудрати молӣ пайдо кард, онро ба дасти шахсе мефиристад, то дар Ҳарам барояш хун намояд.

Назари баъзе дигари аз фақеҳон ин аст, ки дар сурати надоштани қудрат ва тавоноии молӣ барои хариди

---

[234] Эълоуссунан онро аз Муснади Баззор ва Сунани Дорақутнӣ ривоят кардааст. – Ҷ. 5. – С. 12. Ин ҳадис дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим бо лафзи: ***«Зан сафар намекунад, магар ҳамроҳи маҳрам! ...»***, ривоят шудааст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1862, 3006, 3061, 5233; Саҳеҳи Муслим, 3259 (1341)-424).

гӯсфанд гирифтани рӯза ба ҷои он кифоят мекунад. Чӣ тавре ба ҷои забҳи қирон ва таматтӯъ ва ба ҷои забҳи фидя (дар боби маъзур) ва ба ҷои забҳи ҳайвоне дар қатли сайди Ҳарам гирифтани рӯза ҷоиз мебошад, барои ҷинояте, ки бо содир намудани он хун воҷиб мешавад, се рӯз ва ба ҷои садақае, ки ба андозаи садақаи фитр аст, як рӯз рӯза мегирад. Вале барои рӯзаи фидя ва рӯза дар ивази хун рӯзҳои ҳаҷ шарт нест, он гуна, ки дар рӯзаи ивази забҳи қирон ва таматтӯъ шарт аст.

Бояд гуфт, рӯзае, ки дар ивази забҳи қирон ва таматтӯъ ва ба ҷои забҳи фидя ва ё ба ҷои забҳ дар ивази қатли сайди Ҳарам ҷоиз мешавад, бо далели қуръонӣ собит гардидааст. Вале дар бораи рӯза дар ивази хуни ҷиноят дар аъмол ва маносики ҳаҷ далели қуръонӣ ворид нагардидааст. Бинобар ин, аксари фақеҳон назари аввалро тарҷеҳ медиҳанд.

**Ҷадвали аҳком, маносик ва аъмоли ҳаҷ**

| | **Амалҳо** | **Ҳукми онҳо** |
|---|---|---|
| 1 | Ҳукми ҳаҷ | Фарзи фаврист бар шахси тавонманд |
| 2 | Ҳукми умра | Суннати муаккада |
| 3 | Эҳроми ҳаҷ – нияти он | Шарти дуруст гардидани ҳаҷ |
| 4 | Эҳроми умра – нияти он | Шарти дуруст гардидани умра |
| 5 | Эҳром бастан аз миқот | Воҷиб |
| 6 | Пайвастани эҳром бо талбия | Воҷиб |
| 7 | Ғусл барои эҳром | Суннат (мустаҳаб) |
| 8 | Хушбӯӣ задан барои эҳром | Суннат (мустаҳаб) |
| 9 | Талбия гуфтан | Воҷиб |
| 10 | Тавофи қудум барои ҳаҷгузори муфрид ва қорин | Суннат |
| 11 | Нияти тавоф | Шарт |
| 12 | Аз рӯ ба рӯи Ҳаҷаруласвад шурӯъ намудани тавоф | Воҷиб |
| 13 | Хонаро дар тарафи чапи худ қарор додан | Воҷиб |

| | | |
|---|---|---|
| 14 | Тавофро бо пои худ анҷом додан (барои касе, ки бар роҳ рафтан қодир мебошад) | Воҷиб |
| 15 | Пок будан аз ҳарду ҳадас дар вақти тавоф | Воҷиб |
| 16 | Пок будани либос ва бадан | Суннат |
| 17 | Аз пушти Ҳатим – Ҳиҷр тавоф намудан | Воҷиб |
| 18 | Дар дохили масҷид тавоф намудан | Шарт |
| 19 | Ҳафт даври тавоф | Воҷиб |
| 20 | Пайиҳам анҷом додани давр-ҳои тавоф (пайдарпайӣ) | Суннат |
| 21 | Сатри аврат дар вақти тавоф | Воҷиб |
| 22 | Ду ракъат намози пас аз тавоф | Воҷиб |
| 23 | Тавофи умра | Рукн |
| 24 | Саъйи байни Сафо ва Марва | Воҷиб |
| 25 | Пас аз тавоф анҷом додани саъй | Воҷиб |
| 26 | Нияти саъй | Воҷиб |
| 27 | Аз Сафо шурӯъ намудан ва дар Марва ба поён расони-дани саъй | Воҷиб |
| 28 | Саъйро бо пои худ анҷом додан (барои касе, ки бар роҳ рафтан қодир бошад) | Воҷиб |
| 29 | Ҳафт бор саъй намудан | Воҷиб |
| 30 | Муволот дар миёни маро-тиби саъй | Суннат |
| 31 | Тарошидан ва ё кӯтоҳ на-мудани мӯи сар дар умра | Воҷиб |
| 32 | Шаби Арафаро дар Мино гузаронидан | Суннат |
| 33 | Вуқуфи дар Арафот | Рукн |
| 34 | Вақти вуқуфи дар Арафот | Пас аз заволи рӯзи Арафа то дамидани субҳи рӯзи ид |

| | | |
|---|---|---|
| 35 | Агар рӯзона дар Арафот бошад, то баъд аз ғуруби офтоб истодан | Воҷиб |
| 36 | Ҷамъи таъхир намудани намози шом ва хуфтан дар Муздалифа | Воҷиб |
| 37 | Вуқуфи дар Муздалифа | Воҷиб, агарчи лаҳзае ҳам бошад, пас аз дамидани субҳи рӯзи ид то пеш аз баромадани офтоб |
| 38 | Задани сангҳои Ҷамраи Ақаба дар рӯзи ид | Воҷиб |
| 39 | Забҳ барои қорин ва мутаматтеъ | Воҷиб |
| 40 | Тарошидан ва ё кӯтоҳ намудани мӯи сар дар ҳаҷ | Воҷиб |
| 41 | Тартиб дар миёни сангзанӣ, забҳ ва сартарошӣ | Воҷиб |
| 42 | Тавофи ифоза | Рукн |
| 43 | Дар се рӯзи ид ба ҷо овардани тавофи ифоза | Воҷиб |
| 44 | Пас аз партоби сангҳои Ҷамраи Ақаба ва забҳ ба ҷо овардани тавофи ифоза | Суннат |
| 45 | Партоби сангҳои сегона дар айёми ташриқ | Воҷиб |
| 46 | То шаб ба таъхир наандохтани сангзанӣ | Суннат |
| 47 | Шабҳои ташриқро дар Мино гузаронидан | Суннат |
| 48 | Тавофи видоъ | Воҷиб |
| 49 | Анҷом додани умра дар айёми ташриқ | Макрӯҳи таҳримӣ |
| 50 | Тартиби партоби сангҳо дар миёни ҷамраи хурдӣ, миёна ва бузург | Суннат |

# БАХШИ СЕЮМ

- **Зикрҳо ва дуъоҳои зарурӣ дар ҳаҷ**
- **Тавсияҳои муҳим барои ҳаҷгузор**
- **Зиёрати Мадинаи мунаввара**

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

فَإِذَآ أَفَضۡتُم مِّنۡ عَرَفَٰتٖ فَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ عِندَ ٱلۡمَشۡعَرِ ٱلۡحَرَامِۖ
وَٱذۡكُرُوهُ كَمَا هَدَىٰكُمۡ وَإِن كُنتُم مِّن قَبۡلِهِۦ لَمِنَ ٱلضَّآلِّينَ ١٩٨

**«Ҳангоме аз Арафот (ба сӯи Муздалифа) хориҷ шудед, Худоро дар назди Машъарулҳаром ба ёд оваред ва Ӯро аз баҳри ҳидояте, ки бароятон иноят фармуда, зикр намоед ва воқеан ҳам, пеш аз ин аз гумроҳон будед!».**

(Бақара, 2: 198).

## ЗИКРҲО ВА ДУЪОҲОЕ, КИ ДАР ҶАРАЁНИ БАРГУЗОРИИ АЪМОЛ ВА МАНОСИКИ УМРА ВА ҲАҶ ГУФТА МЕШАВАНД

Аз Абӯҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуд:

**«الحاجُّ والعُمَّار وفدُ اللهِ، إِن دَعَوْهُ أَجابَهُم، وإِن اسْتَغْفَرُوهُ غفَرَ لَهُم»**

***«Ҳаҷгузор ва умракунанда меҳмони Худоанд. Агар Ӯро дуъо кунанд, дуъояшонро иҷобат менамояд ва агар аз Ӯ магфират хоҳанд, онҳоро магфират мекунад».***[235]

Мавсими ҳаҷ аз назари замонӣ ва маконӣ беҳтарин маконҳои муқаддас ва гуворотарин лаҳзаҳои иҷобати дуъоро гирд овардааст. Шахси ҳаҷгузор бо истифода аз он сарзаминҳои муқаддас ва лаҳзаҳои нотакрори мавсими ҳаҷ тамоми орзӯҳои нек ва хостаҳои машрӯи худро дар пешгоҳи Худованд матраҳ месозад ва барои пазириш ва таҳаққуқи онҳо дуъо ва илтиҷо менамояд.

Аз Ҳасани Басрӣ (рҳ) нақл аст, ки дар понздаҳ мавзеъ аз он сарзамини орзуҳо дуъо ба иҷобат мерасад: дар тавоф, назди Мултазам, дар зери мизоб (новадони хонаи Каъба), дар дохили хона, назди оби Замзам, бар кӯҳи Сафо ва Марва, дар саъйгоҳ, дар пушти Мақоми Иброҳим, дар дашти Арафот, дар Муздалифа, дар Мино ва дар назди се ҷамра. Пас бояд ҳаҷгузор ин фурсатҳои мусоидро аз даст надиҳад ва худро аз ин дастовардҳои илоҳӣ маҳрум насозад ва дар дуъои хайр бикӯшад.

**1.** Вақте чашмаш ба хонаи Каъба афтод, бигӯяд:

**اللَّهُمَّ زِدْ هذا البَيتَ تَشْرِيفاً وتَعْظِيماً وتَكْرِيماً ومَهابةً**

**«Аллоҳумма, зид ҳозалбайта ташрифан ва таъзиман ва такриман ва маҳобатан!».**

***«Бор Худоё! Бар шарофату азамат ва каромату маҳобати ин хона биафзой!».***[236]

---

[235] Сунани Ибни Моҷа, 2892.

Ҳамчунин бигӯяд:

«اللَّهُمَّ أَنْتَ السَّلامُ وَمِنْكَ السَّلام، حَيِّنا رَبَّنا بِالسَّلام»

**«Аллоҳумма, анта-с-салому ва минка-с-салом, ҳаййино раббано би-с-салом!».**

***«Худовандо! Сарчашмаи тамоми саломатиҳо Туӣ ва тамоми онҳо аз ҷониби Туст!. Парвардигоро! Моро ба саломат зинда бидор!».*** [237]

**2.** Дар вақти истилом ва бӯсидани Ҳаҷаруласвад хуб аст бигӯяд:

«بسم الله والله أكبر، اللَّهُمَّ إيماناً بك وتَصْديقاً بكِتابِك

ووفاءً بعهدك واتِّباعاً لِسنَّة نَبِيِّك (ص)»

**«Бисмиллоҳи валлоҳу Акбар, Аллоҳумма, имонан бика ва тасдиқан бикитобика ва вафоан биаҳдика ваттибоъан лисуннати набийийка (с)!».**

***«Ба номи Худо ва Худо бузургтар аст. Худоё! Инак, бо имони ба Ту, тасдиқи ба китобат, вафои ба аҳдат ва бо пайравӣ аз суннати Паёмбарат (с)!».*** [238]

Дар ҳолати рамал дар се даври аввали тавоф бигӯяд:

«اللَّهُمَّ اجْعلهُ حجًّا مَبرورًا وذَنْباً مَغْفورًا وسَعْياً مَشْكورًا»

**«Аллоҳуммаҷъалҳу ҳаҷҷан мабруро ва занбан мағфуро ва саъйан машкуро!».**

---

[236] Сунани Куброи Байҳақӣ, 8995. – Ҷ. 5. – С. 83. Байҳақӣ онро мунқатеъ гуфтааст, вале аз Суфёни Севрӣ аз Абӯсаъиди Шомӣ аз Макҳул шоҳиди мурсале дорад. Мусаннафи Ибни Абӯшайба, 29624. – Ҷ. 6. – С. 81. Дар идомаи ҳадис омадааст: ***«...ва бар шарофат, азамат, каромат ва некӯии ҳаҷгузор ва умракунандае, ки онро бузург дорад, низ биафзой!».***

[237] Сунани Куброи Байҳақӣ, 8997. – Ҷ. 5. – С. 73. Мусанафи Ибни Абӯшайба, 15754, 15755. – Ҷ. 3. – С. 437. Саъид ибни Мусайяб ин хабарро аз падараш аз Умар (р) ривоят кардааст.

[238] Сунани Куброи Байҳақӣ, 9332. – Ҷ. 7. – С. 173. Ал-азкори Нававӣ. – С. 161. Дар Сунани Куброи Байҳақӣ оғози дуъо: «Бисмиллоҳи валлоҳу акбар» аз Ибни Умар (р) ва идомаи он бе ибораи «ва вафоан биаҳдика» аз Алӣ (р) дар ду ҳадис ривоят шудааст.

***«Бор Худоё! (Ин)-ро ҳаҷҷи мавриди ризо ва қабули худ, гуноҳи бахшуда ва кӯшиши ситуда бигардон!».***[239]

Дар миёни рукни Ямонӣ ва рукни Ҳаҷаруласвад бигӯяд:

«اللَّهُمَّ ربَّنا آتِنا في الدُّنيا حَسنَةً و في الآخِرةِ حسَنةً وقِنا عذابَ النَّار»

**«Аллоҳумма раббано, отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фил охирати ҳасанатан ва қино ъазоба-н-нор!».**

***«Бор Худоё! Парвардигоро! Дар дунё ва охират тамоми хубиҳоро насиби мо бигардон ва аз азоби дӯзах моро нигаҳ дор!».***[240]

Ин беҳтарин дуъоест, ки дар тавоф гуфта мешавад. Ғайр аз инҳо ҳар дуъое, ки барои ислоҳи дунё ва салоҳи охираташ медонад, бигӯяд. Ҳатто агар бо забони арабӣ надонад, бо забони худаш дуъо намояд.

Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки дар байни ин ду рукн дуъо мекард: **«Раббӣ қанниънӣ бимо разақтанӣ ва борик лӣ фиҳӣ вахлуф ъало кулли ғоибатин лӣ бихайр!»**.

***«Парвардигоро, маро баончи рӯзӣ додаӣ, қонеъ бигардон ва дар он бароям баракат бидеҳ ва ҳар ғоибе, ки дорам, онро ба хайр нигаҳ дор!».***[241]

**3.** Пас аз тавоф вақте ба сӯи Мақоми Иброҳим меравад, ояти:

وَٱتَّخِذُواْ مِن مَّقَامِ إِبۡرَٰهِـۧمَ مُصَلًّى ...

**«Ваттахизӯ мин мақоми Иброҳима мусалло»**-ро бихонад.[242] Пас аз ду ракъат намоз ҳарчи мехоҳад, дуъо намояд. Аз ҷумла, метавонад ин дуъоро бихонад:

---

[239] Ал-азкори Нававӣ. – С. 161.

[240] Абдуллоҳ ибни Соиб (р) мегӯяд: ***«Расули Худо (с)-ро дар байни он ду рукн шунидам, ки: Раббано, отино… (дуъои мазкурро) мегуфт»***. (Сунани Абӯдовуд, 1892. Мустадраки Ҳоким, 1716. – Ҷ. 2. – С. 106).

[241] Мустадраки Ҳоким, 3411. – Ҷ. 3. – С. 101, 102.

[242] Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад: ***«Паёмбар (с) ба Макка омад ва ҳафт бор ба даври Каъба тавоф кард. Он гоҳ ин оятро хонд ва дар пушти мақоми Иброҳим намоз гузорид. Сипас ба сӯи***

**اللَّهُمَّ أَنا عَبدُك وابْنُ عبدِك أتيتُك بذُنوبٍ كَثيرةٍ وأعمالٍ سَيِّئةٍ وهذا مَقامُ العائذِ بِكَ من النَّارِ. فَاغْفِرْ لِي إِنَّكَ أَنتَ الْغَفور الرَّحِيم.**

**«Аллоҳумма, ана ъабдука вабну ъабдика атайтука бизунубин касиратин ва аъмолин саййиаҳ ва ҳозо мақомул ъоизи бика мина-н-нор. Фағфир лӣ, иннака антал ғафуру-р-раҳим».**

***«Худоё, ман банда ва фарзанди бандаи Туам. Инак, бо гуноҳони бешумор ва аъмоли бадам ба дари хонаи Ту омадам ва ин ҷойгоҳ мақоми паноҳбарандаи ба Ту аз оташ аст. Пас маро биомурз, ки бешак, Туӣ омурзандаи меҳрубон!»***.[243]

Пас аз ду ракаъат намози тавоф вақте дар рӯ ба рӯи дари Каъба ё Мултазам ва ё Ҳаҷаруласвад меистад, хуб аст ин дуъоро бигӯяд:

**«Аллоҳумма, лакал ҳамду ҳамдан ювофӣ ниъамака ва юкофиу мазидака. Аҳмадука биҷамиъи маҳомидика, мо ъалимту минҳо ва мо лам аълам ъало ҷамиъи ниъамика, мо ъалимту минҳо ва мо лам аълам. Аллоҳумма, саллӣ ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад!.**

**Аллоҳумма, аъизнӣ мина-ш-шайтони-р-раҷим ва аъизнӣ мин кулли суин ва қанниънӣ бимо разақтанӣ ва борик лӣ фиҳӣ!. Аллоҳуммаҷъалнӣ мин акрами вафдика ъалайка ва алзимнӣ сабила-л-истиқомати ҳатто алқока, ё рабба-л-ъоламин!».[244]**

**4.** Ҳангоми нӯшидани оби Замзам рӯй ба қибла оварад, «Бисмиллоҳ…» бигӯяд ва хуб аст, ки онро бо се дам ва ё дар се навбат бинӯшад ва пас аз ҳар даме ба сӯи хонаи Каъба назар афканад ва Худоро шукр гӯяд ва дар охир дуъо кунад: **«Аллоҳумма, асалука илман нофиъан ва ризқан восиъан ва шифоан мин кулли доин!»**.

---

***Ҳаҷаруласвад баргашт ва онро истилом намуд ва фармуд: Саъйро аз он ҷое сар мекунем, ки Худо онро дар ибтидо зикр кардааст. Пас аз кӯҳи Сафо шурӯъ намуд. …»***. (Сунани Абӯдовуд, 3969. Сунани Тирмизӣ, 856, 862. Сунани Насоӣ, 2961, 2974).

[243] Ал-азкори Нававӣ. – С. 161.

[244] Ал-азкори Нававӣ. – С. 162.

***«Худоё, ман аз Ту илми нофеъ, ризқи кушода ва шифои аз ҳар дарду бемориро масъалат менамоям!».***[245]

Ривоят шудааст, ки Ибни Аббос (р) ба марде насиҳат кард: ***«Вақте аз оби Замзам нӯшидӣ, ба қибла рӯй биовар, номи Худоро зикр намо (Бисмиллоҳ бигӯ) ва онро бо се дам бинӯш ва аз он бо шикамсерӣ бинӯш ва чун фориғ гаштӣ, Худоро шукр бигӯ!. Зеро Расули Худо (с) мефармояд: Нишонае, ки моро аз мунофиқон ҷудо месозад, ин аст, ки онҳо аз оби Замзам бо шикамсерӣ наменӯшанд».***[246]

**5.** Вақте ба кӯҳи Сафо наздик мешавад, ояти:

إِنَّ ٱلصَّفَا وَٱلۡمَرۡوَةَ مِن شَعَآئِرِ ٱللَّهِۖ فَمَنۡ حَجَّ ٱلۡبَيۡتَ أَوِ ٱعۡتَمَرَ فَلَا جُنَاحَ عَلَيۡهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِمَاۚ وَمَن تَطَوَّعَ خَيۡرٗا فَإِنَّ ٱللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ ﴿١٥٨﴾

**«Инна-с-Сафо ва-л-Марвата мин шаъоириллоҳ, фаман ҳаҷҷал байта авиътамара фало ҷуноҳа ъалайҳи ан яттаввафа биҳимо. Ва ман татавваъа хайран, фаинна-л-лоҳа шокирун ъалим»**-ро бихонад.

Вақте ба кӯҳи Сафо баромад, рӯй ба ҷониби Каъба намуда, се бор ин дуъоро бихонад:

لا إله الاَّ اللهُ وحده لا شريك له، له المُلكُ وله الحَمدُ وهو علي كُلِّ شيءٍ قديرٌ؛ صَدَق اللهُ وعده ونصر عبدَه وهزَمَ الأَحْزاب وحدَهُ.

**«Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ъало кулли шайин қадир, садақаллоҳу ваъдаҳ ва насара ъабдаҳ ва ҳазамал аҳзоба ваҳдаҳ».**[247]

---

[245] Мустадраки Ҳоким, 1782. – Ҷ. 2. – С. 132.

[246] Сунани Ибни Моҷа, 3061. Мустадраки Ҳоким, 1781. – Ҷ. 2. – С. 131. Бусайрӣ дар «Мисбоҳ» (1063) исноди онро саҳеҳ ва ровиёнаширо мувассақ гуфтааст.

[247] Ин дуъо қисмате аз ҳадиси Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) мебошад. Вай дар идомаи ҳадис мегӯяд: ***«Паёмбар (с) вақте ба болои кӯҳи Сафо баромад, рӯй ба қибла овард ва Худоро ба ягонагӣ ва бузургӣ ёд намуд ва дуъои мазкурро гуфт. Он калимотро се бор такрор намуд ва ҳар боре дар байни он дуъо мекард. Пас аз он ба сӯи Марва поин шуд ва ҳамин ки дар миёнаи водӣ қадам гузошт, ҳаракати худро тезонд… ва вақте ба кӯҳи Марва баромад, тамоми он чиро, ки дар кӯ-***

Дар ин миён ҳар чи мехоҳад, барои ниёзҳои дунё ва охирати худ дуъо намояд.

Ҳангоми давидан дар миёнаи милҳои (нишонаҳои) сабз ин дуъоро бихонад:

«رَبِّ اغْفِرْ وَارْحَمْ وأنتَ الأَعَزُّ الأَكْرَمُ وتَجاوَزْ عمّا تَعْلَمْ»

**«Раббиғфир варҳам ва антал аъаззул акрам ва таҷоваз ъаммо таълам!».**

Ҳангоми ҳаракат аз Мино ба сӯи Арафот хуб аст дуъо кунад:

**«Аллоҳумма, илайка таваҷҷаҳту ва ваҷҳака-л-карима арадту, фаҷъал занбӣ мағфуран ва ҳаҷҷӣ мабруран варҳамнӣ ва ло тухаййибнӣ!. Иннака ъало кулли шайъин қадир!».**[248]

**6.** Дар бораи зикрҳои Арафот Паёмбар (с) мефармояд: ***«Беҳтарин дуъо, дуъо дар рӯзи Арафа аст ва беҳтарин сухане, ки ман ва паёмбарони пеш аз ман гуфтаанд: Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ъало кулли шайин қадир!, мебошад».***[249]

Он рӯз рӯзи дуъост. Арафа асос ва ҷавҳари ҳаҷро ташкил медиҳад. Шахси ҳаҷгузор бояд бикӯшад, то аз он мавқифи азим ва лаҳзаҳои иҷобати дуъо, ки дар соле як бор ва шояд дар умри ӯ камтар такрор ёбанд, болотарин истифодаро намояд. Дастори маънавиёт ва кулвори шахсияташро аз алтофи бекаронаи Худованд пур созад.[250]

Эй тиҳидаст рафта дар бозор,
Тарсамат пур наёварӣ дастор!

Дар Сунани Тирмизӣ аз Алӣ (р) ривоят шудааст, ки аксари дуъои Паёмбар (с) дар мавқифи Арафот ин буд:

---

***ҳи Сафо анҷом дода буд, ба ҷой овард».*** (Саҳеҳи Муслим, 2941 (1218)-147. Сунани Абӯдовуд, 1905, 1906).

[248] Ал-азкори Нававӣ, с.163.

[249] Сунани Тирмизӣ, 3585. Шайх Албонӣ низ онро саҳеҳ гуфтааст.

250 Дастор – локӣ ва порчае, ки ба он бозорӣ мекунанд; Кулавор ва кулвор – борхалта; Алтоф – ҷамъи лутф ба маънои навозишҳо.

اللَّهُمَّ لك الحَمدُ كالَّذِي تَقولُ وخَيرًا مِمَّا نَقولُ. اللَّهُمَّ لك صَلاتِي ونُسُكِي ومَحْيَايَ ومَماتِي وإلَيكَ مَئالي ولَك ربِّي تُراثِي. اللَّهُمَّ إنِّي أعُوذُ بك من عذابِ القَبرِ ووسوَسةِ الصَّدرِ وشَتاتَ الأمْرِ. اللَّهُمَّ إنِّي أعُوذُ بك من شرِّ ما تَجِيءُ بِهِ الرِّيحُ.

**«Аллоҳумма, лакал ҳамду каллазӣ тақӯлу ва хайран миммо нақӯл!. Аллоҳумма, лака салотӣ ва нусукӣ ва маҳёя ва мамотӣ ва илайка маолӣ ва лака раббӣ туросӣ!. Аллоҳумма, иннӣ аъӯзу бика мин ъазоби-л-қабри ва васвасати-с-садри ва шатоти-л-амри!. Аллоҳумма, иннӣ аъӯзу бика мин шарри мо таҷиу биҳи-р-риҳ!».**

***«Худоё! Ҳамду сано Туро ба гунае, ки худ мегӯӣ ва беҳтар аз он чӣ мо мегӯем. Худовандо! Намозу ибодат ва зиндагонию маргам ҳама барои Туст, бозгашт ва саранҷоми корам низ ба сӯи Туст ва аз они Туст, Парвардигоро, бозмондаи ман!. Худоё! Аз азоби қабр, васвасаи садр (дил) ва парешонии корам (ҳолам) ба Ту паноҳ мебарам. Бор илоҳо! Аз шарри он чӣ бод меоварад (бодовард), ба Ту паноҳ меҷӯям!».***[251]

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Ҳар мусалмоне бегоҳи рӯзи арафа дар мақифи Арафот рӯ ба қибла биистад ва сад бор: Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд, юҳйи ва юмиту ва ъало кулли шайъин қадир, бигӯяд, сад бор сураи Фотиҳаро бихонад, сад бор: Ашҳаду ан-ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳ, бигӯяд, сад бор: Субҳоналлоҳи вал ҳамду лиллоҳи ва ло илоҳа иллаллоҳу валлоҳу акбар ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ, бигӯяд, он гоҳ сад бор сураи Қул ҳуваллоҳро бихонад ва дар охир сад бор: Аллоҳумма, саллӣ ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад, камо саллайта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳим, иннака ҳамидун маҷид ва ъалайно маъаҳум, бигӯяд, Худои таъоло гӯяд: Эй фариштагони Ман, подоши ин бандаам, ки Маро ба покӣ, ягонагӣ, бузургиву аза-***

[251] Сунани Тирмизӣ, 3520.

***мат ва маҷд ёд кард ва бар Ман санои хайр гуфт ва бар Паёмбарам дуруд фиристод, чист? Эй фариштагонам, шоҳид бошед, ки Ман ӯро магфират намудам ва дар нафси худаш шафеъ қарор додам ва агар бихоҳад, ӯро барои аҳли мавқиф низ шафеъ мегардонам!»***.[252]

Дар он рӯзи иҷобати дуъо хуб аст ин дуъоҳоро низ бихонад:

**«Аллоҳумма, иннӣ заламту нафсӣ зулман касиран ва ло яғфиру-з-зунуба илло анта, фағфир лӣ мағфиратан мин ъиндика варҳамнӣ. Иннака антал ғафуру-р-раҳим!»**.[253]

**«Аллоҳуммағфир лӣ мағфиратан туслиҳу биҳо шаънӣ фиддорайн, варҳамнӣ раҳматан асъаду биҳо фиддорайн ва туб ъалайя тавбатан насуҳан ло анкусуҳо абадан ва алзимнӣ сабилал истиқомати ло азиғу ъанҳу абадан!»**.[254]

**«Аллоҳумманқулнӣ мин зулли-л-маъсияти ило ъиззи-т-тоъати ва ағнинӣ биҳалолика ъан ҳаромика ва битоъатика ъан маъсиятика ва бифазлика ъамман сивока!»**.[255]

Ҳангоми ифоза – хориҷ шудан аз Арафот ба сӯи Муздалифа истиғфору дуъоро зиёд намояд, зеро Худованд дар ин лаҳзаҳо шахси ҳаҷгузорро ба истиғфор амр намуда, аз омурзандагӣ ва раҳимияти хеш сухан гуфтааст, он ҷо ки мефармояд: **«Пас аз он аз ҳамон ҷое, ки мардум хориҷ шудаанд, ҳаракат кунед ва аз Худо талаби омурзиш намоед!. Зеро Худованд воқеан ҳам, омурзандаи меҳрубон аст»**.[256]

---

[252] Эълоуссунан. – Ҷ. 5. – С. 132.

[253] ***«Парвардигоро, ман бар худ бисёр зулм кардаам ва касе ҷуз Ту гуноҳонро намебахшад. Пас бо магфирате аз назди худат маро мавриди омурзиш ва раҳмати хеш қарор деҳ. Зеро Ту омурзандаи меҳрубонӣ!»***. (Ал-азкори Нававӣ. – С. 164).

[254] ***«Парвардигоро, маро мавриди чунон магфирате қарор деҳ, ки дар ҳарду саро шаънамро ба ислоҳ биоварӣ ва маро раҳмате намо, ки бо он дар ҳарду ҷаҳон хушбахт гардам ва бароям тавбаи содиқе насиб гардон, ки онро ҳаргиз нашканам ва дар роҳи пойдорӣ чунон устувор бидор, ки дигар гумроҳ нагардам!»***. (Ал-азкори Нававӣ. – С. 164).

[255] ***«Паврвардигоро, маро аз зиллати маъсияту гуноҳ ба иззату шарафи тоъат бирасон ва бо ҳалолат аз ҳаром, бо тоъатат аз маъсият ва бо фазлу карамат аз гайри худат бениёз бигардон!»***. (Ал-азкори Нававӣ. – С. 164).

[256] Сураи Бақара, 2: 199.

**7.** Шаби ид дар Муздалифа, ба хусус пас аз дамидани субҳ то пеш аз тулӯи офтоб, ба дуъо ва зикри Худо пардозад. Муздалифа низ яке аз мавқифҳо ва ҷои анҷоми маносики ҳаҷ мебошад. Худованд ҳоҷиёнро дар ин Машъари азим – Машъарулҳаром ба ёди худ фаро хондааст, он ҷо ки мефармояд:

**«Вақте аз Арафот (ба сӯи Мино) бозгаштед, Худоро дар канори Машъарулҳаром ёд намоед!. Ба ёди Ӯ бошед, чунон ки ҳидоятатон кард, агарчи пеш аз он аз гумроҳон будед!».**[257]

Метавонад ин дуъоро бихонад:

**اللَّهُمَّ إنِّي أسْئَلُك أنْ تَرزُقَنِي في هذا المَكانِ جَوامِعَ الخَيرِ كُلِّه وأنْ تُصلِحَ شَأْنِي كُلَّهُ وأنْ تَصْرِفَ عنِّي الشَّرَّ كُلَّه فإنَّه لايَفعلُ ذلك غيرُكَ ولايجُودُ بِه إلاَّ أنتَ.**

**«Аллоҳумма, иннӣ асъалука ан тарзуқанӣ фӣ ҳозал макони ҷавомиъа-л-хайри куллиҳи ва ан туслиҳа шаънӣ куллаҳу ва ан тасрифа ъаннӣ-ш-шарра куллаҳу, фаиннаҳу ло яфъалу золика ғайрука ва ло яҷӯду биҳи илло анта!».**

***«Худовандо! Ман аз Ту дар ин макон мехоҳам, то калидҳои тамоми хубиҳоро бароям рӯзӣ гардонӣ ва тамоми ҳоламро ба ислоҳ оварӣ ва тамоми бадиҳоро аз ман бозгардонӣ!. Албатта, инро ғайр аз Ту касе бароям нахоҳад кард ва танҳо Ту чунин атое дорӣ!».***[258]

Дар роҳ, дар Мино, дар назди Ҷамарот ва дар ҷойҳои дигари ин сарзамини муқаддас, ки ба макони баргузории аъмоли ҳаҷ тааллуқ доранд, дуъо намояд ва худро ба чанд дуъои кӯтоҳ маҳдуд насозад, балки ҳар чи аз Худо барои хайри дунё ва охират, хушбахтиву саодат ва салоҳи кори худ мехоҳад, талаб намояд. Агар бо забони арабӣ натавонист хостаҳои машрӯъ ва орзуҳои неки худро баён созад, пас бо забони худаш дуъо кунад.

Қуръони карим дар ҳидоят ва тарғиби мӯъминон ба дуъо ва зикри Худо дар он фурсатҳои нодир мефармояд: **«Вақте маносики худро анҷом додед, пас Худоро ҳа-**

---

[257] Сураи Бақара, 2: 198.

[258] Ал-азкори Нававӣ. – С. 165.

**мон гуна ки падарони худро ёд менамоед ва ё сахттар аз он зикр намоед!»**[259] ва боз мефармояд: **«Ва Худоро дар рӯзҳои башумор зикр намоед!»**[260] ва мурод аз рӯзҳои ба шумор дар ин оят айёми Мино мебошад.

Ҳангоми тарки Арафот, вақти хориҷ шудан аз Муздалифа, пас аз тавофи фарзӣ ва ҳамчунин дар вақтҳои дигар дуъо кунад, ки Худованд онро охирин дидор ва аҳди ӯ бо он маконҳо нагардонад, балки борҳо ва борҳо анҷоми маросими ҳаҷ ва зиёрати он маконҳоро барояш рӯзӣ бинад. **«Аллоҳумма, ло таҷъалҳу охира аҳдӣ биҳоза-л-мавқиф варзуқниҳӣ абадан мо аҳяйтанӣ, ё арҳама-р-роҳимин!»**.

Дуъоҳои зеринро дар ҳар мавриде метавонад бихонад:

**«Раббано, отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фил охирати ҳасанатан ва қино ъазоба-н-нор!».**[261]

**«Аллоҳумма, иннӣ заламту нафсӣ зулман касиран ва ло яғфиру-з-зунуба илло анта. Фағфир лӣ мағфиратан мин ъиндика варҳамнӣ, иннака анта-л-ғафуру-р-раҳим».**[262]

**«Аллоҳумма, ё муқаллиба-л-қулуби, саббит қалбӣ ъало диника!».**

**«Аллоҳумма, иннӣ асъалука мӯҷиботи раҳматика ва ъазоима мағфиратика ва-с-саломата мин кулли исмин ва-л-ғанимата мин кулли биррин ва-л-фавза би-л-ҷаннати ва-н-наҷота мина-н-нор!».**

---

[259] Сураи Бақара, 2: 200.

[260] Сураи Бақара, 2: 203.

[261] Ояти 201-уми сураи Бақара мебошад, ки дар идомаи оятҳои ҳаҷ омадааст ва авҷи розу ниёз ва иртиботи бандагони мӯъминро бо Худо нишон медиҳад: **«Парвардигоро, ба мо дар дунё ва охират (тамоми) хуби(ҳоро) ато фармо ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор!»**.

[262] Дуъое мебошад, ки Расули Худо (с) онро ба Абӯбакр (р) таълим дода буд, то дар намозаш бихонад: ***«Парвардигоро, ман бар нафси худ зулми бисёр намудам, дар ҳоле ки касе ғайр аз Ту гуноҳонро намебахшад. Пас маро бо мағфирате аз назди худ мавриди омурзиш қарор деҳ ва бар ман раҳм кун. Воқеан ҳам, Туӣ омурзандаи меҳрубон!»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 834, 6326, 7388. Саҳеҳи Муслим, 6809 (2705)-48).

**«Аллоҳумма, иннӣ асъалука-л-ҳудо ва-т-туқо ва-л-ъафофа вал ғино!».**[263]

**«Аллоҳумма, аъиннӣ ъало зикрика ва шукрика ва ҳусни ъибодатика!».**

**«Аллоҳумма, иннӣ асъалука минал хайри куллиҳи мо ъалимту минҳу ва мо лам аълам ва аъӯзу бика мина-ш-шарри куллиҳи мо ъалимту минҳу ва мо лам аълам. Ва асъалукал ҷанната ва мо қарраба илайҳо мин қавлин ав ъамал ва аъӯзу бика мина-н-нори ва мо қарраба илайҳо мин қавлин ав ъамал!».**[264]

Аммо пеш аз дуъо лозим аст корҳои зеринро риоя намояд, то заминаи пазириши дуъо фароҳам гардад:

1. Аз тамоми гуноҳу маъсиятҳо даст бардорад ва ба сӯи Худо бозгашт (тавба) намояд. Аз гузашта пушаймонӣ ва азми бознагаштан ба онро намояд.

2. Ихлос ва аз худгузаштагӣ барои Худо намояд ва танҳо ризои Ӯро дар назар бигирад.

3. Фармудаҳояшро ба ҷо оварад ва аз боздоштаҳояш дурӣ ҷӯяд.

4. Дар ғояти тазаллул (фурӯтанӣ) ва дар ҳолати ниёз ба сӯи Худо мурочиат намояд.

5. Таому шароб ва пӯшишаш аз ҳалол ва нафақаву пулаш аз моли пок бошанд, зеро Худованд пок аст ва ҷуз покизагӣ чизеро намепазирад.

6. Лаҳзаҳои беҳтарин ва маконҳои покро ғанимат бидонад, зеро некиҳо дар он афзоиш меёбанд ва навозишҳои илоҳӣ шомили ҳолаш мешаванд.

7. Ҳамду санои Худованд ва дуруду саломи ба Паёмбар (с)-ро дар муқаддимаи дуъои худ ҷой диҳад. Яъне пеш аз арзи ниёз ва ҳоҷати худ аввал Худоро бо тамоми хубиҳо ситоиш намояд ва бар Паёмбари бузурги Ислом (с) салавот фиристад. Риояи чунин одобе дуъоро ба иҷобат наздиктар месозад.

---

[263] Саҳеҳи Муслим, 6842 (2721)-72. Сунани Тирмизӣ, 3489. Паёмбар (с) ин дуъоро бисёр мегуфт: ***«Парвардигоро, ман (саботи дар) роҳи рост, парҳезкорӣ, покдоманӣ ва бениёзиро аз Ту хоҳонам»***.

[264] Бақияи дуъоҳо аз китоби Ал-азкори Имом Нававӣ гирифта шудаанд. с. 163.

8. Худоро бо номҳои накӯ ва сифатҳои бузургаш бихонад.

9. Хоста ва ниёзи худро ба таври қатъӣ матраҳ намояд ва ба қабул гардидани дуъояш яқин дошта бошад.

10. Ба такрор ва пайгирона дуъо намояд, зеро Худо дуъои чунин шахсро хуш дорад.

Дигарон низ метавонанд барои худ аз шахси ҳаҷгузор талаби дуъо намоянд. Аз Ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд:

اذا لَقِيت الْحاجَّ فَسلِّمْ عَليهِ وَصافِحْهُ وَمُرْهُ أَنْ يسْتَغْفِر لَكَ قبْلَ أَنْ يَدْخُلَ بَيْتَهُ فإِنَّهُ مَغْفُورٌ لَهُ.

***«Вақте ба ҳоҷӣ (касе, ки тоза аз сафари ҳаҷ баргаштааст) дидор намудӣ, ба ӯ салом бидеҳ ва даст ба даст бо ӯ мулоқот намо ва пеш аз он, ки ба хонаи худ бирасад, аз ӯ талаби дуъои мағфират кун, зеро ӯ дар мақоме аст, ки гуноҳонаш омурзида шудаанд (ва умед аст, ки дуъои вай пазируфта шавад)».***[265]

[265] Муснади имом Аҳмад, 5348, 6077. – Ҷ. 2. – С. 181, 284.

## ТАВСИЯҲОИ ЗАРУРӢ БАРОИ ҲАҶГУЗОР

Бинобар афзоиши зиёди аҳолии дунё шумораи мусалмонон низ ба таври бесобиқа афзоиш ёфтааст ва дар ҳоли ҳозир бештар аз якуним миллиард аҳолии кураи заминро ташкил медиҳанд. Бар ҳамин асос, шумораи ҳаҷгузорон ва зоирони хонаи Худо низ сол то сол зиёд мешавад. Тайи чанд соли охир бештар аз ду миллион ҳоҷӣ солона ба зиёрати хонаи Худо мераванд.

Кишвари Саъудӣ низ сол аз сол сатҳи хидматрасониҳои маишӣ ва шароити баргузории беҳтари маросими ҳаҷро барои меҳмонони хонаи Худо боло бурда, дар таъмини рафоҳи онҳо тамоми имкониятҳоро фароҳам меоварад. Вале бо вуҷуди ин, вақте чунин ҷамъияти зиёде дар рӯзҳо ва соатҳои муайян ва дар нуқтаҳои муайяне, ба монанди Мино, Арафот, Муздалифа, Ҷамарот ва ғайра, ҷамъ меоянд, шахси ҳаҷгузор бояд дар баробари он ҳама азамат ва шукӯҳи ҳаҷ дар риояи назму тартибот, тозагӣ ва хеле чизҳои дигар эҳсоси масъулият намояд.

Ба таври хулоса муҳимтарин чизҳое, ки бояд мавриди таваҷҷӯҳ ва дар маркази диққати ҳаҷгузор қарор гиранд, инҳо мебошанд:

1. Ҳифзи назму тартиботи иҷтимоӣ ва риояи одоби муошират бо дигарон, то сабаби эҷоди мушкилот дар ҷараёни баргузории аъмол ва маносики ҳаҷ ва боиси азият ва ранҷиши хотири дигарон нагардад.

2. Ҳифзи тозагии сару либос ва хӯрду хӯроки худ ва ҳамчунин покизагии муҳити иҷтимоӣ дар миёни ҷамъияти сершумори ҳаҷгузорон. Ин амр ҳам ба ҳифзи саломатии худи ӯ мусоидат менамояд ва ҳам сатҳи баланди фарҳангӣ ва маърифатнокии динии ӯро дар миёни мардумони кишварҳои гуногун ба намоиш мегузорад. Ба таври мисол, бозмондаи хӯрду хӯрокҳо ва дигар чизҳои зиёдатӣ набояд дар ин ҷо ва он ҷо ва ё гузаргоҳҳои умумӣ, балки дар зуболадонҳои махсус партофта шаванд.

3. Ҳифзи ҳолати тандурустӣ ва ҷанбаи беҳдоштии худ низ муҳим мебошад. Пас аз чанд соле мавсими ҳаҷ ба айёми гармо рост меояд. Бояд дар он ҳолат шахси ҳаҷгузор тафовутҳои иқлимии кишвари худ ва сарзамини Маккаву Мадинаро хуб бидонад. Барои муҳити гарм ва боду ҳавои хушку тафсони он ҷо худро омода созад. Дар рафти баргузории аъмол ва маносики ҳаҷ ва ё ҳар мавриди дигаре беҳуда худро дар маърази нурҳои офтоб қарор надиҳад. Балки аз соябоне истифода намояд ва беҳтар аст, ки соябон сафед бошад, то бо инъикоси (боз гардонидани) нурҳои офтоб, ӯро аз шиддати гармӣ ҳимоя намояд.

Ҳамчунин ҳаракати ҷисмонии зиёд дар он ҳавои гарм боиси арақкунии зиёд ва бухор гардидани обҳо ва моеъоти дигари бадан мегардад ва ин ҳолат ба камшавии моеъот ва намакҳо дар таркиби бадан меанҷомад. Дар чунин ҳолат ҳаҷгузор ба истифодаи бештари нӯшокиҳо, моеъот ва намакнокии таом тавсия мешавад. Албатта, шахсе, ки гирифтори бемориҳои гурда ва ё фишори хун бошад, аз истифодаи зиёди намак худдорӣ намояд.

Дар чунин ҳолат нӯшидани обҳои яхдор ва дар яхдон гузошташуда ва ҳамчунин нишастан дар рӯ ба рӯи хунуккунакҳо (кондитсионерҳо)-и баландшиддат одамро ба шамолхӯрдагӣ, сармохӯрдагӣ ва дарди камар гирифтор месозанд. Дар сурати гирифтор шудан ба ин ҳолатҳо ва ё эҳсоси беморие фавран ба табиби ҳайати ҳамроҳ ва ё нуқтаҳои хидматрасонии тиббие, ки дар ҷо-ҷои Мино ва дигар манотиқ дар мавсими ҳаҷ машғули фаъолият мебошанд, муроҷиат намояд.

4. Дар сурати имкон вақтҳои камиздиҳомро барои партоби сангҳои Ҷамарот ва тавофу саъй дар атрофи хонаи Каъба ва саъйгоҳ интихоб намояд.

5. Ҳифзи ҳавсалаву рағбат, ишқу дилгармӣ ва рӯҳияи баланди худопарастӣ дар ҷараёни баргузории аъмол ва маносики ҳаҷ. Шахси ҳаҷгузор бояд дар муддати баргузории маросими ҳаҷ, яъне аз рӯзи тарвия то поёни айёми ташриқ, ба корҳои берун аз барномаи ҳаҷ зиёд

машғул нагардад, то дар натиҷаи хастагии зиёд, бемадории ҷисмӣ ва афсурдагии рӯҳӣ ҳавсала ва рӯҳияи болои бандагиро дар анҷоми вазифаҳои илоҳиаш аз даст надиҳад. Ба таври мисол, дар харидани савғоҳои ҳаҷҷӣ дӯкон ба дӯкон чандон нагардад, ки дигар аз бемадорӣ дар анҷом додани фароиз, воҷибот ва суннатҳои ҳаҷ ҳавсалае барояш боқӣ намонад ва ё ба харидани савғо чунон саргарм нашавад, ки онро баробари аъмоли ҳаҷ ва ҳатто муҳимтар аз онҳо шуморад.

Ҳамчунин зиёрати маконҳое, ки на ҷузъе аз барномаи ҳаҷ ҳастанд ва на ҳатто мустаҳаббе аз мустаҳабботи он ба шумор меравнад, набояд дар муддати баргузории маросими ҳаҷ сурат бигирад. Балки дар сурати имкон пас аз айёми ташриқ, яъне пас аз анҷоми ҳаҷ ба зиёрати онҳо биравад. Ба монанди кӯҳи Савр, ғори Ҳиро ва дигар зиёратгоҳҳо.

Бояд донист, ки зиёрати онҳо ба бахши ёдгориҳои таърихӣ бармегардад ва хотираи ранҷҳои Расули Худо (с)-ро дар ибтидои даврони рисолат ва ҳамчунин лаҳзаҳои ҳассос ва сарнавиштсози ҳиҷрати таърихии он Ҳазрат (с)-ро барои шахси ҳаҷгузор зинда месозад. Зиёрати он маконҳо аз ин лиҳоз бисёр хуб ва писандида аст, вале онро набояд бахше аз барномаи ҳаҷ донист. Агар шахсе имкони зиёрати онҳоро наёфт, дар ҳаҷҷаш ҳеҷ гуна таъсири манфӣ надорад, зеро онҳо аслан ба ҳаҷ иртиботе надоранд.

6. Ҳаҷро ҳамроҳи донишманди динӣ ва шахси огоҳ ба масоили он ба ҷо оварад. Зеро ҳаҷгузор вақте бори аввал ба он сарзамин сафар менамояд, шояд хеле чизҳоро сарфаҳм наравад. Надонистани забонҳои арабӣ ва ё англисӣ ниёзи ӯро ба ҳамроҳии як шахси огоҳ бештар мегардонад.

# ЗИЁРАТИ МАДИНАИ МУНАВВАРА

Мадинаи мунаввара яке аз ду ҳарами амни илоҳӣ ва нузулгоҳи ваҳй мебошад. Мадина сарзаминест, ки нахустин ҳукумати илоҳӣ дар он ба вуҷуд омадааст ва шӯъои дини Худованд аз он ҷо бар ҷаҳониён тобидааст. Мадина гаҳвораи тамаддун ва фарҳанги исломӣ мебошад. Мадина ҷасади муборакн Расули Худо (с) ва бисёре аз ёрони бузурги ӯро дар хоки худ ҷой додааст. Мадина ҷои болафшонии Ҷабраили амин (ъ) мебошад. Хулоса, Мадина бо таърихи Ислом сахт даромехтааст.

Бинобар ин, зиёрати он тамоми ин хотираҳоро дар ёди мусалмон зинда месозад ва ӯро барои пайравӣ аз Паёмбари Ислом (с) бештар омода месозад.

Ҷобир ибни Самура (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) фармуд:

**«انّ الله تعالي سمّي المدينة طابة»**

***«Худованди мутаъол Мадинаро тоба (фараҳбахш ва хуш) номидааст».*** [266]

Дар бораи фазилати намоз хондан дар масҷиди набавӣ Паёмбар (с) мефармояд: ***«Хондани як намоз дар масҷиди ман (масҷиди набавӣ), аз ҳазор намозе, ки дар дигар масҷидҳо хонда мешавад, бартарӣ дорад, ба ҷуз Масҷидулҳаром,».*** [267]

Аз Абдуллоҳ ибни Зайд (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд:

***«Мобайни хона ва минбарам боге аз богҳои биҳишт аст ва минбарам бар ҳавзам аст».*** [268]

---

[266] Саҳеҳ: (Саҳеҳи Сунани Ибни Моҷа, 1775). Саҳеҳи Муслим, 3344 (1385)-491.

[267] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1190. Саҳеҳи Муслим, 3361, 3362 (1394)-505, 506. Сунани Тирмизӣ, 325. Сунани Насоӣ, 2899.

[268] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1195, 1196. Саҳеҳи Муслим, 3355-3357 (1390)-500, 501, 502.

Вақте дохили масҷиди набавӣ мешавад, бо пои росташ дохил шавад, бисмиллоҳ бигӯяд, дуруд фиристад ва дуъои духули масҷидро кунад, ба ин тариқ:

**«Бисмиллоҳ вассалому ъало Расулиллоҳ** ва ё **Аллоҳумма, саллӣ ъало Муҳаммадин. Аллоҳуммафтаҳ лӣ абвоба раҳматика!».**

***«Бисмиллоҳ ва дуруд бар Расули Худо*** ва ё ***Худовандо, бар Муҳаммад дуруду салом фирист!. Худоё! Дарҳои раҳмататро барои ман бикушо!».***[269]

Сипас, ду ракъат намози таҳияи масҷид бигузорад. Пас аз он ба тарафи қабри муборак рафта бо дидаи поин ва қалби вораста аз ҳар гуна тааллуқоти дунё дар рӯ ба рӯи он Ҳазрат (с) қарор гирад ва бо садои маҳин ва рӯҳи пур аз ҳайбат бар ӯ салому дуруд фиристад. Худованд ба мӯъминон супориш додааст: **«Худо ва фариштагонаш бар Паёмбар дуруд мефиристанд, (пас) шумо ҳам эй мӯъминон, бар ӯ салому дуруд фиристед!»**[270] Расули Худо (с) мефармояд: ***«Ҳеҷ касе бар ман дуруд нафиристода, магар ин ки Худо рӯҳамро ба ман бармегардонад, то (ҷавоби) саломашро ба вай баргардонам».***[271]

Вақте ба назди қабри муборак рафт, рӯ ба ҷониби он ва пушт ба қибла истода: **«Ассалоту вассалому ъалайка, ё расулаллоҳ!»** бигӯяд. Аз дуъоҳо ва салавотҳое, ки дар китобҳои дуъо мазкуранд, метавонад истифода намояд. Имом Абӯҳанифа (рҳ) аз Ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки фармуд: «Суннат он аст, ки аз тарафи қибла ба сӯи қабри Паёмбар (с) биойӣ ва пушт ба қибла ва рӯй

---

[269] Саҳеҳ (Саҳеҳи Сунани Абӯдовуд, 441). Сунани Абӯдовуд, 465. Сунани Ибни Моҷа, 772, 773. Амалул явми валлайлаи Насоӣ, 90. Ин ҳадис аслан дар боби зикре, ки ҳангоми даромадани масҷид карда мешавад, омадааст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо вориди масҷид гардид, бар Паёмбар (с) дуруду салом бифиристад ва бигӯяд: Худоё, дарҳои раҳмататро бароям бикушо!...».*** Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ва Абӯҳумайд (р) ривоят кардаанд. Асли ҳадис дар Саҳеҳи Муслим, 1649 (713)-68, мавҷуд мебошад.

[270] Сураи Аҳзоб, 33: 56.

[271] Сунани Абӯдовуд, 2042.

ба қабр бигардонӣ, он гоҳ бигӯӣ: **Ассалому ъалайка айюҳаннабийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу!**».[272]

Пас аз он ба андозаи тақрибан як метр онтарафтар рафта бар ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р) салом фиристад. Боз каме онтарафтар рафта ба ҳазрати Умар (р) салом фиристад. Дар охир барои худ ва мӯъминон дуъо намояд ва ҳангоми дуъо пас аз дуруду салом рӯй ба қибла оварад. Ибни Ҳумом мегӯяд: Чун аз зиёрат фориғ гашт, ба равза ояд ва дар он ба намозу дуъо пардозад.[273]

Агар касе аз вай хоҳиши расонидани саломашро карда бошад, саломи ӯро низ бирасонад ва бигӯяд: Ассалому ъалайка, ё Расулаллоҳ, мин Фулон ибни Фулон ва ё Фулонун юсаллиму ъалайка, ё Расулаллоҳ! (Салому дуруд бар ту, эй Расули Худо, аз Фалонӣ фарзанди Фалонӣ ва ё Фалонӣ бар ту салом мефиристад! Ривоят шуда, ки халифаи одил Умар ибни Абдулазиз (рҳ) ба ин кор тавсия мекард ва барои он аз Шом ба Мадина пайк мефиристод.[274] Язид ибни Абӯсаъиди Ҳиротӣ мегӯяд: Вақте ба Умар ибни Абдулазиз видоъ кардам, ба ман гуфт: Ба ту ҳоҷате дорам: Вақте ба Мадина омадӣ ва қабри Паёмбар (с)-ро дидӣ, ӯро аз ман салом бигӯ![275] Ба ҳар ҳол дар канори қабри Паёмбар (с) адаби оромиро риоя намояд.

Пас аз анҷоми зиёрат вақте аз масҷид хориҷ мешавад, бо пои чапаш берун шавад ва дуъои баромадан аз масҷидро бихонад: **«Аллоҳумма, иннӣ асъалука мин фазлика»** (***Худоё, ман аз фазлу карамат масъалат дорам!***).

Пас аз он метавонад ба зиёрати дигар маконҳои муқаддас ва таърихӣ, ба монанди гӯристони Бақеъ, масҷиди Қубо, кӯҳи Уҳуд ва ғ. биравад. Зиёрати ин ҷойҳо мустаҳаб аст.

Дар назди пешвоёни чаҳоргонаи аҳли суннат зиёрати равзаи поки ҳазрати Расули акрам (с) аз бузургтарин

---

[272] Муснади Абӯҳанифа. – С. 95; Шарҳи Муснади Абӯҳанифа. – С. 201; Фатҳу-л-қадир. – Ҷ. 3. – С. 170.

[273] Фатҳу-л-қадир. – Ҷ. 3. – С. 170.

[274] Ҳамонҷо.

[275] Ашшифо битаърифи ҳуқуқи-л-Мустафо. – Ҷ. 2. – С. 670.

мустаҳаббот мебошад. Ибни Ҳумом дар Фатҳулқадир мефармояд: «Барои касе, ки имконоти зиёрати равзаи он Ҳазрат (с) фароҳам бошанд, пас зиёрати ӯ барояш наздик ба воҷиб аст».

Вақте шахси мусалмон қасди зиёрати турбати Расули акрам (с)-ро дошта бошад, ҳатман зиёрати масҷиди набавиро низ ният кунад, зеро он яке аз се масҷиде мебошад, ки ба сӯи он оҳанги раҳил мешавад ва зиёрати он ибодат ба шумор меравад. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Раҳлҳо (рахти сафар) баста намешаванд, магар ба сӯи се масҷид: Ин масҷиди ман, Масҷиду-л-ҳаром ва Масҷиду-л-ақсо».***[276]

Зиёрати масҷиди набавӣ бо ду ракъат намози таҳияи масҷид ва нисори дуруду салом бар равони поки Расули Худо (с) ва ёронаш Абӯбакр (р) ва Умар (р) ба ҷой меояд ва дини Ислом на аз боби вуҷуб ва на аз рӯи надб чизе бештар аз инро аз шахси зоир нахостааст, вале агар фурсат барояш даст диҳад ва чиҳил вақт намози фарзро дар он бо ҷамоат барпо дорад, болотарин саодатро ба даст овардааст. Ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Касе чиҳил вақт намозро дар масҷиди ман бигузорад, дар ҳоле ки ҳеҷ намозе ӯро фавт нагардад, барояш бароате аз оташ ва наҷоте аз азоб навишта шавад ва аз нифоқ пок гардад».***[277]

Лозим ба ёдоварист, ки зиёрати Мадинаи мунаввара ва равзаи поки Расули Худо (с) аз бузургтарин мустаҳаббот ва қурбатҳо мебошад, вале он низ ҷузъе аз аъмоли барномаи ҳаҷ ба шумор намеравад. Балки он як қурбат ва мустаҳабби мустақил мебошад, ки ба аъмоли ҳаҷ ҳеҷ гуна иртиботе надорад.

Агар шахсе пас аз анҷоми маросими ҳаҷ бинобар имкониятҳои молӣ ва ё ба сабаби дигаре натавонист ба он ҷо биравад, ба ҳаҷҷи вай ҳеҷ гуна таъсири манфӣ надорад. Ҳатто хароҷоти рафту баргашт ва муддате мон-

---

[276] Саҳеҳи Бухорӣ, 1189. Саҳеҳи Муслим, 3370 (1397)-511.

[277] Муснади имом Аҳмад. – Ҷ. 3. – С. 154. Аксари муҳаддисон санади ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

дан дар Мадина дар шарти иститоати молии ҳаҷ дохил намешаванд. Вале барои шахсе, ки имконияти рафтан ба Мадинаро дорад, ҳайф аст, ки ба зиёрати равзаи поки Расули Худо (с) наравад.

Зиёрати Мадинаи мунаввара пеш аз баргузории ҳаҷ ва баъд аз он ҳарду ҷоиз аст, вале пас аз он беҳтар аст.

## Маълумоти умумӣ дар бораи Мадина

Мадинаи мунаввара дар тӯл (долгота)-и ҷуғрофии $39^0$ (дараҷа), 36 дақиқа ва 1 сония, арз (параллел)-и $24^0$ (дараҷа), 28 дақиқа ва 5 сония ва дар баландии 597-639 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст, аз Маккаи мукаррама (бар асоси гузориши Курдӣ) 420 км ва аз бандари таърихии Янбуъи Баҳр 220 км фосила дорад.

Он пеш аз ҳиҷрати Паёмбар (с) Ясриб – ба номи яке аз наберагон ва аъқоби дуртари Нӯҳ (ъ) – ном дошт, ки Қуръони карим ҳам (33: 13) ба он ишора кардааст. Расули Худо (с) пас аз ҳиҷрат аз он наҳй кард ва фармуд: ***«Касе Мадинаро Ясриб биномад, аз Худованди азза ва ҷалл магфират бихоҳад, он Тоба (пок) аст, Тоба аст»***[278] ва номаш ба Мадинату-р-Расул табдил ёфт.[279]

Миёнгини дараҷаи ҳарорат дар он тобистон дар моҳи август $37^0$ ва зимистон дар моҳи январ $16^0$ аст. Аҳолии он имрӯзҳо бештар аз ним миллион ҷамъиятро ташкил медиҳад.[280]

---

[278] Муснади имом Аҳмад, 18519/14/197; Муснади Абӯдовуди Таёлисӣ, 798. Ҳайсамӣ низ онро дар Маҷмаъ (5784/3/485) ривоят карда ва ровиёни онро сиқа гуфтааст, вале исноди онро дар повароқии Муснади имом Аҳмад ба сабаби вуҷуди Язид ибни Абӯзиёд заъиф гуфта ва афзуда, ки он бо шавоҳиде, ки дар Бухорӣ, 1872 ва Муслим, 3344 (1385)-491 дорад, таъйид мешавад (ва ба дараҷаи ҳасан мерасад).

[279] Убайдуллоҳ Муҳаммадамини Курдӣ, Алкаъбату-л-муаззама валҳарамони-ш-шарифони иморатан ва таърихан. – С. 227-233. – Мадинаи мунаввара, 1419 ҳ.

[280] Ҳофиз Алӣ, Фусулун мин таърихи ал-Мадинати-л-мунаввара. – Ҷадда, 1996.

## Одоби зиёрати Масҷиди набавӣ

1. Яке аз одоби зиёрати масҷиди набавӣ он аст, ки зиёратгар садояшро дар он баланд накунад ва ҳангоми дуруд ҷаноби Паёмбар (с)-ро ба номаш – Муҳаммад ва ё Аҳмад хитоб накунад, балки бо садои паст ва адои эҳтиром: Эй Паёмбари Худо, эй Расули Худо ва иборахое ба мисли онро ба кор барад. Худованд дар адаби ҳузур дар пешгоҳи Расули Худо (с) ва сухан гуфтан бо эшон мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, садоҳои худро боло аз садои Паёмбар набардоред ва суханро бо ӯ ба мисли ҷаҳр бо якдигар баланд насозед, то аъмолатон барбод нагарданд ва шумо огоҳ набошед! ...»**.[281]

Ривоятҳо ва осори воридгашта аз салафи солеҳ бар ин далолат доранд, ки риояи ин адаб ҳам дар ҳаёт ва ҳам пас аз вафоти он Ҳазрат (с) матлуб аст. Халифаи рошид Абӯбакр (р) мефармояд: Баланд кардани садо бар ҳеҷ паёмбаре на дар зиндагӣ ва на пас аз маргаш ҷоиз нест.[282] Уламо фармудаанд, ки баланд кардани садо дар назди қабри Паёмбар (с) макрӯҳ аст, ҳамон гуна ки дар ҳаёташ макрӯҳ буд, зеро ӯ ҳам дар ҳаёт ва ҳам пас аз вафот мӯҳтарам аст.[283]

2. Набояд ба панҷара ва деворҳои он даст ва ё синаи худро бимолад ва ё онро бибӯсад, ки ин корҳо аз назари таълимоти шаръ ҷоиз нест. Фузайл ибни Иёз мефармояд: Аз роҳҳои ҳидоят пайравӣ намо ва камии соликони он туро нафиребад ва аз роҳҳои залолат дурӣ гузин ва бисёрии ҳоликони дар он низ туро нафиребад! Касе ба дил барад, ки масҳи бо даст ва монанди он баракати бештаре дорад, он аз рӯи ҷаҳолат ва ғафлати ӯст. Зеро баракат дар он корест, ки ба шариат ва фармудаи уламо мувофиқ бошад ва чигуна фазлу баракат дар мухолифати савоб

---

[281] Сураи Ҳуҷурот, 49: 2.

[282] Вафоу-л-вафо. – Ҷ . 2. – С. 559.

[283] Муҳаммадилёс Абдулғанӣ, Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 27. – Мадинаи мунавара, 1996.

ҷуста мешавад? Имом Аҳмад (рҳ) мефармояд: Аҳли илмро дар Мадина дидам, ки ба қабр даст намемолиданд.[284]

3. Тавоф кардан ба гирди қабри он Ҳазрат (с) низ ҷоиз нест. Зеро тавоф дар шаръ ибодатест, ки танҳо дар гирди хонаи Худо – Каъбаи мушаррафа анҷом дода мешавад.

## Гӯристони Бақеъ

Бақеъ аввалин ва машҳуртарин гӯристони мусалмонон дар Мадина аст, ки дар канори масҷиди Паёмбар (с) дар шарқи Мадина воқеъ шуда, бузургони саҳоба чун Усмон ибни Аффон (р), имом Ҳасан, Аббос ибни Абдулмутталиб, духтарон ва аксари ҳамсарони Паёмбари акрам (с) ва дигар бузургони садри аввал дар он мадфунанд. Минтақаи Бақеъ дар рӯзгори Расули Худо (с) дар гӯшаи шаҳри Мадина ҷойгир шуда ва онро аз се ҷониб киштзорҳои мардум иҳота мекард. Пас аз тавсиаи Мадина гӯристони Бақеъ дар миёнаи шаҳр қарор гирифт ва пас аз тавсиаи масҷиди набавӣ дар давраҳои ахир он бо соҳаи масҷид пайвастааст ва онҳоро роҳрав ва хиёбони борике аз ҳам ҷудо месозад. Бақеи ғарқад яке аз бузургтарин осори боқимонда ва мероси замони нубувват аст, ки дар назди уммати Ислом арзиши динии хоссе дорад ва ҳамин кофист, ки Расули Худо (с) вориди он мешуд ва барои хуфтагони дар он дуъо мекард.

Расули акрам (с) пас аз ҳиҷрат ба Мадина қитъаи заминеро дар канори масҷиди худ барои дафни мусалмонон интихоб кард ва чун дар он гиёҳи хоре бо номи ғарқад мерӯида, ба гӯристони Бақеи ғарқад низ шинохта шуд. Яке аз дарвозаҳои масҷиди набавӣ бо номи Бобулбақеъ ба тарафи ин гӯристон боз мешавад.

Гуфтанист, ки мусалмонон пеш аз ҳиҷрат ҳамроҳи мушрикон дар гӯристонҳои умумӣ дафн мешуданд ва нахустин касе аз муҳоҷирон, ки дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шуд, Усмон ибни Мазъун – саҳоба ва ба-

[284] Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 37.

родари разоии Расули Худо (с) буд, ки соли дуюми ҳиҷрӣ пас аз ҷанги Бадр вафот кардааст ва нахустин нафар аз ансор Асъад ибни Зурора – аз асҳоби байъати Ақаба аст, ки ӯ низ соли дуюми ҳиҷрӣ пеш аз ҷанги Бадр вафот кардааст. Паёмбар (с) пас аз дафни Усмон ибни Мазъун сангеро бар сари қабри вай гузошт ва фармуд: ***«Ин қабри пешрафтаи мост!»***, пас аз он ҳар касе аз муҳоҷирон вафот мекард ва пурсида мешуд, ки ӯро дар куҷо дафн кунем? Мегуфт: ***«Дар канори пешгузаштаамон Усмон ибни Мазъун!»***.[285] Вақте Иброҳим писари Паёмбар (с) соли даҳум вафот кард, фармуд: ***«Ӯро ба салафи солеҳамон (Усмон ибни Мазъун) бипайвандед!»***.[286]

Охирин саҳобае, ки дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шуда, Саҳл ибни Саъди Соидии Ансорӣ мутаваффои соли 91 ҳ. аст. Вай дар синни 96 ва бар асоси баъзе сарчашмаҳо дар синни 100 солагӣ вафот ва дар гӯристони Бақеъ дафн гардид. Дар баъзе сарчашмаҳои таърихӣ аз имом Молик ривоят шуда, ки наздик ба даҳ ҳазор (10 000) саҳобаи Расули Худо (с) дар Мадина вафот карда, дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шудаанд.

Саҳобагон ва пайвандони зиёде дар замони ҳаёти Расули Худо (с) вафот намуда, дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шудаанд, вале ривоят шуда, ки он Ҳазрат (с) барои гузоштани мурда танҳо дар панҷ қабр фуруд омадааст: а) қабри модари мӯъминон саййида Хадиҷа (р) дар Макка, б) қабри пасари саййида Хадиҷа (р) аз шавҳари қаблиаш, ки дар тарбияи он Ҳазрат (с) буд, в) қабри Абдуллоҳи Музанӣ маъруф ба Зулбиҷодайн (р), г) қабри модари Оиша (р) Уммирумон ва д) қабри Фотима бинти Асад – модари Алӣ (р).

---

[285] Мустадраки Ҳоким. – Ҷ. 3. – С. 209.

[286] Доктор Муҳаммаданвари Бакрӣ ва Ҳотам Умар Тоҳо, Бақеи ғарқад. – С. 54. Дар Мӯъҷамулкабир ва Маҷмауззавоид омадааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Ба салафи солеҳамон Усмон ибни Мазъун бипайванд!»*** (Мӯъҷамулкабир, 837. – Ҷ. 1. – С. 286; Маҷмауззавоид, 15655. – Ҷ. 9. – С. 367).

Ҳамсарони поки Расули Худо (с) – модарони мӯъминон, ба ҷуз Хадиҷа (р) ва Маймуна (р), ҳама дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шудаанд. Хадиҷа (р) бошад, дар ҷаннатулмуалло – гӯристони аҳли Макка ва Маймуна (р) дар мавзее дар наздикии Макка бо номи Сараф дафн гардидаанд.

Гӯристони Бақеъ дар замони Расули Худо (с) масоҳати хурдтаре – ҳудудан ҳаштод дар ҳаштод (80x80) метри мураббаъро (Бақеи ғарқад, с. 22) фаро мегирифт, пас аз он аз тарафи шимол-ғарб порчаи замини дигаре бо номи бақеи аммаҳо – ҷое, ки ду аммаи Паёмбар (с) – Сафия ва Отика дар он дафн шуда буданд ва дар замони халифаи сеюм Усмон (р) боғи ӯ бо номи Ҳушши Кавкаб аз шарқ ба он афзуда шуд. Масоҳати умумии гӯристони Бақеъ пас аз афзудани ин ду қитъа ба он бар асоси таҳқиқоте, ки мураттибони китоби «Бақеи ғарқад» дар ин бора анҷом додаанд (с. 22 – 25), сад дар дусаду панҷоҳ (100x250) $м^2$ – ҳудуди бисту панҷ ҳазор (25 000) метри мураббаъро ташкил медод. Пас аз охирин тавсиаи ҳарами набавӣ дар замони ҳукумати Саъуди соли 1410 ҳ. тангкӯчаҳои байн бо номи зиқоқи аммаҳо ва заминҳои атроф ба гӯристони Бақеъ афзуда шуд ва масоҳати имрӯзаи он як саду ҳаштод ҳазор (180 000) метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Соли 1333 ҳ. ба дастури Суъуд ибни Абдулазиз барои осон шудани убури зоирон дар миёни қабрҳо роҳравҳо ва гузаргоҳҳои симентӣ сохтанд ва дар замони шоҳ Файсал ибни Абдулазиз дарвозаи бузурге бар дари гӯристони Бақеъ насб намуданд.

Дар он айём дар Мадина гӯристонҳои дигаре низ вуҷуд дошта, ки пас аз гӯристони Бақеи ғарқад чандон шӯҳрате наёфтаанд. Гӯристони Бақеи ғарқад дар қалбу рӯҳи мусулмонон арзиш ва қадосати хоссе дорад. Пас аз наслҳои нахустини уммати Ислом низ аҳли фазлу диёнат дар ҳар давру замоне кӯшидаанд, ки рӯзҳои охири умри хешро – агар Худо насиб карда бошад – дар он сарзамин гузаронанд ва дар гӯристони Бақеъ ба хок супорида шаванд, то машмули дуъоҳо ва мағфиратҳои Расули

Худо (с) дар ҳаққи аҳли он гарданд. Паёмбари акрам (с) дар ҳадиси саҳеҳе мефармояд: ***«Касе битавонад, ки дар Мадина бимирад, бикӯшад то дар он бимирад, зеро ман барои касе, ки дар он бимирад, шафоат мекунам»***.[287]

Расули Худо (с) ҳар чанд гоҳе ва дасти кам дар ҳафтае як бор ба гӯристони Бақеъ мерафт ва дар ҳаққи аҳли он дуъо ва истиғфор мекард. Ҳамчунин ба мӯъминон таълим медод, ки барои аҳли гӯристонҳо дуъо кунанд: ***«Ассалому ъалайкум аҳладдиёри мина-л-мӯъминина ва-л-муслимин ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқун, антум фаратуно ва наҳну лакум табаъ. Насъалуллоҳа лано ва лакум алъофияҳ»***.[288]

Аз Оиша (р) дар ҳадиси дарозе ривоят шудааст: «... Он гоҳ пурсидам: Эй Расули Худо (с), дар ҳаққашон чӣ гуна дуъо кунам? Гуфт: ***Бигӯ: Ассалому ъало аҳлиддиёри мина-л-мӯъминина ва-л-муслимин ва ярҳамуллоҳу-л-мустақдимина минно ва-л-мустаъхирин ва инно иншоаллоҳу бикум лалоҳиқун»***.[289] Бинобар ин, барои касе, ки вориди Мадина мегардад, аз муҳимтарин мустаҳаббот аст, ки пас аз зиёрати масҷид ва равзаи Расули Худо (с) ба гӯристони Бақеъ равад ва дар ҳаққи хуфтагони дар он дуъо ва истиғфор намояд.

## Таърихчаи Масҷиди набавӣ

Масҷиди набавӣ бинобар фармудаи Расули акрам (с) яке аз се масҷиди муқаддасе аст, ки бори сафар (барои ибодат) баста намешавад, магар ба сӯи онҳо. Он намозгоҳ, минбар, равзаи муборака ва имрӯз турбати поки Паёмбари акрам (с) ва ҳамин тавр сутунҳои таърихиеро дар худ ҷой додааст. Ин масҷид аввалин хезишгоҳи ойини ислом, меҳвари ҳаводиси сарнавиштсози таърих, маркази ҳокимият ва саргаҳи тамаддуни боазамат Ис-

[287] Сунани Тирмизӣ, 3917.
[288] Саҳеҳи Муслим, 2254 (975)-104; Муснади имом Аҳмад, 24356, 24306. – Ҷ. 17. – С. 328, 343.
[289] Саҳеҳи Муслим, 2253 (974)-103.

лом аст. Бинобар ин, дар тӯли таърихи мавҷудияти худ мавриди эҳтимоми хоссу ом қарор дошта, аз ҷанбаҳои гуногуне ба ҳифзи осори таърихӣ, қадосати маънавӣ ва сохту бофти меъмории он таваҷҷӯҳ шуда ва ин таҳаввулот ва тавсиаҳо бо имтидоди замон идома доранд.

Ҷойгоҳи масҷиди Расули Худо (с) пеш аз ҳиҷрати мусалмонон ҷои нигаҳдорӣ ва шабгузаронии гӯсфандон ва шутурони тавоифе аз аҳли Мадина буд ва ба ду ятимбачае бо номҳои Саҳл ва Суҳайл тааллуқ дошт. Паёмбар (с) он қитъаи заминро аз онҳо бо даҳ динор харид ва фармуд қабрҳои мушриконро аз он барканданд ва заминашро ҳамвор намуданд, он гоҳ масҷиди худро дар он бино кард.

Масҷид дар васати шаҳри Мадина ҷойгир шуда, моҳи рабеъулаввали соли якуми ҳиҷрӣ баробар ба соли 622 милодӣ сохта шудааст. Дар он замон тӯлу арзи он 70х60 зироъ, тақрибан 35х30 метр ва масоҳати умумиаш 4200 зирои мураббаъ=1050 $м^2$ ва баландиаш 5 зироъ=-2,5 метр будааст.[290] Пойдевораш аз санг, деворҳояш аз хишти хом, сутунҳояш аз чӯби дарахти хурмо ва сақфаш бо шохаҳои он сохта шуда буд. Масҷид дар замони Расули Худо (с) се дар дошта: даре дар охир дар ҷануби бино, даре дар шарқ, ки ба он дари Ҷабраил гуфта мешуд ва даре дар ғарб, ки ба он аввал дари Отика ва баъдҳо дари Раҳмат гуфта мешуд ва қиблааш ба сӯи Байтулмқуаддас буд. Пас аз ҳодисаи таҳвили қибла, ки ҳудудан пас аз

[290] Зироъ воҳиди ченаки масоҳат аст, ки дар рӯзгори қадим дар чандин кишвар бо тафовутҳои ҷузъие ба кор мерафта ва он аслан ба зирои даст аз оринҷ то нӯги ангушти миёна баровард мешавад. Зироъ дар Мисри қадим ба 52,5 см, дар Руми қадим ба 44,36 см, дар Юнони бостон ба 46,29 см ва дар назди иброниён ба 44,65 см баробар будааст.

Дар кишварҳои исломӣ низ зироъҳои гуногуне роиҷ буда, аз ҷумла зирои шаръӣ ба андозаи 49,8 см ва дар замони аббосиён зирои савдо (сиёҳ) ба дарозии 54,04 см роиҷ будааст ва аз замони халифа Мансур зирои шоҳӣ ва ё массоҳӣ (ченаки масоҳат) ба дарозии 66,5 см маъмул гаштааст. Зироъро ба форсӣ газ гӯянд, ки ба 49,8 см=-зирои шаръӣ баробар аст. (Доиратулмаорифи форсӣ. – Ҷ . 1. – С. 1039, зайли моддаи зироъ).

шонздаҳ ва ё ҳабдаҳ моҳи мақдами Паёмбар (с) ба Мадина дар нимаҳои соли дуюми ҳиҷрӣ иттифоқ афтод, даре, ки дар охири масҷид буд, дар ҷиҳати қибла воқеъ гардид ва баста шуд ва ба ҷои он дар тарафи шимол – самти қиблаи аввал дари дигаре кушода шуд.

Пас аз таҳвили қибла Паёмбари акрам (с) барои нишаст, шабгузаронӣ ва нигоҳубини муҳоҷирон ва дигар мардуми бесарпаноҳ дар шимол-шарқии масҷид дар тарафи рости қиблаи аввал ба сӯи Байтулмуқаддас суффаи болопӯшидае бино кард.

Ҳуҷраи Оиша (р) дар паҳлӯи чапи қиблаи нав дар канори равзаи он Ҳазрат (с) аз шарқ ва пеш аз дари Ҷабраил воқеъ шуда ва хонаи Фотима (р) ҳам дар пушти он ба сӯи дари Ҷабраил ҷойгир буд.

**1.** Шумораи мусалмонон сол ба сол меафзуд ва дар таносуб бо ин саффи намозгузорон ҳам зиёд мешуд. Бинобар ин, Паёмбар (с) соли 7 ҳиҷрат мутобиқ ба соли 628 милодӣ пас аз бозгашт аз ғазваи Хайбар дар моҳи муҳаррам ба нахустин тавсиаи масҷид оғоз кард ва 40 зироъ=20 метр дар арз (бар) ва 30 зироъ=15 метр дар тӯли он афзуд. Масҷид пас аз ин тавсиа комилан мурабба шуд ва тӯлу арзи он 100х100 зироъ ва ё 50х50 метр ва масоҳати умумиаш 10 000 зироъ=2500 $м^2$-ро ташкил медод. Дар ин тавсиа аз тарафи шимол ва ғарб ба он афзуда шуд ва тарафи қибла дар ҳамон марзи қаблии худ боқӣ монд. Марзи он пас аз тавсиа дар шимол ба бинои маҷидии имрӯз ва дар ғарб ба сутуни панҷуми минбар расид, ки дар равоқи сабзи он: «Марзи масҷиди Паёмбар (с)» навишта шудааст.

**2.** Масҷиди Паёмбар (с) дар замони Абӯбакр (р) ба ҳамон вазъи пешин боқӣ монд, вале дар аҳди Умар (р) тавсиаи дуюм дар он анҷом гирифт. Халифаи дуюм соли 17 ҳиҷрат баробар ба соли 638 милодӣ аз сӯи қибла то равоқе дар миёнаи намозгоҳи Паёмбар (р) ва намозгоҳ (мусалло)-и усмонӣ ба андозаи даҳ зироъ=5 метр, аз шимол 30 зироъ=15 метр ва аз ғарб ба андозаи ду сутун, ки бо 20 зироъ=10 метр баробар аст, бар он афзуд ва аз тарафи шарқ дар он тағйире ворид накард. Пас аз ин

тӯли масҷид аз шимол ба ҷануб 140 зироъ=70 метр ва бари он 120 зироъ – тақрибан 60 метр тавсиа ёфт ва масоҳати умумиаш ба 16 800 зирои мураббаъ (4200 $м^2$) расид. Боми онро ба андозаи 11 зироъ бардошт ва даре бо номи дари Салом (бобу-с-Салом) дар ибтидои девори он аз ҷануб ва дари дигаре бо номи дари Занон (бобу-н-Нисо) дар интиҳои он аз шарқ ва дари дигаре дар охири он аз тарафи шимол боз кард.

Халифаи дуюм ба риояи одоби духули масҷид ва ҳузур дар равзаи Паёбари акрам (с) сахт эҳтимом меварзид ва намегузошт касе дар он ҷо садояшро баланд кунад. Бинобар ин, дар беруни масҷид аз шарқ наздик ба ҳавлии Холид ибни Валид (р) саҳне барои сӯҳбат ва гуфтугӯи мардум омода кард, ки ба он Бутайҳо мегуфтанд.

**3.** Халифаи сеюм Усмон ибни Аффон (р) дар моҳи рабеъулаввали соли 29 ҳиҷрӣ баробар ба соли 649 милодӣ ба тавсиаи сеюми масҷиди набавӣ пардохт ва аз се тараф: тарафи қибла – ҷануб ва шимолу ғарб бар он афзуд. Дар ҷониби қибла равоқе бар он афзуд ва девори қиблаи масҷидро дар ҷое, ки имрӯз воқеъ шудааст, бардошт, ки пас аз он дигар тағйир ва тавсиае дар он ворид карда нашудааст. Аз тарафи ғарб низ равоқе бардошт, ки ба қавли роҷеҳ сутуни ҳаштум аз сӯи минбар аст ва аз тарафи шимол ҳам даҳ зироъ бар он афзуд. Яъне аз се тараф ба миқдори 10 зироӣ=5 метрӣ бар он афзуд. Дарозии масҷид пас аз он ба 160 зироъ=80 метр ва бараш ба 130 зироъ=65 метр расид ва масоҳати умумиаш 20 800 зирои мураббаъ (5200 $м^2$)-ро ташкил медод.[291]

[291] Дар бораи ҳаҷми ин тавсиаҳо ва ҳамин тавр масоҳати умумии масҷид пас аз он дар байни муаррихон ва сиранигорон ихтилофи назар вуҷуд дорад ва аз онҳо дар ин бора рақамҳои гуногуне ривоят шудааст. Ба гуфтаи баъзе аз онҳо масоҳати масҷид пас аз тавсиаи аввал дар замони Расули Худо (с) 2475 $м^2$, масоҳати афзудашуда дар тавсиаи Умар (р) 1100 $м^2$ ва дар тавсиаи Усмон (р) 496 $м^2$-ро ташкил медоданд ва масоҳати умумии масҷид пас аз ин ду тавсиа ба 4096 $м^2$ расидааст (Доктор Ризвон Фазлурраҳмон, Татаввуру баъзи хадамоти-л-ҳарами-н-набавиййи-ш-шариф. Маккаи Мукаррама, 1423 ҳ.).

Усмон (р) деворҳои масҷидро аз сангҳои нашқдор ва гач, сақфашро бо чӯби соҷ ва сутунҳояшро аз сангҳои дарунковӣ ва бо пояҳои оҳанин ва сурбин коргузоришуда бино кард. Вай ҳамчунин дар намозгоҳи худ дар қиблаи масҷид мақсурае бо равзанаҳои хурд бино кард, ки намозгузорон аз онҳо имомро медиданд.

Гуфтанист, ки ҳарду халифа Умар (р) ва Усмон (р) масҷидро аз тарафи шарқ, ки ҳуҷраҳои ҳамсарони Паёмбар (с) дар он тараф воқеъ шуда буданд, тавсиа надоданд ва ҳуҷраҳо ҳанӯз ҳам – пас аз тавсиаи сеюми масҷид дар замони халифаи рошид Усмон (р) дар канори он мавҷуд буданд, вале ҳавлии чанд саҳоба харидорӣ ва аз тарафи ғарб ва шимол ба масҷид ҳамроҳ карда шуданд. Ҳамчунин барои рӯшноӣ ва тоза шудани ҳавои дохили масҷид дар шарқу ғарби он равзанаҳое боз карда шуданд. Ин тавсиа моҳи муҳаррами соли 30 ҳиҷрӣ ба поён расид.

**4.** Масҷиди набавӣ то замони халифаи умавӣ Валид ибни Абдулмалик (88-91 ) бо ҳамон шакл ва абъоди тавсиаи Усмон (р) боқӣ монд. Валид моҳи рабеъулаввали соли 88 коргузори худ дар Мадина Умар ибни Абдулазиз (рҳ)-ро ба бозсозӣ ва тавсиаи масҷиди набавӣ супориш дод. Ин тавсиа то соли 91 идома ёфт. Умар ибни Абдулазиз (рҳ) аз тарафи ғарб ду сутун – ба андозаи 20 зироъ=10 метр, аз тарафи шарқ се сутун – ба андозаи сӣ зироъ=15 метр ва аз шимол низ 40 зироъ=20 метр бар он афзуд. Дар болои масҷид ду сақф – сақфи поёнӣ ва сақфи болоӣ бардошт, ки сақфи поёнӣ аз чӯби соҷ ва бо иртифои 25 зироъ=12,5 метр сохта шуда буд.

Умар ибни Абдулазиз (рҳ) тамоми ҳуҷраҳои ҳамсарони Паёмбар (с), ки дар шимоли масҷид воқеъ гардида буданд ва ҳамин тавр ҳавлиҳои ҳамҷаворро харидорӣ ва ба он афзуд. Шоёни зикр аст, ки ҳамсарони он Ҳазрат (с) дар он вақт ҳама аз дунё гузашта ва ҳуҷраҳои эшон ба ворисон ва бастагонашон тааллуқ доштанд.

Дарозии масҷид ба 200 зироъ=100 метр ва бараш дар тарафи пеш ба 200 зироъ=100 метр ва дар тарафи охир

ба 180 зироъ=90 метр расид ва масоҳати умумиаш 36 000 зирои мураббаъ (9 000 $м^2$) тавсиа ёфт.[292]

Дар ин тавсиа барои масҷид чаҳор миъзана ва меҳробе низ сохта шуд ва деворҳояш аз дохил бо мармар, тилло ва қитъаҳои гулкоришуда тазйин дода шуданд, сақф, болои сутунҳо ва остонаи дарҳо бо тилло ороиш дода шуданд ва дар ҷо-ҷои он 20 дар ва 14 равзана (тиреза) боз карда шуд.

**5.** Дар замони халифаи аббосӣ Маҳдӣ панҷумин тавсиаи масҷиди набавӣ сурат гирифт. Вай пас аз анҷоми фаризаи ҳаҷ соли 161 ҳ. (779 м.) ба Мадина ташриф овард ва ба тавсиаи масҷиди набавӣ амр кард ва Абдуллоҳ ибни Осим наводаи Умар ибни Абдулазиз (рҳ)-ро ба ин кор гуморд. Тавсиа ва бозсозии он пас аз чаҳор сол дар соли 165 ҳ. (782 м.) ба поён расид. Танҳо аз тарафи шимол 100 зироъ=50 метр ба масҷид афзуда шуд, ки дарозиаш 300 зироъ=150 метр ва масоҳати умумиаш 54 000 зирои мураббаъ (13 500 $м^2$)-ро ташкил дод.

Хулафои аббосӣ ба ободии масҷид ба ғоят эҳтимом меварзиданд, то ҷое ки дигар то сӯхтани он дар соли 654 ҳ. ба тавсиа ва бозсозии он ниёзе пеш наомад.

**6.** Соли 654 ҳ. баробар ба соли 1256 м. дар масҷиди набавӣ оташсӯзие ба амал омад ва аксари бинои он аз байн рафт. Як сол пас соли 655 ҳ. (1257 м.) халифа Мустаъсим Биллоҳ ба бозсозӣ ва бинои он пардохт, вале ба сабаби истилои муғулҳои муҳоҷим бар Бағдод нотамом монд. Пас аз он султони Миср Рукнуддини Бейбарс барномаи такмили бинои маҷсидро рӯи даст гирифт ва пас аз чанде онро бар ҳамон асли пешин бино кард. Ин аввалин оташсӯзӣ дар масҷиди набавӣ буд.

**7.** Пас аз инқирози хилофати аббосиён дар соли 656 ҳ. (1258 м.) ба дасти муҳоҷимони муғул сарпарастӣ ва идораи Мадина ба дасти подшоҳон – мамлукҳои Миср гузашт, ки дар эъмори масҷиди Паёмбар (с) корҳои ба-

---

[292] Тавсиату-л-ҳарамайни-ш-шарифайн, Визорату-л-эълом. – С. 31-32; Татаввуру баъзи хадамоти-л-ҳарами-н-набавийи-ш-шариф. – С.. 21-28.

ёдмондание анҷом доданд. Соли 886 ҳ. (1481 м.) масҷиди набавӣ бар асари фурӯ рехтани соиқа (оташак)-е аз осмон боз дучори оташсӯзӣ гардид ва малик Ашрафи Қойтбой ба бозсозӣ ва бинои он пардохт ва соли 888 ҳ. (1483 м.) бинои онро ба итмом расонд.

Гуфтанист, ки дар ин тавсиа девори шарқии масҷид аз паҳлӯи ҳуҷраи Паёмбар (с) ба андозаи ду зироъ ва рубъе васеъ карда шуд, ки дар умум 120 $м^2$-ро ташкил медиҳад.

**8.** Пас аз поёни ҳукми мамлукҳо дар Миср соли 923 ҳ. (1517 м.) хулафои усмонӣ сарпарастӣ ва идораи масҷиди набавиро ба даст гирифтанд ва ба иҷрои ислоҳоте дар он пардохтанд, вале бинои малик Қойтбой ба муддати 377 соли дигар ҳамчунон побарҷо буд, то он ки дар деворҳои масҷид тарқишҳое ба вуҷуд омад. Пас аз омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъ султон Абдулмаҷид соли 1265 ҳ. (1848 м.) ба бозсозӣ, тавсиа ва бинои масҷиди набавӣ амр кард ва пас аз 13 сол онро дар соли 1277 ҳ. (1861 м.) ба итмом расонданд.

Султон Абдулмаҷид барои ин кори азим ҳайати бештар аз сесаду паноҷҳнафараи коншиносон, оҳангарон, сангтарошон, гачкорон, наҷҷорон, хаттотон ва ғайраро бо тамоми васоил ва таҷҳизоти зарурӣ аз Остона (Истанбул) ба Мадина равона кард ва илова бар маъмури хосси худ дар ин кор онро ба василаи қосидони худ аз пойтахти хилофат пайваста пайгирӣ, назорат ва роҳнамоӣ мекард. Онҳо дар теппаҳои беруни Мадина дар рӯ ба рӯи Абёри Алӣ дар Водии Ақиқ кӯҳ ва маъдане аз сангҳои сурхи ақиқӣ кашф ва аксари маводди сохтмониро аз он омода карданд. Дар беруни шаҳр корхонаҳои гачгудозӣ ва ғайра ба кор андохтанд ва масҷидро бо меъмории нодире бино карданд.

Султон Абдулмаҷид дар тарафи шимоли маҷсид ҳуҷраҳое барои таълими Қуръон бино кард ва масҷидро дар ҷои миъзанаи асосӣ 5 зироъ ва рубъе тавсиа дод, ки дар умум 1300 $м^2$-ро ташкил медиҳад.

**9.** Бинои масҷид то нимаи дуюми асри бист бар ҳамон меъмории маҷидӣ боқӣ монд, то он ки мамлакати Саъудӣ дар замони малик Абдулазиз Оли Саъуд моҳи рабеъулаввали соли 1372 ҳ. (1952 м.) ба тавсиаи ҷадиде дар он оғоз кард ва писараш малик Суъуд онро дар моҳи рабеъулаввали соли 1375 ҳ. (10/1955 м.) ба итмом расонд.

**10.** Тарҳи дувумин тавсиаи масҷиди набавӣ дар даврони ҳукми хонадони Оли Саъуд дар замони малик Фаҳд ибни Абдузазиз соли 1405 ҳ. (1984 м.) ба мавриди иҷро баровbooарда шуд ва пас аз даҳ сол дар соли 1414 ҳ. (1994 м.) ба итмом расид. Ин охирин ва бузургтарин тавсиае буда, ки дар таърихи масҷиди набавӣ ба амал баровarda шуд. Шукӯҳи он имрӯз ҳар бинандаеро маҷзуб месозад. Масҷиди набавӣ ин навбат бо тамоми таҷҳизоти муосири барқӣ, васоили сардкунанда, имконоти оби ошомиданӣ ва ғуслу вузӯ, микрофонҳо, маркази тавлиди нерӯи барқ, дастгоҳҳои пахши мустақими радиоӣ ва телевизионӣ ва ғайра муҷаҳҳаз сохта шуд.

Ҳарчанд дар бораи ҳаҷми рақамҳои тавсиаи масҷид тайи мароҳили гуногуни он ва ҳамин тавр чанд сантиметр эътибор шудани зироъ дар байни муаррихон ва коршиносони соҳа ихтилофи назар вуҷуд дорад, вале бар асоси рақамҳои фавқ масоҳати умумии масҷиди набавӣ пас аз тавсиаи маҷидӣ (султон Абдулмаҷид), ки имрӯз ҳам қисмате аз он дар ҷиҳати қиблаи масҷид ҳифз шудааст, ҳудуди 15 000 м$^2$ ва ба гуфтаи мураттибони китоби Тавсиату-л-ҳарамайни-ш-шарифайн бештар аз даҳ ҳазор (10 303) м$^2$-ро ташкил медодааст.

Дар тавсиаи аввали Саъудӣ 4056 м$^2$ аз бинои маҷидӣ боқӣ гузошта ва 6247 м$^2$-и он аз байн бурда шуд. Сипас ба қисмати зоилшуда бештар аз 6 000 м$^2$-и дигар афзуда шуд ва маҷмӯи тавсиаи аввали Саъудӣ 12 270 м$^2$-ро ташкил дод ва ба ин тартиб масоҳати умумии масҷид бо изофаи 4056 м$^2$ боқимонда аз бинои маҷидӣ ба 16 326 м$^2$ расид, ки барои 28 000 намозгузор гунҷоиш доштааст.[293]

[293] Тавсиату-л-ҳарамайни-ш-шарифайн, Визорату-л-эълом. – С. 42.

Аммо дар тавсиаи дуюми ходими Ҳарамайн малик Фаҳд масоҳати 82 000 м² ба он афзуда шуд ва масоҳати он дар маҷмӯъ 98 326 метри мураббаъро ташкил дод, ки барои ҳудуди 180 000 намозгузор гунҷоиш дорад.

Масоҳати сатҳи масҷид 67 000 метри мураббаъ буда, 8750 метри мураббаи он финоҳои қуббапӯш ва мавзеи гунбазҳо ва 58 250 метри мураббаи он барои намоз омода аст, ки гунҷоиши 90 000 намозгузорро дорад. Пас дохили масҷид ва сатҳи он дар маҷмӯъ гунҷоиши ҳудуди 270 000 намозгузорро дорад. Саҳнҳои атрофи масҷид масоҳати 235 000 метри мураббаъро ташкил медиҳанд, ки 135 000 метри мураббаи он барои намоз пешбинӣ шуда ва гунҷоиши 430 000 намозгузорро дорад. Ба ин тартиб масҷиди набавӣ пас аз тавсиаи дуюми он дар замони малик Фаҳд бо сатҳ ва саҳнҳои атрофаш дар умум гунҷоиши ҳудуди 700 000 намозгузорро дорад.[294]

**11.** Қисматҳои афзудашуда бар масҷиди набавӣ тайи мароҳили гуногуни тавсиаи он дар фазилат, афзоиши аҷр ва дигар аҳком дар назди ҷумҳури уламо ҳукми ҳамон қисматеро доранд, ки масҷид дар замони ҳаёти Расули Худо (с) шомили он буд ва аҷру савоб ва арзиши ибодатии намоз дар ҳама ҷои он, ба ҷуз равзаи муборака, яксон аст. Ривоят шуда, ки саҳобагони киром ва салафи солеҳ пас аз тавсиаи масҷид дар замони халифаи дуюм Умар (р) ва сеюм Усмон (р) ва Валид дар қисматҳои афзудашудаи он намоз мехонданд.

Саҳнҳои атрофи масҷид низ бахшҳои мукаммили он ба шумор меравaнд, ҳарчанд ҳанӯз ба бинои масҷид шомил нашудаанд, пас намоз дар онҳо низ ҳамон аҷру савоб ва ҳукми намоз дар дохили масҷидро дорад.

---

4056 м², ки аз бинои маҷидӣ боқӣ гузошта шуда, ба ин ҳисоб масоҳати масҷид пас аз тавсиаи халифаи сеюм Усмон (р) аст. Дар ин ҳисоб ё зироъ камтар аз 45 см эътибор карда шуда ва ё масоҳати масҷид чанд зирое камтар аз ҳисоби матн дониста шудааст.

[294] Муҳаммадилёс Абдулғанӣ, Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййиш-шариф. – С. 39-75. – Мадинаи мунавара, 1996; Тавсиату-л-ҳарамайни-ш-шарифайн. – С. 15-56.

Доктор Ризвон Фазлурраҳмон масоҳати масҷид дар замони Расули Худо (с) ва ҳаҷми тавсиаҳои гуногунро дар он то тавсиаи аввали суъудӣ дар ҷадвале овардааст, ки баъзе рақамҳояш аз гуфтаҳои боло фарқ доранд ва зикри он аз фоида холӣ нест.

| | |
|---|---|
| Дар замони Расули Худо (с) соли 7 ҳ./28 м. | 2475 $м^2$ |
| Дар замони Умар (р) соли 17 ҳ./638 м. | 1100 $м^2$ |
| Дар замони Усмон (р) 29-30 ҳ./649-650 м. | 496 $м^2$ |
| Дар замони Валиди Умавӣ 88-91 ҳ./707-710 м. | 2369 $м^2$ |
| Дар замони Маҳдии Аббосӣ 161-165 ҳ./779-782 м. | 2450 $м^2$ |
| Дар замони Ашрафи Қойтбой 886-888ҳ./1481-1483м. | 120 $м^2$ |
| Дар замони султон Абдулмаҷид 1265-1277 ҳ./-1848-1861 м. | 1293 $м^2$ |
| Дар замони малик Абдулазиз ва писараш малик Суъуд 1370-1375 ҳ./1951-1955 м. | 6024 $м^2$ |
| Дар маҷмӯъ | 16327 $м^2$ |

**Аз чароғ то барқ**

Масҷиди набавӣ дар имтидоди асрҳо бо васоили рӯшноидиҳандаи муносиб бо ҳар давр, аз қабили чароғ, қандил, шамъ ва ахиран неруи барқ таъмин шудааст. Гӯянд аввалин касе, ки дар масҷиди набавӣ дар замони Расули Худо (с) чароғ овехта, Тамими Дорӣ (р) буда ва ба қавле Умар ибни Хаттоб (р) будааст. Ба гуфтаи Самҳудӣ дар замони Ибни Забола (ибтидои асри 3 ҳ.) дар масҷиди набавӣ 256 қандили доимӣ ва 100 қандили дигар барои вақтҳои зарурӣ вуҷуд дошта ва дар саҳни он 4 машъал буд, ки дар болояшон чароғдонҳои бузург насб шуда ва 6 фонус ҳам мавҷуд буд, ки кормандони хадамоти масҷид пас аз намози хуфтан барои берун кардани мардум ва бастани дарҳои он онҳоро ба даст мегирифтанд.

Ин амал ҳамеша фузунӣ меёфт ва масҷид давра ба давра бо васоил ва хадамоти рӯшноидиҳии бештар ва беҳтаре муҷаҳҳаз мешуд, то он ки дар арафаи ҷашни ёдбуди ба хилофат расидани султон Абдулҳамид дар 25 шаъбони соли 1326 ҳ./1907 м. барои аввалин бор неру-

гоҳи хурди баркие дар шимоли масҷид коргузорӣ ва дохил ва саҳнҳои атрофаш бо неруи барқ таъмин карда шуд. Ифтитоҳи он бо расидани аввалин қатора (поезд) ба Мадина аз маркази хилофат шаҳри Остона (Истамбул) дар 22 шаъбони ҳамон сол рост омад.

## Равзаи муборака ва дигар осори динӣ дар Масҷиди набавӣ

**1. Равзаи муборака** ва он мавзеест дар масҷиди набавӣ, ки дар байни минбар ва хонаи Паёмбар (с) – ҳуҷраи Оиша (р) воқеъ шудааст. Расули Худо (с) дар бораи он мефармояд: ***«Мобайни хона ва минбарам боғе аз боғҳои биҳишт аст ва минбарам бар ҳавзам аст»***.[295]

Уламо ва шореҳон дар баёни маънои ин ҳадис назарҳои гуногуне иброз доштаанд: а) Мобайни хона ва минбар дар нузули раҳмат ва ҳусули саодат ба мисли яке аз боғҳои ҷаннат аст, б) ё ибодат дар он ба биҳишт мебарад, в) ё дар баробари яке аз боғҳои биҳишт ҷой гирифтааст, г) он дар ҳақиқат, яке аз боғҳои биҳишт аст ва дар охират ҳам ба он ҷо интиқол дода мешавад.[296] Самҳудӣ пас аз зикри ин аҳвол мегӯяд: Раъйи ахир дар назди ман қавитарини онҳост, Ибни Наҷҷор низ онро тарҷеҳ дода ва имом Молик (рҳ) онро ба зоҳири маъно ҳамл кардааст, яъне он дар ҳақиқат, яке аз боғҳои биҳишт аст ва дар охират ба он ҷо интиқол дода мешавад ва ба мисли дигар қисматҳои замин фонӣ намегардад. Ҷамоае аз уламо ҳам бар ин назар мувофиқ ҳастанд.[297]

Масоҳати равзаи муборака ба гуфтаи Ибни Забола аз минбар то ҳуҷраи он Ҳазрат (с) 53 зироъ – ҳудуди

---

[295] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1195, 1196. Саҳеҳи Муслим, 3355-3357 (1390)-500, 501, 502.

[296] Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 5. – С. 206; Самҳудӣ, Вафоу-л-вафо. – Ҷ. 2. – С. 429, 430.

[297] Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 114-115.

Вале аксари уламо дар маънои ҳадис қавли дуюмро тарҷеҳ медиҳанд ва он ҷоро макони нузули бештари баракот ва раҳмати Худо ва заминаи ҳусули саодат медонанд.

26,5 метр буда[298] ва Самҳудӣ низ онро дар Вафоу-л-вафо (Ҷ. 2. – С. 438) таъйид намудааст. Девори мисини зард-тобе, ки дар атрофи ҳуҷраи он Ҳазрат (с) бардошта шуда, қисмате аз равза – равоқи байни сутунҳои ҳамшафат бо девори ҳуҷраро фаро гирифта, ба андозаи 9 зироъ=-4,5 метр аз он кам кардааст ва равзаи муборака феълан 22,5 метр тӯл ва 15 метр арз (бар) дорад.[299]

Масҷиди набавӣ дар пешгоҳи Худованд ҷойгоҳи хоссе дорад ва намоз дар он аз намоз дар дигар мавзеъҳо ҳазор баробар бартар аст. Бо ин вуҷуд аҳодис ва осори ривоятшуда барои равзаи муборака нисбат ба дигар гӯшаҳои масҷид арзиши бештар ва маънои дигаре қоил шудаанд. Бинобар ин, бандаи мӯъмин вақте дар он ҷо ҳузур меёбад, ба гӯша ва гулгаште аз боғҳои биҳишт ворид шудааст, пас бикӯшад, ки аз он фазои биҳиштӣ ҳарчи беҳтар ва бештар баҳраманд гардад.

Дар замони султон Салимхон сутунҳои равзаро то нисф бо мармари сафед тазйин доданд ва дар бинои маҷидӣ сутунҳоро таҷдид намуда, онҳоро боз бо мармари сафед тазйин доданд. Ин тазйини мармарӣ аз сутуни вуфуд то сутуни назди минбар ва мобайни он то ду равоқи пеши равза аз тарафи кибла ва пешорӯи қабри шарифро дар бар мегирад ва ба гуфтаи Барзанҷӣ дар Нузҳату-н-нозирин (С. 40) бо ин кор нишонаи латифе барои марзи равза аз тарафи шимол ба вуҷуд омадааст.

---

[298] Муҳаммад ибни Ҳасан маъруф ба Ибни Забола, Ахбору-л-Мадина. – С. 92. – Мадина, 2003.

Ибни Забола муаррихи садаи 2 ҳиҷрӣ ва аз аҳолии Мадина буда, дар назди муҳаддисон ғайри сиқа аст. Вале муаррихони баъдӣ, ба монанди Самҳудӣ ва ғ. дар ахбори марбут ба Мадина бештар ба ривоятҳои ӯ дар китоби Ахбору-л-Мадина истинод кардаанд. Китоби мазкур мутаассифона, имрӯз мафқуд ва ноёб аст ва Салоҳ Абдулазиз ибни Зайн Саломат аз осори муаллифони баъдӣ иборaҳо ва матни навиштаҳои Ибни Заболаро гирдоварӣ ва ба шакли китобе бо ҳамон ном ба чоп расонидааст. Пеш аз ин шарқшиноси олмонӣ Вестинфелд HEINRICH FERDINAND WUESTENFELD (1808-1899) низ хулосаи аҳволи ӯро аз Вафоу-л-вафои Самҳудӣ гирдоварӣ ва соли 1861-62 бо номи Таъриху-л-Мадина ба чоп расонида буд.

[299] Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 5. – С. 206; Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 116.

**2. Минбари Паёмбар** (с). Расули акрам (с) дар ибтидо рост истода хутба мехонд ва ба чӯби хурмое, ки дар тарафи пеши масҷид насб шуда буд, такя мекард. Чун рост истодан барояш вазнин гашт, барояш минбаре сохта ва дар ҷониби ғарбии мусаллояш гузошта шуд ва он пас аз ҳама дигаргуниҳо ва афзудагиҳое, ки дар имтидоди асрҳо бар масҷид ворид гардид, имрӯз ҳам дар ҳамон ҷояш воқеъ шудааст. Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки: ***«Паёмбар (с) рӯзҳои ҷумъа бо такя бар дарахте ва ё хурмое рост меистод. Зан ва ё марде аз ансор гуфт: Эй Расули Худо (с), оё бароят минбаре бисозем?! Гуфт: Агар хоста бошед. Он гоҳ барояш минбаре сохтанд. Чун рӯзи ҷумъа шуд (ва) ба минбар баромад, (он чӯби) хурмо ба мисли садои кӯдак ба нолиш даромад. Расули Худо (с) фуруд омад ва онро ба оғӯш гирифт ва он ба мисли кӯдаке, ки ором сохта мешавад, нолиш мекард.*** Ровии ҳадис гӯяд: ***Барои (ҷудоӣ аз он) зикре, ки дар назди худ мешунид, мегирист»***.[300]

Минбари Расули Худо (с) соли 8 ҳиҷрат аз чӯби газ бо се зина – ду зина ва ҷои нишаст сохта шуд. Паёмбар (с) дар зинаи боло – сеюм нишаста пойҳояшро дар зинаи дуюм мегузошт. Абӯбакр (р) дар зинаи дуюм менишаст ва пойҳояшро дар зинаи аввал мегузошт ва Умар (р) дар зинаи аввал менишаст ва пойҳояшро бар замин мегузошт. Усмон (р) низ шаш соли аввал дар ҷои Умар (р) менишаст, пас аз он боло баромад ва дар ҷои Паёмбар (с) нишаст.

Муъовия (р) вақте ба ҳаҷ омад, шаш зинаи дигар бар он афзуд ва минбари Расули Худо (с)-ро дар болои он гузоштанд. Он бо ҷои нишаст нӯҳ зина шуд ва хулафо пас аз он дар зинаи ҳафтум меистоданд, ки зинаи аввали минбари Расули Худо (с) ба шумор мерафт.

Минбар ба ҳамин вазъ боқӣ монд, то он ки тайи оташсӯзие дар Масҷиди набавӣ соли 654 ҳ./1256 м. сӯхт ва пурра аз байн рафт. Соли 656 ҳ/1258 м. дар ҷои он минбаре сохтаи дасти малик Музаффар ҳокими Яман гузошта шуд ва он низ соли 666 ҳ./1268 м. бо минбари дигаре, ки аз сӯи Зо-

---

[300] Саҳеҳи Бухорӣ, 3584.

ҳир Бейбарс фиристода шуд, иваз карда шуд. Соли 797 ҳ./-1395 м. он низ бо минбари дигаре, ки Зоҳир Барқуқ аз Миср фиристод, иваз карда шуд ва соли 820 ҳ./1418 м. бори дигар бо минбаре, ки амир Муайяд фиристод, иваз гардид.

Соли 886 ҳ./1481 м. бар асари оташсӯзии дигаре, ки дар Масҷиди набавӣ ба вуқӯъ омад, он минбар низ сӯхт. Аҳли Мадина пас аз он минбаре аз хишти хоми гачкоришуда дар он гузоштанд ва он бо минбари мармарине, ки соли 888 ҳ./1483 м. малик Ашрафи Қойтбой аз Миср фиристод, иваз карда шуд. Дар ниҳоят Султон Муроди сеюм соли 998 ҳ./1590 м. минбари мармарини чаҳорпояе, ки бо оби тилло ва нақшҳои зебо тазйин дода шуда, ба Масҷиди набавӣ эҳдо кард ва дар ҷои минбари Расули Худо (с) дар ғарби меҳроби набавӣ гузошта шуд. Минбари Султон Мурод 12 зина дорад, ки се зинаи он берун ва нӯҳ зинааш дар дохили дари минбар ҷойгир шудаанд. Ин минбар имрӯз ҳам вуҷуд дорад ва дар болои дари он абёти зерин ба забони арабӣ навишта шудаанд:

Арсала Султон Мурод ибну Салим,
Мустазидан хайра зодин ли-л-маъод.
Дома фӣ авҷи-л-ъуло султонуҳу,
Оминан фӣ зиллиҳи хайру-л-билод.

Наҳва равзи-л-Мустафо, салло ъалайҳ,
Раббуна-л-ҳодӣ биҳи кулла-л-ъибод.
Минбаран қад уссисат арконуҳу,
Би-л-ҳудо ва-л-юмни мин сидқи-л-фуод.

Минбаран юъли-л-ҳудо эълоуҳу,
Рома мансубан лиасҳоби-р-рашод!
Қола Саъдун мулҳиман таърихаҳу,
Амара минбаран Султон Мурод!
997 ҳ.[301]

Минбари он Ҳазрат (с) ба андешаи аксари уламо, ҳамон гуна ки дар ҳадиси равза бо сароҳат зикр шуда, ба биҳишт бурда шуда ва дар лаби ҳавзаш барпо дошта

[301] Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 121.

мешавад. Дар ҳадиси дигаре низ омадааст: ***«Пояҳои минбарам дар биҳишт насб шудаанд»***.[302]

**3. Мусаллои Паёмбар** (с). Расули Худо (с) пас аз қудум ба Мадина муддати бештар аз шонздаҳ моҳ ба сӯи Байтулмуқаддас дар шимоли масҷид намоз мехонд. Мавзеи он, ки ба мусаллои аввали Паёмбар (с) маъруф аст, дар ҷои сутуни панҷум дар рости дари Ҷабраил (ъ) аз пушти сутуни Оиша (р) аст.

**4. Меҳроби Паёмбар** (с). Расули Худо (с) пас аз таҳвили қибла ба сӯи хонаи Каъба муддати понздаҳ рӯз ба сӯи сутуни Оиша (р) намоз хонд, пас аз он ба мусаллои наваш дар ҷануби масҷид рафт. Гуфтанист, ки Масҷиди набавӣ дар замони Паёмбар (с) ва хулафои рошид меҳроби дарунрафта ба он шакле, ки имрӯз дар масҷидҳо маъмул аст, надошта ва он Ҳазрат (с) ба сӯи чӯби хурмо, ки пас аз сохтани минбар дар ҷояш сутуни мухаллаққа гузошта шуд, намоз мехонд. Умар ибни Абдулазиз (рҳ) соли 91 ҳ./710 м. дар марҳалаи чаҳоруми тавсиаи бинои масҷид дар ҷои мусаллои Паёмбар (с) ба шакли доираи дарунхолӣ меҳробе сохт, ки баъдҳо ба меҳроби Паёмбар (с) маъруф гашт. Мусалло дар тарафи ғарби ин меҳроб аст ва бар он: «Ин мусаллои Расули Худо (с) аст», навишта шудааст.

**5. Меҳроби усмонӣ**. Халифаи сеюм Усмон (р) пас аз тавсиаи масҷид дар ҷиҳати қибла барои намозгузории худ мақсура (ҳуҷраи пешнамоз)-е бино кард, ки ба он мусаллои усмонӣ гуфта мешуд. Умар ибни Абдулазиз (рҳ) соли 91 ҳ./710 м. дар аснои таҷдиди бинои масҷид дар ҷои он дар девори тарафи қибла меҳроби дигаре сохт, ки баъдҳо ба меҳроби усмонӣ маъруф гашт.

**6.** Сутунҳое дар Масҷиди набавӣ, ки ҳодисаи таърихие дар садри аввал ба онҳо тааллуқ дорад ва аз назари бузургони пешин мояи баракат ва мавзеи иҷобати дуъо ҳастанд, иборатанд аз:

**а) Сутуни мухаллақа** (хушбӯ) ва он сутуне аст, ки дар ҷои чӯби хурмо пас аз сохтани минбар гузошта шуд.

---

[302] Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 5. – С. 206.

Он дар канори меҳроби набавӣ аз тарафи қибла аст ва бар он: «Ин сутуни мухаллақа аст», навишта шудааст.

Пеш аз сохта шудани минбар Расули Худо (с) ҳангоми хондани хутба бар он чӯби хурмо такя мекард ва намозҳои фаризаро ба сӯи он мегузорид. Саҳоба, тобеин ва бузургони пас аз онҳо намоз дар назди сутуни мухаллақаро дӯст медоштанд. Онро ба он ҷиҳат мухаллақа гӯянд, ки бо хушбӯие бо номи халуқ муаттар сохта мешуд.

Онро сутуни Мусҳаф низ гӯянд. Молик ибни Анас (рҳ) ривоят мекунад, ки Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ба шаҳрҳои муҳим мусҳафҳое фиристод ва ба Мадина ҳам мусҳафи бузурге фиристод. Он мусҳаф дар сандуқе дар тарафи рости сутуне, ки нишонаи мақоми Паёмбари акрам (с) буд, гузошта шуд. Дар фазилати намоз ва зикр дар назди ин сутун Язид ибни Абӯубайд мавлои Салама (р) мефармояд: ***«Ҳамроҳи Салама ибни Акваъ (ба масҷид) меомадам (ва) вай мекӯшид дар назди сутуни Мусҳаф намоз гузорад. Пурсидам: Эй Абӯмуслим, мебинам, ки (ҳамеша) мекӯшӣ дар назди ин сутун намоз бигузорӣ?! Гуфт: Паёмбар (с)-ро дидам, ки мекӯшид намозро дар назди он бигузорад»***.[303]

Аз имом Молик (рҳ) пурсида шуд: Дар кадом мавзеи масҷиди Паёмбар (с) намоз бароят маҳбубтар аст? Гуфт: Намози нофила дар ҷои мусаллои Паёмбар (с) ва намози фариза дар саффи аввал.

**б) Сутуни Оиша** (р) ва он сутуни миёнаи равзаи муборака – ҳам аз тарафи минбар, ҳам аз тарафи қабр ва ҳам аз тарафи қибла сутуни сеюм аст. Ба он сутуни қуръа ва сутун ва ё нишастгоҳи муҳоҷирон низ гӯянд. Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Дар масҷид гӯшае аз ҷониби ин сутун вуҷуд дорад, ки агар мардум (арзиши) намози худро дар он бидонанд, барои намоз дар он қуръапартоӣ кунанд»***.[304]

---

[303] Саҳеҳи Бухорӣ, 502.

[304] Табаронӣ, Мӯъҷаму-л-авсат, 862; Маҷмаъу-з-завоид. – Ҷ. 3. – С. 511.

Онро барои он сутуни Оиша (р) гӯянд, ки вай манзури ҳадис – он сутунро муайян намуд. Дар идомаи ҳадиси фавқ омадааст: ***«Дар назди вай (Оиша) ҷамоае аз фарзандони саҳоба ва муҳоҷирон ҳузур доштанд, пурсиданд: Эй Модари мӯъминон, он дар куҷост? Онҳоро ҷавобе надод. Муддате дар наздаш макс намуданд, сипас хориҷ гаштанд ва Абдуллоҳ ибни Зубайр дар наздаш боқӣ монд. Гуфтанд: Вайро хабар медиҳад, дар масҷид мунтазири ӯ бимонед, то бубинед, ки дар куҷо намоз мегузорад!? Абдуллоҳ пас аз соате хориҷ шуд ва дар назди сутуне, ки писараш Омир ба сӯи он намоз гузорида буд, намоз хонд. Пас ба он сутуни қуръа гуфта шуд»***.

Ва онро сутуни муҳоҷирон ба он ҷиҳат гӯянд, ки муҳоҷирони Макка дар назди он менишастанд. Паёмбар (с) пас аз таҳвили қибла муддати 15 рӯз дар пушти он намоз гузорид, пас аз он ба ҷои мусаллои худ омад ва онро дар пушташ гузошт. Абӯбакр (р), Умар (р), Зубайр (р) ва писараш Абдуллоҳ (р) ба сӯи он намоз мехонданд.

**в) Сутуни тавба** ва ба он сутуни Абӯлубоба низ гӯянд. Он сутуни чаҳорум аз тарафи минбар, дуюм аз тарафи қабр ва сеюм аз тарафи қибла аст ва дар рости қабр дар рӯ ба рӯи сари он Ҳазрат (с) воқеъ шудааст. Абӯлубоба ибни Абдулмунзир пас аз ҳодисаи Банӣ Қурайза худро ба он сутун баст, то ба он ҳол бимирад ва ё Худо тавбаашро бипазирад ва Худо бар вай тавбаашро пазируфт.

**г) Сутуни сарир** (тахти хоб), ки ба panҷараи ҳуҷра часпида, дар шарқи сутуни тавба воқеъ шудааст ва бар он: «Ин сутуни сарир аст», навишта шудааст. Паёмбар (с) тахти хобашро ҳангоми эътикоф дар пушти он мегузошт. Аз Ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки фармуд: ***«Расули Худо (с) даҳаи охири моҳи рамазонро эътикоф менишаст***. Нофеъ ровии ҳадис мегӯяд: Абдуллоҳ ибни Умар ҷоеро, ки Расули Худо (с) дар он эътикоф менишаст, ба ман нишон дод».[305] Ибни Умар боз мефармояд: ***«Паёмбар (с) вақте эътикоф менишаст, бистар ва ё тах-***

---

[305] Саҳеҳи Муслим, 2773 (1771)-2; Сунани Ибни Моҷа, 1773.

***ти хобаш дар пушти сутуни тавба гузошта мешуд».***[306] Ин сутун ба ҳуҷраи Оиша (р) ба андозае наздик буда, ки ба гуфтаи худи ӯ Расули Худо (с) сарашро ба вай наздик мекард ва ӯ сари он Ҳазрат (с)-ро шуста шона мекард.[307] Он дар рости сари Паёмбар (с) воқеъ шудааст.

**д) Сутуни маҳрас** (посгоҳ), ки ба панҷараи ҳуҷра часпида ва аз тарафи шимол дар пушти сутуни сарир воқеъ шудааст ва бар он: «Ин сутуни маҳрас аст», навишта шудааст. Саҳобагон барои посбонии Паёмбар (с) дар назди он менишастанд. Ба он сутуни Алӣ ҳам гуфта мешавад, зеро мусаллои ӯ ба сӯи он буд ва дар паҳлӯи чапи он дар пеши дари хонаи Паёмбар (с) барои посбонӣ менишаст. Амирони Мадина дар назди он намоз мегузориданд. Оиша (р) мефармояд: ***«Паёмбар (с) посбонӣ мешуд, то он ки ояти:*** **Ва Худо туро аз мардум ҳимоят мекунад (5: 67)** ***нозил шуд. Он гоҳ Паёмбар (с) сар аз равоқи хона берун кард ва фармуд: Эй мардум, баргардед, Худо маро нигоҳ медорад!».***[308]

**ж) Сутуни вуфуд** (ҳайатҳо, намояндагон), ки он ҳам ба панҷараи ҳуҷра часпида, аз тарафи шимол дар пушти сутуни маҳрас воқеъ шуда ва дар болои он: «Ин сутуни вуфуд аст», навишта шудааст. Паёмбар (с) барои пазирой ва сӯҳбат бо ҳайатҳои қабилаҳо ва намояндагони мардуми араб дар назди он менишаст. Ба он сутуни қилода низ гуфта мешуд, зеро бузургони саҳоба ва сарони банӣ Ҳошим дар назди он менишастанд.[309]

Намоз ва зикр дар назди сутунҳои Масҷиди Паёмбар (с), ба хусус дар пушти сутунҳои дохили равзаи муборака фазилати хоссе дорад ва дар ривоятҳо омадааст, ки саҳобагони кором барои намоз ба сӯи сутунҳо мубодират мекарданд. Анас (р) ривоят мекунад, ки бузурго-

---

[306] Сунани Ибни Моҷа, 1374.

[307] Саҳеҳи Бухорӣ, 296, 2028, 2029, 2046; Сунани Ибни Моҷа, 1778.

[308] Мустадраки Ҳоким. – Ҷ. 2. – С. 313.

[309] Вафоу-л-вафо. – Ҷ. 2. – С. 249, 250; Таърих у-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 116.

ни саҳобаи Паёмбар (с)-ро дидам, ки вақти намози шом ба сӯи сутунҳо мешитофтанд.[310]

Гуфтанист, ки сақфи ҷиҳати қиблаи масҷид дар замони Паёмбар (с) се равоқ дошт ва сутунҳояш аз чӯби хурмо буданд. Дар марҳалаҳои гуногуни таҷдиди бино сутунҳои Масҷид иваз мешуданд, вале сутунҳои нав бо диққат дар ҷои сутунҳои қаблӣ гузошта мешуданд. Ин амр бо ахбор ва гузоришҳои мутавотир собит шудааст.

**7. Ҳуҷраи шариф – Ҳуҷраи Оиша (р)**. Паёмбар (с) пас аз бинои масҷид дар тарафи шарқи он ду ҳуҷрае барои ҳамсаронаш Оиша (р) ва Савда (р) низ бино кард ва пас аз издивоҷ бо дигар ҳамсаронаш барои онҳо низ ҳуҷраҳое бино кард. Ҳуҷраи Ҳафса (р) аз тарафи қибла ва бақияи ҳуҷраҳо аз ҷиҳати шарқ ва шимол мушриф бар масҷид буданд ва ба назар мерасад, ки дар атрофи ҳар кадомаш фусҳа ва фазои бозе ба сурати ҳавлӣ вуҷуд дошта. Ҳуҷраҳои Паёмбар (с) ба гуфтаи Довуд ибни Қайс маъмулан аз шоххҳои хурмо сохта шуда, аз берун бо порчаи пашмине пӯшида шуда буданд.[311] Иртифои онҳо аз қомати одам каме баландтар буд. Ҳасани Басрӣ мефармояд: Вориди хонаҳои Расули Худо (с) мешудам ва ман ҷавоне наздик ба синни балоғат будам, дастам ба сақфи онҳо мерасид.[312]

Паёмбари акрам (с) ҳудуди даҳ сол бо ҳамсаронаш дар онҳо ба сар бурд ва пас аз вафот ҷасади муборакаш дар ҳуҷраи Оиша (р) ба хок супорида шуд. Аз Яҳё ибни Саъид ривоят шуда, ки Оиша (р) ҳамсари Паёмбар (с) гуфт: ***«Хоб дидам, ки се моҳ дар канорам афтоданд. Хобамро ба Абӯбакри Сиддиқ гуфтам. Вақте Расули Худо (с) вафот кард ва дар хонаам дафн шуд, Абӯбакр ба ман гуфт: Ин яке аз он моҳҳоят аст ва ӯ беҳтарини онҳост»***.[313]

---

[310] Саҳеҳи Бухорӣ, 502.

[311] Ал-адабу-л-муфрад, 451.

[312] Хулосату-л-вафо. – С. 278.

[313] Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 158, ба нақл аз Муваттаи имом Молик, 30/16; Муҳаммад ибни Саъд ибни Манеъи

Пас аз ду солу чанде халифаи аввал Абӯбакр (р) низ вафот кард ва дар ҳуҷраи шариф дар канори Паёмбари акрам (с) ба хок супорида шуд.

Пас аз даҳ солу чанд моҳи дигаре халифа дуюм Умар ибни Хаттоб (р) низ аз дунё даргузашт ва дар ҳуҷраи шариф дар канори онҳо ба хок супорида шуд.

Умар (р) дар замони хилофаташ бинои хуҷраи шарифро таҷдид намуд ва деворҳояшро ба ҷои шоххҳои хурмо бо хишти хом бино кард. Пас аз он Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) низ бинои онро дар замони хилофаташ таҷдид намуд. Ибни Саъд дар Табақоти Кубро аз Амр ибни Динор ва Убайдуллоҳ ибни Абӯязид овардааст, ки фармуданд: Хонаи Паёмбар (с) дар аҳди он Ҳазрат (с) деворе надошт ва аввалин касе, ки бар он девор бардошт, Умар ибни Хаттоб (р) буд ва он девори кӯтоҳе буд. Пас аз он Абдуллоҳ ибни Зубайр бинои онро таҷдид намуд.[314]

Гуфтанист, ки Оиша (р) то поёни умраш дар ҳамон ҳуҷра ба сар бурд ва пас аз дафни халифаи дуюм Умар (р) қабрҳоро аз ҷои хобаш бо деворе ҷудо сохт.

Дар аснои тавсиаи соли 91 ҳ. вақте хонаҳои ҳамсарони Паёмбар (с) аз ворисонашон харидорӣ ва ба Масҷиди набавӣ афзуда шуданд, девори шарқии ҳуҷраи шариф бар асари шикоф ва тарқише гашт ва Умар ибни Абдулазиз (рҳ) онро низ бозсозӣ ва деворҳояшро аз санги сиёҳ бино кард ва аз беруни он девори панҷкунҷаи дигаре ба таври масдуд – бе дар низ бардошт.

Қабрҳои шарифро пас аз саҳобагоне, ки дар дафни Умар (р) ширкат доштанд, ба ҷуз баъзе наздикони Оиша (р) дигар касе надида буд. Қосим ибни Муҳаммад – писари бародари Оиша (р) ривоят мекунад, ки аз Оиша (р) хостам: ***«Эй модар, қабри Паёмбар (с) ва ёронашро ба ман нишон деҳ! Се қабрро ба ман нишон дод, ки на баланд***

---

Зуҳрӣ маъруф ба Ибни Саъд, Сунану-н-набиййи ва айёмуҳу, 1557-58. – Ҷ. 1. – С. 539. – Бейрут, 1995.

[314] Муҳаммад ибни Саъд ибни Манеъи Зуҳрӣ маъруф ба Ибни Саъд, Аттабақоту-л-кубро. – Ҷ. 2. – С. 256. – Қоҳира, 2001; Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 167, 168.

***ва на ҳамвор ва (ба замин) часпида буданд ва бо сангрезаи сурхи Арса*** (макони дар беруни Мадина) ***пӯшида буданд».***[315]

Вақте пойдевори қаблиро бартараф мекарданд, бараяшон соқи пойе – аз қадам то зону намудор шуд. Умар ибни Абдулазиз (рҳ) ва ҳамроҳонаш ба фикри он ки мабодо пои Паёмбар (с) бошад, ба даҳшат афтоданд ва касеро наёфтанд, ки аз он огоҳ бошад. Дар ин вақт Урва – хоҳарзодаи Оиша (р) гуфт: Не, ба Худо, ки он пои Паёмбар (с) нест, он намебошад, магар пои Умар (р).[316]

Аз ин ривоят ва ривояти дигаре, ки соҳиби Фатҳ аз Раҷо ибни Ҳайва овардааст[317], бармеояд, ки қабрҳои шариф дар ин давра – пас аз ҳудуди чиҳил сол аз ҳодисаи аввал то андозае ба замин ҳамвор шуда будаанд. Зеро Умар ибни Абдулазиз (рҳ) ва касе аз ҳамроҳонаш аз тартиби ҷойгиршавии онҳо соҳиби пои намудоршударо ташхис дода натавонистанд.

Пас аз бинои девори панҷгӯшаи дигаре дар атрофи девори аввал аз сӯи Умар ибни Абдулазиз (рҳ) қабрҳои шариф аз диди умум мастур буданд, то он ки пас аз асрҳо дар тарафи шарқии ҳар ду девор – берун ва дарун тарқиш ва шикофе ба вуҷуд омад ва соли 881 ҳ. бо амри малик Ашрафи Қойтбой ба таҷдиди он пардохтанд. Вақте девори панҷзовияи берунро вайрон карданд, диданд, ки дар девори дохил ҳам аз шимол тарқише ба вуҷуд омадааст ва чун онро ҳам мунҳадим сохтанд, соҳаи ҳуҷраи

---

[315] Сунани Абӯдовуд, 3220; Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 4. – С. 195-96.

[316] Саҳеҳи Бухорӣ, 1390; Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 4. – С. 193-96.

[317] Раҷо ибни Ҳайва гуфт: «Валид ибни Абдулмалик ба (коргузори худ дар Мадина) Умар ибни Абдулазиз навишт ва ӯ хуҷраҳои ҳамсарони Паёмбар (с)-ро (барои тавсиаи масҷид) харида буд: Онҳоро мунҳадим кун ва масҷидро дар ҷояшон тавсиа деҳ! Умар дар гӯшае бинишаст ва ба ҳадми онҳо амр кард ва ҳеҷ вақте ӯро аз он рӯз гирёнтар надида будам. Он гоҳ онро ҳамон гуна ки ирода дошт, бино кард. Дар рафти бинои хона бар қабр (-и шариф) вақте бинои пешинро вайрон кард, ҳар се қабр намоён гаштанд, ки реги болои онҳо ҳамвор шуда буд...» (Фатҳу-л-борӣ. – Ҷ. 4. – С. 196).

шариф намудор шуд ва Самҳудӣ соҳиби китоби Вафоу-л-вафо, ки шоҳиди бевоситаи ҳодиса будааст, мегӯяд: Ҳуҷраи шарифро ҳангоми боз шудани (девори беруни) он дидем, он чаҳоркунҷа ва бо сангҳои сиёҳи тарошхӯрдае бино шуда буд, ки рангашон ба ранги сангҳои хонаи Каъба наздикӣ дошт. ... ва хонаи дохил аслан даре ва ё ҷое барои дар надошт.[318] Дар ҷои дигар мефармояд: Ба ҳуҷраи шариф бо тааммул нигаристам ва дидам, ки он замини ҳамвор буд ва аз хокаш бо даст бардоштам, дидам, ки нам ва сангреза аст. Ҳеҷ нишонае (дар он) аз қабрҳои шариф надидам, ба ҷуз ин ки дар миёнаи ҳуҷра ҷои баландтаре вуҷуд дошт ва он шояд қабри Умар (р) бошад.[319]

**8. Ҳоиз (ҳиёт ва девор)-и панҷкунҷа**. Чӣ тавре баён шуд, Умар ибни Абдулазиз (рҳ) пас аз бозсозии ҳуҷраи шарифа соли 91ҳ. перомуни он девори панҷгӯшаи дигаре бо баландии 13,5 зироъ=ҳудудан 6,5 метр бино кард ва дар он ҳеҷ ҷои кушодае барои дар ва ё ба сурати равзана боқӣ нагузошт ва он сақф ҳам надошт. Девори ҳуҷра мураббаъ (чаҳоркунҷа) буд, вале Умар ибни Абдулазиз (рҳ) барои он ки рӯи намозгузорон бевосиба ба сӯи қабрҳо наояд, ин ҳоизро ба шакли панҷкунҷа сохт. Девори ҳоиз дар ҳамаи тарафҳо аз девори ҳуҷра бо фосилаи ҳудуди бештар ва ё камтар аз як ваҷаб ҷудо шудааст, ба ҷуз тарафи шимол, ки ба шакли секунҷа буда ва байни девори дарун ва ҳоиз ба андозаи ҳашт зироъ=ҳудуди чаҳор метр фосила вуҷуд дорад. Ҳоизи панҷгӯша пас аз он дар тӯли таърих борҳо таъмир шуда, вале то ба ҳол дар ҷои худ ба ҳамон шакли қаблиаш боқист.

**9. Мақсураи шарифа**. Ин ном бар деворе, ки дар гирдогирди ҳоизи панҷкунҷа бардошта шудааст, итлоқ мегардад ва нахустин касе, ки ин деворро ба вуҷуд овард, султон Зоҳир Рукнуддин маъруф ба Бейбарси Бундуқ-

[318] Вафоу-л-вафо. – Ҷ. 2. – С. 326; Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 170.

[319] Вафоу-л-вафо. – Ҷ. 2. – С. 404; Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 164.

дорӣ – яке аз салотини машҳури мамлукҳо ба соли 668 ҳ. (1270 м.) аст. Он ба баландии ду қомат ва аз чӯб сохта шуда буд ва хатти буриши он дар дохили масҷид аз байни сутунҳои канори ҳуҷра ва равзаи муборака мегузашт. Сипас шоҳ Зайнуддини Катбуғо – яке дигар аз салотини мамлукӣ соли 694 ҳ. (1296 м.) панҷараи гирде бар он афзуд ва баландиашро то сақфи масҷид расонд.

Дар оташсӯзии дуюми масҷиди набавӣ ба соли 886 ҳ./1481 м. мақсураи шарифа низ сӯхт ва соли 888 ҳ./1484 м. султон Ашрафи Қойтбой панҷараҳои мисӣ ва оҳание ба вазни 400 қинтор баробар бо 17,817 кг дар ҳафтод шутур ба Мадина фиристод ва он ба таври куллӣ бозсозӣ шуд. Гуфтанист, ки мақсураи шарифа аз замони Ашрафи Қойтбой то ба ҳол, бо таҷдиди дарҳо ва тармимоти зоҳирие, ба ҳамон шакли қаблии худ боқист. Он ба ҳуҷраи шарифа ва дарҳояш ба дарҳои он шинохта мешаванд ва имрӯз зиёратгари турбати пок аз самти қибла аз беруни он қарор мегирад.

**10. Қуббаи болои ҳуҷраи шарифа**. Болои ҳуҷраи шарифа аслан бо чӯб пӯшонида шуда буд ва малик Ашрафи Қойтбой соли 881 ҳ./1477 м. – панҷ сол пеш аз оташсӯзӣ дар масҷиди набавӣ тармимотеро дар он ба роҳ монда ва дар рафти ин бозсозӣ сақфи чӯбини ҳуҷраро ба қуббаи зебое табдил дод. Онро аз сангҳои тарошхӯрдаи сиёҳ ва барои такмилаш сафед бардоштанд ва аз берун бо гачи сафед андуданд ва дар болояш наздик ба сақфи масҷид дар он рӯз ҳилоли мисине насб карданд. Баландии қубба аз замин то зери ҳилоли мисин ҳаждаҳу рубъи зироъ=ҳудуди нӯҳ метр буд.

Дар болои қубба равзанаи хурде боқӣ гузоштанд, то дар байни қабри шариф ва осмон ҳоиле вуҷуд надошта бошад ва ба он симҳои борикеро таниданд, то аз афтиши парандагон монеъ шавад.

Соли 678 ҳ./1279 м. ба амри султон Мансури Қаловун дар сақфи масҷид дар мувозоти ҳуҷраи шарифа гунбаде аз чӯб бардошта шуд. Пеш аз он сақфи масҷидро дар мувозоти ҳуҷра бо деворе аз хишти хом ба андозаи

нисфи қомат аз бақияи он мутамоиз сохта буданд. Дар замони малик Ашрафи Қойтбой соли 892 ҳ./1486 м. дар сақфи масҷид дуруст дар болои ҳуҷраи шарифа қуббаи дигаре сохтанд ва онро бо ранги сабз оростанд. Дар қуббаи сабзи масҷид низ дар мувозоти равзанаи поён равзанаи дигаре бо ҳамон абъод боз карданд. Макон ва самти ҷойгиршавии равзанаҳо ба андозае дақиқ буд, ки вақте офтоб дар соатҳои муайян аз болои он мегузашт, нури он ба рӯи қабри шариф мерасид ва борон ҳам ба он фурӯ мерехт.

**11. Дарҳои Масҷиди набавӣ**. Чӣ тавре зикр гардид, масҷид дар замони Расули Худо (с) се дар дошт, яке дар тарафи шимол-шарқ, ки ба он дари Паёмбар (бобу-н-Набӣ) (с) гуфта мешуд, дигаре дар тарафи ғарби он, ки ба он дари Раҳмат (бобу-р-Раҳмат) гуфта мешуд ва саввум дар тарафи ҷануб дар охири масҷид, ки пас аз таҳвили қибла баста ва ба ҷои он дар шимоли масҷид дари дигаре боз карда шуд.

Дари аввалро барои он бобу-н-Набӣ мегуфтанд, ки Паёмбар (с) аз он дар ба масҷид меомад. Номи он баъдҳо, вақте Расули Худо (с) аз ғазваи Хандақ баргашт ва силоҳ ба замин ниҳод, Ҷабраил (ъ) савори аспе омад ва аз рӯ ба рӯи дари масҷид аз ҷанозагоҳ ӯро садо кард ва фармуд: ***«... Ба сӯи онҳо – банӣ Қурайза хориҷ шав!...»***[320], ба дари Ҷабраил (ъ) иваз шуд.

Самҳудӣ дар сабаби тасмияи дари дуюм ба дари Раҳмат дар Вафоу-л-вафо (Ҷ. 2. – С. 697) овардааст, ки он ба сабаби вуруди марде рӯзи ҷумъа аз дари масҷид аст, ки дар самти Дорулқазо[321] дар тарафи ғарби минбар воқеъ шуда буд. Он мард барои рафъи хушксолӣ аз Расули Худо (с) дархости дуъо кард ва Паёмбар (с), ки хутба мехонд, даст ба дуъо бардошт ва аз даргоҳи Худо талаби борон ва серобӣ кард. Ин буд, ки дар осмон абр

---

[320] Ишора ба ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 4117 ва Мусаннафи Абдурраззоқ, 5/270 дар ин бора ривоят шудааст.

[321] Дорулқазо ҳамон ҳавлии Умар ибни Хаттоб (р) аст, ки барои пардохти қарзаш фурӯхта шуд ва дар ибтидо ба он Дори қазои дайни Умар гуфта мешуд.

пайдо шуд ва борон – раҳмати Худо он сарзаминро шодоб гардонд.[322]

Дар тавсиаи замони Умар (р) (17 ./38 м.) низ се дари дигар ба масҷид афзуда шуд. Яке аз онҳо дар қисмати охири масҷид аз тарафи шарқ барои занон ихтисос дода шуд, ки ба дари Занон (бобу-н-Нисо) маъруф аст, дари дуюм дар қисмати пеши масҷид аз тарафи ғарб ҷойгир шуда ва ба он дари Салом (бобу-с-Салом) мегӯянд ва дари сеюм дар шимоли масҷид буд. Дари дуюмро барои он бобу-с-Салом гуфтаанд, ки дар мувозоти зиёратгари турбати пок воқеъ шудааст, вақте дар рӯ ба рӯи қабри шариф ба он ҷаноб (с) салом мегӯяд.

Дар замони Расули Худо (с) дар масҷид даричаҳои дигаре низ вуҷуд дошта, ки яке аз онҳо даричаи Абӯбакри Сиддиқ (р) буд. Он дар девори ғарбии масҷид аз тарафи рости минбар воқеъ буда, хонаи ӯро ба масҷид мепайваст ва бо хавхаи Абӯбакри Сиддиқ (р) маъруф буд. Расули Худо (с) дар беморие, ки бар асари он вафот кард, фармуд: ***«Ҳеҷ даре (аз чунин дарҳо) дар масҷид, ба ҷуз дари Абӯбакр, боқӣ намонад, магар баста шавад!»***.[323] Дар тавсиаи замони Умар (р) хонаи Абӯбакри Сиддиқ (р) ба масҷид ҳамроҳ карда шуд ва он дарича дар мувозоти ҷои аввалаш боқӣ гузошта шуд. Имрӯз ҳам даричаи Абӯбакри Сиддиқ (р) дар масҷиди набавӣ дар байни боби Раҳмат ва боби Салом вуҷуд дорад ва дар равоқи он: «Ин хавхаи Саййидуно Абӯбакри Сиддиқ (р) аст», навишта шудааст.[324]

Пас аз эҷоди ҳар тавсиае дар бинои масҷид он дарҳо дар мувозоти ҷои аввалашон насб мешуданд. Дар тавсиаҳои баъдӣ низ ба Масҷид дарҳои нав афзуда шуда ва бо номҳои хулафои рошид, баъзе подшоҳон ва ғайра номгузорӣ шудаанд.

---

322 Ишора ба ҳадисе аст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 1013-14 аз Анас ибни Молик (р) дар ин бора ривоят шудааст.

323 Саҳеҳи Бухорӣ, 466.

324 Вафоу-л-вафо. – Ҷ. 2. – С. 703; Таъриху-л-масҷиди-н-набавиййи-ш-шариф. – С. 136-145.

# БАХШИ ЧОРУМ

## Истилоҳоти шаръӣ, ҷуғрофӣ ва дигар калимаҳои марбут ба ҳаҷ

## Луғатнома ва тавзеҳи калимаҳои душвор

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

۞ جَعَلَ ٱللَّهُ ٱلْكَعْبَةَ ٱلْبَيْتَ ٱلْحَرَامَ قِيَٰمًا لِّلنَّاسِ وَٱلشَّهْرَ
ٱلْحَرَامَ وَٱلْهَدْىَ وَٱلْقَلَٰٓئِدَ ۚ ذَٰلِكَ لِتَعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ مَا فِى
ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ وَأَنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمٌ ﴿٩٧﴾

**«Худованд Каъба – хонаи ҳаром (муқаддас), моҳи ҳаром ва ҳадйу қалоидро хезишгоҳи мардум гардонидааст. Ин барои он аст, ки бидонед, Аллоҳ он чиро, ки дар осмонҳо ва дар замин аст, медонад ва ин ки Аллоҳ бар ҳар чизе доно ва огоҳ аст».** (Сураи Моида, 5: 97).

Барои омодатар гардидани зеҳни хонанда ва хуб ба хотир супоридани барнома ва маносики ҳаҷ дар ин бахш маҷмӯае аз истилоҳот, номҳои ҷуғрофӣ ва калимаҳое, ки дар ҷо-ҷои маросими ҳаҷ ба кор мераванд, вале хонандаи тоҷик чандон ошноие ба онҳо надорад, пешкаш ва рӯи дасти ӯ қарор дода мешаванд.

## ИСТИЛОҲОТИ ШАРЪӢ ВА НОМҲОИ ҶУҒРОФӢ

**1. Айёми ташриқ:** Рӯзҳои ёздаҳум, дувоздаҳум ва сездаҳуми зулҳиҷҷаро, яъне се рӯзи пас аз иди Қурбонро айёми ташриқ мегӯянд. Дар он се рӯз, ки бевосита ба рӯзи ид пайвастаанд, ҳоҷиён ва мардуми Макка ва гирду атрофи он ба офтоб додан ва хушк намудани гӯштҳои қурбонӣ мепардозанд.

Гӯшти қурбонӣ, бинобар зиёд будани қурбоникунандагон, ба андозае зиёд аст, ки дигар ба зудӣ тамом намешавад. Дар гузашта яке аз василаҳои нигаҳдории гӯшт дар офтоб хушк намудани он буд. Ташриқ ба маънои офтоб додан ва дар офтоб хушк намудан аст.

**2. Ақаба** – дар минтақаи Ҷамарот теппае буд, ки гузаргоҳи миёни ду кӯҳ дар канори он қарор дошт. Ақабаҳои сегона теппаҳое аз санг буданд ва ба тартиб бузургтар, миёна ва хурд дар паҳлӯи ҳам воқеъ буданд. Сангрезаҳо ба онҳо партоб мешуд. Соли 1376 ҳ ҳукумати Саудӣ дар зимни барномаи ободсозии манотиқи Мино, Муздалифа ва Арафот ҳар се ақабаро ҳамвор намуда, ба ҷои онҳо рамзҳои сегонаи шайтонро гузошта ва дар болои он пули Ҷамаротро сохтааст.

Ақабаи бузург ҳамон ақабаест, ки Паёмбар (с) соли 12-уми рисолат дар наздикиҳои он аввалин бор аз мардуми Ансор байъат гирифта буд.

**3. Арафот** – номи саҳро ва водиест, ки пас аз Муздалифа воқеъ гардидааст. Ҳамон тавре, ки гуфтем, ҳудуди Ҳарам дар Муздалифа тамом мешавад ва Арафот берун аз ҳудуди он ҷойгир шудааст. Вуқуф (истодан) дар Арафот яке аз се рукни асосии ҳаҷ мебошад. Касе, ки вуқуфи дар Арафотро дар рӯзи Арафа дарёбад, ҳаҷро дарёфтааст ва касе, ки он рукн аз вай фавт гардад, ҳаҷро дарнаёфтааст.

Ҳудуди Арафот то батни Урана, Савба ва Намира то Зилмаҷоз мерасад. Худи ин маконҳо аз Арафот ба шумор намераванд. Ҳудуд ва марзҳои Арафот аз та-

моми ҷонибҳо бо забони арабӣ ва англисӣ нишонагузорӣ ва муайян шудаанд. Касе дар беруни ҷойҳои аломатгузоришуда биистад, вуқуфи вай дуруст намешавад.

**4. Боби банӣ Шайба** – яке даромадгоҳҳои саҳни Ҳарам ба тавофгоҳ, ки аз пушти Мақоми Иброҳим (ъ) дар шарқи Хона воқеъ гардида буд. Мардуми Қурайш пас аз сукунат дар ҳарими Каъба дар замони Қусай ибни Килоб арсаи хурдеро барои тавоф перомуни он боқӣ гузошта буданд ва дар байни манзилҳо ва маҳалли сукунати ҳар хонадон кӯчае вуҷуд дошта, ки онҳоро ба ҳарими Каъба мерасонд ва бо номи сарони он хонадон маъруф буд. Яке аз ин даромадгоҳҳо дар он замон Боби Абдушамс буд, ки бо номи Боби банӣ Шайба шинохта мешуд. Он охири марзи тавофгоҳ дар он замон аз тарафи шарқ буда ва ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар ҳаҷҷатулвадоъ аз он дар вориди Масҷид гардид.[325]

Дар ривоятҳои таърих аз вуҷуди асари дар – санҷадарӣ, паҳлӯдарӣ, болодарӣ ва ғ. дар Боби банӣ Шайба дар он замон гузорише дода нашудааст, вале баъдҳо аз сӯи баъзе салотини исломӣ он ба сурати равоқе рӯи ду сутуни мармар сохта шуда ва то замони тавсиаи аввали суъудӣ вуҷуд дошт.

**5. Водии Муҳассар** – дарра ва селроҳаест дар марзи фосил байни Муздалифа ва Мино, ки аз назари ҷумҳури аҳли суннат на аз Муздалифа ба шумор меравад, на аз Мино. Ҳаҷгузорон вақте аз Муздалифа пеш аз баромадани офтоби рӯзи ид ба тарафи Мино ҳаракат мекунанд, мустаҳаб аст суръати худро дар водии Муҳассар ба андозаи як сангпарто тезтар намоянд. Зеро ба гуфтаи фақеҳон он ҷои нузули азоб бар асҳоби Фил – сипоҳи Абраҳа аст. Ривоят шуда, ки Расули Худо (с) вақте ба он ҷо расид, суръати шутурашро каме тезонд.[326]

---

[325] Сираи Ибни Ҳиббон. – С. 384. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила; Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[326] Ишора ба ҳадисе аст, ки аз Ҷобир (р) дар бораи ҳаҷҷи Паёмбари акрам (с) ривоят шудааст (Саҳеҳи Муслим, 2941 (1218)-147).

Аз назари бузургони ҳанафӣ вуқуфи воҷибӣ вақте дар дохили марзҳои Муздалифа сурат нагирад, дар Водии Муҳассар ва ё Мино дуруст намегардад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Арафа ҳамааш мавқиф аст ва аз батни Урана дур шавед, Муздалифа ҳамааш мавқиф аст ва аз батни Муҳассар дур шавед!».***[327]

**6. Вуқуф** – ба маънои истодан аст ва дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои чанд лаҳзае пас аз заволи рӯзи арафа то ғуруби офтоби он истодан дар дашти Арафот аст. Вуқуф дар Арафа муҳимтарин рукни ҳаҷ аст ва касе онро дарёфта бошад, ҳаҷро дарёфтааст ва он аз касе фавт шуда бошад, ҳаҷҷаш нотамом боқӣ мемонад. Вақти афзали он пас аз заволи рӯзи арафа то фурӯ рафтани офтоби он рӯз аст ва дар ҳолати зарурӣ онро то дамидани субҳи рӯзи ид – пеш аз оғози вуқуф дар Муздалифа метавон анҷом дод.

Ба ҷуз вуқуф дар Арафа вуқуфи дигаре низ дар Муздалифа вуҷуд дорад, ки он воҷиб аст ва пас аз дамидани субҳи рӯзи наҳр – иди қурбон то пеш аз тулӯи офтоб анҷом дода мешавад.

**7. Забҳ ва забҳгоҳ** – куштан ва забҳ намудани қурбониҳо дар забҳгоҳ (қассобхона). Имрӯзҳо забҳгоҳи калоне дар водии Мино сохта шудааст, ки тамоми қурбониҳо дар он ҷо забҳ мешаванд. Дар пеши он ба чанд забони дунё, аз ҷумла ба арабӣ «مَذْبَح» (забҳгоҳ) ва ба форсӣ «كُشْتارْگاه» (кушторгоҳ) навишта шуда ва дар ҷо-ҷои Мино бо нишоначӯбҳои махсус роҳи он нишон дода шудааст.

**8. Истилом** – ба маънои даст расонидан аст ва дар истилоҳи фақеҳон ба маънои расонидан ва молидани даст ба рукнҳои ямонӣ ва Ҳаҷаруласвад дар асnои тавофи хонаи Каъба аст. Ин амал суннати тавоф аст.

---

[327] Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 42. – С. 343-345, зайли моддаи Водии Муҳассар, ба нақл аз китоби Мушкилу-л-осори Таҳовӣ.

**9. Ифоза** [إفاضة] – дар луғат ба маънои руҷӯъ ва бозгашт аз ҷоест ва дар таъбири қуръонӣ (2: 198) ба маънои руҷӯъ ва сарозер шудани ҳоҷиён шоми рӯзи арафа ба сӯи Муздалифа аст, вале дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои тавофи фарзӣ аст, ки ба он тавофи зиёрат, тавофи фарзӣ ва тавофи рукн низ мегӯянд. Пас аз баргашти ҳоҷиён аз Арафот ба Муздалифа ва пагоҳи рӯзи ид аз он ҷо ба Мино ва Ҷамарот, вақти рукни сеюми ҳаҷ – тавофи фарзӣ шурӯъ мешавад ва онро бо назардошти маънои боло «тавофи ифоза», яъне тавофи пас аз бозгашт номидаанд.

**10. Ифрод** – яке аз он се навъи ҳаҷ аст. Ифрод ба маънои кореро танҳо ва бе ҳамроҳии кори дигаре анҷом додан аст. Ифроди дар ҳаҷ дар истилоҳи фиқҳӣ, он аст, ки ҳаҷгузор дар як мавсим маросими ҳаҷро бидуни умра анҷом диҳад, аз миқот танҳо барои ҳаҷ эҳром бандад ва аз умра сарфи назар намояд. Шахсе, ки ҳаҷҷи ифрод анҷом медиҳад, вайро муфрид мегӯянд.

11. **Каъба** – хонаи Худо, аввалин ибодатгоҳ дар рӯи замин ва қиблаи мусалмонон, дар шаҳри Маккаи мукаррама дар васати Масидулҳаром ҷойгир шудааст. Зиёрати он (ҳаҷ) бо одоб ва маносики хоссе бар ҳар фарди мусалмони оқилу болиғ ба шарти доро будани тавоноии молӣ ва баданӣ (иститоат) дар умр як бор фарз аст. Илова бар ин, он меҳвари таваҷҷӯҳ ва қиблаи онҳост, бояд дар намоз, забҳи чорво, ба гӯр мондани мурдагон ва ҳар амри ибодатии дигаре ба сӯи он рӯй оваранд ва дар вақти анҷоми ниёзҳои табиии инсон, ба монанди бавлу ғоит ва ғусл аз истиқболи он дурӣ гузинанд. Самти онро дар истилоҳи фиқҳӣ ҷиҳати қибла гӯянд, ки он бо дигаргуншавии маконҳо ва тӯлу арзи ҷуғрофиёӣ аз як ҷо то ҷои дигар фарқ мекунад.

Хонаи Худо ба ҷуз Каъба дар Қуръони карим бо номҳои дигаре, аз қабили ал-Байт (2: 125, 127,158; 3: 98 ва ғ.), ал-Байтулҳаром (5: 2, 97), ал-Байтулъатиқ (22: 29, 33) ва гоҳе ал-Масҷидулҳаром (2: 144 ва ғ.) низ ёд шудааст.

**12. Кисвати Каъба** – чодар ва порчаи сиёҳест, ки хонаи Каъба ба ҷуз новадон ва дараш ба он пӯшонида ме-

шавад, домани он то поёни деворҳо мерасад ва бо ҳалқаҳои чармине ба шодурвони Хона баста мешавад. Ин чодар нахуст дар кишвари Миср бофта ва бо оятҳое аз Қуръон зардӯзӣ ва тазйин дода мешуд ва ҳар сол бо мавкиби ҳаҷ ба Макка фиристода мешуд. Ҳоло чанд сол аст, ки онро дар кишвари Суъудӣ тайёр мекунанд. Кисвати кӯҳнаи Каъба ҳар сол рӯзи арафа – як рӯз пеш аз иди қурбон вақте ҳоҷиён дар Арафот ҳастанд, тайи маросиме ба чодари нав иваз карда мешавад.

**13. Қирон** – навъи сеюми ҳаҷ мебошад. Қирон ба маънои ду чизро ба ҳам пайваст ва ҳамроҳ намудан аст. Дар истилоҳи шаръ он ҳаҷҷеро ҳаҷҷи қирон мегӯянд, ки ҳаҷгузор барномаи умра ва ҳаҷро дар як эҳром ва бо як ният анҷом диҳад. Аз миқот барои умраву ҳаҷ ҳарду эҳром мебандад. Вақте ба Макка расид, умраро ба ҷой меоварад ва бо ҳамон эҳроми худ дар либосҳои эҳромаш боқӣ мемонад. Рӯзи ҳаштум ба Мино меравад ва ба анҷоми шаоири ҳаҷ шурӯъ менамояд. Аз нав ният намекунад, балки вай аз ҳамон миқотгоҳ барои ҳаҷ низ эҳром баста буд. Шахсе, ки умра ва ҳаҷро дар зимни як эҳром анҷом медиҳад, ба ӯ қорин (қиронкунанда) мегӯянд.

**14. Мавқиф** – ҷои истодан ва гузаронидани вуқуф мебошад. Арафот ҳамааш мавқиф аст. Ҳаҷгузор дар ҳар гӯшае аз он биистад, модоме, ки аз ҳудуди он берун набошад, вуқуфаш дуруст мешавад. Муздалифаро низ мавқиф мегӯянд, зеро дар он ҷо низ вуқуф, яъне пас аз дамидани субҳ то пеш аз баромадани офтоб истодан воҷиб аст.

**15. Мақоми Иброҳим** – тахтасангест, ки ҳазрати Иброҳим (ъ) ҳангоми бардоштани деворҳои Каъба ва рӯи ҳам чидани сангҳо дар он дергоҳи таърих дар болои он истодааст. Асари қадамҳои муборакаш дар он санг боқӣ монда ва он яке аз осори маҳфузмонда аз бунёдгузори хонаи тавҳид Иброҳими Халил (ъ) ва бино ба фармудаи Қуръон (3: 97) яке аз нишонаҳо ва оёти равшани Худованд дар Макка аст.

Бинобар ривоятҳои таърихӣ он санг то замони Расули Худо (с) дар тарафи чапи дари Хона наздики девори Каъба будааст. Вақте шумораи ҳоҷиён сол то сол афзуд, ҳаз-

рати Умар (р) соли 17 ҳ. пас аз ҳодисаи сели Умминаҳшал, ки Мақомро бардошта ба поёни Макка бурд, онро хеле ақибтар дар охири марзи тавофгоҳ то онрӯз наздики Боби банӣ Шайба гузошт ва дар замин муҳкам кард.

Мақоми Иброҳим то қабл аз тавсиаи аввали суъудӣ ба сурати кушода – бе ҳеҷ гуна рӯйпӯше дар мавриди диди мардум қарор дошт, пас аз он болояш бо рӯйпӯше аз миси зард ва қуббаи зарде пӯшонида шуд ва бо пойдевори мармарӣ ба замин муҳкам карда шуд. Дар натиҷаи таъсири омилҳои табиӣ тайи ҳазорон сол дар он танҳо мавзеи ду пои бузург боқӣ монда ва асари аз ҳам ҷудои ангуштон аз он маҳв гаштааст.

**16. Маносик** – ҷамъи мансак ва мансик ба маънои роҳу равиши зӯҳду тақво ва худопарастӣ аст. Маносики ҳаҷ аъмол ва аҳкоми гуногунеро гӯянд, ки ҳангоми гузоридани фаризаи ҳаҷ анҷом дода мешаванд.

**17. Масҷидулҳаром** – арса ва фазои бози атрофи хонаи Каъба, ки дар замони Расули Худо (с) гирди он деворе надошт. Халифаи дуюм Умар (р) соли 17 ҳ. бар вусъати он афзуд ва ба гирдаш деворе пасттар аз қомати инсон бардошт. Он дар тӯли таърихи Ислом борҳо бозсозӣ ва тавсиа дода шуд, ки яке аз бузургтарини онҳо тавсиаи султон Салими Дуюм дар соли 979-980 ҳ./1571-1572 м. ба шумор меравад. Кишвари Саъудӣ дар ду навбат зимни барномаи пурҳаҷме онро тавсиа дода, бинои чандошёна бо сангҳои мармар ва шабистонҳои васеъе дар атрофи он сохтааст ва ҳанӯз қисмати муҳимме аз айвонҳо ва шабистонҳои сохтаи салотини усмонӣ дар маҳватаи дохили он ҳифз шудаанд.

Номи Масҷидулҳаром борҳо дар Қурони карим, аз ҷумла дар оятҳои 144, 149, 150, 191, 196 ва 217 сураи Бақара, ояти 2 сураи Моида, оятҳои 7, 19 ва 28 сураи Тавба, ояти 1 сураи Исро ва ғ. зикр шудааст.

**18. Машъарулҳаром** – ҷои анҷом додани шаоири ҳаҷ ва дар истилоҳи ҷуғрофиёи фиқҳӣ ҳамон Муздалифа аст, ки дар Қуръон бо ин ном зикр гардидааст. Худованд мефармояд:

فَإِذَآ أَفَضۡتُم مِّنۡ عَرَفَٰتٖ فَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ عِندَ ٱلۡمَشۡعَرِ ٱلۡحَرَامِۖ ...

**«Вақте аз Арафот (ба сӯи Мино) сарозер шудед, пас Худоро дар канори Машъарулҳаром ёд намоед».[328]**

Муздалифа се ном дорад: Машъарулҳаром, Ҷамъ ва Муздалифа ва дар миёнаи Мино ва Арафот воқеъ шудааст. Машъарулҳаром (Муздалифа) ҳамааш ба ҷуз водии Муҳассар мавқиф аст ва ҳоҷиён шаби нӯҳум ба даҳуми моҳи зулҳиҷҷа – шаби иди қурбонро дар он ҷо мегузаронанд ва саҳар пас аз намози бомдод яке аз маносики воҷибии ҳаҷ – вуқуф дар Муздалифаро дар он анҷом медиҳанд.

Баъзеҳо бо истинод ба ҳадиси Ҷобир (р) дар сифати ҳаҷҷи Паёмбар (с) онро теғаи охир ва доманаи кӯҳи Қузаҳ дар васати Муздалифа донистаанд, ки дар ин сурат он бахше аз Муздалифа ба шумор меравад. ***«Паёмбар (с) (пас аз намози бомдод) ба Машъарулҳаром (кӯҳи Қузаҳ) омад ва ба болои он баромад, сипас рӯй ба қибла оварда ва ба дуъо, таҳлил, такбир ва зикри ягонагии Худованд пардохт»***.[329] Ба ҳар сурат Муздалифа ҳамааш мавқиф аст ва вуқуф дар ҷойҳои дигараш низ дуруст аст.

**19. Мизоби Каъба** ва он новадоне аст, ки дар шимоли боми Каъба воқеъ буда, оби сақф ба ҳангоми борон ба василаи он ба дохили Ҳиҷр мерезад. Хонаи Каъба пеш аз бинои Қурайш сақфе надошт, вақте онҳо бинои Хонаро таҷдид намуданд, болои онро бо сақфи чӯбине пӯшониданд ва дар ҷои мизоби имрӯзаи он новадони чӯбине гузоштанд. Соли 1274 ҳ./1858 м. султон Абдулмаҷиди Усмонӣ мизоб (новадон)-и паҳне, ки аз панҷоҳ ратл (22 кг) тиллои холис сохта шуда буд, барои Каъба эҳдо кард, ки то имӯрз дар боми Хона боқӣ мондааст.

**20. Миқотгоҳ** – миқотгоҳҳо маконҳои муайян ва махсусе мебошанд, ки барои бастани эҳром дар фосилаҳои

---

[328] Сураи Бақара, 2: 198.

[329] Саҳеҳи Муслим, (1218)-147; Сунани Абӯдовуд, 1905. Ибораи «ба болои он баромад» ба ривояти Абӯдовуд аст, он дар ривояти Муслим вуҷуд надорад.

дуртар аз шаҳри Макка аз ҷониби Расули Худо (с) муайян гардидаанд. Ин миқотгоҳҳо панҷ тарафи шаҳри Маккаро, ки дар он рӯзгор роҳҳои рафту омади мардумони хориҷ аз онҳо мегузаштанд, ба сурати ҳалқае фаро гирифтаанд.

1. **Зулҳулайфа [ذُو الحُلَيفَة]** – миқотгоҳи мардуми Мадина мебошад, ки имрӯзҳо Абёри Алӣ номида мешавад ва масофаи он то Макка ба гуфтаи баъзеҳо 420 км аст.

2. **Зотуирқ** [ذاتُ عِرْق] – миқотгоҳи мардуми Ироқ аст ва имрӯзҳо ба он Зариба гуфта мешавад. Он дар масофаи 100 км дуртар аз Макка ҷойгир шудааст.

3. **Ҷӯҳфа** [الجُحْفَة] – миқотгоҳи мардумони Шом, Миср ва кишварҳои шимоли Африкост. Ҳоло аз маконе дар наздикиҳои он бо номи Робиғ эҳром мебанданд. Робиғ дар фосилаи 186 км дуртар аз Макка ҷойгир шудааст.

4. **Қарн ё Қарнулманозил [قَرْنُ المنازِل]** – миқотгоҳи мардуми Наҷд аст. Ҳоло онро водии Муҳаррам ва ё водии Сейл меноманд. Он дар 78 км шарқи Макка воқеъ шудааст.

5. **Яламлам [يَلَمْلَم]** – миқотгоҳи мардуми Яман аст ва 120 км ҷануби Макка воқеъ шудааст.

Ин маконҳо ҳам барои мардуми минтақаҳое, ки зикр гардиданд ва ҳам барои мардуми кишварҳое, ки аз он сӯи онҳо қарор доранд ва аз ҳамон роҳҳо убур мекунанд, миқот мебошанд. Ба таври мисол, Ҷӯҳфа ҳам барои мардуми Шом ва Миср ва ҳам барои мардуми тамоми кишварҳои шимоли Африка, ки аз он роҳ мегузаранд, миқот мебошад. Зотуирқ ҳам барои мардуми Ироқ ва ҳам барои мардуми тамоми кишварҳое, ки аз ин роҳ мегузаранд, ба монанди Ирон, Афғонистон, Осиёи Марказӣ, Кафказ ва ғайри онҳо, миқот мебошад. Яламлам ҳам барои мардуми Яман ва ҳам барои мардуми Ҳинд ва кишварҳои ҷануб-шарқии Осиё, ки ба воситаи киштӣ ба бандарҳои Яман мерасанд ва пас аз он ба Макка мераванд, миқот мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки ин миқотгоҳҳо дар сари роҳҳое қарор доштанд, ки дар гузашта мардуми он киш-

варҳоро ба Макка мепайваст, вале имрӯз он роҳҳо каму беш тағйир хӯрда, дигар аз баъзе миқотгоҳҳо намегузаранд. Ба таври мисол, Ҷӯҳфа дар замони Расули Худо (с) қаряи бузурге буда, дар даҳ-понздаҳ километрии Робиғ қарор дошт. Вале он имрӯз аз кор афтода, ба вайронае табдил шудааст. Роҳи ҳоҷиён дигар аз Ҷӯҳфа намегузарад. Мардуми Шом дигар ҳама аз тариқи Мадина ба ҳаҷ меоянд ва аз миқотгоҳи аҳли Мадина – Зулҳулайфа эҳром мебанданд. Агар касе ҳам аз кишвари Миср ва ё дигар кишварҳо ба ҳамон роҳи пешин биояд, дигар ба Ҷӯҳфа намеравад, балки аз Робиғ, ки дар наздикии он воқеъ гардидааст, эҳром мебандад.

Зотуирқ, ки миқотгоҳи мардуми Ироқ ва тамоми мардумони моварои он буд, имрӯз аз кор афтода, ҳатто ҷояш барои оммаи мардум номаълум гаштааст. Мардуми Ироқ ва моварои он дигар аз тариқи Мадина ба ҳаҷ мераванд ва аз Зулҳулайфа эҳром мебанданд.

Ҳамон тавре, ки аз дохили миқотгоҳ эҳром баста мешавад, агар роҳҳо каме тағйир хӯрда, аз паҳлӯи он ва ё дуртар аз он бигзаранд, метавон аз паҳлӯи миқотгоҳ ва ё рӯ ба рӯи он эҳром баст.

Дуртарин миқотгоҳ аз Маккаи мукаррама миқоти аҳли Мадина – Зулҳулайфа мебошад. Он аз Макка дар фосилаи тақрибан чорсаду ҳафтод (470) километр ва аз Мадина понздаҳ километр дуртар ҷойгир шудааст ва имрӯзҳо ба Абёри Алӣ маъруф аст.

Ҷӯҳфа бошад, дар фосилаи ҳудудан саду ҳафтод (170) км аз Макка ё каме бештар аз он ҷойгир шудааст. Вале имрӯзҳо аз Робиғ эҳром мебанданд ва он дар фосилаи камтар аз дусад километр дар шимол-ғарби Макка ҷойгир шудааст.

Дигар миқотгоҳҳо – Зотуирқ, Қарнулманозил ва Яламлам аз Макка ду марҳала роҳ ва ё каме бештар аз он, яъне тақрибан ҳаштод-сад километр ва ё каме бештар аз он фосила доранд.[330] Минтақаи Яламлам имрӯз Саъдия номида мешавад.

---

[330] Ду марҳала роҳ ҳудудан ҳаштод километрро дар бар мегирад. Дар Фиқҳи исломӣ онро ҳаштоду нӯҳ км гирифтааст.

Ин миқотгоҳҳо дар атрофи Макка ба сурати нимаҳалқае ҷой гирифтаанд. Барои огоҳии бештар ба харитаи 3 нигоҳ кунед!.

**21. Милайни ахзарайн ва ё ду мили сабз** – ду нишонаи сабзе мебошанд, ки саъйкунанда дар миёни онҳо каме босуръат ҳаракат мекунад. Дар гузашта саъйгоҳ ва кӯҳи Сафову Марва аз ҳудуди масҷид берун буданд. Ин милҳо аз як тарафи роҳ ба девори масҷид ва аз тарафи дигар ба девори ҳавлии Аббос (р) овезон буданд. Аммо, имрӯз баъди тавсиаи масҷид милҳо ба сурати ду чароғи сабзе аз ду тарафи роҳрави саъйгоҳ дар ҳарду ошёнаи масҷид гузошта шудаанд. Бо ду чароғи сабз аввал ва охири мавзее, ки дар он бояд босуръат ҳаракат кард, нишонагузорӣ шудаанд.

**22. Мино** – номи водӣ ва паҳндаштест, ки пеш аз Муздалифа воқеъ гардидааст. Имрӯзҳо он ҷо бо хаймашаҳр шинохта шудааст. Ҳаҷгузорон рӯзи ҳаштум ба он ҷо меравand ва рӯзи ид низ пас аз вуқуфи Муздалифа пеш аз баромадани офтоб ба он ҷо бармегарданд. Онҳо шабҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум ва баъзеҳо шаби сездаҳумро низ дар он ҷо мегузаронанд ва ин шабҳоро дар он ҷо гузаронидан суннат аст. Бахше аз барномаҳо ва маносики ҳаҷ, аз қабили рамй, забҳ ва тарошидани мӯи сар дар он ҷо анҷом дода мешавад.

**23. Миъҷан** ва он ҳуфрае дар канори девори шарқии Каъба дар байни рукни ироқӣ ва дари Хона, ки нишонаи ҷои аввали Мақом дар замони Иброҳим (ъ) ва ҳамин тавр нишонаи намозгоҳи Расули акрам (с) дар рӯзи фатҳи Макка пас аз хуруҷ аз Хона будааст. Он ҳуфра баъдҳо соли 1377 ҳ./1957 м. ҷиҳати тасҳили тавоф баста шуда ва дар ҷояш аломати чаҳоркунае дар рӯи мармарҳо ва дар рӯ ба рӯяш мармари мутафовите дар шодурвони Каъба гузошта шудааст.

**24. Моҳҳои ҳаҷ.** Мавсими ҳаҷ аз ду моҳу даҳ рӯз иборат аст. Моҳи шаввол, зулқаъда ва даҳ рӯзи аввали зулҳиҷҷа.

**25. Муздалифа** – номи водӣ ва даштест, ки дар миёни саҳрои Арафот ва водии Мино воқеъ шудааст. Муздалифа яке аз мавқифҳои муҳим ва асосии барномаи ҳаҷ мебошад. Ҳоҷиён шомгоҳон аз Арафот ба он ҷо меоянд ва шаби идро то субҳ дар он ҷо ба сар мебаранд. Онҳо намозҳои шом ва хуфтанро дар вақти намози хуфтан ба сурати ҷамъи таъхир бо як азон ва як иқома ба ҷой меоваранд. Шабро дар Муздалифа гузаронидан барои ҳоҷиён суннат аст, вале аз дамидани субҳ то пеш аз баромадани офтоби рӯзи ид вуқуф дар он ҷо воҷиб мебошад.

**26. Мултазам** (лузумгоҳ) – мобайни рукни Ҳаҷаруласвад ва дари Хона, ки ба он дуъогоҳ (алмадъо) ва паноҳгоҳ (алмутаъавваз) низ гӯянд. Онро ба он ҷиҳат Мултазам хонанд, ки зиёратгарон рӯ ба рӯи дари Хона истода, ба дуъо мепардозанд ва он яке аз мавзеъҳои иҷобати дуъо ва рехтани ашкҳо аст.

**27. Мустаҷор (паноҳгоҳ)** – мобайни рукни ямонӣ ва дари басташуда дар пушти хонаи Каъба дар мувозоти Мултазам, ки ба он паноҳгоҳ (алмутаъавваз) ва мустаҷоб (ҷои иҷобат) низ гӯянд ва он яке аз мавзеъҳои иҷобати дуъо аст. Он дарро Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) соли 65 ҳ. аз пушти Каъба боз карда буд ва пас аз шаҳодати вай соли 74 ҳ. бо амри халифаи умавӣ Абдулмалик ибни Марвон баста шуд.

**28. Офоқӣ** – ба маънои беруна ва ғайритаҳҷоӣ аст ва дар истилоҳи фиқҳӣ ба он ҳаҷгузоре гуфта мешавад, ки барои анҷоми фаризаи ҳаҷ ва ё умра аз беруни минтақаи Ҳил ба Макка омада бошад.

**29. Рамал ва изтибоъ.** Рамал он аст, ки шахси тавофкунанда суръати ҳаракати худро дар се даври аввали тавоф метезонад ва қуввату тавонмандии худро ба намоиш мегузорад.

Изтибоъ он аст, ки гӯшаи рости порчаи эҳромашро аз зери бағалаш гузаронида, ба болои китфи чапаш мeандозад ва китфи росташро бараҳна мегузорад.

**30. Рамйи ҷимор.** Рамй ба маънои партофтан, партоб намудан ва задан аст. Ҷамарот ва ҷимор ҷамъи ҷам-

ра ба маънои санг, сангреза ва сангча мебошад. Рамйи ҷимор ва ё ҷамарот партоби сангрезаҳо ва задани рамзҳои шайтон бо чанд сангча аст. Ин сангпартоӣ ва сангзанӣ дар минтақаи хоссе бо номи Ҷамарот, ки се рамзи шайтон дар он ҷо сохта шудааст, сурат мегирад.

**31. Рӯзи Арафа** – рӯзи нӯҳуми зулҳиҷҷа аст, ки ҳоҷиён дар он рӯз аз Мино ба Арафот меравaнд ва пас аз завол то ғуруби офтоби он рӯз рукни вуқуфро дар он ҷо анҷом медиханд.

**32. Рӯзи наҳр** – рӯзи даҳуми зулҳиҷҷа аст ва он рӯзи иди Қурбон мебошад. Наҳр ба маънои забҳ кардани шутур ва қурбонӣ кардан аст. Дар он рӯз ҳоҷиён шутурҳо ва дигар чорвоҳои оварда ва ё харидаи худро дар Мино забҳ менамоянд. Он чорвоҳоро ҳадй, яъне қурбонӣ барои ҳаҷ мегӯянд. Бинобар ин, он рӯзро рӯзи наҳр (забҳ) номидаанд.

**33. Рӯзи тарвия [التَّرْوِيَة].** Тарвия ба маънои бо худ об бардоштан ва ё чизеро об додан аст. Он рӯз рӯзи ҳаштуми моҳи зулҳиҷҷа мебошад. Рӯзи ҳаштум тамоми ҳаҷгузорон, хоҳ муфрид бошанд, хоҳ мутаматтеъ ва ё қорин, ҳама ба Мино мераванд. Дар гузашта дар минтақаи Мино ва Арафот обе вуҷуд надошт. Ҳоҷиён дар машкҳо ва дигар василаҳои обнигоҳдориашон аз Макка ҳамроҳи худ об мегирифтанд. Бинобар ин, он рӯзро рӯзи тарвия гуфтанд.

Аммо имрӯз ба шарофати сатҳи баланди хидматрасонии мамлакати Арабистон он ранҷу сахтиҳои даврони гузашта бартараф гардидаанд. Дар Минову Арафот ва дигар ҷойҳо об барои ҳама таъмин аст. Ҳам оби вузӯ ва ҳам оби нӯшиданӣ бе заҳмат ёфт мешавад.

**34. Рукнҳои (гӯшаҳо ва кунҷҳои) хонаи Каъба:**

Рукни ямонӣ. Ин рукн пеш аз рукни Ҳаҷаруласвад мебошад. Ин рукн ва рукни Ҳаҷаруласвадро рукнҳои ямонии хонаи Каъба меноманд, зеро онҳо дар тарафи ҷанубӣ ва самти ямании хона воқеъ гардидаанд. Рукне, ки пас аз дари хонаи Каъба ва пеш аз саршавии Ҳатим воқеъ аст, рукни ироқӣ ном дорад ва рукни сеюмро рук-

ни шомӣ мегӯянд. Ин ду рукн дар шимоли хона воқеъ гардидаанд ва ба рукнҳои шомӣ ё шимолӣ маъруфанд.

**35. Савр** – кӯҳест дар поёни шаҳри Макка аз ҷануб, ки аз Макка ҳудуди се мил (5,400 м) фосила дорад ва баландтарин қуллаи он 759 м аз сатҳи баҳр аст. Расули Худо (с) дар сафари ҳиҷрат ҳангоми хуруҷ аз Макка дар ғоре аз он ба муддати се шабонарӯз пинҳон шуд. Паёмбар (с) бо тадбири ҳакимонае он ғорро, ки дар ҷануби Макка буд, интихоб кард ва мушрикони Қурайш таваҷҷӯҳи худро бештар ба шимоли Макка равон намуда буданд, зеро сафар ба Мадина ҳатман ба он сӯ анҷом мегирифт. Пас аз навмед гаштани мушрикон аз дарёфти ӯ он Ҳазрат (с) ба роҳ афтод ва ба Мадина омад.

Бино ба фармудаи Қуръон Паёмбари акрам (с)-ро дар ин сафар Абӯбакри Сиддиқ (р) ҳамроҳӣ мекард ва бо тавсияи он Ҳазрат (с) пешакӣ омодагии сафарро гирифта буд. Вай ба ифтихори ин ҳамсафарӣ ба Соҳиби ғор маъруф гардид. Худованд дар шаъни онҳо мефармояд: **«Агар ӯро ёрӣ надиҳед, Худо ӯро нусрат дода буд вақте кофирон онҳоро дар (ҳайати) дунафарае берун намуданд, вақте онҳо дар Ғор буданд, ба ҳамроҳаш (соҳибаш) мегуфт: Ғам нахӯр, ки Худо бо мост…».**[331]

**36. Сафо ва Марва** [الصَّفا والمَروة] – номи ду кӯҳи маъруф дар Макка мебошанд, ки рукни (воҷиб) саъй дар байни онҳо анҷом дода мешавад. Он аз Сафо шурӯъ гардида, дар Марва ба поён мерасад. Имрӯзҳо қисматҳое аз он ду кӯҳ каме ҳамвор ва ба бинои масҷид ҳамроҳ карда шудаанд. Ошёнаи дуюми масҷид низ, ҳамон қисмате, ки дар болои саъйгоҳ қарор дорад, барои саъй мувофиқ гардонида шудааст.

Кӯҳи Сафо дар гузашта низ чандон кӯҳи баланде набуд, балки ҳамон доманаи кӯҳи Абӯқубайсро кӯҳи Сафо мегуфтанд. Марва низ дар доманаи кӯҳи Лаълаъ воқеъ мебошад. Лаълаъ теғаи кӯҳи Қуъайқиъон аст. Тавсиаи Масҷидулҳаром аз замони малик Абдулазиз ибни

---

[331] Сураи Тавба, 9: 40.

Абдурраҳмон Оли Суъуд соли 1372 ҳ. шурӯъ гардид ва оҳиста-оҳиста Сафо, Марва, саъйгоҳ ва ғайра, ба он ҳамроҳ гардиданд. Ҳатто берун аз девори масҷид доманаи ҷабали Абӯқубайс ва Лаълаъ низ ҳамвор карда шуда, дар он ҷоҳо роҳ, биноҳо ва ғайра бунёд карда шудааст.

**37. Саъй** – дар луғат ба маънои кӯшиш кардан ва дар коре ҷидду ҷаҳд намудан аст ва дар истилоҳи шаръ ба бахше аз маросими умра ва ҳаҷ, ки аз рафту баргашт дар миёни кӯҳи Сафо ва Марва иборат аст, саъй гуфта мешавад. Саъй байни Сафо ва Марва яке аз рукнҳои умра ва дар ҳаҷ воҷиб аст.

**38. Саъйгоҳ (масъо)** – батни водӣ ва ё мавзеи байни кӯҳи Сафо ва Марва, ки маросими саъй барои ҳаҷ ва умра дар он анҷом дода мешавад ва ба ду марзи байни пасттарин нуқтаи он милайни ахзарайн гуфта мешавад. Масофаи саъйгоҳ аз Сафо то Марва 395,4 м ва бино бар андозаи Иброҳим Рифъат дар соли 1910 405 м аст, ки аз Сафо то ибтидои Милайн 75 м, масофаи байни Милайн 70 м ва аз Милайн мо Марва 260 м будааст.

Болои саъйгоҳ дар гузашта кушода буд ва аввалин бор дар замони Шариф Ҳусайн – ҳокими Макка (1919 м.) сақфпӯш гардид, дар замони малик Суъуд 1375 ҳ./-1955 м. дар болояш бинои дутабақа сохта шуд ва дар тавсиаи дуюм дар солҳои 1415-18 ҳ./1994-97 м. онро ба Масҷид ҳамроҳ ва дар болояш бинои чандошёна сохтанд, ки паҳнои он 20 м аст ва барои ҳаракати дусамта тӯли онро бо панҷара ду қисмат карданд.

Сафо ва Марва аз дидгоҳи Ислом, ба мисли ҳарими Каъба, макони муқаддас ба шумор рафта, бино ба фармудаи Қуръони карим онҳо ва нишемангоҳи байнашон ба шаъираи илоҳӣ ва саъй дар байни онҳо ба яке аз воҷиботи ҳаҷ ва рукнҳои умра табдил шудаанд. **«Сафо ва Марва воқеан ҳам, аз шаоири Худованд ҳастанд, пас касе ҳаҷ ва ё умра намояд, бар вай ҳараҷе набошад, ки дар (байни) онҳо тавоф (саъй) намояд».**[332]

---

[332] Сураи Бақара, 2: 158.

**39. Сиқоят** – ба маънои об додан аст ва дар истилоҳи шаръ аз мақоме иборат аст, ки аз қабл ба банӣ Ҳошим таллуқ дошта ва дар замони Расули Худо (с) ба банӣ Аббос – хонадони амаки Паёмбар (с) расида буд ва ба амри он Ҳазрат (с) ҳамчунон дар ихтиёри онҳо боқӣ монд. Дар гузашта дар сари чоҳи Замзам барои сиқоят биное сохта буданд, ки аз он ба ҳоҷиён об медоданд ва ба он байтушшароб гуфта мешуд. Он бино дар марҳалаҳои тавсиаи аввали суъудӣ аз саҳни Ҳарам бардошта шуд.

Мушрикон қабл аз фатҳи Макка сиқояти ҳоҷиён ва дигар хадамоти иҷтимоиеро, ки барои зоирони хонаи Худо анҷом медоданд, ба имони ба Худо ва рӯзи охират ва ба мубориза дар роҳи Худо баробар медонистанд. Ин ҷо буд, ки Қуръони карим дар радди ин пиндори эшон фармуд: **«Оё сиқояти ҳоҷиён ва ободсозии Масҷидулҳаромро ба мисли касе гардонидаед, ки ба Худо ва рӯзи охир имон оварда ва дар роҳи Худо мубориза бурдааст, (онҳо) дар назди Худо баробар нестанд...»**.[333]

**40. Сувокин** [Суакин] – ҷазира ва шаҳри бандарие воқеъ дар баҳри Сурх буда, аз ҷиҳати маъмурӣ тобеи кишвари Судон мебошад.

**41. Тавоф** – дар луғат ба маънои давр задан ва гирди чизе гаштан ва дар истилоҳи шаръ ба маънои гирди хонаи Каъба давр задан аст. Тавофи маснун аз ҳафт давр иборат буда, ҳар даври он аз рӯ ба рӯи рукни Ҳаҷаруласвад шурӯъ ва дар он ба поён мерасад. Аз нигоҳи шариати Ислом тавоф танҳо дар атрофи хонаи Худо ҷоиз асту халос. Ҳар як даври тавофро шавт меноманд.

**42. Тавофи видоъ** – тавофест, ки ҳаҷгузор пас аз поёни барномаи ҳаҷ пеш аз он, ки ба ватани худ баргардад, бо хонаи Худо видоъ ва хайрухуш менамояд. Бояд он дар охирин лаҳзаҳои хориҷ шудан аз Макка ба ҷо оварда шавад. Ин тавофро тавофи садр низ мегӯянд. Тавофи видоъ воҷиб аст.

---

[333] Сураи Тавба, 9: 19.

**43. Тавофи қудум** – барои шахси муфрид ва қорин (касе, ки ҳаҷҷи ифрод ва ё қирон менамояд) суннат аст. Аммо барои шахсе, ки танҳо барои умра эҳром бастааст ва ё ҳаҷҷи таматтӯъ анҷом медиҳад, ҳамон тавофи умра ба ҷои тавофи қудум кифоя бошад.

Тавофи қудум барои ҳаҷгузори муфрид ва қорин ба унвони таҳияи хонаи Каъба аст, ҳамон гуна, ки барои воридшавандаи ҳар масҷиде хондани ду ракъат намози таҳияи масҷид мустаҳаб мебошад. Вақте шахсе вориди масҷид мешавад, агар фавран ба намози фарз шурӯъ намояд ва ё ба ҷамоат бипайвандад, ҳамон намози фарз ба ҷои таҳияи масҷид ҳам кифоя бошад. Тавофи умра барои шахси умрагузор ва мутаматтеъ низ ҳамин ҳукмро дорад, яъне тавофи қудум аз онҳо соқит мешавад.

**44. Такяҳои Ҳарам** – аз сақифаҳои болопӯши хурде дар се тарафи саҳни Ҳарам ва берун аз тавофгоҳ иборат буданд, ки имоми ҳар яке аз мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат дар яке аз онҳо намозҳои панҷгонаро барои пайравонашон баргузор мекард.

Такя (сақифа)-и дуошёнаи шимоли тавофгоҳ аз тарафи Ҳатим ҷои имоми ҳанафиён, такяи ғарб ҷои имоми моликиён, такяи хурди ҷануб аз тарафи рукни ямонӣ ва Ҳаҷаруласвад ҷои имоми ҳанбалиён ва бинои болои чоҳи Замзам аз пушти Мақом ҷои имоми шофеъиён буд.

Ин такяҳо пас аз шиддат гирифтани таассуби мазҳабӣ ва ихтилоф дар байни пайравони мутааххири мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат барои ҳалли буҳрони имоматӣ дар намоз сохта шуданд ва то замони малик Суъуд дар гӯшаҳои саҳни Ҳарам вуҷуд доштанд.

**45. Тақбил** – дар луғат ба маънои бӯсидан ва дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои бӯсидани бевоситаи Ҳаҷаруласвад ва ё ба воситаи даст аст ва он яке аз суннатҳои тавоф мебошад.

**46. Талбия** [التَّلبِيَة] – ба маънои изҳори ҳузур дар пешгоҳи ибодати Худованд ва лаббайк гуфтан ба даъвати Ӯст. Вақте банда эҳром мебандад, бо гуфтани талбия ҳузури худро дар боргоҳи ибодат эълом медорад. Тал-

бия бо калимаҳои мушаххасе аз Паёмбар (с) ривоят гардидааст:

لَبَّيك اللَّهُمَّ لَبَّيك، لَبَّيك لا شريك لك لَبَّيك، إِنَّ الحَمدَ والنِّعمةَ لك والمُلكَ، لا شريك لك.

**47. Таматтӯъ** – навъи дуюми ҳаҷ аст. Таматтӯъ ба маънои баҳраманд шудан, баҳра ҷустан ва истифода намудан аст. Таматтӯъ дар истилоҳи шаръӣ ба он ҳаҷҷе гуфта мешавад, ки ҳаҷгузор дар як мавсими ҳаҷ умраро низ ҳамроҳи барномаи ҳаҷ ба ҷо меоварад. Аз миқот бо нияти анҷоми умра эҳром мебандад ва вақте вориди Макка мешавад, барномаи умра (тавоф ва саъй)-ро анҷом дода, бо ҳамин ҳалол мегардад, яъне аз эҳром берун меояд. Пас аз ҳалол гаштан, ба монанди одамони одӣ ҳар коре, ки дар муддати эҳром барояш мамнӯъ буд, ҳама барояш ҳалол мегарданд ва то рӯзи ҳаштум аз тамоми неъматҳо баҳраманд мегардад.

Рӯзи ҳаштум аз нав барои ҳаҷ эҳром мебандад ва барномаи ҳаҷро ба таври пурра анҷом медиҳад. Ин ҳаҷро ба хотири ҳамон чанд рӯзе, ки дар миёни барномаи умра ва ҳаҷ фурсати баҳрамандӣ аз тамоми неъматҳои машрӯъро пайдо намудааст, ҳаҷҷи таматтӯъ меноманд. Ё ба хотири баҳраманд гардидани банда аз фурсати баргузории ду ибодати ҷудогона – умра ва ҳаҷ дар як мавсим ва дар зимни як сафар онро ҳаҷҷи таматтӯъ меноманд. Шахсе, ки ҳаҷҷи таматтӯъ анҷом медиҳад, ба ӯ мутаматтеъ гуфта мешавад.

**48. Танъим** – минтақае дар шимол-ғарби Макка дар водии Нуъмон, ки аз Ҳил ба шумор меравад ва охирин нуқтаи марзи Ҳарам аз шимол аз тарафи Мадина аст. Оиша (р) соли 10 ҳ./631 м. пас аз адои фаризаи ҳаҷ бо амри Расули Худо (с) аз Танъим эҳром баста умраи худро анҷом дод. Баъдҳо дар он ҷо масҷиде бо номи масҷиди Оиша (р) ва ё масҷиди Умра бино гардид, ки хоҳишмандон аз он барои анҷоми умра эҳром мебанданд. Танъим дар фосилаи 6,148 м дар шимоли Масҷидулҳаром воқеъ шудааст.

Эҳроми умра барои аҳли Макка ва касе, ки муддате дар он иқомат дошта, аз беруни Ҳарам – минтақаҳои ҳаммарзи Ҳил бо он баста мешавад ва аз ҳар ҷое, ки барояшон муносиб бошад, ҷоиз аст. Бо ин вуҷуд дар назди бузургони ҳанафӣ, ба ваҷҳе дар назди ҳанбалиён ва Абӯисҳоқи Шерозӣ аз шофеъиён Танъим аз дигар минтақаҳои Ҳил барои эҳроми умра беҳтар аст, зеро Расули Худо (с) Оиша (р)-ро барои эҳром аз он ҷо амр кард ва далели қавлӣ бар далели феълӣ муқаддам аст ва ҳам он ба Ҳарам наздик аст. Аз назари моликиён, ҷумҳури шофеъиён ва дар қавле аз ҳанбалиён Ҷиърона барои ин кор аз ҳама беҳтар аст, зеро Расули Худо (с) соли фатҳи Макка аз он ҷо эҳром баст ва ҳам аз Ҳарам дар фосилаи дуртаре ҷойгир шудааст. Пас аз он Танъим ва пас аз он Ҳудайбия барои ин кор афзалият доранд.

**49. Таҳаллул ва ё ҳалол гаштан** – ба маънои хориҷ шудан аз ҳолати эҳром аст. Инсон пас аз анҷом додани бахшҳои муайяни барномаи ҳаҷ, ки дар рӯзи ид партоби сангрезаҳо, забҳ ва тарошидан ё кӯтоҳ намудани мӯи сарашро дар бар мегирад, нимаҳалол мегардад ва аз он ҳолати махсуси ибодие, ки ба он эҳром гуфта мешуд, ба маҷрои ҳаёти муқаррарӣ бармегардад. Дар ин марҳала барои ӯ ҳама чиз, ба ҷуз наздикӣ бо ҳамсараш, ҳалол мегардад. Пас аз анҷом додани тавофи ифоза, ба таври комил ҳалол ва аз эҳром пурра хориҷ мешавад.

Эҳром, аслан, ба маънои бар худ ҳаром гардонидани чизҳое мебошад, ки дар рафти зиндагонии муқаррарӣ барои ӯ ҳалол ва ҷоиз буданд. Яъне инсон бо бастани эҳром вориди меҳроб ва боргоҳи ибодати илоҳӣ мешавад, ки он ҷуз бо хориҷ шудан аз ҳолати муқаррарии ҳаёт таҳаққуқ намеёбад. Пас аз сипарӣ шудани фурсатҳои тиллоии ибодат ва хотима ёфтани барномаи ибодӣ аз он ҳалол ва хориҷ мегардад.

**50. Узҳия** – он қурбониест, ки бар ҳар шахси мусалмони дорои шароит воҷиб мебошад ва ба эҳрому Ҳарам иртиботе надорад. Онро дар истилоҳи фақеҳон узҳия мегӯянд.

Узҳия дар назди имом Абӯҳанифа (рҳ), имом Муҳаммад (рҳ), Рабеа (рҳ), Лайс ибни Садъ (рҳ), имом Авзоъӣ (рҳ), Суфёни Саврӣ (рҳ) ва дар қавле аз имом Молик (рҳ) воҷиби айн аст бар шахси дорои шароит. Аз назари ҷумҳури мазоҳиб – шофеъӣ, ҳанбалӣ, дар қавли роҷеҳ аз имом Молик (рҳ) ва ба қавле аз Абӯюсуф (рҳ) он суннати айн аст.

**51. Умра** – дар луғат ба маънои обод кардани ҷоест бо ибодат дар он ва дар истилоҳи шаръ ба маънои ибодати махсусе, ки аз эҳром (шарт), тавоф (рукн) ва саъй байни Сафо ва Марва (воҷиб) иборат аст ва бо тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар ба итмом мерасад.

Дар назди бузургони моликӣ ва аксари машоихи ҳанафӣ дар умр як бор анҷом додани умра суннати муаккада аст ва аз назари пешвоёни шофеъӣ дар зоҳири мазҳаб ва ҳанбалӣ бо истинод ба ояти: **«Ва ҳаҷ ва умраро барои Худо ба итмом расонед!»** (2: 196) фарз аст. Умраро ба таври ифрод дар тамоми авқоти сол метавон анҷом дод, ҳамон гуна ки онро дар зимни барномаи ҳаҷҷи таматтӯъ ва қирон дар мавсими ҳаҷ низ метавон анҷом дод.

**52. Фидя** – дар истилоҳи шаръ ивазест, ки шахс бо пардохти он нақси худро ҷуброн ва зиммаашро аз вазъи баде озод менамояд ва дар ин боб он иваз ва ҷубронест, ки бар шахси маъзур ва ғайри он дар ивази вайрон кардани мамнӯоти эҳром ва ё барои ҳалол гаштани шахси муҳсар бар вай воҷиб мегардад.

Фидяи шахси маъзур барои вайрон кардани чизе аз мамнӯоти эҳром бино ба фармудаи Қурони карим: **«Касе аз шумо, ки бемор бошад ва ё аз сараш ба вай озор ва нохушие расида бошад, пас фидяест аз рӯза ё садақа ва ё нусук (забҳи чорво)»** (2: 196), се рӯз рӯза доштан, садақа кардан (шаш мискинро таом додан) ва ё чорвое забҳ намудан аст. Фидяи шахси вайронкунандаи чизе аз мамнӯоти эҳром бе узр ба он шакл ва тафсиле, ки дар аҳкоми ҳаҷ баён гардида, як хун – забҳи чорвоест ва фидяи шахси муҳсар низ бино ба фармудаи Худованд: **«Агар эҳсор шудед, пас чизе аз ҳадй, ки бароятон муяссар бошад»** (2: 196), равона кардани як чорво ва ё қимати он ба Ҳарам аст.

**53. Хун** – дар истилоҳи фиқҳӣ ба маънои забҳи чорвоест, ки бар ҳаҷгузор ва умракунанда барои содир намудани ҷиноят дар мамнӯоти эҳром ва ё бо тарк ва ё вайрон кардани чизе аз аъмол ва маносики воҷибаи ҳаҷ ва умра воҷиб мегардад ва онро дам мегӯянд, ба ин маъно ки барои ҷуброни нақси бавуҷудомада хуне бар вай воҷиб мегардад.

Дар ҳар ҷое аз ҷиноятҳои эҳром ва ё ҷиноят дар аъмол ва маносики ҳаҷ ва умра, ки калимаи хун ба кор бурда шуда, забҳи як гӯсфанди яксола дар назар дошта шудааст, ба ҷуз ду маврид – ҷинояти ҳамхобагӣ бо ҳамсар пас аз вуқуф дар Арафа ва дар тавофи ифоза кардани зани ҳоиз, ки дар ҳарду ҳолат бар онҳо забҳи як шутур ва ё як гов воҷиб мешавад.

Аз назари ҷумҳури фақеҳон хӯрдани шахси ҷиноят-карда аз гӯшти забиҳаи каффоратҳо ва ҷуброни ҷиноят-аш ҷоиз нест, бар хилофи ҳадйи таматтӯъ ва қирон, ки хӯрданаш аз он мустаҳаб аст.

**54. Ҳадй** – ба он навъ қурбоние гуфта мешавад, ки ҳаҷгузори қорин ва мутаматтеъ ба хотири шукронаи анҷом додани ду ибодати мустақил – ҳам ҳаҷ ва ҳам умра дар як вақт ва дар зимни як барнома ва як эҳром барои Худо забҳ менамояд ва ё ба хотири хориҷ шудани шахси муҳсар (боздошташуда) аз эҳромаш сурат мегирад. Ин қурбониро ҳадй мегӯянд ва он бар ҳоҷиён воҷиб ва забҳи он танҳо дар Ҳарам ҷоиз аст.

**55. Ҳалқ ва қаср.** Халқ ба маънои тарошидани мӯи сар ва қаср кӯтоҳ кардани он аст. **Ҳалқ ва қаср** охирин маносик дар барномаи ҳаҷ ва умра ва амали хотимавӣ аст. Пас аз анҷоми умра ва ҳаҷ шахси муҳрим бояд яке аз ин ду корро барои ҳалол гаштан ва хориҷ шудан аз эҳром анҷом диҳад.

Дар назди машоихи ҳанафӣ ҳалқ ва қаср бо тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани чаҳоряки сар дуруст мегардад ва дар назди имом Шофеъӣ (рҳ) бо гирифтани чанд тори мӯй саҳеҳ мешавад, вале тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани тамоми сар афзал ва маснун аст.

**56. Ҳарам [الحَرَم].** Ҳалқаи сеюме, ки атрофи шаҳри Маккаро ҳудудан то фосилаҳои понздаҳ-бист километрии он ва дохили шаҳрро то худи хонаи Каъба дар бар мегирад, минтақаи Ҳарам номида мешавад. Ин Ҳарам ба ду қисмат чудо мешавад: Яке Ҳарам ва саҳни масчид мебошад, ки ба он Масчидулҳаром гуфта мешавад. Ин ҳамон масчиди атрофи хонаи Каъбаро дар бар мегирад.

Аз масчид берун то марзҳо ва нишонаҳои махсусе, ки дар хоричи шаҳр муайян гардидаанд, минтақаи ҳарами маккӣ ба шумор меравад. Ба ду қисмат ва ё ба ду марз чудо гардидани Ҳарам ба хотири он аст, ки баъзе рукнҳо ва барномаҳои ҳач ба монанди тавоф ва саъй[334] дар дохили Масчидулҳаром анчом дода мешаванд ва дар берун аз он дуруст намегарданд ва бахши дигаре аз барномаҳо ва маносики ҳачро, ба монанди забҳ ва ҳалқ, дар ҳар чое аз минтақаи Ҳарам ба чо оварда шаванд, чоиз мебошад.

То ин чо донистем, ки одамоне, ки аз хоричи миқотгоҳҳо меоянд, вақте ба миқотгоҳи муайяне расиданд ё аз паҳлӯи он гузаштанд, аз ҳамон чо эҳром мебанданд. Сокинони худи миқотгоҳҳо низ аз миқотгоҳҳо эҳром мебанданд. Вале сокинони минтақаҳои Ҳил ва Ҳарам аз ҳамон Ҳил ва Ҳарам эҳром мебанданд ва ба беруни минтақаи худ ба миқотгоҳ намераванд. Аммо агар аҳли Ҳарам умра намоянд, аз марзҳои Ҳарам берун баромада, яъне ба минтақаи Ҳил гузашта, эҳром мебанданд ва сипас боз ба Ҳарам бармегарданд.

**57. Ҳатим** – девори қавсмонандест, ки дар шимоли хонаи Каъба ба андозаи пасттар аз қомати инсон бардошта шудааст. Хонаи Каъба бар он асосе, ки Иброҳим (ъ) онро сохта буд, қисмате аз масоҳати он девори нимдоираро низ дар бар мегирифт. Пеш аз Ислом бар асари оташсӯзӣ ва пас аз он селе хонаи Каъба хароб гардид ва Қурайшиҳо онро аз нав бино намуданд.

---

[334] Саъйгоҳ низ пас аз тавсиаи Масчид дар соли 1372 ҳ дар даврони ҳукумати Саъудӣ ба Масчид ҳамроҳ карда шудааст. Қаблан берун аз Масчид воқеъ буд.

Онҳо барои сохтани хонаи Каъба аз молҳои покашон маблағи муайяне ҷамъ ва аз молҳое, ки ба рибо, ҳаром ва ғайра олуда буданд, сарфи назар намуданд. Вақте бинои хонаро бардоштанд, моли покашон барои бинои Каъба бар асоси бинои иброҳимӣ кифоят накард ва қисмате аз Хонаро аз девор берун ва он девори қавсмонандро перомуни он бардоштанд, то масоҳати хонаи Каъба бар асоси бинои иброҳимӣ муайян бошад.

Дарозии Ҳатим аз девори шимолии Хона бештар аз ҳашт метр (8,16 см) аст, ки каме бештар аз шаш зироъ=-3,16 см-и он аз Хона ва панҷ метри боқимондааш аз Ҳиҷри Исмоил (ъ) ба шумор меравад.

**58. Ҳаҷаруласвад** – санги сиёҳе, ки дар рукни шарқии хонаи Каъба ҳудуди 1,5 м баландтар аз сатҳи замин дар тарафи рости дари Хона дар бурҷе гузошта шудааст. Он алҳол ба сурати се қитъаи бузургтар ва панҷ қитъаи хурдтаре дар канори якдигар дар табақсанге насб шуда ва гирдогирдаш бо камарҳои филизӣ баста шудааст. Ранги он сиёҳтоби моил ба сурхӣ буда, дар он донаҳои сурхранг ва гоҳе зардтоб дида мешавад.

Ҳаҷаруласвад хусусият ва таркиби шиҳобпора (метеор)-ӣ дорад ва ин илман собит месозад, ки он аз сангҳои осмонӣ мебошад, ҳамон гуна ки Расули Худо (с) ин воқеиятро дар чандин ҳадис баён намудааст. Вале набояд иштибоҳан чунин пиндошт, ки он низ ба мисли дигар шиҳобпораҳо дар гузаштаҳои дури таърих ба замин афтода ва одамон онро гирифта дар хонаи Каъба гузоштаанд, балки он бо амри Худованд ба замин фиристода шудааст.

Нишонаи дигаре, ки ба қадосати ҳарам азамати хосе мебахшад, он аст, ки рукн (ҳаҷару-л-асвад) ва мақом ҳарду аз ёқутҳои ҷаннат ҳастанд ва Ҳаҷаруласвад аз биҳишт оварда шудааст. Дар ҳадиси саҳеҳе дар Сунани Тирмизӣ (878) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Рукн (Ҳаҷаруласвад) ва мақом ду ёқуте аз ёқутҳои ҷаннат ҳастанд, ки Худо нури онҳоро тира сохта. Агар Худо нури онҳоро тира намесохт, аз машриқ то мағрибро рӯ-***

***шан месохтанд»***. Дар ҳадиси дигаре бо ривояти Тирмизӣ (877) мефармояд: ***«Ҳаҷаруласвад аз биҳишт, дар ҳоле ки аз шир ҳам сафедтар буд, фуруд омад, пас аз он гуноҳони одамизодагон онро сиёҳ намуданд»***.

Доктор Зағлул Наҷҷор дар китоби «Замин дар Қуръони карим» (592) менависад: «Шарқшиносон ва марказҳои ховаршиносӣ дар кишварҳои аврупоӣ пас аз мутолиаи осори ривоятшуда дар бораи Ҳаҷаруласвад пиндоштанд, ки он қитъае базалт аст, ки селу боронҳои сахт онро аз кӯҳҳои пурсанги атроф шуста ба пастиҳои Макка партофтаанд.

Барои исботи ин амр Ҷамъияти ҷуғрофияшиносони шоҳигарии Британия афсари англисеро бо номи Ричард Фронсес Бертон [Richard Francis Burton] барои дуздидани порае аз ҳаҷару-л-асвад ба сурати ҳоҷии афғонӣ ба Макка фиристод. Вай соли 1853м./1269ҳ. ба Макка омад ва тавонист порае аз онро бо худ ба Британия бибарад. Пас аз омӯзиш ва озмоишҳои лабораторӣ қитъаи дуздида дар онҷо собит гардид, ки он аз сангҳои осмонӣ буда, ба шиҳобпораҳо шабоҳат дорад, вале таркиби химиявӣ ва минералии он аз онҳо фарқ мекунад. Бертон пас аз мушоҳидаи ин кашфиёт ислом овард ва онро дар китоби дуҷилдаи худ «Сафаре ба Макка» [A Journey To Mecca] зикр намудааст».[335]

Муҳйиддин Аҳмад Имом дар китоби Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ овардааст, ки яке аз донишмандони маркази фазонавардии Амрико НАСО дар конфронси маводи бадил (ивазкунанда)-и одамӣ дар Капитоли Амрико эълон кард, ки қитъае ба андозаи нахудро аз Ҳаҷаруласвад мавриди озмоишҳои лабораторӣ қарор додаанд ва он ба андозае қобилияти мувассилотӣ дошта, ки ҳамин қитъаи хурди он бештар аз даҳ баробари ҳаҷми хартуми мошинҳои оташнишонӣ аз унсури фибергласдорои тавони ноқилӣ ва сабту тасҷил мебошад ва неру

[335] Тафсири навини Қуръони карим, навиштаи худи муаллиф. – С. 634-636.

(энергия)-и ин гуна аносири мувассилотӣ дар саросари коинот бо ҳам дар пайвастагӣ ва иртиботанд.[336]

Имом Шофеъӣ воқеан ҳам, дуруст ва бо басирате аз сӯи Худо фармуда, ки Ҳаҷаруласвад номи касеро, ки онро зиёрат (истилом) намояд ва номи модарашро сабт ва тасҷил менамояд ва номи онҳоеро, ки борҳо ба истиломи он мушарраф мегарданд, бо рамзҳои хоссе сабт менамояд.

Аз ҳаводис ва наводири таърихӣ яке он аст, ки Абӯтоҳир Сулаймони Ҷаннобӣ – сарвари қарматиёни Баҳрайн (дар Ҳаҷар) соли 317 ҳ./929 м. моҳи зулҳиҷҷа дар мавсими ҳаҷ ба Макка ҳамла кард ва пас куштори ҳоҷиён ва ғорати хонаи Каъба Ҳаҷаруласвадро бо худ ба Ҳаҷар – пойтахти қарматиён дар Баҳрайн бурд ва то соли 339 ҳ. ба муддати 22 сол хонаи Каъба бе Ҳаҷаруласвад монд. Соли 339 ҳ. бо миёнаравии халифаи вақти аббосӣ дар Бағдод Ҳаҷаруласвад нахуст ба Куфа ва пас аз он ба Макка фиристода шуд ва 10 зулҳиҷҷаи он сол бори дигар дар ҷояш гузошта шуд.[337]

**59. Ҳаҷҷи акбар:** Дар бораи муайян сохтани ҳаҷҷи акбар аз муфассирон ва бузургони дин суханони гуногуне ривоят шудааст. Баъзе бузургони Ислом ва пешвоёни дин ҳаҷҷи акбарро ба эътибори аҳамияти рӯзҳои ҳаҷ донистаанд. Яъне аз назари онҳо рукнҳои асосӣ ва муҳимтарин аъмоли ҳаҷ дар кадом рӯзе анҷом ёбанд, ҳамон рӯз ҳаҷҷи акбар аст.

Аз назари Абдуллоҳ ибни Аббос (р), Умар (р), Абдуллоҳ ибни Умар (р) ва Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) мақсад аз ҳаҷҷи акбар рӯзи Арафа аст, зеро бузургтарин рукни ҳаҷ, яъне вуқуф дар он рӯз анҷом меёбад ва Расули Худо (с) ҳам фармудааст: ***«Ҳаҷ Арафа аст»***.[338]

---

[336] Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ. – С. 200-204, ба нақл аз моҳномаи Нисфуддунё дар Қоҳира (№ 527, 19/03/2000). – С. 76-78. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[337] Доиратулмаорифи форсӣ. – Ҷ. 2. – С. 2027; Муҳйиддин Аҳмад Имом, Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[338] Сунани Абӯдовуд, 1949. Сунани Тирмизӣ, 889, 890.

Баъзеҳо мегӯянд, мурод аз ҳаҷҷи акбар, рӯзи наҳр аст, яъне рӯзи ид, зеро бештари аъмоли ҳаҷ, ба монанди сангпартоӣ, забҳ, сартарошӣ, тавофи фарзӣ ва …., дар он рӯз анҷом дода мешавад. Ин назари Алӣ, Ибни Абӯавфо, Муғира ибни Шӯъба ва дигарон мебошад.

Суфёни Саврӣ ва дигарон тамоми панҷ рӯзи ҳаҷро айёми ҳаҷҷи акбар медонанд, ки рӯзи Арафа ва рӯзи ид аз ҷумлаи он панҷ рӯз мебошанд. Чун ба умра ҳаҷҷи асғар (хурд) мегӯянд, барои ҷудо сохтани миёни онҳо ҳаҷро ҳаҷҷи акбар гуфтаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар истилоҳи қуръонӣ ҳаҷҷи ҳамасола ҳаҷҷи акбар аст.

Худованд дар ояти сеюми сураи Тавба мефармояд:

**«Аз ҷониби Худованд ва Расули вай дар рӯзи ҳаҷҷи акбар эъломе дода шавад, ки Худованд ва Расули Ӯ аз мушрикон безоранд…»**

Мурод аз «рӯзи ҳаҷҷи акбар», ки дар ояти боло омадааст, рӯзҳои ҳаҷҷи фарзӣ мебошад, то эъломияи Худо ва Расулаш ба мардум расонида шавад, на дар вақти умрае, ки пеш аз ҳаҷ анҷом меёбад.

Иттифоқо соле, ки Расули Худо (с) ҳаҷ кард, рӯзи Арафа ба рӯзи ҷумъа мувофиқ омад. Мардуми авом аз ин воқеа чунин бардошт намуданд, ки ҳаҷҷи акбар ҳамон ҳаҷҷест, ки рӯзи Арафа ба рӯзи ҷумъа мувофиқ ояд. Ин фикр дуруст нест. Ҳарчанд рӯзи ҷумъа фазилатҳои зиёде нисбат ба рӯзҳои дигар дорад.[339]

**60. Ҳил [الحِلُّ]** – минтақаест, ки дар дохили миқотгоҳҳо то марзҳои Ҳарам воқеъ гардидааст. Ҳил минтақаи васеест, ки аз миқотгоҳҳо шурӯъ гардида, то марзҳои ҳарами маккиро фаро мегирад.

**61. Ҳиро** – кӯҳест дар самти шимол-шарқ аз болои шаҳри Макка, ки дар фосилаи камтар аз се мил аз шаҳр воқеъ шудааст. Паёмбари акрам (с) муддатҳо қабл аз рисолати хеш дар ғоре аз ин кӯҳ, ки баъдҳо бо номи ғори Ҳиро шуҳрат ёфт, ба тафаккур ва ибодат мепардохт.

---

[339] Бо каме дигаргунӣ ва ихтисори дар иборахо, аз Маҳмудулфатово. 2/283-284.

Дар яке аз чунин лаҳзаҳо фариштаи ваҳй Ҷабраили амин (ъ) бар вай нозил шуд ва оятҳои аввали сураи Алақро ба вай расонд. Пас аз он анвори рисолати Ислом аз он ҷо ба ҷаҳониён тобид ва он кӯҳро ба ин хотир Ҷабалуннур (Кӯҳи нур) ҳам мегӯянд.

**62. Ҳиҷр** – ҷое, ки дар байни девори нимдоира ва девори шимолии хонаи Каъба қарор дорад. Пас аз бинои хонаи Каъба Иброҳим (ъ) барои гӯсфандони фарзандаш Исмоил (ъ) дар шимоли он ҳиёти нимдоирае сохт, ки дар таърих ба Ҳиҷр Исмоил (ъ) маъруф аст. Он ба Ҳатим пайвастааст ва ҳарду ном бар онҳо итлоқ мегардад.

Миқдори шаш зироъу як ваҷаби Ҳиҷр имтидоди хонаи Каъба аст, ки дар бинои Қурайш аз девори аслӣ берун монда ва ба даври он девори нимдоирае баландтар аз нисфи қомати инсон кашидаанд. Касе дар дохили он девори нимдоира – Ҳиҷр дар масоҳати шаш зироъу як ваҷаб=3,16 см-и он аз Каъба намоз гузорад, маънои онро дорад, ки дар дохили хонаи Каъба намоз гузоштааст. Касе тавофро аз миёнаи девори аслии хонаи Каъба ва он девори нимдоира анҷом диҳад, тавофаш дуруст намегардад.

Дар бештари ривоятҳои таърих тасреҳ шуда, ки Исмоил (ъ) ва модараш Ҳоҷар дар Ҳиҷр мадфунанд.

**63. Ҳоҷар** – модари Исмоил (ъ) ва ҳамсари Иброҳим (ъ), ки қаблан канизи Сора – ҳамсари бузурги вай буда. Дар гузоришҳои таърихӣ омадааст, ки Иброҳим (ъ) ва ҳамсараш Сора пас аз сукунат дар Шом бар асари хушксолӣ ба Миср ҳиҷрат ва аз фиръавни вақт дидан карданд. Дар бозгашт фиръавни Миср канизи қибтиеро бо номи Ҳоҷар ба Сора ҳадя кард. Иброҳим (ъ) аз ҳамсараш Сора фарзанде надошт ва чун хеле пир шуда буданд, Сора Ҳоҷарро ба шавҳараш бахшид, то аз вай насле бар ҷой монад. Пас аз таваллуди Исмоил (ъ) Сора ба Ҳоҷар рашк бурд ва аз шавҳараш хост, ки ӯро аз пеши чашмаш дур кунад. Иброҳим (ъ) бо амри Худованд Ҳоҷар ва фарзандаш Исмоилро ба сарзамини бе обу алафи

Макка бурд ва дар он ҷо искон дод.[340] Саргузашти Ҳоҷар ва фарзандаш Исмоил (ъ) пас аз вуруд ба Макка дар мавзӯи Бинои хонаи Каъба ва Оби Замзам ба тафсил баён шудааст.

**64. Ҳудуди Ҳарам:** Ҳудуд ва марзҳои Ҳарам дар хориҷи шаҳри Макка аз тамоми тарафҳо нишонагузорӣ (демаркатсия) шудаанд. Дар ду тарафи роҳ сангҳое ба баландии як метр гузошта шуда ва дар нишонаҳои (стрелкаҳои) махсус ба забони арабӣ «ҳудуди Ҳарам» навишта шудааст.

Марзи Ҳарам аз тарафи шимол то Танъим мерасад. Аз хонаи Худо то Танъим шаш километру як саду чилу ҳашт (6,148) метр мебошад. Марзи ҷанубии Ҳарам то Азоату Либн мебошад, ки аз хонаи Худо то он ҷо дувоздаҳ километру даҳ метр (12,10 км) аст. Аз тарафи шарқ бошад, марзи Ҳарам дар Ҷиърона тамом мешавад. Аз хонаи Худо то он ҷо шонздаҳ (16) км аст. Аз тарафи шимол-шарқӣ дар Водии Нахла тамом мешавад ва аз хонаи Худо то он ҷо сездаҳ километру сесаду панҷову се (13,-353) метр мебошад. Аз ғарб Ҳудайбия охирин ҳудуди Ҳарамро ташкил медиҳад ва то он ҷо аз хонаи Ҳудо понздаҳ (15) км мебошад. Вале марзи Ҳарам то Арафот бештар аз ҳаждаҳ километрро (18,333) ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, худи ин маконҳо (Арафот, Водии Нахла, Танъим, Ҳудайбия, Ҷиърона ва Азоаи Либн) аз ҳудуди Ҳарам хориҷ ва дар минтақаи Ҳил (л) медароянд. Мино ва Муздалифа дар ҳудуди Ҳарам дохиланд, вале Арафот аз он берун мебошад. Шахсе бихоҳад умра анҷом диҳад, ба яке аз ин ҷойҳо рафта, эҳром мебандад ва дубора ба Ҳарам бармегардад. Танъим аз ҳама наздиктар аст ва дар он ҷо масҷиде бо номи Масҷиди Умра вуҷуд дорад. Ҳазрати Оиша (р) аз ҳамон ҷо эҳроми умра баста буд. Барои огоҳии бештар харитаи 3-ро бингаред.

---

[340] Абулқосим Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Аъян, Футӯҳу Мисра ва ахборуҳо. – С. 11-13. – Бейрут: Дорулфикр, 1996.

**65. Ҷиноят** – дар ин боб ба маънои вайрон намудани низому тартиботи эҳром ва риоя накардани меъёрҳои муқарраргардида дар аъмол ва маносики умра ва ҳаҷ аст. Сар задани ҳар гуна хилофварзиҳое аз ҷониби шахси муҳрим дар аснои эҳром ва содир намудани норасоию камбудиҳое дар рафти баргузории аъмоли умра ва ҳаҷ дар истилоҳи фиқҳӣ ҷиноят номида мешавад.

**66. Шаоир** – ҷамъи шаира, ба маънои нишона, аломат ва бо изофа ба дин ба маънои расму одоби динӣ аст. Шаоири ҳаҷ маносик ва аъмоли он ва шаоири Ислом ба маънои аҳкому аркон ва чорабиниҳои он аст.

Манзур аз шаоири Худо (шаъоирулло) низ, ки дар Қуръон корбурди фаровоне дорад, аҳком ва пояҳои дин аст, ба монанди намоз, закот, рӯза, саъйи байни Сафо ва Марва, қурбон ва ғ., ки ҳама маолими дин ва нишонаи тоати Ӯ таъоло ба шумор меравант. Қуръони карим ба риоя ва бузургдошти шаоири дини Худо амр кардааст, он ҷо ки мефармояд: **«Ва касе шаоири Худоро бузург дорад, он (нишонае) аз тақвои дилҳост»**.[341]

**67. Шодурвон /шодарвон/-и Каъба** – вожаи форсиасл аст ба маънои хайма; соябон; саропардае, ки дар қадим пеши дари хона ва айвони подшоҳон ва амирон кашида мешуд ва дар истилоҳи фарҳанги исломӣ ба қисмати берунии пойдевори хонаи Каъба гуфта мешавад, ки ба андозаи ҳудуди 20 см аз девори асли берун аст. Пойдевори се тарафи шарқӣ, ҷанубӣ ва ғарбии Каъба бо шодурвон иҳота шуда ва девори тарафи Ҳатим бе шодурвон аст. Гӯянд бори аввал дар бинои Ибни Зубайр (р) барои таҳкими асоси Каъба пойдевори он ба шакли шодурвон сохта шуд ва он дар бинои Қурайш баробари девори боло будааст. Имрӯз дар навори болои он ҳалқаҳои хурде барои бастани поёни чодари Каъба насб шудааст.

Шодурвон аз назари ҷумҳури мазоҳиби аҳли суннат қисмате аз Каъба ба шумор меравад ва тавоф аз болои он дуруст намегардад. Дар назди аиммаи ҳанафӣ он аз

---

[341] Сураи Ҳаҷ, 22: 32.

масоҳати Ҳарам ба шумор меравад, на аз Каъба ва тавоф аз болои он ҷоиз аст, вале барои хуруҷ аз хилоф эҳтиёт он аст, ки тавоф аз беруни он анҷом гирад.[342]

**68. Эҳром** – пӯшидани либосҳои махсуси эҳром бо нияти анҷом додани амалҳо ва барномаи махсуси ҳаҷ ва умра ва ё яке аз онҳо дар замон ва макони хос ба онҳо мебошад. Эҳром бастан, ин пӯшидани либоси сафеди (ду порчаи нодӯхтаи) эҳром аст, ки шахси ҳаҷгузор ва умракунанда бо нияти анҷом додани маросим ва барномаи ҳаҷ ва умра онро ба бар намуда, дар мавсим ва моҳҳои ҳаҷ ва ё дар тамоми сол[343] озими хонаи Худо мегардад. Шахсе, ки он либосро бо нияти анҷоми ҳаҷ ва умра мепӯшад, ӯро муҳрим (эҳромбаста ва эҳромпӯшида) мегӯянд.

**69. Эҳсор** – ба маънои боздоштан ва боздошта шудан аст ва дар истилоҳи шаръ боздошта шудани ҳаҷгузор аз анҷоми фаризаи ҳаҷ пас аз бастани эҳром эҳсор номида мешавад. Ин амр дар натиҷаи беморӣ, ҷилавгарии душман, таъмин набудани амнияти роҳ ва ғ., ба вуҷуд меояд. Шахси боздошташуда аз анҷоми ҳаҷро муҳсар мегӯянд.

---

[342] Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия. – Ҷ. 25. – С. 314-315, зайли моддаи Шозарвон; Фарҳанги форсии Муъин. – С. 716. – Теҳрон: Интишороти Ашҷаъ, 1388 ҳ. ш.

[343] Барои ҳаҷ моҳҳо ва мавсими хоссе вуҷуд дорад, ки моҳи шаввол, зулқаъда ва даҳ рӯзи аввали зулҳиҷҷа мебошанд, вале умраро дар тамоми сол метавон анҷом дод.

## МАНОБЕЪ ВА САРЧАШМАҲО


1. Абдулазим ибни Бадавӣ, Мухтасари фиқҳ аз Қуръон ва суннат (тарҷимаи Абдуллоҳи Муҳаммадӣ). – Теҳрон: Нашри Эҳсон, 1383 ш.
2. Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмони Доримии Самарқандӣ, Сунани Доримӣ. – Қоҳира: Дорул ҳадис, 2000.
3. Абдуллоҳ Солим Наҷиб, Таъриху-л-масоҷиди-л-шаҳира. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
4. Абдушарифи Боқизода, Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ. – Душанбе: Нашриёти «Сифат», 2006.
5. Абдушарифи Боқизода, Тафсири навини Қуръони карим. – Душанбе: Эр-граф, 2012.
6. Абӯабдуллоҳ Аҳмад ибни Ҳанбали Шайбонӣ, Муснади имом Аҳмад. – Риёз: Байтул афкор аддавлия, 1998.
7. Абӯабдуллоҳ Молик ибни Анаси Асбаҳӣ, Муваттаи имом Молик (ба ривояти имом Муҳаммад). – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1979.
8. Абӯабдуллоҳ Молик ибни Анаси Асбаҳӣ, Мудавванаи Кубро. – Бейрут: Дору содир.
9. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ маъруф ба Хатиби Табрезӣ, Мишкоту-л-масобеҳ. – Бейрут: Ширкати Дори Арқам, 1417 ҳ. (1996 м.).
10. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ, Мустадраки Ҳоким. – Бейрут: Дорул маърифат, 2006.
11. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, Адаби муфрад. – Бейрут: Алмактабату-л-асрия. 1427 ҳ. (2006 м.).
12. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, Саҳеҳи Бухорӣ. – Бейрут: Дорулмаърифат, 2004.
13. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Китоби Ал-асл (маъруф ба Мабсут). – Бейрут: Оламу-л-китоб, 1410 ҳ. (1990 м.).
14. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Китоби Алҳуҷҷату ъало аҳли-л-Мадина. – Бейрут: Оламу-л-китоб, 1427 ҳ. (2006 м.).
15. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Ҷоме-у-л-кабир. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1421 ҳ. (2000 м.).
16. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язид ибни Моҷаи Қазвинӣ, Сунани Ибни Моҷа. – Бейрут: Дору эҳёи аттуроси-л-арабӣ, 2000.

17. Абӯабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайби Насоӣ, Сунани Куброи Насоӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1411 ҳ. (1991).
18. Абӯабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайби Насоӣ, Сунани Насоӣ. – Бейрут: Дорулмаърифат, 2007.
19. Абӯбакр Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абӯшшайбаи Куфӣ, Мусаннафи Ибни Абӯшшайба. – Риёз: Мактабату-р-рушд, 1409 ҳ. (1989).
20. Абӯбакр Абдурраззоқ ибни Ҳумом ибни Нофеи Санъонӣ, Мусаннафи Абдурраззоқ. – Бейрут: Дору эҳё а-т-туроси-л-арабӣ, 1423 ҳ. (2002 м.).
21. Абӯбакр Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Мӯсои Байҳақӣ, Сунани Куброи Байҳақӣ. – Бейрут: Дорулфикр, 2005.
22. Абӯбакр Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Мӯсои Байҳақӣ, Шуъабулимони Байҳақӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1410 ҳ. (1990).
23. Абӯбакр Ҷобири Ҷазоирӣ, Куллиёти Ислом, тарҷимаи Абдулазизи Сулаймӣ. – Теҳрон: Нашри Эҳсон, 1381 ш.
24. Абӯбакр Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Хузаймаи Суламии Нишопурӣ маъруф ба Ибни Хузайма, Саҳеҳи Ибни Хузайма. – Бейрут: Алмактабу-л-исломӣ, 1412 ҳ. (1992 м.).
25. Абӯдовуд Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ, Сунани Абӯдовуд. – Бейрут: Дорулфикр, 2005.
26. Абӯисо Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ, Сунани Тирмизӣ. – Бейрут: Дорулмаърифат, 2002.
27. Абулбақо Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Зиёи Маккӣ, Таъриху Макката-л-мушаррафати ва-л-Масҷидилҳароми ва-л-Мадинати-л-мунавварати валқабри-ш-шариф. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
28. Абулқосим Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Аъян, Футӯҳу Мисра ва ахборуҳо. – Бейрут: Дорулфикр, 1996.
29. Абӯлқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ, Алмӯъҷамулавсат. – Қоҳира: Дору-л-ҳарамайн, 1415 ҳ. (1993).
30. Абӯлқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ, Алмӯъҷамулкабир. – Мавсил: Мактабатул улуми вал ҳикам, 1404 ҳ. (1984).
31. Абӯлқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ, Алмӯъҷамуссағир. – Бейрут: Алмактабу-л-исломӣ, 1405 ҳ. (1985).

**32.** Абӯлҳасан Алӣ ибни Умари Доракутнӣ, Сунани Доракутнӣ. – Бейрут: Дорулмаърифат, 1966.
**33.** Абӯлҳусайн Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Бағдодии Қудурӣ, Мухтасари Қудурӣ. – Карочӣ: Мактабатул бушро, 1429 ҳ. (2008).
**34.** Абӯлҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ ибни Муслими Қушайрии Нишопурӣ, Саҳеҳи Муслим. – Бейрут: Дорулмаърифат, 2004.
**35.** Абӯлфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, Фатҳулборӣ шарҳи «Саҳеҳи Бухорӣ». – Бейрут: Дорулфикр, 1993.
**36.** Абулфазл Иёз ибни Мӯсои Яҳсубӣ маъруф ба Қозӣ Иёз, Ашшифо битаърифи ҳуқуқи-л-Мустафо. Бейрут, 1404 . (1984 м.).
**37.** Абӯлфидо Исмоил ибни Умар ибни Касири Димишқӣ, Тафсири Ибни Касир. – Қоҳира: Дорул фаҷр ли-т-турос, 1422 ҳ. (2002 м.).
**38.** Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Тафсири Ҷомеу-л-баён ъан таъвили ойил Қуръон маъруф ба Тафсири Табарӣ (таҳқиқи Аҳмад Муҳаммад Шокир). – Бейрут: Муассисаи Рисолат, 1420 ҳ. (2000 м.). Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**39.** Абӯҳотим Муҳаммад ибни Ҳиббон ибни Аҳмад ибни Ҳиббони Тамимии Бустӣ, Саҳеҳи Ибни Ҳиббон. – Бейрут: Байту-л-афкор а-д-давлия, 2004.
**40.** Абӯяъло Аҳмад ибни Алӣ ибни Мусаннои Мавсилӣ, Муснади Абӯяъло. – Димишқ: Дорул маъмун литтурос, 1404 ҳ. (1984).
**41.** Айдын Ариф оглы, Али-заде, Исламский энциклопедический словарь. – Москва: Ансар, 2007.
**42.** Аллома Алиакбари Деҳхудо, Луғатномаи Деҳхудо (Нусхаи электронии он). – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, ривояти чаҳорум.
**43.** Аллома Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулазиз, Радду-л-мӯҳтор маъруф ба Ҳошияи Ибни Обидин. – Бейрут: Дору эҳёи аттуросил арабӣ, 1998.
**44.** Аллома Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулазиз, Шарҳу уқуди расми-л-муфтӣ. – Мактабаи Ҳаққония.
**45.** Аллома Муфтӣ Худоназари Қанбарзиҳӣ, Маҳуду-л-фатово (Фатовои Дору-л-улуми Зоҳидон). – Зоҳидон: Интишороти Сиддиқӣ, 1383 ш. (2005 м.).

**46.** Алмавсӯат-ул-арабият-ул-оламия [Global Arabic Encyclopedia]. Ривояти электронӣ. Риёз. 2004.
**47.** Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-Кувайтия (Визорату-л-авқоф ва-ш-шууни-л-исломия). – Кувайт, 2004.
**48.** Алмунҷид фи-л-луғати вал-аълом. – Бейрут: Дору-л-машриқ, 2002.
**49.** Алмунҷид фи-л-луғати-л-арабияти-л-муосира. – Бейрут: Дору-л-машриқ, 2001.
**50.** Алоуддин Абӯбакр ибни Масъуди Косонӣ, Бадоеу-с-саноеъ фӣ тартиби-ш-шароеъ. Бейрут: Дору эҳёи атту-росил арабӣ, 1997.
**51.** Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Саломат маъруф ба Абӯҷаъфари Таҳовӣ, Шарҳи маони-л-осор, 3784. – Ҷ. 2. – С. 258. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2006.
**52.** Аҳмади Донишгар, Фарҳанги луғоти форсии навин. – Теҳрон: Ҳофизи навин, 1381 ш.
**53.** Атласи ҷуғрофии ҷаҳон (зери таҳрири А. Б. Кезлинг). – Қазон: Идел-Пресс, 2005.
**54.** Биҳиштӣ, Ҳаҷ дар Қуръон.
**55.** Бурҳонуддин Абӯлҳасан Алӣ ибни Абӯбакр ибни Абдулҷалил ибни Халил ибни Абӯбакри Фарғонии Марғинонӣ, Ҳидоя шарҳи «Бидоятул мубтадӣ». – Карочӣ: Мактабатул бушро, 1427 ҳ. (2006).
**56.** Ғуломҳусайн Садрии Афшор (ва дигарон), Фарҳанги муосири форсӣ. – Теҳрон: Фарҳанеги муосир, 1383 ш. (2005 м.).
**57.** Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. Теҳрон, 2006.
**58.** Доктор Абдулҳалим Авис, Мавсӯату-л-фиқҳи-л-исломиййи-л-муосир. – Алмансура: Дору-л-вафо, 1426 ҳ. (2004 м.).
**59.** Доктор Ваҳба Зуҳайлӣ, Алфиқҳул исломӣ ва адиллатуҳу. – Димишқ: Дорулфикр, 1428 ҳ. (2007).
**60.** Доктор Муҳаммад Муъин, Фарҳанги форсӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амир Кабир, 1375 ш. (1996 м.).
**61.** Доктор Муҳаммаданвар Бакрӣ ва Ҳотам Умар Тоҳо, Бақеи ғарқад. Мадинаи мунаввара, 2004.
**62.** Доктор Ҳусайн Мунис, Атласи таърихи Ислом [Dr. Hussain Mones. Atlas of the history of islam]. – Қоҳира: Аззаҳро ли-л-эъломи-л-арабӣ, 1407 ҳ. (1987 м.).
**63.** Доктор Ризвон Фазлурраҳмон, Татаввуру баъзи хадамоти-л-ҳарами-н-набавиййи-ш-шариф. Маккаи Мукаррама, 1423 ҳ.

**64.** Доктор Шавқӣ Абӯхалил, Атласу-с-сирати-н-набавийя. – Димишқ, 2003.
**65.** Донишномаи ҷаҳони Ислом. Теҳрон, 2004.
**66.** Ефим Резфон, ал-Ҳаҷ қабла миати сана (Ариҳлату-с-сиррияту лиззобити-р-русӣ Абдулазиз Давлатшин ило Макката-л-мукаррама 1898-1899. – Бейрут, 1993.
**67.** Имом Бурҳонуддин Абӯлмаолӣ Маҳмуд ибни Садру-ш-шариат Тоҷуддин Аҳмад ибни Садри Кабир Абдулазиз ибни Мозаи Бухорӣ, Алмуҳит-л-бурҳонӣ лимасоили Алмабсути ва-л-ҷомеъайни ва-с-сияри ва-з-зиёдоти ва-н-наводири ва-л-фато-во ва-л-воқеот мудаллалатан бидалоили-л-мутақаддимина. – Бейрут: Муассисаи Назеҳ Куркӣ, 1424 ҳ. (2004 м.).
**68.** Ислам иллюстрированная энциклопедия. – Москва: Эксмо, 2011.
**69.** Ислам энциклопедический словарь. – Москва: Наука, 1991.
**70.** Камолуддин Муҳаммад ибни Абдулвоҳид ибни Абдулҳамид маъруф ба Ибни Ҳумом, Фатҳу-л-қадир. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**71.** Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**72.** Қуръони карим.
**73.** Мавлоно Зафараҳмад Усмонии Таҳонавӣ, Эълоуссунан. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1997.
**74.** Мавлоно Муҳаммадшаҳдоди Саровонӣ, Хулосату-л-маносик. – Мадрасаи Маҷмау-л-улуми Сариҷӯи Саровон, 1395 ҳ.
**75.** Мавлоно Рашидаҳмади Гангуҳӣ, Зубдату-л-маносик, тарҷимаи Абдурраҳмон Мулозиҳии Сарбозӣ. – Турбати Ҷом: Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1379 ш.
**76.** Мавлоно Шафиқурраҳмони Надвӣ, Фиқҳи муяссар (тарҷимаи Абдурrауф Мухлис). – Турбати Ҷом: Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1383 ш.
**77.** Маҷаллаи буҳуси исломӣ. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**78.** Маркази омӯзишҳо ва пажӯҳишҳо, Қомӯси луғавӣ-илмии дузабонаи арабӣ-англисӣ ва англисӣ-арабӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1425 ҳ. (2004 м.).
**79.** Мисбоҳи мунир – гузидаи тафсири Ибни Касир (зери назари Сафийюрраҳмон Муборакпурӣ. – Риёз: Дору-с-са-лом, 1423 ҳ.

**80.** Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслими Баҳлавӣ, Адиллатул ҳанафия минал аҳодиси аннабавия. – Димишқ: Дорул қалам, 2007.
**81.** Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Заркашӣ, Эълому-с-соҷиди биаҳкоми-л-масоҷид. – Қоҳира, 1999.
**82.** Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абӯаҳмад маъруф ба Алоуддини Самарқандӣ, Тӯҳфату-л-фуқаҳо. – Бейрут: Дорул фикр, 1422 ҳ. (2002 м.).
**83.** Муҳаммад ибни Исҳоқи Фокиҳӣ, Ахбору Макката фӣ қадими-д-даҳри ва ҳадисии. – Бейрут, 1414 ҳ.
**84.** Муҳаммад ибни Мукрим ибни Манзури Мисрӣ, Лисону-л-араб. – Бейрут: Дору Содир.
**85.** Муҳаммад Фуод Абдулбоқӣ, Алмӯъҷаму-л-муфаҳрас ли алфози-л-Қуръони-л-карим. – Қум: Маншуроти Завил қурбо, 2005.
**86.** Муҳаммадошиқи Илоҳии Бурнӣ, Шарҳи Қудурӣ (тарҷимаи форсии Аттасҳилу-з-зарурӣ ли масоили-л-Қудурӣ, Ғуломуддини Панҷшерӣ). – Мадинаи мунаввара: Мактабаи Дору-л-имон, 1424 ҳ. (2003 м.).
**87.** Муҳйиддин Абӯзакарийё Яҳё ибни Шарафи Нававӣ, Алазкор. – Бейрут: Алмактабату-л-асрия. 2000.
**88.** Муҳйиддин Аҳмад Имом, Фӣ риҳоби-л-Байти-л-ъатиқ. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**89.** Муфтӣ Ғуломқодири Нӯъмонӣ, Тарҷеҳу-р-роҷеҳ би-р-ривоят фӣ масоили-л-Ҳидоя маъруф ба Алқавлу-р-роҷеҳ.
**90.** Муфтӣ Муҳаммадшафеъӣ Девбандӣ, Аҳкоми ҳаҷ (тарҷимаи Ғуломмуҳаммадӣ Сарбозӣ. – Зоҳидон: Интишороти Сиддиқӣ, 1386 ш.
**91.** Мухтасарулвиқоя.
**92.** Муҳаммад ибни Саъд ибни Манеъи Зуҳрӣ маъруф ба Ибни Саъд, Аттабақоту-л-кубро. – Ҷ. 2. – С. 256. – Қоҳира, 2001.
**93.** Муҳаммад ибни Саъд ибни Манеъи Зуҳрӣ маъруф ба Ибни Саъд, Сунану-н-набиййи ва айёмуҳу, 1557-58. – Ҷ. 1. – С. 539. – Бейрут, 1995.
**94.** Нуруддин Алӣ ибни Абдуллоҳи Самҳудӣ, Вафоу-л-вафо биахбори дори-л-Мустафо. Лейден, 2001.
**95.** Нуруддин Алӣ ибни Абӯбакр ибни Сулаймони Ҳайсамӣ, Маҷмау-з-завоид ва манбау-л-фавоид. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1422 ҳ. (2001 м.).
**96.** Ҳамидуллоҳи Ҳамидӣ, Раҳнамои комили ҳаҷ. – Кобул: Матбааи Нӯъмонӣ, 1385 ш.

97. Ҳафизуллоҳи Тоҳирӣ ва Ғуломаҳмади Муваҳҳидӣ, Хулосату-л-масоил (фиқҳи ҳанафӣ). – Турбати Ҷом: Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1382 ш.
98. Ҳофиз Алӣ, Фусулун мин таърихи ал-Мадинати-л-мунаввара. – Ҷадда, 1996.
99. Ҳусайн ибни Муҳаммад ибни Муфаззал маъруф ба Роғиби Исфаҳонӣ, Муфрадоти алфози-л-Қуръон. – Қум: Интишороти зави-л-қурбо, 1425 ҳ.
100. Озартоши Озарнӯш, Фарҳанги муосири арабӣ – форсӣ. – Теҳрон: Нашри най, 1386 ш.
101. Саййид Абдуллоҳи Нақбандии Муҷаддидӣ, Аҳкоми ҳаҷ дар мазҳаби ҳанафӣ ва маорифи ҳарамайн. – Машҳад: Гули нашр, 1385 ш.
102. Саъдӣ Абӯҷайб, Алқомӯсу-л-фиқҳӣ луғатан ва истилоҳан. – Димишқ: Дору-л-фикр, 1419 ҳ. (1998 м.).
103. Советский энсиклопедический словарь (зери назари А. М. Прохоров). – Москва: Интишороти «Советская энсиклопедия», 1980.
104. Убайдуллоҳ Муҳаммадамини Курдӣ, Алкаъбату-л-муаззама валҳарамони-ш-шарифони иморатан ва таърихан. – Мадинаи мунаввара, 1419 ҳ.
105. Умар ибни Абдулазиз ибни Мозаи Бухорӣ маъруф ба Садру-ш-шаҳид, Шарҳи Ҷомеу-с-сағир. Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1427 ҳ. (2006 м.).
106. Файсал ибни Алии Баъдонӣ, Аҳволи Паёмбар (с) дар ҳаҷ. – Риёз: Муассисаи Салоҳ Муҳаммадсалим. 2000.
107. Фарҳанги забони тоҷикӣ (зери таҳрири Муҳаммадҷон Шукурӣ ва дигарон). – Москва: Интишороти «Советская энсиклопедия», 1969.
108. Фарҳанги мутавассити Деҳхудо (зери назари Саййид Ҷаъфари Шаҳидӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1385 ш.
109. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (зери назари Сайфиддин Назарзода ва дигарон). – Душанбе: ҶММ «Ксерокслендд», 2008. 126.
110. Фарҳанги форсӣ тоҷикӣ (зери назари Муҳаммадҷон Шукурӣ ва дигарон), баргардон ба форсӣ Мӯҳсини Шуҷоӣ. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1385 ш. (2007 м.).
111. Фаслномаи Нидои Ислом, шумораи мусалсали 16.
112. Фиқҳу-л-ибодот (ҳанафӣ), китоби ҳаҷ. Нусхаи он дар мактабаи шомила.

**113.** Харлампий Карпович Баранов, Арабско-руский словарь. – Москва: Интишороти Русский язык, 1985.
**114.** Ҷаъфар ибни Исмоил ибни Зайналобидини Барзанҷӣ, Нузҳату-н-нозирин фӣ масҷиди Сайииди-л-аввалина вал-охирин. Миср, 1333 ҳ.
**115.** Шарҳи муснади Абӯҳанифа. Бейрут.
**116.** Шиблии Нӯъмонӣ ва Сайиид Сулаймони Надвӣ, Фурӯғи ҷовидон (Сирату-н-набӣ), тарҷимаи Абӯлҳусайн Абдулмаҷиди Муродзиҳӣ. – Зоҳидон: Интишороти Форуқи Аъзам, 1381 ш.
**117.** Энсиклопедияи исломӣ [THE ENCYCLOPAEDIA OF ISLAM]. Ҷ. 1. Лейден, 1913.
**118.** Яҳё ибни Шарафи Нававӣ, Ал-эзоҳ фӣ маносики-л-ҳаҷҷи ва-л-умра (ва дар ҳошияаш Ал-ифсоҳ ъала-л-эзоҳ ъало мазоҳиби-л-аиммати-л-арбаа, Абдулфаттоҳ Ҳусайн Роваи Маккӣ). – Бейрут: Дору-л-башоири-л-исломия, 1418 ҳ. (1997 м.).
**119.** Яҳё ибни Шарафи Нававӣ, Матну-л-эзоҳ филманосик. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1985.

# М У Н Д А Р И Ҷ А

Ба ҷои сарсухан........................................................3

**Бахши аввал**........................................................11
Фаризаи ҳаҷ дар Ислом........................................................12
Хусусияти ибодат дар Ислом........................................................14
Ибодати ҳаҷ........................................................15
Ҳаҷ дар миёни миллатҳои гуногун........................................................17
Иброҳим (ъ) бунёдгузори Каъба........................................................18
Ҳаҷ ёдгории Иброҳим (ъ) аст........................................................22
Мавҳумот ва хурофот ба ҷои ҳаҷ........................................................23
Таҳрифи маносики ҳаҷ........................................................24
Бинои хонаи Каъба........................................................26
Масидулҳаром ва дигар осори динӣ дар Ҳарами маккӣ..34
Оби Замзам........................................................37
Фазоили хонаи Каъба ва Ҳарами маккӣ........................................................39
Аҳамияти ҳаҷ дар Ислом........................................................40
Ҳаҷҷи мабрур........................................................43
Ҳикмат ва фалсафаи аҳкоми ҳаҷ........................................................44
Маккаи мукаррама дар айёми Расули Худо (с)........................................................50
Ҳаҷҷи паёмбари Ислом (с)........................................................53
Дар Макка........................................................56
Тавофи хонаи Каъба........................................................56
Саъйи байни Сафо ва Марва........................................................57
Ба сӯи Мино ва Арафот........................................................61
Хутбаи Арафот........................................................63
Эъломияи адолат........................................................65
Гувоҳии мардум барои Расули Худо (с)........................................................70
Вуқуфи дар Арафа........................................................72
Ба Муздалифа........................................................72
Дар Мино.........................................................76
Замон ба нуқтаи оғози хилқат баргашта буд........................................................76
Фарозҳое аз хутбаи Мино........................................................77
Қурбонӣ........................................................81
Тарошидани мӯи сари он Ҳазрат (с)........................................................82
Тавофи ифоза........................................................82
Айёми ташриқ дар Мино........................................................83
Бозгашт ба Мадина........................................................84

Маҷмӯаи омӯзаҳо ва бардоштҳо........................................84
Марҳалаҳои ҳаҷҷи он Ҳазрат (с)........................................95
Ислоҳоти ҳаҷ...........................................................101

**Бахши дуюм........................................................108**
Эҳром .................................................................109
Мамнӯоти эҳром ......................................................115
Тавофи қудум .........................................................116
Умра...................................................................119
Саъйи байни Сафо ва Марва............................................120
Тарошидани мӯи сар...................................................120
Навъҳои ҳаҷ ...........................................................122
Шартҳои фарз гардидани ҳаҷ ..........................................124
Шартҳои воҷиб гардидани анҷоми ҳаҷ..................................124
Тариқаи анҷом додани ҳаҷ.............................................126
Тавофи фарзӣ .........................................................128
Амалҳое, ки дар рӯзи ид анҷом дода мешаванд.........................129
Ду рӯзи дигар дар Мино ..............................................131
Тавофи видоъ .........................................................132
Масъалаҳои гуногун ...................................................133
Тавофи зани ҳоиз .....................................................134
Ҳукми аъмол ва маносики ҳаҷ .........................................137
Фарзҳои (рукнҳои) ҳаҷ.................................................138
Воҷиботи ҳаҷ...........................................................138
Суннатҳои ҳаҷ .........................................................139
Тақсимбандии ҷиноятҳо ...............................................139
Пӯшидани либоси дӯхташуда...........................................142
Пӯшидани сару рӯй ...................................................143
Хушбӯии либос ва бадан ..............................................143
Гирифтани нохунҳо ...................................................144
Тарошидан ва чидани мӯй..............................................144
Омезиш бо зан ва ангезаҳои он .......................................145
Истифодаи соябон (чатр)..............................................147
Рафзи эҳром............................................................148
Ҷиноятҳо дар аъмол ва маносики ҳаҷ .149
Норасоӣ ва ҷиноят дар рукнҳои ҳаҷ...................................149
Норасоӣ ва ҷиноят дар воҷиботи ҳаҷ .................................152
Вайрон намудани тартиб...............................................153
Таъхири баъзе аз воҷибот..............................................154
Ҷиноятҳо дар умра.....................................................156
Бе эҳром гузаштани миқот ............................................156

Эҳсор (боздошта шудан)........................................................159
Ҳадй (қурбонӣ)...................................................................162
Ҳаҷҷи ниёбатӣ ...................................................................163
Ҳаҷ кардани ноболиғ..........................................................167
Истифодаи собун дар аснои эҳром .....................................168
Ҳаҷ кардан аз моли ҳаром...................................................168
Ворид шудани шахси фақир ба Макка ...............................169
Норасоӣ ва ҷиноятҳо дар аъмол ва маносики ҳаҷ ..........170
Ҷадвали аҳком, маносик ва аъмоли ҳаҷ ...........................170

**Бахши сеюм ......................................................................174**
Зикрҳо ва дуъоҳое, ки дар ҳаҷ гуфта мешаванд ...............175
Тавсияҳои зарурӣ барои ҳаҷгузор .....................................185
Зиёрати Мадинаи мунаввара..............................................188
Маълумоти умумӣ дар бораи Мадина...............................192
Одоби зиёрати масҷиди набавӣ..........................................193
Гӯристони Бақеъ ................................................................194
Таърихчаи масҷиди набавӣ ...............................................197
Аз чароғ то барқ.................................................................206
Равзаи муборака.................................................................207

**Бахши чорум ....................................................................224**
Истилоҳоти шаръӣ, ҷуғрофӣ ва калимаҳои дигар .....................225
Манобеъ ва сарчашмаҳо.....................................................254

Абдушариф Бокизаде

# Хадж (паломничество)

[на таджикском языке]

Хадж – это паломничество, совершаемое в Масджид аль-Харам и другие святые мест в Мекке и его окресностей – долин Арафат, Муздалифа, Мина и Джамарат в определенное время года. Хадж является пятым столпом ислама наряду с такими, как шахада (свидетельства), совершение молитвы (салат=намаз), уплата закята, пост (савм=уруза) в месяце Рамадан.

Слова хадж означает «стремление, намерение или стремление к прославленному», так как паломник следует совершить обход (таваф) вокруг Каабы и затем направлятся к долине Мина и после завершения определенных обрядов, опять стремлятся к Каабы для совершения прощального обхода. В терминологическом значении шариата хадж означает совешение особиых обрядов, совершаемое в установленное время, в определенном месте и сторого определенным образом. Всевышний Аллах в Коране вменил хадж в обязанность каждого мусульманина, что подтверждается сунной Его Посланника, да благословит его Аллах и приветствует, и иджма (единодушным мнением) улемов. Хадж совершается в начале двенадцатого месяца лунного календаря, вследствие чего этот месяц и получил название Зуль-Хиджа – «обладающий паломничеством».

Условия, при которых хадж будет предписан: 1. Исповедание ислама, 2. зрелость (булуг), 3. здравость рассудка (акл), 4. свобода (хуррият), поскольку кафиру запрещается совершение хаджа и умры, лицам, не достигших зрелого возраста, шариат не обязывает совершать хадж и умру, хадж и умра умалишенного или недееспособного человека не дествительны, раб или находящийся в заключении также не обязаны совершать паломничество.

Условия, при которых совершение хаджа становится обязательным: 1. Финансовая возможность совершения (иститоʼат), 2. здаровье (по мнению богословов ханафитского и маликитского школ здаровье является обязательным условием

(шурут аль-вуджуби), 3. безопастность дорог, 4. наличие транспортного средства, 5. для женщины сопровождение близького родственника (махрам), 6. в период идда(т) – период, в течение, которого женщина после смерта мужа или развода не имеет права выходить замуж, женщине нельзя совершать паломничество.

Хадж состоит из трех столпов, при невыполнении которых становится недействительным: 1. Ал-ихрам – намерение приступить к исполнению обряда хадж; 2. вукуф би Арафа – стояние на долине Арафат в определенное время; 3. таваф аз-зиёра (таваф ал-ифада) – семикратный обход вокруг Каабы.

– **Ихрам** – это условие воздержания паломников от совершения недозволенних действий во время ихрама;

– **Вукуф** на Арафат – это стояние в долине Арафат;

– **Таваф** (обход) – паломник, выполняет сем раз обход вокруг Каабы, четыре из которых являются фард – обязательный строго предписаный, а оставшиеся три являются ваджиб – необходимым.

– **Са’й** байна ас-Сафа ва аль-Марва – бег между холмами ас-Сафа и аль-Марва – также является ваджиб – обязательный обряд при совершении хаджа.

**Облачение в ихрам**. Проидя микат (места вступления в ихрам), мусульманин совершает молитву и произносит тальбия – особое обращение к Аллаху: «Вот я перед Тобой, Аллах! Вот я перед Тобой! Вот я перед Тобой, нет у Тебя сотоварища! Вот я перед Тобой! Воистину, хвала Тебе, милость и могущество! Нет у Тебя сотоварища!» С этой момента паломник вступает в состояние ихрама – становится мухримом.

Паломники входят в Масджид аль-Харам (Запретной мечеть) и следуют к Хаджар аль-асвад (Черному камню), целуют его или касаются рукой (обряд такбиль и истилам). После савершения таваф направляются к колодцу Земзем и пьют из него воду и после са’й между холмами Сафа и Марва обривают или подстригают волосы; а женщины подстригают (укорачивают) их. Этот називается умра.

В 8-й ден Зуль-Хиджа паломники отправляются к долине Мина и на 9-й день в Арафат для совершения основного обряда хаджа – стояние у горы Арафат (вукуф). Оно начинается после полудня и завершается с заходом солнца. После захода паломники держут путь в Муздалифе, где проводят ночь и совершают стояние на Муздалифе (вукуф).

На следующий день 10-го Зуль-Хиджа паломники сдедуют в Мина, где совершают обряд побывания камней, подобраных в Муздалифе, в последний из трех мест (Джамрат аль-акаба), символизирующий Сатану. Совершая этот обряд, мусульмане мысленно обращается к Аллаху и дает обеть приложить все усилия для изгнания бесов из своей жизни.

В тот день начинается празник жертвоприношения. Совершив жертвоприношение, паломники обривают или подстригают волосы; а женщины только укорачивают их.

После совершение таваф ифада паломники вновь посещают долину Мина, и в течение двух дней (айям ат-ташрик), бросают камени во все три места (джамрат аль-ула, аль-вуста и аль-акаба). Все обряды хаджа закончиваются после прощальний обход вокруг Кааба (таваф аль-вада') 14-го Зуль-Хиджа.

В Священном Коране предписан: «Хадж совершается в известные месяцы. Кто намеревается совершить хадж в эти месяцы, тот не должен вступать в половую близость, совершать грехи и вступать в споры во время хаджа. Что бы вы ни зделали доброго, Аллах знает об этом. Берите с собой припасы, но лучшим припасом является богобоязненность. Бойтесь же Меня, о обладающие разумом!» (2: 197).

Затем паломники отправляются в Медину для посещения могилы пророка (с) и Мечети пророка (Масджид ан-Наби) – вторую по значению после Запретной Мечети в Мекке. Совершив молитву, паломники следуют в юго-восточную часть мечети, где находятся усыпальница пророка Мухаммада (с) и могилы праведных халифов Абу Бакра (р) и Омара (р). Подойдя к усыпалнице пророка (с) произносят приветсвие: «Мир тебе, посланник Аллаха, Его милость и благословение! Мир тебе, пророк Аллаха! Мир тебе, лучшему Его творению!»

После этого паломники подходят к могилам Абу Бакра (р) и Омара (р), перед которыми также произносят слова приветствия.

Настоящая книга подготовлена в соответсвии с духовными потребностями общества, в целях повышения уровня религиозных знаний мусульман. В нем более подробно отразилась значения, история, и обряды пятого столпа ислама – хадж (паломничество. Книга предназначена широкому кругу читателей и желающих ознакомиться с различными аспектами ислама и мусульманской цивилизации.

# А. Боқизода

# Ҳаҷ

## таърих, моҳият, маносик ва аҳкоми он

Ҳуруфчини компютерӣ: Айюби Хоҳарзода
Тарроҳ: Муҳаммадсиддиқи Комил

Ба матбаа 15. 05. 2013 супорида шуд. Ба чопаш 25. 05. 2013 имзо шуд. Коғази офсет. Андозаи: 210x297 $\frac{1}{16}$.
Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 17.
Адади нашр 1000. Супориши № 15.

Нашриёти **«Паёми ошно»**
Душанбе, Борбад 54/а.

Нуқтаи мурочиати алоқамандон дар шаҳри Душанбе Саховат, бозори «Панҷшер», мағозаи китоби Матхолов Бахтиёр
Тел.: 928590933, 917186117, 919634784.
Тел.. муаллиф: 233-91-35.

## عبد الشریف باقی زاده

# فریضۀ حج: تأریخ، ماهیت، مناسک واحکام آن

### [ به زبان تاجیکی – حروف سیریلی]

کتاب با توجه به نیازهای معنوئی جامعه، در راستای غناوت فرهنگی کشور و به منظور إرتقاء معرفت دینی مردم مسلمان آماده گردیده است. در تهیه و تنظیم مطالب آن معتمدترین سرچشمه های فقهی قدیم و نو أهل سنت به ویژه منابع فقه حنفی، به مانند: هدایۀ شریف (مرغینانی)، فتح القدیر – شرح هدایه (ابن همام)، رد المحتار علی در المختار معروف به حاشیۀ ابن عابدین، البحر الرائق – شرح کنز الدقائق (ابن نجبم حنفی)، حاشیۀ طحطاوی بر مراقی الفلاح (أحمد بن محمد طحطاوی)، محیط برهانی، شرح معانی الآثار (أبوجعفر طحاوی)، مناسک ملا علی قاری، موسوعۀ فقهی کویتی، فقه إسلامی و أدلته (وهبه زحیلی) و غیره و همچنین تفاسیر قرآن و منابع حدیثی، مورد إستفاده قرار گرفته اند.

در کتاب تأریخ، ماهیت عبادی، مقاصد اجتماعی واحکام فریضۀ حج وهمین طور اسطلاحات فقهی ونامهای جغرافی به کاررفته در آن به طور مفصل مورد ارزیابی قرار گرفته، نقش این برنامۀ عبادی وچاره بینی الاهی در تکامل روحی وبناء شخصیت إنسان بیان گردیده است. تحکیم روابط اجتماعی، رشد فرهنگ معاشرت در بین اقشار مختلف امت، پربار نمودن معنویات جامعه و در نهایت ساختن شخصیت رشدیافتۀ انسانی جوهر مراسم حج را به وجود آورده واین فضای روحانی بر فراز تمام احکام و مناسک آن سایه افکنده است. حج از دیدگاه اسلام نقطۀ پیوند رابطه های اجتماعی با اقوام گوناگون، تعلیم گاه سیار ساخت وبافت شخصیت ومطلع روحیات نیک در ضمیر انسان است. بنابر إین، در قرآن کریم أحکام مربوط به آن، مفصل تر از أحکام دیگر عبادات بیان گردیده است.

بينما أعداء الإسلام خطَّطوا و نظَّموا للدَّعوة إلى باطلهم وكفرهم و إلحادهم واستخدموا للوصول إلي غاياتهم كلَّ الوسائل، بل واخترعوا وسائل وأحْدثُوا أساليبَ لهدم ركائز الإيمان وإحلال الأخلاق والمُثُلِ العُلْيا في المجتمعات وإبعاد الناس عن دين الله وبوجه خاص في البلاد التي كانت خاضعة للاستعمار الشُّيوعيِّ.

و على أي حال، فإنا نتقدم بكلمة شكر إلى الإخوة الأعزَّاء و جميع مَنْ يبذل جهدًا في تكليل مَساعِينا بالنَّجاح، ويُساهِم في مُسانَدَتِنا ماديًّا أو مَعْنويًّا؛ ونُرسِل مُقدَّمًا تقاديرَنا وبِكلِّ إجلال لِمن سَيُساهِم في ترقية برامجنا الدِّينيَّة، ويشارك في توسعة مجالات عَمَلِنا الدَّعَويِّ. وقال اللهُ – تعالى – وهُوَ أصدَق القائلين: ﴿وَالَّذِينَ يُؤْتُونَ مَا آتَوْا وَقُلُوبُهُمْ وَجِلَةٌ أَنَّهُمْ إِلَى رَبِّهِمْ رَاجِعُونَ. أُولَئِكَ يُسَارِعُونَ فِي الْخَيْرَاتِ وَهُمْ لَهَا سَابِقُونَ﴾. [سورة المؤمنون، 60، 61].

# كلمة إلى الإخوة

السلام عليكم ورحمة الله وبركاته.....

الحمد لله رب العالمين والصلاة والسلام على رسوله محمد وعلى آله وصحبه أجمعين، و بعد:

إنَّ الدَّعوة إلى الله هي مهمة الأنبياء و الرسل (ع)، ثم مهمة أتباعهم عبر القرون، وإن جوهر دعوة الرسل و أتباعهم واحد و هو إثبات وجود الله عز وجل و إفراده بالعبادة: ﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولاً أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ﴾ [سورة النحل: 36]. ووظيفة الدعاة الأولى هي تبليغ الدين ودعوة الناس إلى هدي الله تعالى.

فكيلا يتخلف الدعاة والعاملون في حقل الدعوة عن مسايرة الزمن يجب عليهم أن يسيروا علي الطريقة التي سار عليها سلفنا الصالح و أئمتنا المهتدون من خدمة هذا الدين و بيان أصوله ومقوماته بالأسلوب الذي يعرفه أبناء هذا العصر ويهضمونها فكريًّا. فعليهم أن يستخدموا كل الوسائل العصريَّة المعروفة في مخاطبة الناس والتَّأثير علي عقولهم وتوعيتهم الوعي الإسلاميَّ الصحيح، كما تستخدم هذه الوسائل بنجاح الدَّعَوَات الهدَّامة جرَّاءَ الهيمنة علي التَّخطيط الفكريِّ والرَّأي العامِّ العالميِّ، و أن لا تكون أنشطتهم الدَّعَويَّة منحصرة في الخطب والمواعظ و أساليبُهم مقتصرة علي الوسائل التَّقليديَّة. و نحن حين نقول هذا لا نريد التهوين من شأن الخطب و المواعظ و لكننا نقصد التذكير إلي أن في الاقتصار عليهما إهداراً لطاقات الأمة الذِّهْنيَّة والعلميَّة و تضييعاً للجهود وتخلُّفاً عن ركب الحضارة

عبد الشريف عبد الباقي

# فَرِيضَةُ الْحَجِّ

## التَأْرِيخُ، المُقَوَّمَاتُ، المَبَادِيءُ وَالأَحْكَامُ

**[باللُّغة الطَّاجكيَّة – الحروف السِّيريليَّة]**

**هذا الكتاب هو السلسلة الخامسة في أركان الإسلام، لأن الحج**
**هو خامس أركان الإسلام، كما ذكر في قول النبي (ص): بني الإسلام علي خمس**

**الطبعة الاولي**

**دوشنبه – 2013**